**МАРКАЗИ ТАДҚИҚОТИ СТРЕТЕГИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Ба муносибати 20-солагии Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рӯзи Ваҳдати Миллӣ**

# МУҚАДДИМА БА НАЗАРИЯИ МИЛЛАТ-ШИНОСӢ

**(Маҷмӯаи илмӣ)**

**Зери назари профессор**
**Сайфулло Сафаров**

**Душанбе**
**«Ирфон»**
**2012**

**Муҳаррир:** Мирзошо Ватаншоев

**М –94 Маҷмӯаи илмии «Муқаддима ба назарияи миллатшиносӣ» (Зери назари профессор С.С. Сафаров). – Душанбе: «Ирфон», 2012, 246 саҳ.**

*Ин маҷмӯаи мақолаҳои илмии олимони ҷавон, ки дар ҳамкорӣ бо Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр омода шудааст, масъалаҳои назариявии миллатшиносии муосирро дарбар мегирад. Муаллифон дар асоси таҳлили баъзе аз асарҳои назарияпардозони миллат, миллатгарой ва давлати миллӣ кӯшидаанд нуктаҳои аслии илми миллатшиносиро, ки дар мактабҳои гуногуни илмии машҳур истифода мешаванд, барои хонандаи тоҷик муаррифӣ намоянд.*

*Ғояи асосии китоб аз андешаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оид ба таҳияи барнома ва дурнамои миллатсозиву давлатсозӣ дар Тоҷикистон сарчашма гирифта, барои мутахассисоне, ки ба ин кор машғул хоҳанд шуд, чун роҳнамои назариявӣ метавонад хизмат намояд.*

*Маҷмӯа барои сиёсатшиносон, ҷомеашиносон, таърихнигорон, сиёсатмадорон, унвонҷӯён, донишҷӯён ва доираи васеъи хонандагон, ки ба масъалаҳои назарияи миллат, миллатгароӣ ва давлати миллӣ мароқ зоҳир мекунанд, тавсия мешавад.*

© Муқаддима ба назарияи миллатшиносӣ, 2012

# САРСУХАН

Шинохт, тарғиб, рушд ва амалисозии арзишҳои беҳтарини инсонии дар илмҳои фалсафа, сиёсатшиносӣ ва адабиёт дарҷгашта, аз вазифаҳои муҳимтарини муҳаққиқони соҳаи илмҳои ҷамъиятӣ ба шумор меравад. Дар ҳамин замина, омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонии шинохту муайяннамоии ҳуввияти миллӣ, барои дарки воқеии масъала дар Тоҷикистон низ кӯмак намуда, роҳи фарроҳеро барои муқоисаи назарияҳо ва стратегияи рушди миллатҳою давлатҳоро ҳамвор месозад. Аз ин рӯ, падидае иҷтимоие чун давлат ва миллат дар замони мо пайванди ногусастанӣ доранд. Маҳз ин пайвастагӣ метавонад омили ваҳдати миллӣ, таҳкими истиқлолият ва устувории низоми сиёсӣ бошад.

Раванди бунёди давлатдории навини миллӣ дар Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ оғоз гардид, ки он дар асоси ғояҳои баланди инсонпарварӣ ба ташаккули давлати комилан мардумӣ равона гаштааст. Моҳияти ин равандро аслҳои миллии мо, ки дар тӯли таърих андешамандон ва нухбагони фикрии мо, бобати ҳуввияти миллати мо, дар асарҳои оламшумули худ инъикос намудаанд, ташкил медиҳанд. Вале барои дарки андешаҳои бузургони миллатамон бояд дигар назарияҳои ҷаҳониро дар масоили давлатсозӣ ва миллатсозӣ аз худ намоем.

Китобе, ки дар даст доред, ба масъалаи муҳимми ҷамъияти мо, яъне ба таҷрибаи миллатсозиву давлатсозӣ бахшида шудааст. Мо андеша ва ақидаи олимони шинохтаи ҷаҳонро дар бораи миллат, миллатгароӣ ва давлатдории миллӣ дар як китоб бо забони давлатиамон ҷамъ овардем, то ин ки мутахассисони соҳа, файласуфон, сиёсатшиносон, муаррихон аз ин раванди афкори ҷаҳонӣ огоҳӣ дошта бошанд. Тарҷумаи мафҳумҳо ва дар гардиши илмию эҷодӣ қарор додани онҳо, яке аз масъалаҳои

муҳимми давраи нави ташаккулёбии забони давлатӣ мебошад.

Гурӯҳи эҷодӣ, ки дар назди Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, зери унвони «Миллатшинос» аз ҳайати кормандони худи Марказ, донишгоҳҳои олӣ ва пажӯҳишгоҳҳои Академияи илмҳо созмон дода шуд, дар пеши худ вазифа гузошт, ки муҳаққиқони мо, ба хусус унвонҷӯёну донишҷӯёнро бо назарияҳои муосири миллатшиносӣ ошно намояд ва дар рушди забони илмҳои фалсафию сиёсӣ саҳми худро гузорад.

Китоби мазкур, ки дар бораи мактабҳои илмии миллатшиносии ҷаҳон ва намояндагони он маълумоти васеъро пешниҳод мекунад ва бо иштироки муҳаққиқони Тоҷикистону Олмон таҳия гаштааст, таҷрибаи аввалин дар Тоҷикистон мебошад.

Соли 2011-ум ватани азизи мо Тоҷикистон 20 солагии истиқлолияти давлатии худро бо шаҳомати хоса таҷлил намуд ва аз имтиҳони ҷиддии таърих дар самти миллатсозиву давлатсозӣ гузашт. Мо аз аввали соли 2011 дар назди худ вазифа гузоштем, ки ба ин ҷашни бузург тӯҳфае тайёр намоем, ки бевосита ба таҳкими омилҳои истиқлоли давлатӣ мусоидат намояд, ба афкори ҷомеа таъсиргузор бошад. Хеле рамзист, ки ин китоб дар соли дар таърихи мо хеле муҳим – 15 солагии имзои Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ва 20 солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон аз чоп мебарояд.

Дар иртибот ба ин масъала, Президенти кишвар, Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рӯзи таҷлили ваҳдати миллӣ нуктаеро таъкид намуданд, ки моҳияти давлатдории кунунии моро муайян намудааст: «Маҳз давлати миллӣ, давлати соҳибистиқлолу озоди демократӣ имконияти таърихӣ фароҳам овард, ки мо андешаи ваҳдати миллиамонро ба вуҷуд орем ва роҳу равиши

халқамонро ба сӯи оянда муайян созем, андешаи ҷомеъ ва ҷовидонаеро ба вуҷуд орем, ки бунёди онро адолат ташкил дода, мардумро якрӯҳу ягона созад, аз арзишҳои асили фарҳангиву маънавии аҷдодамон сарчашма гирад, имрӯзу фардои давлатро бо ҳам пайванд созад ва мавриди қабули аксари афроди ҷомеа бошад»[1].

Президенти кишвар зарурати миллатсозиву давлатсозиро таъкид намуда, принсипҳои асосии ташаккул ва рушди давлатдории миллиро дар Тоҷикистон муайян карда, қайд намуданд, ки ба мо имрӯз таҳияи барномаи стратегии давлатсозӣ муҳим мебошад: «Дар шароити муосир таҳкиму ташаккули чунин ғоя на дар шакли як шиори таблиғотӣ, балки фақат дар шакли таҳияи як консепсия ё барномаи дақиқи дурнамои рушди миллӣ имконпазир аст. Таҳияи чунин ҳуҷҷати сарнавиштсоз кори саҳл нест. Аз ин рӯ, он бояд бо иштироки намояндагони соҳибназари тамоми табақаву гурӯҳҳои ҷомеа сурат гирад»[2].

Ғояи асосии китоби мазкур, аз ин андешаи Президенти кишвар оид ба таҳияи барнома ва дурнамои миллатсозиву давлатсозӣ дар Тоҷикистон сарчашма гирифтааст.

Мо зарур донистем, ки барои омода намудани чунин як барнома ё консепсия андешаи олимони шинохтаи миллатшиноси хориҷиро ҷамъ намоем ва ба аҳли ҷомеаи кишвар пешниҳод намоем, то онҳо дар доираи назарияҳои мавҷуда диди худро бобати миллатсозиву давлатсозӣ муайян намоянд ва дар ҳалли ин масъалаи муҳимми миллӣ ширкат варзанд.

Дар бораи миллат дар ҷомеаи Тоҷикистон баҳси доимӣ давом дорад. Баъзеҳо миллати моро ташаккулёфта, дигарҳо ташаккулнаёфта баҳо медиҳанд, вале далелҳои

---

[1] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими таҷлили 14-умин солгарди ваҳдати миллӣ аз 26 июни соли 2011. Маводи электронӣ. Суроғаи дастрасӣ: http://www.president.tj/habarho_270611.html

[2] Ҳамон ҷо.

кофиро барои исботи фикри хеш наметавонанд ба низоми зарурӣ биёранд.

Китоби мазкур дар бораи ҳафт мактаби миллатшиносии Ғарб ва Русия маълумот медиҳад ва аслҳои асосии онро инъикос менамояд, то хонандаи закӣ тавонад, бобати мафҳумҳои «миллат», «миллатгароӣ» ва «давлати миллӣ» фикри мустақили худро ба вуҷуд орад, тавони баҳсро дар ин масъала пайдо намояд ва аз фикрҳои бемаънӣ худро раҳонад. Гурӯҳи эҷодӣ кӯшиш намудаанд, ки баҳодиҳии инфиродии худро сарфи назар карда, хонандаро бештар бо андешаи олимони тадқиқшаванда шинос намоянд. Албатта, фаро гирифтани эҷодиёти як олими шинохтаи ҷаҳонӣ дар чанд саҳифа номумкин аст, бинобар ин, мо ягон ҷиҳати барои мо муҳими онро интихоб карда, онро чун як таҷрибаи андешасозӣ пешниҳод кардем.

Бояд зикр кунем, ки ҳар як мактаби миллатшиносӣ ақидаи мустақили худро бобати падидаи миллат доранд ва онро бо шаклҳои гуногун маънидод менамоянд.

Мактаби аввалини дар китоб овардашуда **примордиализм** мебошад, ки миллатро падидаи яксон ва комилан биологӣ арзёбӣ менамояд. Ба назарияи таҳаввулот такя намуда, ғаризаҳои одамии худнигаҳдорӣ ва давомёбии наслро авлавияти асосӣ мешуморад. Аз назари ин мактаб одамон барои ҳимояи худ ва насли худ бо ҳамдигар муттаҳид мешуданд ва ин омил аз тарафи табиат барояшон эҳдо гаштааст, яъне миллат оилаи калон мебошад, ки ҳар як аъзояш ба якдигар хешованд буда, пайвасти хунӣ доранд. Моҳияти андешаи примордиалистон дар он аст, ки миллат дар асоси як қавм бунёд гаштааст.

Мактаби дигари миллатшиносӣ **конструктивизм** аст, ки он миллатро ба таври дигар маънидод менамояд. Барои конструктивистон миллат падидае мебошад, ки дар асоси фаъолияти элитаи сиёсӣ ба вуҷуд меояд ва ҳамзамон маҳсули кори бузургмардон аз қабили нухбагон, пе-

швоён, шоирон, нависандагон, олимон, журналистон, муаллимон ва ғайраҳо аст. Нуктаи муҳимми конструктивизм дар он зоҳир мегардад, ки барояш қавм ва миллат мафҳумҳои комилан сиёсиянд, зеро он на аз тарафи табиат, балки бо заҳмати гурӯҳи манфиатдори сиёсӣ ташаккул дода мешавад. Ҳамчунин барои конструктивистон мафҳумҳои «миллат» ва «давлат» ҳаммаъноянд ва якдигарро пурра намуда, моҳияти ҷавҳариро ташкил медиҳанд. Давлат барои худ миллати худро ташаккул медиҳад ва барои шаҳрвандонаш забони миллӣ воситаи худбаёнкунӣ мегардад.

Мактаби сеюми миллатшиносиро дар китоби мазкур равияи **модернизм** (навшавӣ) ташкил медиҳад. Андешаи меҳварии модернизм инсон ба шумор меравад, ки метавонад дунёро дарк кунад ваояндаи худро бо дасти хеш созад. Барои модернистон «миллат» на маҳсули қадимаи таърихии аз тарафи худо ба одамон дода шуда, балки маҳсули даст кашидан аз худо аст. Модернистон миллатро дини давлати миллӣ эълон мекунанд, зеро он манбаи машрӯиятноки қудрат ба шумор рафта, дар раванди таҳаввули ҷамъият, ду сохтори муқаддас, яъне шоҳ ва худоро иваз намудааст. Модернистон таъкид менамоянд, ки аз саҳна рафтани монархия ва дин шароит фароҳам овард, ки мафҳумҳои «миллат» ва «давлати миллӣ» рушду нумӯъ ёбанд. Забон ва фарҳанги миллӣ барои модернистон аз воситаҳои муҳими миллатсозӣ ба шумор меравад. Онҳо нақши маорифро дар ташаккули миллат муҳим мешуморанд. Бо ибораи дигар, миллат тарҳе мебошад, ки дар замони муосир падид омада, хусусияти марҳалаи муосирро дар худ таҷассум менамояд.

Мактаби дигари миллатшиносӣ бо унвони **постмодернизм** (пасомодернизм) маъруфият дорад. Постмодернизм ҷараёне мебошад, ки ратсионализмро зери танқид мегирад ва боварӣ дорад, ки дар тамоми корҳо, роҳи ягонаи

дуруст вуҷуд надорад, зеро барои онҳо инсон ва ҷамъият натиҷаи муайяни қудрат дар давраи муайяни таъриханд.

Постмодернизм усули танқиди илмӣ ба шумор меравад ва барои ҳамин назарияи миллатро пешниҳод накарда, балки онро таҳлил намуда, хулоса менамояд, ки миллат дар воқеият вуҷуд надорад ва танҳо дар навиштаҳо, шиорҳо ва барномаҳои телевизионӣ зоҳир мешавад. Барои постмодернистон на моҳият, балки муайян намудани ҳудуд ва марзҳои миллатсозӣ аҳамиятнок аст. Аз ин рӯ, постмодернистон на бунёдкунандагон, балки мунаққидонанд.

Мактаби панҷум, ки дар китоб оварда шудааст, назарияи **сотсиалистиву коммунистӣ** (марксистӣ) мебошад. Тарафдорони ин мактаб дар асоси назарияи умумии марксизм андешаҳои худро перомуни миллат ва давлати миллӣ баён намудаанд. Барои онҳо миллат ва давлати миллӣ зуҳуроте мебошанд, ки дар натиҷаи гузаштан аз форматсияи феодалӣ ба капиталистӣ ба вуҷуд омадаанд ва баъди ғалабаи инқилоби пролетариву пойдор гаштани ҷомеаи коммунистӣ моҳиятан аз байн мераванд, чун ҳаракати пролетарӣ тамоми дунёро дарбар мегирад. Арбобони ғояҳои сотсиалистӣ дар орзуи бунёди ҷомеаҳои бесинфӣ ва «миллати воҳиди инсоният» буданд ва барои онҳо «масъалаи миллӣ» аҳамияти дуюмдараҷаро дошт.

Новобаста ба ин, ҳаракатҳои марксистӣ дар натиҷаи амалияи сиёсии худ ба масъалаи миллӣ рӯ ба рӯ гаштанд ва принсипи асосии фаҳмиши миллатро таҳия намуданд, ки он замон бо андешаи зиддинажодпарастии худ таҳаввулотро дар фаҳмиши миллат ба вуҷуд овард. Дар ин мактаб ҳуқуқи миллатҳо ба худмуайянкунӣ мавқеи асосиро дорад, ки давлатҳои нави мустақили пасошӯравӣ натиҷаи дар амал татбиқшавии ин назария мебошанд.

Яке аз мактабҳои дигари назарияи миллат ҷараёни фикрии **постколониализм (пасоистеъморӣ)** мебошад. Намояндагони мактаби мазкур, бештар олимоне мебо-

шанд, ки аз кишварҳои истеъморзада баромадаанд ва андешаҳои худро перомуни миллатсозӣ ва давлатсозӣ дар замони пасоистеъморӣ баён намудаанд. Идеяи асосии постколониалистон он аст, ки миллат новобаста аз қудрати истеъморӣ дар кишвари истеъморзада рушд мекард ва минтақаҳои худро дошт, ки ба он дахолати қудрати истеъмориро намеписандид.

Тарафдорони ҷараёни постколониализм бар он андешаанд, ки модели аврупоии миллат ва давлати миллӣ, ки аксарияти мулкҳои истеъморзада баъди ба даст овардани истиқлолияти худ нусха гирифтанд, дар ин давлатҳо ба бунбаст гирифтор гардид. Зеро воқеияти давлати пасоистеъморӣ ва кишварҳои Аврупо, Амрикои Шимолӣ ва Ҷанубӣ комилан фарқ мекард. Аз ҳамин сабаб рушди устувори кишварҳои пасоистеъморӣ хеле мураккаб гаштааст. Нуктаи муҳимми назарияи тарафдорони постколониализм дар он зоҳир мегардад, ки онҳо хусусиятҳои миллати худ таъкид карда, дигар будани худро аз истеъморкунандагон асоснок мекунанд.

Ниҳоят, мактаби дигаре, ки дар китоб оварда шудааст, усули **неомарксизм** мебошад, ки дар бораи миллат ва давлати миллӣ назари худро дар доираи ақидаҳои марксистӣ баён менамояд.

Неомарксистон бар он назаранд, ки миллат ин натиҷаи рушди низоми капиталистӣ аст ва маҳз он давлатҳо миллатанд, ки дар тақсимоти ҷаҳонии меҳнат иштирок менамоянд. Дигар давлатҳои аз ин тақсимот дар канор монда бештар гурӯҳи этникиянд. Давлат-миллатҳои пешрафта аз ҳисоби захоири давлатҳои заиф иқтидори худро таъмин менамоянд ва маҳаки асосии шинохта шудани миллат, омили таъсир доштан ба низоми ҷаҳонии капитализм аст. Неомарксистон андеша доранд, ки низоми ҷаҳонии капиталистӣ офарандаи миллат буда, дар оянда метавонад боз миллатҳои дигарро ба рӯи саҳна биёрад.

Боз як бори дигар таъкид менамоем, ки мактабҳои мухталифи миллатшиносӣ андешаҳои гуногунро дар бобати миллат ва давлати миллӣ баён медоранд ва дар ин замина аз хонандагони закиву ҳушёр хоҳиш мекунем, то дар вақти мутолиаи китоб бодиққат бошанд ва тавонанд нуктаҳои аслӣ ва ниҳоии ҳар як олими баррасишавандаро дарк кунанд.

Бояд гуфт, ки китоби мазкур натиҷаи ҳамкориҳои олимони ҷавони Берлин ва Душанбе буда, дар доираи барномаи **«Байни Аврупо ва Осиё – Осиёи Марказӣ ва Қафқоз дар меҳвари илм»**, ки бо сарпарастии Бунёди Фолксваген (http://www.volkswagenstiftung.de) амалӣ мегардад, ба нашр расид. Барнома дар тӯли 10 сол тадқиқотҳо ва мубодилаи таҷрибаи илмии олимони Осиёи Марказӣ, Қафқоз ва Олмонро дастгирӣ менамояд.

Аз ин рӯ, аз номи гурӯҳи эҷодӣ ба Бунёди Фолксваген барои дастгирии ташаббуси олимони ҷавон миннатдорӣ баён мекунам ва ҳамчунин ба ҷамъоваранда ва мутобиқсозандагони ин барнома, Ботақоз Қосимбекова – устоди Донишгоҳи Ҳумболди Берлин ва Шералӣ Ризоев – корманди Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, олими ҷавони умедбахш изҳори сипос менамоям, ки кори хеле мушкили интихоб ва таҳрири маводи аввалияро ба зиммаи худ гирифта, онро дар сатҳи зарурӣ анҷом доданд.

**Профессор Сайфулло Сафаров,**
*Муовини директори*
*Маркази тадқиқоти стратегии назди*
*Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*Роҳбари гурӯҳи эҷодии «Миллатшинос».*

# Фасли I.
# ПРИМОРДИАЛИЗМ

**Ботақоз Қосимбекова (Боби I ва Боби III)**
**Фаррух Турсунов  (Боби II)**

Примордиализм яке аз усулҳои илмии омӯзиши миллат ба шумор рафта, онро ҳамчун падидаи ягона ва комили биологӣ, яъне организми зинда ва асоси пайдоишаш аз авлоди умумӣ шарҳ медиҳад. Примордиализм миллат ё қавмро на ҳамчун эҷоди инсон, балки чун як раванди табиӣ шарҳ медиҳад. Барои тарафдорони примордиализм миллат чун оилаи калон аст, ки тамоми аъзои он барои ҳамдигар хоҳар ва бародар ҳастанд. Примордиалистон барои фаҳмонидани усули худ ба назарияи таҳаввулот (эволюция) такя менамоянд. Аз рӯи андешаи онҳо, одамон ва ҳайвонҳо дар тӯли миллионҳо сол дар раванди таҳаввулот чунин модели рафторро ба вуҷуд овардаанд, ки дар он ғаризаи худнигаҳдорӣ ва давомёбии насл аз авлавиятҳои асосӣ ба шумор мерафт. Одамон барои худнигаҳдорӣ муттаҳид мешуданд ва аз рӯи ғаризаи худ хешовандонашонро интихоб менамуданд, ки ба онҳо аз ҳама бештар бовар доштанд. Аз ҳамин ҷиҳат, барои примордиалистон ғаризаи худнигаҳдорӣ, ки аз тарафи табиат барои одамон эҳдо гаштааст, асосии ҳастии миллат ба шумор меравад. Ҳамчунин як ҷузъи гурӯҳи дастаҷамъона будан низ аз тарафи табиат тарҳрезӣ шудааст.

Шинохти примордиалистии миллат дар илми ҷаҳонӣ маъруфият надорад, вале дар байни аҳолӣ хеле паҳн ёфтааст. Амалан, аксарияти зарбулмасалҳо, сурудҳо ва шеърҳои халқии аксарияти мардумони ҷаҳон дар бобати ҳамавлодии аъзои гурӯҳи қавмӣ ба ин далолат медиҳад. Аз рӯи чунин қоида, наврасон дар асоси ҳамтаборӣ тарбият меёбанд. Барои ҳамин, усули примордиалии «мову ту ҳамхун ҳастем» аз овони кӯдакӣ ба якояки мо ошно аст. Аксар вақт усули мазкурро барои фаҳмонидани ин ё он рафтор, яъне: «ӯ барои он ин хел аст, ки тамоми намояндагони ин миллат чунинанд» истифода мебаранд. Аз рӯи услуби примордиалистӣ хун ақлро идора менамояд ва аз тарбия, сохторҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ муҳимтар аст. Аз рӯи андешаи тарафдорони примордиализм он

дар хун барномарезӣ шуда, барои инсон як чизи табиӣ ба шумор меравад.

Примордиализмро ҳамчунон қавммиллатгароӣ («этнонационализм» яъне, ки дар он миллат танҳо аз як қавм асос меёбад) ва эссентсиализм (essentia аз забони лотинӣ ***моҳият***), методе, ки мақсади асосиаш кушодани ҳақиқати «табиати чизҳо» мебошад) ном мебаранд ва онро бар зидди миллатгароии шаҳрвандӣ (этатизм) мегузоранд, ки асоси ҳуввияташро на гурӯҳи ҳамтабор, балки давлат ташаккул медиҳад (нигаред ба андешаҳои Ренан ва Гидденс, ки дар маҷмӯаи зерин ҷой доранд). Бинобар он, барои дарк намудани унсури илмии примордиализм, мо ба се намояндаи усули мазкур мурочиат менамоем.

# БОБИ I.
# ПИЙЕР ФАН ДЕН БЕРГЕ
# «РАВИШИ СОТСИО-БИОЛОГӢ»

## Ҳолнома

**Пийер Луи Фан Ден Берге** (ба инглисӣ **Pierre Van den Berghe**) соли 1933 дар Конго, дар оилаи белгиятабор таваллуд шудааст. Бо ҳамроҳии оилаи худ Ҷанги дуюми ҷаҳониро дар Белгияи аз тарафи Олмони фашистӣ забтшуда гузаронидааст. Муҳаққиқ дар овони кӯдакӣ низоъҳои қавмӣ ва нажодпарастиро (расизм) аз сар гузаронида, ҳаёти худро барои ифшои илмии он бахшидааст. Ӯ соли 1960 дараҷаи доктириро дар Донишгоҳи Ҳарвард соҳиб мегардад ва ҳамчун профессори сотсиология дар Донишгоҳи Вашингтон кору фаъолият менамояд.

## Вуруд ба мавзӯъ

Пийер Луи Фан Ден Берге яке аз машҳуртарин намояндаи усули сотсио-биологии тадқиқи миллат ба шумор меравад ва муҳаққиқони минбаъда ба осори вай бисёр истинод кардаанд. Дар мақолааш «Нажод ва Қавмият: мавқеи сотсиобиологӣ», ки соли 1978 нашр шудааст, муаллиф кӯшиш кардааст, бо истифода аз маълумоти илми табиатшиносӣ дар бораи одам, моҳияти ташаккули гурӯҳҳои қавмиро ифшо намояд. Мавқеи ӯро метавон *примордиалӣ* ё *эссенсиалистӣ* ном бурд, зеро назарияи ӯ қавмиятро ҳамчун авваливу тағйирнопазир ва иттиҳоди одамон дар асоси хунро ҳамчун оилаи калон маънидод мекунад, ки дар он ҳамаи аъзои қавм ба якдигар хешу табор ҳастанд. Одамон дар қавми мушаххас тавлид мешаванд (онҳо наметавонанд қавмро интихоб кунанд, мисле, ки оила ва ранги чашмро наметавон интихоб кард) ва то охири ҳаёти худ аъзои гурӯҳи хунӣ боқӣ мемонанд. Имрӯз примордиализм самти номаъруф ва консерватив ба шумор меравад ва бо расизму дарвинизми иҷтимоӣ муқоиса

мегардад. Вале барои дуруст дарк намудани андешаи Фан Ден Берге бояд ба замони навишти мақола назар кард. Солҳои ҳафтодуми асри XX давраи худмуайянкунии миллии кишварҳои истеъморзада аз ҳукуматдории давлатҳои империалистии Ғарб мебошад. Аз тарафи дигар, Фан Ден Берге аз овони кӯдакӣ низоми истеъмориро дар Конго ва низоъҳои қавмию фашистиро дар Аврупо аз сар гузаронидааст. Новобаста аз усули консервативӣ, Фан Ден Берге низоми истеъмориро зери танқид гирифта, кӯшиш менамояд, ки ҳуқуқи гурӯҳҳои қавмиро барои худидоракунӣ «барқарор» созад. Барои муайян намудани он ки то кадом андоза усул ва хулосабарориҳои ӯ ҳақиқатро таҷассум менамоянд, мо мақолаи машҳури «Нажод ва Қавмият: мавқеи сотсиобиологӣ»-ро барои хонандаи азиз таҳлил менамоем.

**Далелҳо**

Сотсиология ҳамчун илм дар бораи ҷамъият аз назари Фан Ден Берге наметавонад худ аз худ рафтори одамро маънидод намояд. Аз ин рӯ, вай пешниҳод менамояд, ки барои дарки ҷамъияти инсонӣ бояд донишҳои биологӣ истифода гардад. Ӯ менависад: «*Масъалаи асосии сотсиобиология ба монанди сотсиология масъалаест, ки барои чӣ ҳайвонҳо иҷтимоиянд, яъне барои чӣ онҳо муттаҳид мешаванд? Барои чӣ бархе ҳайвонҳо нисбат ба дигарон бисёртар иҷтимоиянд? Дар сатҳи ҳиссиётҳо ҷавоб ба ин масъала кайҳо маълум аст: ҳайвонҳо то он дараҷа иҷтимоиянд, ки талаботи онҳо бароварда мешавад. Сотсиобиология ин нуктаро бо он мукаммал менамояд, ки ба он қисмати генетикиро ворид месозад, яъне механизми интихоби хешутаборӣ/табииро (kin selection), ки ба мутобиқати генетикии гурӯҳ (inclusive fitness) равона карда шудааст»* (саҳ. 96).

Аз ин бармеояд, ки иҷтимоият, яъне талабот ва имконият барои бунёди ҷомеа ва ҷамоа дар табиати инсон нуҳуфтааст. Ин ҷо пеш аз ҳама талаботи инсон барои

зинда мондан ва интиқол додани ирси худ ба насли баъдина фаҳмида мешавад. Одамон на барои он ҷомеа бунёд мекунанд, ки он ба манфиати онҳо аст, балки мувофиқи қонунҳои табиат бояд насли худро давом диҳанд. Фан Ден Берге тахмин мезанад, ки одамон мисли ҳайвонҳо ҷомеаи худро аз байни ҳамқабилаҳои худ барои мутобиқату созгори ирс ва зинда мондан бунёд менамоянд. Ҳамчуноне ки ҳайвонҳо бо ҳамқабилагони худ ирсияти худро давом мебахшанд, одамон низ насли худро аз табори худ меофаранд. Чӣ гуна ин қоидаи содда метавонад ба мо барои дарки бунёди гурӯҳҳои этникӣ кӯмак кунад? Дар ин росто, Фан Ден Берге се сабаби асосиро барои ҳамгироии одамон ҷиҳати бунёди чунин ҷомеаҳо аз қабили гурӯҳҳои этникӣ пешниҳод менамояд:

**Якум,** ҳар одам аз рӯи ғаризаи худнигаҳдорӣ ва давом додани насли худ фаъолият мекунад: *«Ҳайвонҳо аз рӯи принсипи хонаводагӣ бунёд гаштаанд, онҳо ҳамтаборро авлотар аз бегона ва хешованди наздикро авлотар аз хешованди дур медонанд. Ин метавонад дар сатҳи шуурӣ ба мисли одамон ва ё дар сатҳи зершуурӣ мисли ҳайвонҳо ба вуқӯъ пайвандад. Механизми интихоби оилавӣ аз будани шуур вобастагӣ надорад (*саҳ. 96). Яъне одамон низ ҳайвон мебошанд ва рафтори онҳо ба сатҳи фарҳанг ва ҳаёти сиёсӣ вобастагӣ надорад. Рафтор аз тарафи ирсият муайян мегардад, ки манфиатдории зинда буданро таҷассум менамояд.

Барои нишон додани таъсири табиат ба рафтори одамон, Фан Ден Берге мисоли алтруизмро (раҳму шафқат) меоварад, ки дар зуҳуроти худ натиҷаи тарбия ва фарҳанги инсонӣ аст ва бар зидди талаботи худхоҳонаи табиат баромад мекунад. Олим менависад, ки алтруизм: *«на танҳо ба ҳаҷми муносибати ман ва ҷамъият мутаносиб буда, сарф ва фоидаи фаъолияти алтруистиро низ дар назар дорад»* (саҳ. 96). Ба ибораи дигар, алтруизм ҳамчун падида замоне ба вуқӯъ мепайвандад, ки ба нафъи ҷамъи-

ят набошад ва бисёртар барои давом додани насл, зинда мондани ирс ва ҳамин тариқ, ба фоидаи худ бошад. Барои возеҳ нишон додани фикри худ Фан Ден Берге чунин мисолро меоварад: зани дар давраи менопауза (фазаи баъди ҳайз) қарор дошта, барои насл метавонад бо камоли майл ҷони худро қурбон кунад. Аммо зани дар давраи тавлиди фарзанд қарор дошта, аслан ин корро намекунад ва барои зинда мондани худ аз баҳри насл мегузарад. Амали мазкур новобаста ба он сурат мегирад, ки муносибати ирсӣ барои фарзанд дар ҳарду як хел аст (онҳо хешовандони хунӣ ҳастанд). Ҳол он ки хатари интиқоли ирс дар ҳолати якум паст буда, дар ҳолати дуввум баланд аст. Алтруизми зани дар давраи менопауза қарор дошта, ба андешаи олим бояд таҷдиди назар шавад, зеро дар ин ҳолат алтруизм ба фаҳмишоти худ дуруст намеояд, яъне ин падидаи худқурбонӣ набуда, баръакс нигаҳдории худ ва ирсияти худ аст. Зани дар давраи тавлиди фарзанд буда, на фарзандро, балки худро наҷот медиҳад ва аз рӯи мантиқи Фан Ден Берге, худпараст намебошад. Ӯ аз рӯйи талаботи ғаризаҳо фаъолият менамояд, ки онҳо зарурати наҷоти на фарзанд, балки худи занро пеш меоваранд. Бо ин усул зан хатари аз байн рафтани насли худро дар оянда паст мекунад, яъне имконияти зинда мондани фарзанд кам аст ва аз тарафи дигар, имконияти зинда мондани зан ва дар оянда тавлиди фарзанд аз тарафи ӯ баланд мебошад. Мантиқи «давомёбии насл» ва «ғаризаи зинда мондани насл» бар он далолат мекунад, ки он чизе ки одатан алтруизм шинохта мешавад: *«ин шакли олии худхоҳии ирсӣ мебошад. Ин намунаи кӯркӯронаи ҳифзи ирсият буда, ба усули оддӣ мебарад, ки ба воситаи он алтруизм дар он ҳолат ба вуқӯъ мепайвандад, ки агар мувофиқати харҷу даромад поёнтар аз мувофиқати ману ҷамъият бошад* (саҳ. 96). Ва Фан Ден Берге чунин менигорад: *«сабабе барои шубҳа нест, ки «интихоби оилавӣ» чӣ дар ҳайвонҳо ва чӣ дар одамон, асоси муносибати мутақобилаи*

*онҳо»* ва бунёди ҷомеа мебошад (саҳ. 96). Ҷомеаҳои инсонӣ меваи табиат, бахусус, ғаризаҳои худнигаҳдорӣ ва давомдиҳии насл мебошанд.

Навобаста аз он ки Фан Ден Берге одамонро мисли ҳайвонҳо баррасӣ мекунад, ӯ онҳоро ба ҳамдигар баробар намедонад. Фан Ден Берге ҳушдор медиҳад, ки дар ниҳоди одамон нисбат ба ҳайвонҳо ҳама чиз бисёр мураккаб аст. Яъне аз ҳама хурдтарин ҷомеаи одамон назар ба ҷомеаҳои бузурги систематикии ҳашаротҳо, аз қабили мӯрчаҳо бештар мураккаб аст. Одамон на танҳо аз рӯи принсипи хун, балки аз рӯи принсипи фоида низ муносибат мекунанд, ки ин **нуктаи дуввуми муҳимми** андешаи муаллиф аст. Одамони мушаххас ҷомеаро дар асоси **а)** фоидаи мутақобила ва **б)** фишору таҷовуз бунёд мекунанд. Барои муаллиф муносибати мутақобилан судманд ин *«муносибатест, ки дар асоси фоидаи тарафайн ё бо назардошти даромади оянда барқарор карда мешавад, ки ҳам аз ҷониби гурӯҳҳои хешованд ё ба ҳамдигар бегона асос меёбад»* (саҳ. 97) фаҳмида мешавад. Фишор: *«истифодаи қувва барои фоидаи яктарафа»* мебошад, ки онро муаллиф боз чунин ном мебарад: *«шакли вижаи паразитизми дохила»* (саҳ. 97).

Ҳамаи шаклҳои ҷомеаҳои инсонӣ аз рӯи назарияи Фан Ден Берге ба се принсип асос меёбад: **1)** интихоби хешутаборӣ ва давоми насл, **2)** фоидаи мутақобила ва **3)** фишор. Ҳар қадаре, ки ҷамъият бузургу мураккаб мегардад *«ҳамин қадар он ба асоси фоидаи мутақобила ва дар хусуси ташаккули давлат бошад, ба асоси фишор бунёд мегардад* (саҳ. 97). Далели асосии Фан Ден Берге ин аст ки: *«рафтори одамӣ, ниҳодҳои ҷамъиятӣ ва фарҳанг натиҷаи мусобиқа барои захираҳо байни организмҳои зинда мебошад, ки ҳар кадоме кӯшиш доранд дар сатҳи шуурӣ ва ё зершуурӣ фоидаро зиёд намуда, хатарро коҳиш бахшанд»* (саҳ. 97). Дар ин ҷо фоида на моддӣ, балки ирсӣ мебошад. Мо ҷомеаро аз рӯи ғаризаҳои зиндаи нигаҳдошти насл ва

зиёд намудани он бунёд менамоем. Муаллиф ҳушдор медиҳад, ки назарияи ӯ дарвинизми иҷтимоӣ ва нажодпарастӣ нест ва он набояд ҳамчун назарияи ғаризаҳо (ба далели ин ки дар он нақши муҳити зист ва муҳимияти фарҳанг ҷой дорад) баррасӣ шавад. Ӯ менависад: *«Назария танҳо қайд мекунад, ки ҷомеаҳои инсонӣ қисмате аз таърихи раванди таҳаввулро дорад ва дар он ҷой доштани ҳам нақши генотипҳо, ҳам муҳити зист ва ҳам омилҳои фарҳангӣ дида мешавад»* (саҳ. 97). Қавмият (этничность) ва нажод аз рӯи ин назария: *«шакли васеътари интихоби авлодӣ»* мебошад, зеро одамон ин гурӯҳҳоро аз рӯи ғаризаҳои ҳайвонӣ бунёд намудаанд (саҳ. 97).

## Ду намуди ҷамъият

Фан Ден Берге ду намуди ҷамъиятро ҷудо мекунад. **Намуди аввал** ба авлоди умумӣ асос ёфта, намуди энгдогамии худтавлидиро дорад, яъне ақди никоҳ дар дохили ҷомеа ба вуқӯъ мепайвандад. Пештар чунин ҷамъиятҳо як оилаи калонро мемонданд, чун ақди никоҳ аксаран байни хешу таборон ба вуқӯъ мепайваст. Ба андешаи Фан Ден Берге, *«бе назардошти чанд ҳазор асри баъдина, гурӯҳҳои типи аввал, шабеҳи ҷамъиятҳои одамӣ буданд»* (саҳ. 98). Ин мегаоилаҳо асосгузор ё бунёдгари гурӯҳҳои этникӣ гаштанд. Инчунин Фан Ден Берге қайд менамояд: *«Наметавон инкор кард, ки муҳоҷират, забткориҳо ва ақди никоҳ берун аз гурӯҳҳо ҷой доштанд ва ягонагии биологии авлодии «халқ» қисман беасос аст».* Вале барои муаллиф ин муҳим нест, чун дар аксар ҳолатҳо маълум аст, ки ҳамтаборӣ воқеан реалӣ буд ва аз ҷониби дигар таъсири ирсӣ ин қадар бисёр наметобад. Аз назари ӯ хешутабории табиии гурӯҳҳоро бо қувваи чунин эҳсосот аз қабили нажодпарастӣ, қавммарказӣ (этносентризм), миллатга-роӣ, ки як тоифаи ҷомеа аз тарафи тоифаи дигари ҷомеа эҳсос менамояд, исбот намудан мумкин аст. Аз назари ӯ: *«бо фаврият ва қувваи ин эҳсосҳо муттаҳид шу-*

*дан, ҳатто дар давлатҳои индустриалӣ, ки дар онҷо ҷомеаҳои намуди дуюм [моил ба поён] ҷой ва рақобат доранд, инчунин золимии нобиноёнаи низоъҳои дар ин эҳсосот асосёфта ва маснуияти ин эҳсосҳо барои далелҳои воқеӣ, нишонаи камтарини он дар ченкунии давомнокии ҳаёт ва примордиалӣ будани ҷомеаҳо аст»* (саҳ. 98). Аз ин бармеояд, ки аъзои гурӯҳи этникӣ як оилаи калон мебошанд ва миллатгароӣ эҳсосоти табииву заминии ҳамтаборон бар зидди гурӯҳҳои рақобаткунанда мебошад.

**Намуди дуюм**, ин бунёди ҷомеа дар асоси ҳимояи манфиатҳои умумӣ аст. Масалан, ҷомеаҳои синфӣ, ки: *«дар асоси фоидаи мутақобила бунёд ёфтаанд, барои ҳамин»* аз ҷомеаҳои типи якум *«хеле сахт фарқ доранд»*. Гурӯҳҳои нажодӣ, табақавӣ ва этникӣ ба типи якум дохил мешаванд ва типи дуюм бошад маҷмӯи васеъро дар бар мегирад, масалан – иттифоқҳои касаба, ҳизбҳои сиёсӣ, клубҳои варзишӣ, ширкатҳои тиҷоратӣ ва дигарҳо. Ҷомеаҳои типи дуюм зуҳуроти нисбатан нави таърихи инсоният буда, баъдтар аз типи якум, яъне гурӯҳҳои этникӣ ба миён омадаанд. Онҳо хеле муҳиманд, махсусан дар ҷомеаҳои индустриалӣ, вале онҳо примордиалӣ нестанд: *«онҳо ҳамчуноне ки зуд бунёд меёбанд, тез аз байн мераванд, онҳо дар асоси манфиатҳои сарди воқеъӣ бунёд ёфтаанд ва зуд ба эҳсосот дода намешаванд»* (саҳ. 99). Гурӯҳҳои этникӣ нисбатан табиитар, пурзӯр ва давомноканд, зеро онҳо дар асоси ғариза ва табиат бунёд ёфтаанд. Ин ҳам дар фарқият бо созмону ташкилотҳои дар боло зикр шуда аст, ки дар ҳолати нолозимӣ зуд аз байн бурда мешавад.

Инчунин Фан Ден Берге бар ин назар аст, ки ҷомеа метавонад асоси омехта дошта бошад, яъне дар худ унсурҳои типи якум ва дуюмро ба монанди ҳизби сиёсии ягон гурӯҳи этникӣ ва ё тиҷорати оилавӣ инъикос намояд. Дар замони пеш фарқияти ҷиддӣ байни ҳамкорӣ ва интихоби табиӣ дида намешуд, зеро дар ҷамоа ҳама ба

якдигар хешу табор буданд. Имрӯз бошад аз назари муаллиф: *«метавон дақиқ муайян кард, ки феълан ҷомеа ба кадом тип дахл дорад, ба типи оилавӣ ё типи ба манфиат асосёфта»* (саҳ. 98). Бе назардошти «нукта»-ҳои ҳаёти имрӯзӣ, ки дидгоҳи умумии зиндагии муосирро душвор мекунанд, талабот барои рушди типи дуюм бештар эҳсос мегардад. Далели ҷиддӣ ҷой дорад, ки дар асоси он ин зуҳуротро ба ду намуд тақсим намоем: *«Миллионҳо нафар одамон ба намудҳои гуногуни типи дуюм дохиланд ва хеле кам узвияти худро ба муддати тӯлонӣ дар он нигаҳ медоранд. Баъзе одамон аз назари этникӣ маҳдуданд, ё фаъол мебошанд ва ё аз назари қавмӣ натиҷаи оилаҳои омехтаанд. Вале аксарияти одамон ба як гурӯҳи қавмӣ шомиланд ва то охири умр дар он боқӣ мемонанд»* (саҳ. 99). Навобаста аз ин ки ҷомеаҳои намуди якум ва дуюм хеле ба ҳамдигар вобастаанд, гурӯҳҳои хешу таборӣ аввалиндараҷа буда, аз гурӯҳҳои типи дуюм фарқ доранд.

### Масъалаҳои фарҳанг

Фан Ден Берге зидди он аст, ки рафтори одамон натиҷаи фарҳанг аст. Вале ӯ розӣ мешавад, ки ҳамаи намудҳои рафтори одамон дар асоси шаклҳои гуногун ва муайяни фарҳанг инъикос меёбанд. Масалан, одамон дар гурӯҳҳои гуногун бо таври фарққунанда либос мепӯшанд, хӯрок тановул мекунанд, сӯҳбат менамоянд, лекин ин ҳаракатҳо маънои онро надорад, ки ин амалҳо асоси воҳиди *биологиро* соҳиб нестанд. Шаклҳои рафтор вобаста ба гуногунии шароитҳои табиӣ фарққунандаанд, вале талаботи биологӣ дар ҳамаи одамон умумӣ аст. Яъне шакли иҷро гуногун аст, вале принсипи рафтор – либос пӯшидан, хӯрок хӯрдан ва сӯҳбат кардан умумӣ мебошад. Аз назари муаллиф фарҳанг наметавонад омили дарки миллатгароии гурӯҳҳо бошад, вале табиат метавонад, зеро он асоси ташаккули ин феноменро заминасозӣ мекунад, ки дар ҳамаи ҷомеаҳо мавҷуд аст. Муаллиф барои

дақиқ баён намудани андешааш чунин мисолро меоварад: *«Агар фарҳангро ҳамчун асоси маънидод ба назар гирем, пас этнограф чунин шарҳ медиҳад: «ӯ чунин тарбия ёфтааст», вале этнографҳо фаҳмонида наметавонанд, ки барои чӣ ҳамаи ҷомеаҳои одамӣ интихоби авлодии табииро таҷриба мекунанд ва қавммарказ (этносентрик) ҳастанд»* (саҳ. 100). Барои он ки биология тамоми одамонро муттаҳид месозад, он метавонад ҷавоби ҳуввиятии рафтори ҷомеаи одамонро, яъне миллатгароиро баён кунад. Аз ин назар метавон Фан Ден Бергеро ба расизм (нажодпарастӣ) ва ё детерменизми биологӣ муттаҳам намуд, ки ба ҳама савол посухи «ин бо фармуди табиат аст» ва «дар ҳама ҳолат ирсҳо ҳукм меронанд», медиҳад ва нақши ақл ва маънавиётро дар рафтори одамӣ ба ҳадди камтарин оварда мерасонад. Вале **Фан Ден Берге нақши нажодро дар бунёди қавмҳо (этнос) аз ҳақиқат дур медонад. Ба андешаи ӯ қавмҳо дар асоси нажод падид наомадаанд ва фарқияти нажодӣ дар бунёди қавмҳо нақши калидиро набозидааст.** Ӯ менависад: *«Аз як тараф далели аввалаи ман дар бобати он ки нажодпарастӣ ва миллатгароӣ аз назари биологӣ муқобил ҳастанд, гӯё таззод ва инкориятро ба вуҷуд меоварад. Вале гуфтан лозим аст, ки барои чӣ мо «ҳамтаборон»-ро дар асоси ин хусусиятҳои фарҳангӣ ба монанди забон, лаҳҷа, дин, либос, усули ороиши сар, кирдор ва дигарҳо муайян менамоем»* (саҳ. 100), вале на бо таври ғаризавӣ аз рӯйи бӯй ва намуд? Ҷавоб ба ин суол дар таърих ниҳон аст. Дуруст аст, ки ранги пӯст, чашм ва мӯй муҳиманд, вале хусусиятҳои фарҳангӣ таърихан нақши зиёдро дар муқоиса бо хусусиятҳои физиологӣ бозидаанд. Дар замони гузашта, вақте ки ҷомеаҳои инсонӣ хурд буданд, муҳоҷират низ маҳдуд буд ва қавмҳо асосан бо гурӯҳҳои ҳамсоя робита доштанд. Яъне муносибат бо ҳамсояҳо, ки *«аз онҳо қариб фарқ надоштанд, ба гурӯҳҳо заруратти ба назар гирифтани хусусиятҳои нажодӣ лозим набуд»* (саҳ. 100). Масалан, ранги чашм дар Аврупо наме-

тавонист муайянкунандаи хуби хешу таборӣ бошад. Ҳол он ки аврупиён то ҳол хусусиятҳои физиологиро ба мақсади ба кадом гурӯҳи қавмӣ шомил будани инсон истифода мебаранд. Вале ба хусусиятҳои зоҳирӣ он вақт рӯй меоваранд, ки агар вожаҳои фарҳангии муайян намудани авлод ба монанди забон, лаҳҷа, либос ва дигарҳо ҷой надошта бошанд. Нишондодҳои фарҳангӣ, таърихан чаҳорчӯби хеле хуби муайян намудани ҳамтаборон мебошанд, вале ин хусусият набояд ба маънии исботи бартарияти асосҳои фарҳангӣ аз биологӣ фаҳмида шавад. Маҳдудкунии нажодӣ хеле баъд, яъне ҳангоми ба рӯи кор омадани саёҳатҳои тӯлониву дарози гурӯҳҳо ва дар натиҷаи асоси муайянкунии авлодҳо шинохта шудани нажодҳо, оғоз гардидааст. Ба андешаи Фан Ден Берге ин раванд 5 аср муқаддам, ҳангоми рӯи кор омадани сиёсати истеъмории аврупоӣ оғозу ривоҷ ёфта буд (саҳ. 102). То он замон фарқиятҳои нажодӣ нишонаҳои муҳимми муайянкунии авлод пазируфта намешуданд ва барои ҳамин нажодпарастӣ зуҳуроти моҳиятан нав аст, ки аз тарафи табиат барои мушаххас намудани ҳамтаборон ва авлодҳо хидмат менамояд.

Бо вуҷуди ин, одамон соҳиби ирсҳои муайянкунандаи хешовандон нестанд. Вале ҷомеаҳо қавммарказ ҳастанд, чунки: *«ҷомеаҳое, ки дар онҳо меъёрҳои систематикишудаи непотизм (хешутаборӣ) ва қавммаркасӣ вуҷуд дошт, онҳо назар ба дигарон бартариятро соҳиб буданд, барои он ки интихоби табиӣ асоси рафтори ҳайвониро таъмин мекард»* (саҳ. 99). Аз ин бармеояд, ки гурӯҳҳои миллатгаро хубтар аз онҳое, ки низоми шинохти ҳамтаборонро надоштанд, имкони боқӣ монданро барои худ фароҳам меоварданд. Қавммаркасӣ *«дар тӯли миллионҳо сол, ё ин ки на камтар аз садҳо ҳазор сол рушд мекард ва асоси давомнокиву зоҳир шудани интихоби табиии авлодиро таъмин менамуд»* (саҳ. 98-99). Миллатгароӣ аз рӯи назарияи Фан Ден Берге зарурати боқиву зинда мондан ва давомнокии авлодро таҷассум мекунад.

**Муносибатҳои байниқавмӣ**

Дар бобати муносибатҳои байниқавмӣ Фан Ден Берге менависад: *«бар асоси ин ки муносибатҳои дохилӣ дар асоси интихоби оилавӣ асос меёбанд, муносибат байни гурӯҳҳо душманона аст»*. Дар баъзе ҳолотҳо ба андешаи ӯ, муносибат байни гурӯҳҳо мутақобилан судманд низ мебошад. Масалан, байни гурӯҳҳои кӯчманчӣ ва муқимии дар як фазо кору зиндагӣ дошта, ки онҳо нуктаҳои гуногуни ғайрирақобатиро истифода менамояд. Маъмулан, қайд менамояд Фан Ден Берге: *«мо муборизаи рӯиростро барои захираҳо мушоҳида менамоем»* (саҳ. 102). Азбаски асоси рафтор мубориза ҷиҳати захира аст, пас рақобати байниқавмӣ заминӣ ва табиӣ мебошад. Ташаккул додани давлатҳои бисёрқавмӣ – ин ҳамкории умумии судманди қавмҳо нест, балки пешдастии як гурӯҳи қавмӣ аз ҳисоби дигарон аст. Аз ин рӯ *«фишор асоси муносибатҳои байниқавмӣ мебошад»* (саҳ. 102), хусусан дар давлатҳое, ки дорои қавмҳои бисёр ҳастанд.

Умуман ба ягон нафар лозим нест, ки бунёди гурӯҳҳои намуди якум ва муносибатҳои судманд байни онҳоро сафед кунад, чунки он ба тамоми бозигарон фоида, яъне боқӣ мондан ва давом додани авлоди худро фароҳам меоварад. Вале фишор ва таҷовузро аз назари муаллиф бояд фаҳмонд ва ҳимоя кард. *«Баъзеҳо мехоҳанд фишорро бо принсипи интихоби авлодӣ рӯйпӯш кунанд»* (саҳ. 102) ба монанди он ки дар ҷомеаҳои тоиндустриалӣ ҷой дошт. Яъне *«мо шуморо мағлуб менамоем, ғулом мекунем ва нобуд месозем, чун шумо метавонед барои боқиву зинда мондани мо халал расонед»* (саҳ. 102). Дигарон бошанд: *«кӯшиш менамоянд, ки фишорро ҳамчун муносибати мутақобилан судманд ва додугирифт таҷассум кунанд. Ин хусусияти идеологияҳои «демократӣ»-и ҷомеаҳои индустриалии ду асри охир, аз либерализм то сотсиализм мебошад»* (саҳ. 102).

Фишор дар ҷомеаҳои муосир на бо принсипи боқиву зинда мондани авлод, балки бо ниқоби «демократӣ»

фаҳмонида мешавад. Муаллиф саволе ба миён мегузорад, ки: *«Барои чӣ таҳаввулоти идеологӣ аз патернализм (парвариши падарона) ба «озодӣ, баробарӣ ва бародарӣ»*[3] *барои ҳимояи золимияти ду асри охир лозим буд»* (саҳ. 102)? Ба андешаи Фан Ден Берге ин рӯйпӯшкунӣ барои миллатҳои бузург ба хотири ворид намудани миллатҳои хурд ба ҳайати худ зарурат дошт. Дар ҳолате, ки патернализм барои миллатҳои хурд, ки аз як гурӯҳи этникӣ бармеоянд, ҳамчун идеологияи хуб хидмат менамояд. Вале барои давлатҳои бисёрқавмӣ фаҳмонидани патернализм хеле душвор аст. Фан Ден Берге мисоли мушаххас меорад: «вақте ҷопонӣ ба шоҳ-падари худ таъзим менамояд, ин як чизи табиӣ аст, лекин чӣ хел ба ҳинду фаҳмонидан мумкин, ки маликаи Англистон «модар»-и ӯ аст»? Барои он ки идеологияи ҳамкории мутақобилан судманд сарҳад ва ҳадди қавмиятро аз байн мебарад ва маҳз дар ин ҳолат он иқтидори худро дучанд мегардонад. Ин гуна идеология, ҳамчун идеологияи ҳамкории мутақобилан судманд ба мисоли сотсиализм ва ё демократия ба 90%-и кишварҳои дунё ба хотири бисёрмиллиятӣ буданашон, дуруст меояд. Ин идеологияҳо «қавмбетараф» (этнонейтрал) ҳастанд ва метавонанд худро ҳамчун идеологияҳои инқилобӣ пешниҳод намоянд. Ҷои аҷибӣ надорад, ки Фаронса баъди инқилоб ба давраи мукаммали империалистии худ дар таърихаш ворид гардид. Аз ин рӯ, Фан Ден Берге давлатҳои бисёрмиллиятиро ҳамчун шакли фишори як гурӯҳи қавмӣ нисбат ба гурӯҳи қавмии дигар арзёбӣ менамояд. Мумкин аст, ки усули примордиалӣ барои ӯ (яъне - Фан Ден Берге) ҳамчун идеологияи инқилобии озодии гурӯҳҳои қавмӣ аз панҷаи давлатҳои идоракунандаи онҳо хидмат намояд.

## Хулоса

[3] Шиори машҳури инқилоби кабири Фаронса дар асри XVIII

Фан Ден Берге пешниҳод менамояд, ки қавмият (этничность) ҳамчун натиҷаи мустаидияти (предрасположенность) инсон ба интихобӣ авлодӣ фаҳмида шавад. Вай сотсиологияи муосири ғарбиро ба хотири детерменизми фарҳангиаш, яъне барои он ки рафтори инсонро дар асоси фарҳанг мефаҳмонад, онро (яъне фарҳангро) болотар аз табиати инсон мегузорад, зери танқид мегирад. Дар баррасии зуҳуроти ҷамъиятӣ, Фан Ден Берге нақши калидии рафтори аввалияи худодод ва биологиро муҳим арзёбӣ карда, онро махсус қайд менамояд. Бо истифода аз маълумоти илмҳои табиатшиносӣ, Фан Ден Берге андеша дорад, ки гурӯҳҳои этникӣ аз таҳаввулоти биологӣ ва талаботи инсон ҳамчун ҳайвон ҳувайдо мегардад. Одамон ба гурӯҳҳои худ содиқанд, зеро онҳо ба оилаи худ, ҳамтаборони худ ва ба ирси худ садоқат доранд. Онҳо аз рӯи қонунҳои табиат бо ҳам рақобат доранд, қавми худро ҳимоя менамоянд, зеро инро табиат талаб дорад, инчунин онҳо барои имконпазир гаштани давом додани авлоди худ ва тавлид шудани худ дар наслҳои оянда кӯшиш мекунанд. Ба ҳамин тариқ, Фан Ден Берге кӯшиш намудааст ташаккулёбии қавмҳо ва зиддиятҳои миллиро фаҳмонад.

**Манбаъ**:

Pierre Van den Berghe: “A socio-biological perspective” In *Nationalism: Oxford readers* eds. John Hutchinson and Antony Smith, Oxford: Oxford University Press, 1994, pp. 96-103.

Маводи аслиро дар суроғаи зерини саҳифаи интернет дарёфт намудан мумкин аст:

http://ysusociologyonline.blogspot.com/2010/12/pierre-van-den-berghe-socio-iological.html

# БОБИ II.
# ЛЕВ ГУМИЛЕВ
# «ЭТНОГЕНЕЗ ВА БИОСФЕРАИ ЗАМИН»

***(Перомуни синну соли миллат ё усули муайянсозии инкишофи халқият ва чаро абадият насиби онҳо нахоҳад шуд - дар ҳошияи замон ва таърих)***

## Ҳолнома

Олим ва мутафаккири рус **Лев Николаевич Гумилев** 1 октябри соли 1912 дар оилаи шоирони намоён Н.С. Гумилев ва А.А. Ахматова таваллуд шудааст. Ҳаёти олим хеле душвор гузаштааст.

Мактаби ибтидоиро дар шаҳри Бежеск хатм кардааст. Дар замони зиндагиаш се маротиба бидуни гуноҳ ба ҳабс гирифта шудааст. Соли 1956 аз ҳабс озод ва сафед карда мешавад. Таҳсилкардаи риштаи таърихи Донишгоҳи давлатии Ленинград (ҳоло Санкт-Петербург). Соли 1962 рисолаи доктириро таҳти унвони «Туркҳои қадим» дифоъ мекунад ва аз ҳамон сол ба кори доимӣ ба Пажӯҳишгоҳи ҷуғрофияи факултаи ҷуғрофияи Донишгоҳи давлатии Ленинград мегузарад ва дар он ҷо то охири ҳаёти худ кор мекунад.

Солҳои 60-уми асри XX аввалин монографияҳои Л.Н.Гумилев – «Ҳуннҳо» (1960), «Фатҳи Хазар» (1966), «Туркони қадим» (1967), «Ҷустуҷӯи шоҳигарии хаёлӣ» (1970) рӯи нашрро мебинанд. Соли 1974 Гумилев рисолаи дуюми докторииии худ, ин дафъа аз илми ҷуғрофия «Этногенез ва биосфераи Замин»-ро менависад ва онро ҳимоя мекунад. Бо вуҷуди қарори якдилонаи аъзои Шӯрои илмӣ, Комиссияи аттестатсионии умумишӯравӣ (ВАК) онро тасдиқ накарда, кори мазкур барои нигоҳдорӣ супорида мешавад ва танҳо соли 1989 дар замони бозсозии горбачёвӣ дар шакли монографияи алоҳида нашр мегардад. Рисолаи мазкур хонандагони сершумори худро пайдо мекунад ва на танҳо дар ИҶШС, балки дар ИМА, Инглистон, Итолиё, Маҷористон, Лаҳистон чоп карда мешавад.

## Тезиси асосӣ

Сад сол зиёдтар мешавад, ки баҳсу мунозираҳо перомуни он ки оё Homo sapiens ҳамчун намуди биологӣ тағйир меёбад ё қонуниятҳои иҷтимоӣ мавқеи омилҳои ташаккулёбии шакли биологии инсонро пурра гирифтааст, давом дорад. Аз ин ҷост, ки муаллиф дар асари худ «Этногенез ва биосфераи Замин» тасмим гирифтааст, дар мисоли нақши фаъоли халқият ҳаддалимкон ба ҳалли музокираи мазкур мусоидат намояд. Мавсуф мӯътаъқид бар он аст, ки хусусиятҳои умумӣ барои инсон ва дигар мавҷудоти зинда дар он мебошад, ки онҳо бо муҳит, ашё ва энергия робитаи зич доранд. Ҳамзамон, инсон аз мавҷудоти дигари зинда бо он фарқ мекунад, ки қариб ҳамаи неъматҳои барояш зарурӣро тавассути меҳнат ба даст меорад. Иловатан, инсон бо табиат на танҳо чун мавҷуди биологӣ, балки чун мавҷуди иҷтимоӣ низ дар робита қарор дорад.

Муаллиф таъкид бар он кардааст, ки шароит ва неъматҳо, қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ доимо дар инкишоф ҳастанд ва қонуниятҳои иҷтимоии инкишофи халқият амали воқеии биологиро, бахусус тағйирёбии манфии хусусиятҳои бунёдии ирсияти инсонро (мутатсия) инкор намекунад.

Ҳамзамон, халқият на фақат ба равандҳои иҷтимоӣ, балки ба қонуниятҳои умумии инкишоф (биосфера) низ тобеъ аст. Чунин тадқиқотро бо усули барқасд даст кашидан аз омӯзиши мушаххаси тарзи истеҳсолот оғоз намудан мумкин аст ва чунин муҷарраднамоӣ асоси воқеӣ низ дорад, чунки хислати ташаккулёбии халқият аз давраҳои инкишофи таърихи иҷтимоии инсоният фарқ мекунад ва бо чунин тарзи масъалагузорӣ, ба фикри муаллиф, давраи инкишоф, шукуфоӣ ва таназзули халқиятҳо, давраҳои инкишофи шуур ва такомули рӯҳияи халқиятҳоро бо такя ба усулҳои робитаи инсон бо табиат хубтар нишон додан имконпазир мегардад.

## Табиат ва халқият

Ба монанди он ки одам дар иқлими бегона худро ноҳинҷор эҳсос менамояд, ҳаёти инсон низ берун аз қавми худ нороҳатии иҷтимоиро пеш меорад, чунки авлоди ӯ дар макони муқимии худ муҳити зистро ба шароити ҳаёташ мутобиқ сохта буд.

Марҳилаҳои ташаккули халқият бо хусусиятҳои муҳити зист робитаи қавӣ дошта, инчунин аз хоҳиши халқият, ки минбаъд миллатро ташаккул медиҳанд, аз сатҳи эҳсоси зарурати эҳёи миллӣ, ки рушди онро таъмин месозад, аз хусусиятҳои мутобиқшавиаш бо муҳит ва доштани афзалияти ин ё он хусусиятҳои миллӣ вобастагии зич дорад.

Ба андешаи Гумилев, агар тадқиқот аз рӯи чунин усул корбарӣ шавад, ақидаи олимони аврупоиро оид ба афзалияти тамаддуни техникӣ нисбат ба дигар навъи тамаддун ботил мегардонад. Воқеан ҳам, чаро мо фарҳанги киштукории Ҳиндустон ё маданияти шикори эскимосҳои Канадаро нисбат ба тарзи ҳаёти шаҳриёна начандон комил ҳисоб намоем?

Он ки фарқият дар рӯҳияи халқиятҳо бо хусусиятҳои иқлимӣ, олами наботот ва ҳайвонот муайян мегарданд, аллакай дар навиштаҷоти табиатшиносони араб дар асри X-XIV вомехӯрданд, ки чун асоси детерминизми (муайянсозии қаблӣ) ҷуғрофӣ хидмат мекарданд. Ботилии чунин ақидаҳо дар он буд, ки онҳо моҳияти падидаҳои мушоҳидашавандаро дуруст дарк ва маънидод карда наметавонистанд. Табиатшиносон ҳамин давраҳои инкишофи шуури халқиятҳоро, ки дар муддати қарнҳо албатта тағйир меёфт ба инобат намегирифтанд. Аз ин ҷост, ки муаллиф таъкид менамояд: *«...рафти ташаккули халқият бидуни таъсири тағйироти иқлимӣ рух медиҳад, лекин мавриди омӯзиши он мавзеъҳое, ки огози ташаккули халқият гаштаанд, нишон медиҳад, ки баъзе заминҳое, ки барои ҳаёт мусоид буданд, ҳеҷ гоҳ ватани аҷдодиашон набуд, вале халқиятҳои ташаккулёфта минбаъд ба ин*

*сарзамин омада, ба ривоҷу равнақ расидаанд»* (Этногенез и биосфера Земли. Л., 1990, саҳ. 57). Дар ин маврид саволе бармеояд: оё шароити хуби ҷуғрофӣ сабаби ташаккули халқият мегардад ва ё танҳо ба он мусоидат менамояд? Агар сабаби ташаккули халқҳои нав бо шароитҳои ҷуғрофӣ вобаста мебуд, он гоҳ такя ба чунин омилҳо ташаккули халқиятҳо доимо ба мушоҳида мерасид, аммо дар воқеият ин хел нест. *«Аз ин бармеояд, ки ҳарчанд ташаккули халқият бо шароити ҷуғрофӣ чузъан вобастаанд, омили асосии ташаккули халқият дигар аст ва барои дарёфти он мо бояд ба таърих рӯ оварем»* (Этногенез и биосфера Земли. Л., 1990, саҳ. 192). Маълум аст, ки мавзеъҳои сунъӣ (аз тарафи инсон обод карда шуда) низ чун мавзеи табиӣ як хел ба ташаккули халқият таъсир мерасонанд. Чунончӣ, баъзан, гурӯҳи калони одамон (коллектив), ки мақсади ягона доранд, табиатро ба шароити зиндагии худ мувофиқ месозанд. Ин кор аз он, ки бо забти замини ҳамсоя машғул шуда бошанд, душвортар аст, аммо коллективе, ки кори мазкурро ҳал мекунад, ба халқияте мубаддал мегардад, ки баъдан аз ҳисоби шароити хуби сох-тааш (ландшафт) зиндагӣ менамояд. Агар халқият дар натиҷаи ҷангҳои бебарор ё бӯҳронҳои иҷтимоӣ рӯ ба таназзул орад, ҳамзамон, он шароитгоҳи сохтааш низ ҳамроҳи худаш аз байн меравад. Чунин мисолҳоро мо дар зисти Чини шимолӣ, Байнаннаҳрайн, Юкатан дар замони маданияти майя ва Мисри Қадим дида метавонем. *«Бо тарзи дигар гӯем, таъсири омили ирсии инсонӣ (антропогенӣ) ба муҳити табииро мо метавонем чун мутобиқшавии халқияти нав ба муҳит, ки дар раванди табдил гаштан ба халқият мебошад, мушоҳида намоем. Оммаҳое, ки комилан ба халқиятҳо табдил ёфтаанд, ба муҳити нав сохтаашон чунон одат мекунанд, ки минбаъд ба дигар шароити табиӣ мутобиқ шудан намехоҳанд»* (Этногенез и биосфера Земли. Л., 1990, саҳ. 177).

## Хислатҳои миллӣ

Ба баррасии масъалаи «хислатҳои миллӣ»-и ин ё он халқ шурӯъ менамоем. Оё он воқеан ҳам вуҷуд дорад ё бофтаи тафаккури мост?

Исботи онро кӯшиш менамоем дар мисоли таърих ва адабиёти рус маънидод намоем. Маълум аст, ки халқи рус таърихи тулонӣ дорад. Масалан, дар замони Пушкин, *«вақте ки ба иззати нафси шоир расиданд, ӯ ҳарифашро ба майдони тирандозӣ (дуэл) даъват намуд. Лекин ҳоло, дар мавриди такрори чунин вазъият, касеро ба майдон барои тирандозӣ (дуэл) даъват намекунанд. Оё мо метавонем яқинан гӯем, ки нисбат ба ҳамзамонони Пушкин мо халқияти дигар ҳастем? (Л. Гумилев аз миллати рус аст,- Ф.Т.). Аз рӯи мантиқ мо бояд ба посухи гузошта шуда ҷавоби мусбат диҳем, чунки фаросат талқин менамояд, ки Пушкин низ намояндаи миллати рус аст, чунон ки мо низ ҳастем ва ивазшавии чунин тарзи рафтор бо мурури замон барои мо табиӣ ва дуруст менамояд»* (Этногенез и биосфера Земли. Л., 1990, саҳ. 266).

Дусад сол қабл, дар чунин мавриди, ягон кас барои ситонидани товони худ нисбати шахси ӯро таҳқир карда, даст ба ярок намезад. Ба мисоли муаллиф рӯ меоварем: *«Нозири шаҳр, корманди масҷиду мадорис ё шахси қаторӣ дар мавриди таҳқир шуданаш ё ранҷ кашиданаш ба дигар хонигарӣ мекӯчид. Агар дар Москва ранҷ диҳанд ба шаҳри Твер мерафт. Агар дар Твер низ ранҷонанд ба Суздал мекӯчид. Агар дар Суздал ҳам ранҷонанд ба Литва мерафт»* (Этногенез и биосфера Земли. Л., 1990, саҳ. 266). Чунон ки мебинем, ҷавоб ба таҳқир аз давраи Пушкин ба куллӣ фарқ мекунад. Аз рӯи он асосе, ки мо қабул карда будем, дар мисолҳои зикр гашта, сухан гӯё дар бораи халқиятҳои гуногун меравад. Лекин мо медонем, ки ин ҳамон як халқият аст: ҳар як падидаро бо пасманзари замони гузашта бо назардошти оянда он бояд тадқиқ намуд.

Волидони Раневский ба фарзанд боғи калонро ба мерос мегузоранд, лекин дере нагузашта аз боғ ному нишоне ҳам намемонад. Ё мисоли дигар, меросхӯрон дар пйесаи Островский он пули зиёде, ки аз бобоёни худ ба мерос гирифта буданд, дар як муддати кӯтоҳ беҳуда харҷ менамоянд. Оё аз рӯи мисолҳои мазкур мо метавонем гӯем, ки хислати миллати рус ин аст, ки онҳо доимо дар фикри ҷамъоварии сармояанд, ё дар хислаташон харҷнамоиҳои беҳуда ҳамчун тарзи зисташон қабул гаштааст? Дуруст мебуд агар иброз намоем, ки **ҳар ду хислат баробар зуҳур меёбад, лекин нозукии масъала дар он зоҳир мегардад, ки ин омил ба ивазшавии марҳилаи ташаккули миллат вобастагӣ дорад ва ҳамчунин ивазшавии он хусусияти доимӣ дорад, чунки марҳалаҳои рушди миллат низ ба фикри муаллиф ба монанди организми зинда маънидод шуда, он марҳалаҳои кӯдакию ҷавонӣ, камолот ва пириро дорост.**

### Таконҳои мусбат ва манфӣ дар биосфера

Дар биосфера хурӯҷи нерӯҳои мусбат ва манфӣ ҳастанд. Хурӯҷи нерӯҳои мусбат ҳаётбахш ва маҳфузгари офаридаҳои инсон буда, заминаи моддии эҷодиётанд, ки он дар зебоиву санъат, ҳақиқату илм, адолату ахлоқ ва ҳокимият зуҳур меёбанд; ба шарофати хурӯҷи нерӯҳои мазкур давлатҳо ташкил мешаванд. Масалан, Искандари Мақдунӣ дар шаҳраки худ Пелле ҳар чӣ ки барои инсон зарур аст, дошт: хӯрок, шикор, вақтхушӣ, сӯҳбатҳо бо Арасту… бо вуҷуди ин, ӯ ба норозигии лашкаркашон ва ҷанговарони худ нигоҳ накарда, ба забти Беотия ва давлати Форс, кишвари Суғдиён ва Ҳиндустон оғоз намуд, ҳарчанд дар аввал низомиён бо розигии худ аз қафои Искандар мерафтанд. Фарз мекунем, ки барои давлати Македония заминҳои худро аз ҳисоби Юнон ва дар ҳолати камӣ карданаш аз ҳисоби Осиёи Сағир ва Сурия калон кардан лозим буд, лекин бо сакҳо ва ҳиндуҳо

македониҳо ягон хушунати қаблӣ надоштанд. Бинобар ин, македониҳо ҳатто баъд аз ғалаба дар чунин дурӣ аз кишвари худ зиндагӣ кардан намехостанд. Аз ин ҷост, ки ба Искандар зарур омад, ки дар Бохтар дар қисмҳои ҳарбӣ ҷанговаронеро, ки аз ҳисоби юнониён киро карда шуда буд, монад. Пас аз ин ҳама фотеҳот ӯ чунин гуфтааст: *«Одамоне, ки меҳнати душвор ва хатарҳои зиёдеро баҳри мақсади олӣ паси сар менамоянд, барои онҳо дар сояи шаъну шараф зиндагӣ кардан боиси ифтихор мегардад ва пас аз марг низ онҳо абадзинда боқӣ мемонанд»* (Этногенез и биосфера Земли. Л., 1990, саҳ. 178).

Ҳамчунин дар биосфера хурӯҷи нерӯҳои манфӣ низ ҷой дорад, ки квантҳои энергияро берун аз мадори вақт месозанд ва он боиси ба охир расидани пешрафт мегардад. Лекин хурӯҷи нерӯҳои мусбат энергияро бо ашёи карахти кайҳонӣ якҷо сохта, ахборот мегирад ва дунё мавҷудияти худро аз сари нав идома медиҳад. Ҳамаи нодирият ва зебоӣ дар мавриди талаф додани нерӯи энергиявӣ аз байн меравад. Маҳз барои ҳамин, талафот дар даврони таърих хеле гарон аст, лекин зидди маҳвшавӣ, хотира меистад ва ҳофизаи умумии халқиятҳо чун таърихи фарҳанг баромад менамояд. Масалан, Аврупои ғарбӣ бо халқияти азими томаш (суперэтнос) ба саҳнаи бузурги бархӯрди халқиятҳо мубаддал гашт, ки тамоми натиҷаҳои манфиаш баръало зоҳир шуд. Ҳамаи шоҳигариҳои барбарӣ, ки дар кишварҳои забт гашта ташкил ёфта буданд, дар муддати хеле кӯтоҳ аз байн рафтанд ва ҳамроҳи худ фарҳанги нодири Рум ва ҷасорати олмониҳои қадимро бурданд. Суръати завол дар мавриди аз байнравии халқиятҳо ҳам барои халқиятҳои забт гашта ва ҳам барои халқиятҳои ғолиб як аст (Этногенез и биосфера Земли. Л., 1990, саҳ. 380).

Дар ҳамон давраи қарни VIII, замоне ки Рум аз дохил ба шикаст дучор омад ва яке аз сабабҳояш ин саҷданамоӣ ба бутҳо буд (бутпарастӣ, ки таърихан қабл аз дигар

динҳои ҷаҳонӣ арзи вуҷуд намудааст- аз сабаби он, ки ҳар як халқият бути худро дошт ва танҳо ба он саҷда менамуд, ин омил ба ягонагии онҳо садди роҳ буд ва сабаби мунокишаҳои дохилӣ мегашт), дар Осиё шукуфоӣ ва васеъ гаштани халқиятҳои азим, ба монанди- дар асри VII араб- мусулмонҳо, туркҳо, табгачӣ (Чини асримиёнагӣ) Аврупои ғарбӣ ба таназзули шадид дучор шуда, ба саҳнаи ҳуҷумҳои пайдарпайи аҷнабиён табдил ёфта буд. Арабҳо то Лувр расиданд, аварҳо то соҳили Рейн расиданд, славянҳо соҳили рости Элбаро забт намуда, ҳатто дар соҳилҳои поёнобаш дарёро убур ҳам намуданд.

## ДАВРАИ ИНКИШОФ, РУШД ВА ТАНАЗЗУЛИ ХАЛҚИЯТҲО

Мувофиқи назарияи пешрафт дар таърихи инсоният на рушд ва на таназзул арзи ҳастӣ надорад. Ҳоло тақрибан чун қоида қабул гаштааст, ки нимҷазираи ғарбии минтақаи Авруосиё дар таърихи инсоният нақши вижаро соҳиб аст. Барои исботи даъвои мазкур ба шукуфоии давраи Элладаи классикӣ, лашкаркашии Искандари Мақдунӣ, ташкили империяи Рум, наққошии бемисли давраи Эҳё, «кашфҳои азим» ё ғасби сарзаминҳои бегона дар асрҳои XVI- XIX такя менамоянд. Вале нуктаи дигар аз мадди назар дур меафтад, ки «шукуфоӣ»-и номбар гашта, на танҳо дар низоми таърихи умумиҷаҳонӣ, балки инчунин дар маҷрои таърихи ҳавзаи Баҳри Миёназамин бештар хусусияти лаҳзавиро доро аст. Рушди босуръати Эллада моҳиятан ҳумкронии муваққатии Афина буд. Ғалабаҳои Искандар дар навбати худ ба муқовиматҳои ҷавобии портҳо (паҳлавиҳо), сакҳо ва ҳиндуҳо меовард, ки ҳама оқибат ба заволи мустақилияти ҳокимияти ӯ оварда расонид(Этногенез и биосфера Земли. Л., 1990, саҳ. 177).

Лекин мавриди таъкид аст, ки давраҳои сукут хеле дарозмуддат буданд ва перомуни он таърихшиносони аврупоӣ навиштану гуфтанро писанд надоранд ва мо муаммои мазкурро баррасӣ хоҳем кард.

Таназзули фарҳанг низ ба монанди рушди он, зуҳуроти муҳим ба ҳисоб меравад. Садсолаҳо рафти таърих бидуни санъат, адабиёт, фалсафа барои чӣ рух медиҳанд? Кӯшиш менамоем, ки бифаҳмонем.

Дар давраҳои кӯчбардориҳои бемаврид, яъне замони ҳуҷуми аҷнабиён, ки муҳоҷират пеш меомад, ба мардум зарур меомад, ки барои ҳифзи осори илмӣ ва фарҳангӣ чораҳо андешанд. Осори румиҳои куҳан фақат барои он боқӣ монд, ки он дар зери замин рӯйпӯш гашта буд ва он танҳо дар асри XV дар давраи Гуманизм аз зери хок берун оварда шуд. Ҷавоҳироти аз тилло ва нуқра сохта шуда, ки бо он угрҳо, аланҳо, русҳо, ҳазарҳо худро оро медоданд дар давраи кӯчбардорӣ ба танга ва сабикаҳо (лӯндаҳо) табдил дода мешуданд. Барои ҳамин давраи I-уми ҳазорсолаи навро замони «карахтии фарҳангӣ», «берун аз вақт монда» ва ҳатто «давраи ваҳшоният» ном мебаранд!

**Усули давродавр омӯхтани воқеаҳои таърихӣ нишон медиҳад, ки замони зикр гашта, ҳам бофайзу эҷодӣ ва ҳам ғамангезу фоҷиавианд ва ба зуҳуроти мазкур на карахтии ақл ва рӯҳ, балки номусоидии шароити таърихӣ, сукути моддию маънавии давраи номбурда сабабгор аст.**

Пеш аз он ки ба масоили тадқиқоти қонуниятҳои инкишофи таърихи халқиятҳои башар гузарем, аз усули тафаккури аврупоиён оид ба он ки гӯё халқҳои Аврупо нисбат ба дигар халқҳо афзалият дошта бошанд, даст мекашем. Боварӣ ба чунин ақидаҳо дар вақташ чунон таъсирнок буд, ки ҳатто Ҳегел низоми фалсафаи таърихи худро (пешрафти ҷаҳонӣ) чунон роҳандозӣ намуд, ки дар он нақши халқҳои олмон ва англосакс аввалиндараҷа буда, мардуми Осиё ва Африқо чун аҳолии таҳҷоии Амри-

кову Австралия ҳисоб карда шуданд ва онҳоро ба қатори «халқҳои берун аз рафти таърих монда» мансуб донист.

Лекин баъди гузашти якуним аср маълум гашт, ки афзалияти аврупоиҳо дар ҷаҳон хусусияти лаҳзавӣ дошт ва роҳи пешрафт нест. Амрико ва Австралия чун давоми қисми Арупои ғарбӣ бевосита бо ҳамон роҳи таърихӣ раҳсипор ҳастанд, ки он роҳро халқҳои қадим кайҳо тай карда ба интиҳои табиии худ расида буданд, Аз ин чунин хулоса бармеояд, ки **он халқҳоеро, ки одатан халқҳои қафомонда ҳисоб мекарданд, дар асл халқҳои нодир буда, давраи шукуфоӣ ва таназзули худро аллакай гузаштаанд.**

Аз ин лиҳоз, метавонем гӯем, ки австралиягиҳои сиёҳпӯст, бушменҳо, мундрукҳо ва ҳатто эскимосҳо халқиятҳои қадим ҳастанд. Аз ин ҷост, ки фарҳанги моддии онҳо хеле камшумор ва фарҳанги маънавияшон пароканда аст. Бинобар ин, мавриди зикр аст, ки **ташаккули халқият номуттасил буда, ба халқиятҳо мафҳуми «синну сол» хос аст.**

Ин ҷо мо на ҷиҳати воқеии ташаккули халқиятҳои умумиҷаҳонӣ, балки қонунияти идеалии он, ки халқиятҳои алоҳида зери таъсири доимии омилҳои беруна монда хароб мегарданд, баррасӣ намудем. Аз ин ҷост, ки мо мисолҳоро аз таърихи умумиҷаҳонӣ гирифта таҳлил менамудем.

**Алҳол ба мо маълум гашт, ки дар рафти такони аввала халқиятҳо ҳатто дар шароити мусоид ба 1200 сол нарафта аз байн мераванд ва танҳо халқиятҳои батолеъ то охири умри табииашон мерасанд.** Дар таърих мо доимо бозмондани ташаккули халқиятҳоро дар синҳои гуногун мушоҳида карда метавонем.

### Зиёни ҷавонӣ

Дар ин ки халқҳои ҷавони Аврупо Рими фартутро ба осонӣ аз по афтонданд, ба иллатҳои он (фисқу фуҷур) сироят гаштанд ва аз саҳнаи таърих фано гаштанд, ҷои

тааҷҷуб нест, аммо, замоне ки халқиятҳо дар марҳилаи хурӯҷи эҳёӣ қарор доранду аз тарафи рақиби суст маҳв мешаванд ҷои тааҷҷуб аст. Шояд, ҳар як гузариш аз як марҳила ба марҳилаи дигар дар худ хатаре барои халқият дорад. Чун море, ки мавриди ивазнамоии пӯсти худ зери хатар қарор дорад, ҳамчунин халқият замоне, ки «рӯҳи худ», яъне рафтори маъмулӣ ва нишондодҳои ҷамъиятии худро иваз менамояд, хеле заиф мегардад (Этногенез и биосфера Земли. Л., 1990, саҳ. 177).

Чунин ақида хеле маъмул гаштааст, ки гӯё конкистадорҳои (истилогарони) испанӣ дар Амрикои Марказӣ ва Ҷанубӣ тамаддуни қадимаро дарёфт намуда, онро нобуд сохтанд. Хушбахтона, солҳои охир, дар натиҷаи тадқиқот баъзе марҳилаҳои ташаккули халқиятҳои амрикоӣ маълум карда шуданд. Тибқи он, фарҳанги қадимаи ҳиндуҳои Мексика ва Перу, ки соҳибони он олмекҳоянд, дар соҳили халиҷи Мексика умр ба сар мебурданд, нисбатан ба наздикӣ (аз диди таърих), яъне дар асри VI аз байн рафта, ҷои худро ба навомадагон-тотонакҳо доданд. Толтекҳо офарандагони фарҳанг дар Анауака, давлати муқтадири худро тақрибан соли 720 бунёд намуданд, лекин суоле ба миён меояд, ки то ин давра дар сарзамини мазкур кадом халқиятҳо умр ба сар мебурданд?

Дар мисоли зер кӯшиш менамоем ба суоли қаблӣ посух диҳем. Дар асри XVI испаниҳо ва ҳиндуҳо ба зудӣ омехта гаштанд ва чунин ба назар мерасид, ки дар Мексика шакли алоҳидаи халқияти испанӣ ташаккул меёбад, лекин баръакси он рух дод: дар охири асри XVIII ба ҷои ду гурӯҳи этникӣ чор гурӯҳ ташаккул ёфтанд, ки якдигарро чашми дидан надоштанд. Чунин мешуморанд, ки ин тарзи тақсимот – натиҷаи нодурусти идоранамоӣ ва пеш аз ҳама ба таври маҷбурӣ наздикнамоии ин халқиятҳо буд.

## Шикасти хурӯҷи фаъоли халқият ва аҳамияти он

Чунончӣ, муаллиф хотирнишон месозад: *«Аз рӯи нуқтаи назари таърихи муносибатҳои иҷтимоӣ «замони нотинҷӣ» ин бӯҳрони ҷамъиятӣ аст; барои таърихи фарҳанг, ин таназзул аст; барои таърихи халқият бошад ин «хурӯҷи нерӯи фаъол буда, баъдан дар натиҷаи «аз ҳад гармшавӣ», ба низои иҷтимоӣ меорад, ки бо рехтани хун хунук мегардад»* (Этногенез и биосфера Земли. Л, 1990., саҳ. 380). Хурӯҷи нерӯи фаъол чун оташ аст: он гарм мекунад ва ҳамзамон месӯзонад. Агар оташ камӣ кунад, камсамар мегардад, дар навбати худ аз меъёр зиёди он хафнок аст; меъёри мӯътадили он дар мобайн аст, лекин ин меъёрро нигоҳ доштан ғайри имкон аст, чунки раванди гармшавӣ ё сардшавӣ доимӣ аст.

Дар иртибот ба суханони боло ибрати таърихии зеринро меорем: дар асри VII маълум гардид, ки кӯшиши барқарор намудани мустамликаҳои Рум ба ягон натиҷае наовард. Юстиниан ба нерӯи халқи худ аз ҳад зиёд такя намуда, қувваи душмани шарқии худро нодида гирифт. Албатта, ӯро сахт мазаммат намудан нашояд, чунки ба ақидаи вай рақиби асосии Рум давлати Форс ҳисоб мешуд. Вале воқеият ин буд, ки давлати Форс дар натиҷаи ислоҳоти ноӯҳдабароёнаи вазири кишвар Маздак ва исён бардоштани Баҳроми Чӯбина, ки натиҷаи он торумор гаштани қисми асосии артиши давлат шуд, хеле заиф гашта буд. Бинобар ин, дар ҷанги мазкур давлати Рум бо такя ба қувваи ҳазариҳо ғолиб омад (Бахрам Чубин: (Опыт критики источников) // Проблемы востоковедения. 1960. N 3. саҳ. 228).

Дар ин ҷанг ҳам давлати Рум ва ҳам давлати Форс заиф гаштанд. Аз ин ҷост, ки ба рӯи саҳна баромадани халқияти нав араб-мусулмон, ки аз қавмҳои муқимии нимҷазираи Араб ташаккул ёфта буданд, ҳам барои форсҳо ва ҳам барои юнониҳо фоҷиаҳои бешумор овард.

Ироқ комилан забт шуда, тамоми кишвар ғорат карда шуд. Рум давлатҳои Сурия, Миср, Кархадашт- шаҳри нав (Карфаген), водиҳои Киликияро аз даст дод. Танҳо дар соли 718 лашкари арабро дар назди деворҳои Константинопол (Истамбули имрӯза) шикаст додан муяссар шуд. Пас аз он сарзамини Осиёи Хурд ба майдони ҳарбу зарби давомдор табдил ёфт.

Дар мисоли Рум (Византия) мо метавонем мушоҳида намоем, ки чӣ тавр афзун гаштани хурӯҷи фаъол дар низоми ташаккули халқият на ҳамеша ба манфиаташ хоҳад буд, лекин аз миён рафтани хурӯҷи фаъол мушкилиҳои зиёдтареро ба бор меорад. Чунончӣ, муаллиф таъкид менамояд: *«Хурӯҷи фаъол метавонад чунон пурқувват бошад, ки соҳибони он, яъне халқиятҳо оқибати кирдори худро пешбинӣ карда наметавонанд ва ҳатто шикасти худро пешбинӣ намоянд ҳам, аз иҷрои он даст намекашанд. Ин нуктаи муҳим дар маънидоднамоии хурӯҷи фаъол аст ва он нишон медиҳад, ки доираи таъсири хурӯҷҳои мазкур на дар доираи шуур, балки дар зершуур қарор доранд»* (Этногенез и биосфера Земли. Л., 1990, саҳ. 57).

Аз мисолҳое, ки дар боло оварда шуданд, маълум мегардад, ки **марҳилаҳои ташаккули халқиятро аз шаклҳои гуногунии он ва аз рӯи хурӯҷи нерӯи эҳёиаш муайян кардан мумкин аст, ки ҳар ду хусусияти тайъинкунандаро доранд.**

## «Тирамоҳи зарин»-и тамаддун

Баъди аз сар гузаронидани шикасти иҷтимоӣ, мардум оромиро интизор ҳастанд. Онҳо акнун дарк намудаанд, ки фардиятҳое, ки нотакрории худро намоиш додан мехоҳанд, барои ҳамсоягон хатари бештаре доранд. Лекин ин хатарро бартараф сохтан имконпазир аст, агар нишондодҳои ҷамъиятӣ иваз карда шавад. Масалан, кофист, ки барандаи рафтори намунавиро созем ё тасаввур

намоем, ҳатто агар ӯ вуҷуд надошта бошад ва баъди он аз мардум талаб намоем, ки ба ӯ тақлид намоянд.

Дар дунёи қадим дар ин асос ба шоҳ чун ба худо саҷда намудан расм шуда буд. Чунин ҷаҳонфаҳмӣ аз Искандари Мақдунӣ оғоз ёфт, яъне вақте ки рӯҳониёни мисрӣ ба ӯ талқин карданд, ки вай писари худо- Амон аст ва эллинҳо ӯро ба худои худ Зевс ташбеҳ медоданд. Ба Искандар ин амал писанд омад, лекин сарлашкарони ӯ чунин маънидоднамоиро қабул надоштанд, чунки ба ақидаи онҳо икдоми мазкур ба шаъни волидайни Искандар: Филипп ва Олимпиада таҳқиромез буд, вале ақида ҷонсахт баромад. Он дар давраи ворисони диадоххо ва махсусан, дар Рум баъди шоҳ Август эҳё гашт. Он иззату икром, ки мардум ба худоён зоҳир мекарданд, ҳокимон барои худ низ талаб мекардагӣ шуданд. Ин чунин маъно дошт, ки симои ҳоким- шарт нест, ки сифатҳои фардии вай бошад, шарт он сифатҳое буд, ки бо мансабу мартаба вобастагӣ доранд ва он сифатҳо бо сифатҳои худоӣ баробар сохта мешуданд. Ин чунин маъно дошт, ки шоҳон намунаи ҳатмии ибрат барои ҳамаи мардуми зертобеъ мешуданд (Этногенез и биосфера Земли. Л., 1990, саҳ 266).

Ин ҷо мо на ҷиҳати воқеии ташаккули халқиятҳои умумиҷаҳонӣ, балки қонунияти идеалии он, ки халқиятҳои алоҳида зери таъсири доимии омилҳои беруна монда хароб мегарданд баррасӣ намудем. Аз ин ҷост, ки мо мисолҳоро аз таърихи умумиҷаҳонӣ гирифта таҳлил намудем.

### «Шом»-и халқият

Хусусияти фарққунандаи «тамаддун» ин қаноатмандии комили халқият аз ҳаёти бофароғати худ, ки худро аз талотуми иҷтимоӣ канор мегиранд шинохта шуда, чун нишонаи заиф гаштани унсури фаъоли иҷтимоӣ баромад мекунад.

Аммо шакли сеюми ҳастии ҷомеа низ вуҷуд дорад, яъне мавҷудияти одамони ландаҳӯр, ки фикри солим надоранд, лекин талаботҳояшон аз зиндагӣ хеле зиёд аст. Дар давраҳои қаҳрамонию ҷасурӣ, ки барои рушд ва худзоҳиршавии шахсиятҳои варзида имконият бештар аст, ба ашхоси танбал ҳаёт мушкилӣ меорад. Онҳо сарбозони буздил, коргарони танбал буда, роҳи ҷиноятпешагӣ онҳоро зуд ба сари дор меовард. Лекин, дар замони мусоиди тамаддунӣ, афзунии маводи моддӣ, вақте ки ба ҳама нон ва зан мерасад, «ҳаётдӯстдоракон» бе маҳдудият зиёд шудан мегиранд ва аз он ки онҳо офаридаҳои «шакли нав» ҳастанд, шиори худро месозанд: **«Ба монанди мо шав», яъне кӯшиши беш зарурат надорад. Шикамат сер шавад шуд. Ҳар намуди меҳнатдӯстӣ, ташаккули маънавӣ зери мазоҳ қарор мегирад. Кашфиётҳои илмӣ, навигариҳои ҳаёт ва сиёсат боиси қаҳру ғазаби ландаҳурон мегарданд.**

**Дар санъат сабаби пастгардии завқи эҷодӣ мешаванд, дар илм доираи корҳои нововар аз тарафи корҳои компилятсионӣ (рӯбардор карда шуда) танг карда мешаванд, дар ҳаёти иҷтимоӣ ришва реша медавонад, дар артиш сарбозон бо таҳдиди исён афсарон ва қумандонҳои худро зери тобеъ нигоҳ медоранд. Ҳама чиз ва ҳама кас харидаю фурӯхта мешавад. Ба касе бовар кардан мумкин нест, ба умеди касе шуда намешавад.**

**Дар ҷомеа на қобилият, балки набудани он, на маълумот, балки ҷоҳилӣ, на доштани фикри мустақили худ, балки фикри оммавӣ арзиш доранд.**

Ин падидаи иҷтимоӣ ба он меоварад, ки на ҳар як инсон имкон дорад, чунин талаботро қонеъ намояд ва барои ҳамин аз рӯи нишондодҳои нав, аксари мардум нокомил ва дар натиҷа нобаробарҳуқуқ ҳисоб мешаванд.

**Маҳз дар ҳамин давра подош сари кор меояд: ҳаётдӯстдоракони муфтхӯр танҳо дар тани халқ, ки дар замони «тамаддун» фарбеҳ гашта буданд, метавонанд зиндагӣ кунанд. Худи онҳо на офарида метавонанду на**

**маҳфуз дошта метавонанд. Онҳо тани халқро чун омоси саратонӣ мехӯранд, лекин баъди он худашон ҳам ҳалок мешаванд.**

Дар ҳаёт бошад, ҳатто барои ҳифзи оила ва тарбияи фарзандон дигар сифатҳо лозиманд, на он сифатҳое, ки дар боло зикр намудем, набошад фарзандон баъди ба камол расидан аз баҳри волидайн мебароянд.

Инак, баъди ғалабаи ҷаҳолатпарастӣ, барандагони он чун дуд нопадид мегарданд ва наслҳои оянда, ки аз ҷангу кашокаш эмин мондаанд, аз нав кӯдакони худро дар фазои канораҷӯӣ намудан аз мунокиша бо ҳамсоягон ва бо ҳамдигар тарбия менамоянд.

Аз ҷиҳати анатомӣ ва физиологӣ онҳо одамони комиланд, ки ба муҳит мутобиқ шудаанд, вале нерӯи эҳёии онҳо дар ин давра чунон заиф гаштааст, ки рафти ташаккули халқият қариб дида намешавад. Ҳатто дар мавриди таваллуд ёфтани фарди фидоӣ дар байнашон, фидоиёнояндаи худро на дар кишвари худ, балки берун аз он ҷустуҷӯ менамоянд (мисол, албаниҳо барои худ кори мувофиқро дар Константинопол ё Венетсия меёфтанд).

Дар ин маврид ду имконот пайдо мегардад: халқи зинда монда чун халқияти боқимонда ҳаёти ҳузнангез мегузаронанд, ё онҳо ба раванди омехташавии халқиятҳо меафтанд ва баъзан дар шароити мусоид аз якчанд халқҳои эминёфта, халқияти нав ташаккул меёбад. Тасавуроти онҳо оид ба пайдоиши худ хеле тира аст, чунки барои онҳо санаи тавлид муҳимтар аст.

Инак, рафти ташаккули халқият боз ҳамон марҳалаҳоро мегузарад, агар ягон таъсири беруна онро қатъ нагардонад.

## Марҳилаи хотираи халқият

Хотираи халқият дар бораи замони гузаштаи худ суръати таконро суст мекунад, лекин одамони алоҳида имкони боздоштани онро надоранд. Кӯшишу ғайрати

онҳо аз тарафи ҳамзамононашон дастгирӣ намеёбад, ҳарчанд он босамар аст. Осори шоирон чун эҷодиёти шифоии халқ боқӣ мемонанд, кашидаҳои рассомони мумтоз мавзӯи санъати халқӣ мегарданд, таърихи қаҳрамониҳои ҳимоятгарони ватан ба қиссаю ривоятҳо табдил меёбанд ва дар ин замона инъикоси воқеии ҳаёти иҷтимоӣ мамнӯъ аст.

Чунин вазъро мо метавонем дар Олтой мушоҳида намоем. Дар он ҷо шаш қавм умр ба сар мебаранд, ки аз онҳо се қавми шимолӣ- угрҳои туркшуда -телесҳо - ворисони тюркютҳо, теленгитҳо ва телеутҳо – қавмҳои гурӯҳи телесӣ, ки ба онҳо уйгурҳо низ тааллуқ доштанд ва се қавми ҷанубӣ – боқимондаҳои туркҳои пешин ташкил медиҳанд… Олтой- киҷӣ бошад шохаи найманҳо буда, дар асри XII ба Олтой омадаанд. Ҳамаи онҳо ҳамосаи ғании ривоятҳоро доро ҳастанд, ки мавзӯи бештари он ба замони каганоти тюркютҳои асрҳои VI-VIII рост меояд.

Аз ин бармеояд, ки ҳатто барои марҳилаи хотимавии ташаккули халқият хурӯҷи нерӯи фаъол ва ё ақаллан нерӯи аз дигар халқият гирифта шуда зарур аст. Аз ин ҷост, хурӯҷи нерӯҳои фаъол на фақат халқиятҳоро нобуд месозад, балки он халқиятҳое, ки дар маркази хурӯҷи нерӯи фаъол воқеъ ҳастанд, наҷот дода, аз маҳвшавӣ эмин медорад. Лекин, агар, халқият дар ин марҳилаи ҳассос дар ҷудоӣ аз дигар халқиятҳо қарор ёфта бошад, хуруҷи нерӯи фаъол аз паҳлӯи макони зисти ӯ мегузарад, ки оқибати он ҳузнангез мегардад.

Дар ин ҷо рафти фаъоли ташаккули халқиятҳо ба анҷом мерасад.

## Хулоса

Азбаски одамон дар муҳити биосфера қарор доранд, онҳо наметавонанд, аз таъсири омилҳои биокимиёвии он, ки дар навбати худ ба зершуур ва ё маҷмӯи эҳсосоти инсон таъсир мерасонанд, дар канор монанд. Эҳсосот ва

зершуур бошанд на камтар аз шуур одамонро ба рафтору кирдоре ҳидоят менамоянд, ки он ба рафти ташаккули халқият ва тағйирёбии муҳити атроф сабаб мегардад.

Дар мавриди маънидоднамоии масъалаи «хислатҳои миллӣ»- и ин ё он халқ муаллиф барҳақ бо мисолҳои мушаххас нишон медиҳад, ки баъзе муҳаққиқон инкишофи шуури халқиятро, ки дар муддати қарнҳо тағйир меёфт ба инобат намегирифтанд ва аз ин ҷост, ки хулосаҳои нодуруст мебароварданд.

Ҳангоми нишон додани нақши хотира дар ҳифзи нодирият ва зебоият дар олам ва ҷомеа назарияи хурӯҷи нерӯҳои мусбат ва манфии муаллиф ҷолиби таваҷҷӯҳ ҳастанд, ҳарчанд, ки маънидоднамоии таҳавуллоти иҷтимоӣ дар биосфера чандон номушаххас ба назар мерасад.

Ҷоиз ба таъкид аст, ки дар вақти нишон додани сабабҳои карахтии иҷтимоии давраи муайяни таърих, муаллиф ба усули давродавр такя намуда, дуруст таъкид намудааст, ки маҳз номусоидии шароити таърихӣ сукути моддию маънавии давраи номбурдаро муайян намудааст, инчунин ташаккули халқият номуттасил буда, ба халқиятҳо мафҳуми «синну сол» хос аст. Ба чунин фикри ӯ албатта, ақоиди олимон Ҷ. Вико, О.Шпенглер, А.Тойнби, ки пешрафти таърихро чун гирдгардиши тамаддунҳо маънидод менамуданд, таъсири амиқ расонидааст. Инчунин муаллиф афзудааст, ки он халқҳоеро, ки одатан муҳаққиқони аврупоӣ чун халқҳои қафомонда ҳисоб мекарданд, дар асл халқҳои нодир буда, давраи шукуфоӣ ва таназзули худро аллакай гузаштаанд.

Зимни баррасии қисмати «Шом»-и халқият, муаллиф масоили иҷтимоиро таҳлил намуда, дуруст таъкид намудааст, ки хусусияти фарққунандаи тамаддуни имрӯза ин қаноатмандии аксари мардум аз ҳаёти бофароғати худ мебошад, ки худро аз талотуми ҳаёти иҷтимоӣ канор мегиранд ва ин чун нишонаи заиф гаштани унсури фаъоли иҷтимоӣ шинохта мешавад. Ин падидаро муал-

лиф чунин маънидод менамояд: *«Тафовут байни кирдори бошуур ва рафтори эҳсосноки халқиятҳо дар он аст, ки омили аввал ба қонуни инкишофи худихтиёрии ҷамъият тобеъ бошад, омили дуюм ба хурӯҷи энергияи кайҳонӣ вобаста аст. Дар натиҷа, насли фаъол ташаккул меёбад, лекин тадриҷан аз сабаби муқовимати муҳит ва ҷомеа суръати фаъолнокиаш суст мегардад»* (Этногенез и биосфера Земли. Л, 1990., саҳ. 177).

Мафҳуми «халқият» дар асари мазкури Л.Гумилев чун низоми худамалкунандаи давродавр шинохта мешавад, ки дарки ба худ хосро доро аст. Муҳити мо аз маҷмӯи муҳити нисбатан аз якдигар ҷудо: литосфера, гидросфера, атмосфера, биосфера ва этносфера иборат мебошад. Этносфера (сфера-муҳит) ин антропосферае мебошад, ки доимо дар тағйироти таърихӣ буда, бо муҳити сайёраи Замин дар ҳамбастагии доимӣ қарор дорад. Азбаски инсоният дар рӯи хушкии замин бо теъдоди якхела паҳн нагаштааст, бинобар ин, онро чун яке аз қабатҳои Замин ҳисоб кардан ҷоиз аст, лекин бо таъкиди он ки дар байни миллатҳову халқиятҳо фарқият вуҷуд дорад. Этносфера бояд қонуниятҳои инкишофи худро дошта бошад, ки аз қонуниятҳои инкишофи табиат ва ҷамъият фарқ намояд. Гумилев қонуни ҷолиби таваҷҷӯҳеро кашф месозад, ки тибқи он коре, ки гурӯҳе аз халқият иҷро менамояд, ба андозаи қувваи пассионарӣ (пассионарность-хуруҷи нерӯи фаъол) баробар аст, ки дар он қувваи пассионарии халқият ин микдори дар доираи халқиятии пассионарӣ буда, ба шумораи фардҳо, ки ин халқиятро ташкил медиҳанд, тақсим карда мешавад. Марҳалаҳои инкишофи бемайлони фарҳанг ва сатҳи зиндагӣ бо марҳалаҳои пастшавии қувваи пассионарӣ маънидод мегардад. Қувваи пассионарӣ, ба ақидаи муаллиф, ин нишонаи биологӣ аст ва он такони азалие, ки рафти оромиро халалдор месозад, чун эҳёи насл шинохта мешавад, ки дар худ як зумра фардҳои пассионарӣ дорад, ки дар таърих нақши бо-

риз гузоштаанд. Бо мавҷудияти худ онҳо рафти ҳаёти оромро ба ҷунбиш меоранд, чунки онҳо зиндагии якмароми дилгиркунандаро, ки дар он ҳалли ҳадафҳои бузург бегона аст, қабул надоранд.

Умуман, муаллиф бунёди падидаи пассионариро бо омилҳои кайҳонӣ, хусусан бо тағйироти даврии фаъолнокии офтоб вобаста медонад, Падидаи пассионарӣ, ки аз тарафи Лев Гумилев эҷод гаштааст, имкон медиҳад, ки тасаввуроти мо дар бораи инсон чун қувваи воқеии ҷуғрофӣ дар қатори дигар омилҳо қабул гардад, ки ба ин нуқта қаблан В. Вернадский таъкид намуда буд.

Андешаҳои Лев Гумилев дар бораи қавм ва раванди таҳаввули он баҳсноканд, вале барои омӯзиш аз фоида холӣ нестанд.

**Манбаъ**

1. Гумилев Л.Н. *Этногенез и биосфера Земли.* Л., 1990., 486с.

2. Гумилев Л. Н. Бахрам Чубин: (Опыт критики источников) // Проблемы востоковедения. - 1960. - N 3. - С.228

# БОБИ III.
# ПОЛ ШО & ЮВА ВОНГ
# «РЕШАҲОИ ГЕНЕТИКИИ ҶАНГҲО»

## Ҳолнома

Доктор **Пол Шо (Paul Shaw)** ва **Юва Вонг (Yuwa Wong,** ҳоло **Хедрик Вонг**) на танҳо муҳаққиқ, балки амалиягарои соҳаи рушди байналмиллалӣ низ мебошанд. Ҳар ду солиёни дароз дар сохторҳои Созмони Миллали Муттаҳид дар зиёда аз 20 давлати Африқо, Ховари Миёна, Осиё ва Амрикои Ҷанубӣ кору фаъолият намудаанд ва ҳамчунин дар Донишгоҳи Бретании Коламбия дар Карлтон (Шо) ва дар Донишгоҳи Фудани Шонгҳой (Вонг) ба ҳайси устод ба донишҷуёну пажӯҳишгарон дарс гуфтаанд. Шо ва Вонг соли 1979 тасмим гирифтанд, ки китоби худ «Решаҳои генетикии ҷангҳо»-ро нависанд. Он замон яке аз муаллифон дар Лубнон қарор дошт, ки ба ҳайси Суис (Швейсария)-и Ховари Миёна шинохта мешуд. Дере нагузашта он ҷо ҷанг оғоз мегардад ва дар натиҷа *«дӯстони ҷонӣ ба аскарону қотилон ва дуоҳои динӣ ба даъвати мусаллаҳона табдил меёбанд».* Муаллифон кӯшиш ба харҷ доданд, ки низоъро таҳлил намоянд, зеро бесарусомониву бусуботӣ аз назари онҳо омили боздоранда ва қатъкунандаи беҳтарин пружаҳои рушд ба шумор меравад.

Аз соли 1990 то 2002 Шо дар Бонки Ҷаҳонӣ фаъолият намуд ва дар ҳамин вақт тадқиқоти стратегии «Беҳдошти ҳифзи тандурустӣ дар Африқо»-ро навишт ва яке аз фаъолони рушди стратегӣ ва татбиққунандааш низ гардид. Аз соли 2002 Шо дар гурӯҳи Билл ва Мелинда Гейтс (асосгузорони Майкрософт) барои пешрафти ҳифзи тандурустии Африқо кору фаъолият менамояд. Юва Хедрик-Вонг аз соли 2001 то 2009 ба ҳайси мушовири иқтисодӣ дар Мастеркард дар Шарқи Дур кор кард ва аз соли 2010 ба ҳайси коршиноси ҷаҳонии иқтисодии Мастеркард пазируфта шуд. Ҳоли ҳозир Юва Вонг дар Донишгоҳи Бретании Коламбия бо тадрис машғул мебошад.

## Тезиси асосӣ

Чуноне ки номи асар «Решаҳои генетикии ҷангҳо» ба хонанда иттилоъ медиҳад, муаллифон кӯшиш ба харҷ додаанд, ки низоъҳо, махсусан низоъҳои ҳарбиро ҳамчун намуди табиии муборизаи ҷомеаи одамон барои захираҳои маҳдуд маънидод намоянд. Шо ва Вонг ба монанди Фан Ден Берге асоси рафтори одамиро дар ғаризаҳои инсонии худнигаҳдорӣ ва давом додани насл мебинанд. Муаллифон инсонро ба ҷаҳони ҳайвонот ворид намуда, рафтори одамонро ҳамчун рафтори ҳайвонҳое, ки мехоҳанд авлоди худро нигаҳ доранд ва бисёр намоянд, таҳлил мекунанд. Аз тарафи дигар, муаллифон рафтори одамиро дар мубориза барои захираҳо маҳдуд нанамуда, фаротар аз он мешиносанд. Онҳо мефаҳмонанд, ки барои чӣ дар ин ё он ҳолат ба одамон аз якдигарро қир намудан дида, ҳамкорӣ намудан ва гурӯҳҳои муштарак ба вуҷуд овардан нафъовар аст. Муаллифон мӯътақиданд, ки бо назардошти маҳдуд будани захираҳо ва зиёд шудани аҳолӣ, низоъро наметавон дар оянда пешгирӣ кард. Барои ҳамин онҳо аз ҷомеаҳо ва давлатҳо даъват ба амал меоранд, ки барои пешгирӣ намудани низоъҳо ба хотири боқӣ мондани дастаҷамъонаи авлоди одамӣ кӯшиш ба харҷ диҳанд.

## Захираҳо

Шо ва Вонг назарияи умумии Фан Ден Бергеро дар масъалаи ғаризаи худнигаҳдорӣ ва давом додани насл ҷонибдорӣ менамоянд. Онҳо менависанд: *«Дар давраи аввали ҳоменидӣ аъзогӣ дар гурӯҳ (аз 50 то 200 одам) шароит фароҳам меовард, ки ҳар як аъзои ҷудогона масъалаи худро ба дастрасии захираҳои маҳдуд имконпазир намояд. Масалан, шикор бо гурӯҳ имконият медод, ки сайд осон ва бисёр ба даст ояд, зеро аъзоён метавонистанд бо маълумоти ҷойгиршавӣ ва рафтори сайд ба ҳамдигар хабар диҳанд, ҳамчунин пешгирӣ намудани ҳамлаи сайд осон мегардид»* (саҳ. 47). Ҳоменидҳо дарк намуданд, ки барои онҳо дар ҳамдастӣ шикор ва тақсим кардани сайд назар ба шикори якка осонтар аст. Зеро шикори якка вақт ва қувваи зиёдро талаб менамуд.

Ҳамчунин дар вақти шикор хатари бо марг рӯ ба рӯ шудан таҳдид мекард. Гурӯҳҳои муттаҳидгашта сарҷамъ шуданд ва қабилаҳоро ба вуҷуд оварданд.

Баъдан, дар одами ибтидоӣ сабаби дигари бунёди қабила ба миён омад, ки ин ҳам бошад ҳимоя намудани худ аз қабилаҳои рақиб бармеомад (саҳ. 48). Аз назари муаллифон дарки ин нукта муҳим буд, ки *«ҷисмҳое, ки барои бо ҳам дидани захираҳо маҷбуранд, онҳо интизори низоъ мебошанд»* (саҳ. 49). То он замоне, ки захираҳо ба тамоми аъзои гурӯҳ басанда аст, низоъ ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, олимон дар асоси мушоҳидаҳо ба хулосае омаданд, ки вақте шумораи аъзои қабилаи шимпанзе ва макакҳо бисёр мешаванд ва захираҳо ба ҳама намерасад, бархӯрдҳои дохили қабилавӣ оғоз мегарданд. Бинобар ин, аз назари муаллифон, таърихан вақте шумораи аъзои ҷамоатҳои ибтидоӣ ба 200-300 нафар мерасид, раванди тақсим ба кланҳои дохилӣ ва ҳатто мубориза ҳои дохили кланӣ оғоз мегардид (саҳ. 51).

**Зиндамонӣ ҳамчун асосӣ гурӯҳ**

Шо ва Вонг ҳамчунин таъкид менамоянд, ки низоъ шакли асосии муносибати байниҳамдигарии гурӯҳҳо дар шароити рақобат шуморида намешавад. Ғаризаи худнигаҳдорӣ ҳамкорӣ ва бунёди иттиҳодҳоро талаб менамуд ва ҳамчунин ассимилятсияро ба гурӯҳҳои калону бисёрклана ба вуҷуд меовард. *«Нигаҳ дошта натавонистани мувозинати сиёсӣ метавонист ба мурда рафтан оварда расонад»* (саҳ. 45). Аз тарафи дигар, Шо ва Вонг худро дар радифи тарафдорони зидди назари шахсоне, ки мӯътақид бар андешаи таърихан дар асоси зиддияти комил бунёд ёфтани муносибатҳои гурӯҳҳо барои захираҳо гузошта, менависанд, ки: *«пешгирӣ намудани низоъ, тақсим ва истифодаи муштараки захираҳо ҳамчунин паҳн гашта буд»* (саҳ. 50). Муаллифон чунин формуларо меоранд: *«Гирифтем, ки гурӯҳи А ба ҳудуди гурӯҳи Б гузашт. Гурӯҳи Б метавонад таслим шавад ва макони худро тарк намояд ё худро ба нодонӣ зада, дар бобати ин ҳолат бетарафӣ зоҳир кунад ё мубориза барад ё бо гурӯҳи А ҳамкорӣ кунад. Агар дар ҳудуд захираҳо бисёр бошанд, дар ин ҳо-*

*лат ба гурӯҳи Б ба ақиб рафтан ва худро аз низоъ нигаҳ доштан нафъовар аст. Ҳамчунин гурӯҳи Б метавонад бо захираҳои ҳудуди худ, агар он зиёд бошад ё имкони ҳимоя намудани он вуҷуд надошта бошад, ба монанди манбаи оби ошомиданӣ, истифодаи муштарак кунад. Дар ин ҳолат имкони ба вуҷуд омадани гурӯҳи АБ фароҳам меояд. Агар захираҳо маҳдуд ва истифодаи муштараки ҳар ду гурӯҳ имконнопазир бошанд, пас низоъро пешгирӣ намудан ғайриимкон аст. Зеро тақсим байни аъзои гурӯҳҳо маънои онро дорад, ки норасоӣ барои ҳама ба вуҷуд меояд. Дар чунин ҳолат барои гурӯҳи қавӣ халос шудан аз гурӯҳи заиф нафъовар аст»* (саҳ. 50-51). Аз ин бармеояд, ки рафтори гурӯҳҳо аз шароити воқеӣ вобаста мебошад. Ғаризаҳои худнигаҳдорӣ метавонанд фармонро барои ҳуҷум ё бархилофи он барои ҳамкорӣ, ё ҳатто таслими ихтиёриро ирсол кунад. Дар ин ҳолат имконоти зиндамонӣ, ҳатто бо роҳи мағлубият имконпазир мегардад.

Ҳамин тариқ, нигаҳдории мувозинати сиёсӣ ба сохтори хеле мураккаби гурӯҳҳои иҷтимоӣ оварда расонидааст. Рушди гурӯҳҳо ва гузариши онҳо ба кланҳо, авлодҳо, халқиятҳо на танҳо бо воситаи афзоиши табиӣ, балки аз ҳисоби ба ҳам омадани гурӯҳҳои гуногун дар як ҳудуд ба вуҷуд меояд. Одамон табиатан низоъпарвар нестанд, чунки раванди мазкур метавонист дар тӯли таърихи инсоният ба нестшавии худи онҳо оварда расонад (саҳ. 53). Аксар вақт ташкил намудани гурӯҳҳои калон ҳамчун воситаи ҳимоя аз гурӯҳҳои бузургтар ва қавитар хидмат менамуд. Бо бунёд намудани иттиҳодҳои бузург, гурӯҳҳои хурд зарфияти худро пурзӯр менамуданд. Дар ин ҷо муаллифон дар назди худ суоле мегузоранд, ки барои чӣ ҷаҳон тавонист дар доираи гурӯҳҳои бузург шакл гирад, вале зиддият ба дигар гурӯҳҳои бузург то ҳол боқӣ мондааст? Маҳдудияти захираҳо ва қонуниятҳои худнигаҳ-дорӣ нуктаи зеринро собит намуд, ки сулҳ дар ҷаҳон ғайри имкон аст ва одамон бояд танзими сулҳҷӯёнаро бо муборизаи ошкору равшан якҷо намоянд,

то раванди боқӣ ва зинда мондани пурқувватҳо имконпазир гардад.

**Таҳаввулот ва миллатҳо**

*«Миллатгароӣ барои низоъҳои байнидавлатӣ, ҷангҳои шаҳрвандӣ, ҳаракатҳои ҷудоихоҳӣ ва мубориза҇ҳои мазҳабӣ омили пуриқтидор ба шумор меравад»* (саҳ. 137). Миллатгароӣ аз назари муаллифон ба қавммарказӣ (этноцентризм) асос ёфтааст, яъне дар муносибати хуб ба аъзои гурӯҳи худ ва ҳисси бадбинӣ ба намояндагони гурӯҳҳои ғайр таҷассум меёбад. Миллатгароӣ барои муаллифон зуҳурот ё феномени муосир ба шумор намеравад, онҳо мӯътақид бар он ҳастанд, ки он решаҳои қадима дорад. Давлатҳои миллӣ маҳсули иттиҳодҳои муосири таърихии ба ном «гурӯҳҳои этникӣ»-янд. Яъне **давлати миллӣ барои онҳо гурӯҳи этникӣ ба шумор меравад, ки худ тавонистааст қувваи худро сарҷамъ намуда, ба давлатдорӣ расад** (саҳ. 138). Пас **гурӯҳҳои этникии давлати соҳибихтиёр надошта, миллат нестанд ва гурӯҳи этникӣ ҳисоб мешаванд** (саҳ. 139). Аз ин бармеояд, ки *«миллатгароии воқеӣ»* ***танҳо он вақт*** *пайдо мешавад, ки агар гурӯҳи этникӣ сарҷамъ гашта барои бунёди давлати миллии соҳибистиқлол равона гардад»* (саҳ. 138).

Барои муаллифон миллатгароӣ ҳамчун мубориза барои бунёди давлати миллии соҳибихтиёр ва миллат ҳамчун гурӯҳи этникие, ки дар самти бунёди давлат муваффақ шудааст ва дорои соҳибихтиёрӣ аст, фаҳмида мешавад. Табаддулотҳои давлатие, ки мақсади ҳукумат намуданро аз болои аҳолии бисёрқавмӣ доранд, на миллатгароӣ, балки табаддулоти сиёсии холис мебошанд.

Аз рӯи андешаи муаллифон *«миллатгароӣ пайвасти равониро бо талаботҳои зинда мондани худ ва мафҳуми миллат барпо менамояд»* (саҳ. 140). Мафҳуми миллат маънии супероиларо дорад, ки аъзояш ба ҳам пайвандии хунӣ доранд. Боварӣ ба он ки аъзо ба ҳамдигар хешовандонд, хусусияти эҳсосии аъзоро ташаккул медиҳад.

*«Ватанпарастӣ аз шуури миллӣ фарқ дорад, зеро кӯшиш менамояд тамоми аҳолиро новобаста аз тааллуқияти қавмӣ муттаҳид кунад, ҳамчунин наметавонад асоси худро ба ре-*

*шаҳои ирсӣ пайванд диҳад»* (саҳ. 157). Ватанпарастӣ аз миллатгароӣ дида заифбунёд аст, зеро дар шароити низои ҳарбӣ, сарсупурдагӣ нисбат ба онҳое моил мешавад, ки мисли худи онҳо симо, забон ва урфу одат доранд. Дар ИМА ватанпарастӣ имконияти амалан кор карданро ба худ касб намуд, зеро давлат тавонист гурӯҳи қавмиро иваз бикунад ва ба ҷои он фаъолияти баланди иҷтимоиро ба вуҷуд орад, ки дар натиҷа ҳар фард дар симои давлат кафили ҳуқуқҳои худро мебинад. Аз назари муаллифон, дар Иттиҳоди Шӯравӣ ватанпарастӣ дар ҳолати таҷовузи давлати бегона фаъол мешуд, ки аъзоён барои манфиатҳои умумӣ муттаҳид мегаштанд. Муаллифон шубҳа менамоянд, ки ватанпарастӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ устувор буд, зеро барои пешгирӣ намудани низоъҳои қавмӣ, ки сабаби асосии он рушди нобаробари минтақаҳо ва гурӯҳҳои қавмӣ ба шумор мерафт, иқтидори дохилии ватанпарастӣ намерасид.

**Вақте ки миллатгароӣ кор намекунад**

Дар иртибот бо унвони зермавзӯи боло, Шо ва Вонг Африқоро ба ҳайси мисоли баррасии мавзӯи мазкур мегиранд. Қитъаи Африқо аз 500 миллион аҳолӣ ва аз 51 давлат иборат аст. Усули аз ҳама паҳнгаштаи табдили режимҳои мавҷуда, табаддулот ва таҷовуз дар ин қитъа ба назар мерасад. Дар байни солҳои 1960 ва 1980 тақрибан 55% ивази қудрат бо воситаи табаддулот сурат гирифт, ки ин воқеият Африқоро ҳамчун минтақаи бесуботи ҷаҳон маъмул гардонид. Барои чӣ шароити мазкур арзи ҳастӣ намуд? Шо ва Вонг бар он андеша ҳастанд, ки дар батни ҳодисаҳои мазкур рушди таърихии Африқо дида мешавад, зеро инҷо *«гурӯҳҳои қавмии сиёсишудаи бо таассуроти муайян дар бораи ҳудуди худ»* (саҳ. 122) мавҷуданд. Мафҳуми давлатдории миллӣ, ки аз тарафи аврупоиён иҷборан бор шудааст, маънии додани нақши сиёсӣ ба давлату ваколатҳои сиёсӣ ба низомиён ва умуман ба дастгоҳи давлатиро дар назар дошт. Дар Африқо гурӯҳҳои қавмӣ боварӣ надоранд, ки *«давлат институти устуворе аст, ки метавонад иттиҳодҳои гуногунро ба ҳам орад ва мутобиқшавии шомилонро ба ҳадди ак-*

*сар расонад»* (саҳ. 122). Ҳамин тариқ, дар Африқо раванди миллишавӣ пиёда нагашт ва садоқати гурӯҳҳо на ба дастгоҳи давлатӣ, балки ба гурӯҳҳои қавмӣ боқӣ монд. Сабаби асосии чунин сурат гирифтани воқеият режимҳои истеъмории аврупоӣ мебошанд, ки дастгоҳи давлатиро иҷборан бар ин қавмҳо бор намуданд ва воҳидҳои маъмуриро чунон тақсим карданд, ки ба ландшафти қавмӣ рост намеомад. Масалан, ҳокимияти Британиёӣ бо такя ба дидгоҳи нажодпарастонаи худ ба як гурӯҳ нисбат ба гурӯҳҳои дигар ҳуқуқи бисёрро дод. Барои ҳамин ба гурӯҳҳои пастзадашуда, на давлат балки гурӯҳи қавмӣ ҳамчун дастгоҳи устувори ҳимояи ҳуқуқҳои онҳо боқӣ монд. Чунин ғайримутобиқӣ ва хусусияти иҷбории дастгоҳи сиёсӣ ба шароити хоси Африқо ба он оварда расонид, ки дастгоҳи давлатӣ арзиши аслии худро таъмин намуда натавонист ва то имрӯз гурӯҳҳои қавмӣ ҳамчун кафили асосии ҳуқуқҳои аъзои худ шинохта мешаванд.

### Хулоса

Бар хилофи Фан Ден Берге, муаллифон бар он назаранд, ки миллатгароиро танҳо дар асоси илмӣ дарк намудан ғайри имкон аст, зеро ба ғайр аз таърифи илмӣ паҳлӯи эҳсосотии онро бояд ба назар дошт. Андешаи муаллифон аз он хусус ҷолиби диққат аст, ки дар баробари «биологӣ» ва «табиӣ» будани муборизаи гурӯҳҳо барои захираҳо, онҳо ҳамагонро ба сулҳ ба хотири зинда мондан даъват менамоянд.

Аз ҳама нуктаи муҳим дар асари Шо ва Вонг дарки амиқи онҳо дар бобати иқдомҳои зарурии пешгирикунии низоъ аст. Муаллифон менависанд, ки танҳо табиати инсонӣ, дақиқтараш ғаризаи худнигаҳдорӣ метавонад барои пешгирӣ намудани низоъҳо мусоидат намояд (саҳ. 204). Вале имрӯз мебинем, ки миллатҳо дар руҳияи ҳарифӣ ва бадбинии якдигар тарбия меёбанд. Бояд дар назар дошт, ки муаллифон тадқиқоти худро дар замони ҷанги сард оғоз намудаанд ва имконияти пурра нобуд шудани инсоният бо сабаби ҷанги ҳастаӣ аз диди онҳо воқеӣ буд ва барои ҳамин мо чунин хусумати онҳоро нисбат ба низоъ мушоҳида менамоем.

Ба назари муаллифон бояд давлатҳо ва созмонҳои байналмиллалӣ хатари миллатгароии инкоркунандаро ба инсоният фаҳмонанд. Бунёди институтҳо ва ташкили гуфтугӯҳо байни миллатҳо метавонад барои пешгирӣ намудани низоъи ҷаҳонӣ, ки тамоми инсониятро ба нобудшавӣ оварда мерасонад, мусоидат кунад. Дар ин ҷода, аз назари муаллифон Созмони Миллали Муттаҳид бояд нақши калидиро иҷро кунад. Ҳамин тариқ, *«хусусияти ирсии зиндамонӣ ба рафтори гурӯҳҳо дар асоси таҳдиди ҷанги ҳастаӣ бояд таъсир расонад. Одамон дар бораи худ бояд на ҳамчун аъзои як миллат ё гуруҳи қавмӣ, балки чун аъзои ҷомеаи томи ҷаҳонӣ фикр кунанд»* (саҳ. 208).

Хонанда шояд чунин суолро матраҳ намояд, ки оё ҳайвонҳо дар чунин сатҳи фикрӣ метавонанд андешаронӣ намоянд, ба рафтори худ таъсир расонанд ва кӯшиш намоянд, ки насли худро боқӣ нигаҳ доранд? Агар ҳа, пас ақли инсон қодир бар он аст, ки ба рафтори худи инсон таъсир расонад, дар ин ҳолат инсон ба ҳайвони оддӣ монандӣ надорад. Аз ҳама муҳим, «оё сабабҳои низоъҳои байнигурӯҳии одамон амалҳои барномарезигашта дар ирс ва ғаризаҳои худнигаҳдорӣ нестанд?» Шо ва Вонг дар замони ҷанги сард ба камол расиданд, ки хатари ҷанги сеюми ҷаҳонӣ, фаразан ҷанги ҷаҳонии ҳастаӣ пурра имконпазир буд. Усули примордиалии шинохти низоъҳои инсонӣ онҳоро ба усули ғайри примордиалӣ овард, ки дар натиҷа марзҳои примордиализм муайян гашт.

**Манбаъ**

R. Paul Shaw, Yuwa Wong. Genetic Seeds of Warfare: Evolution, Nationalism and Patriotism. 1989. Unwin Hyman, London.

# Фасли II.
# КОНСТРУКТИВИЗМ

**Шералӣ Ризоев (Боби I ва Боби II)**
**Очил Зоҳидов (Боби III)**

Аз назари конструктивизм қавмият ва миллат маҳсули конструкти сиёсӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки барои мақсадҳои муайяни сиёсӣ аз тарафи гурӯҳи манфиатдор, пеш аз ҳама элитаи сиёсӣ, ба вуҷуд оварда мешавад. Яъне «миллат» маҳсули фаъолияти шахсони бузург (нухбагон, пешвоён, шоирон, нависандагон, олимон ва ғайраҳо) ва ашрофони мардумӣ аст, ки аз рӯи идеологияи сиёсӣ бунёд мегардад. Шиори асосии конструктивистон чунин аст: «Миллат мисли иморат мебошад, ки онро аз қисмҳои гуногун сохтан мумкин аст». Конструктивистон барои бунёди миллат дар идеологияи худ ба унсурҳои зерин ба монанди ҳуввият, давлат, забон, таърих ва шаҳрвандӣ эътибори ҷиддӣ медиҳанд.

**Барои миллатсозӣ намудан дар ҷавҳари мардум нерӯҳои хобрафтаро бедор намудан зарур аст. Дар самти мазкур таъмини баробарии шаҳрвандӣ ва гирд хӯрдани шиори «Мо мардуми озоди як кишвар мебошем» ба воситаи ВАО ва низоми маориф аз омилҳои калидӣ ба шумор меравад. Дар натиҷа шуури маҳаллии мардум ба шуури миллӣ табдил меёбад ва дар замири ҳар шаҳрванд на танҳо ҳисси маҳал, балки ҳисси миллӣ ва ватанпарастӣ пайдо мешавад, ки барои пайдошавии ҳуввияти миллӣ мусоидат менамояд.**

Дар тарбияи шуури миллӣ таърихи гузашта чунин эзоҳ дода мешавад, ки гӯё ҳамаи равандҳо барои пайдошавии миллат ҷараён доштанд. Барои ноил гаштан ба мақсади мазкур дар шуури миллат устураҳо нисбати мардуми худ ва ҳамсоя тартиб дода мешавад, ки ҳодисаҳои воқеиро тамоман дигаргун нишон медиҳад. Инчунин барои чеҳраҳои таърихӣ, ҷой ва мақоми муайян ҷудо мегардад, ки барои дар байни шаҳрвандон пайдо гаштани ҳисси ифтихор мусоидат мекунад. Аз ин баъд симоҳои таърихӣ барои тарбияи насли наврас ҳамчун меъёри шаҳрвандӣ баромад менамоянд.

Одатан конструктивизмро бо функсионализм баробарвазн меҳисобанд, зеро ҳар ду функсияи қавм ва миллатро ҳамчун унсури сиёсӣ арзёбӣ мекунанд. Барои конструктивистон миллат на маҳсули худованду табиат, балки натиҷаи фаъолияти гурӯҳи муайяни сиёсӣ мебошад ва бо заҳмати онҳо бунёд меёбад.

Фаҳмиши конструктивистии этнос (қавм) асосан ба хусусияти тадқиқотҳои сиёсатшиносии муносибатҳои байниқавмӣ хос буда, дар сарҳади сиёсатшиносӣ ва сотсиология ба вуҷуд омадааст. Дар фаркият бо примордиалистон, ки мақсади ҷустуҷӯи асосҳои объективии қавмиятро дороянд, созандагони усули конструктивистӣ барои муайян намудани функсияҳои иҷромекардаи ҷомеаҳои қавмӣ кӯшиш доранд. Онҳо ба функсионализму прагматизм такя намуда, қавмиятро натиҷаи устураи қавмҳо маънидод менамоянд, ки он барои ба даст овардани фоидаи муайян ва ё қудрат бунёд мегардад. Дар контексти мазкур қавмият ҳамчун идеология буда, он аз тарафи нухбагон ба вуҷуд оварда мешавад ва бо мақсади сафарбар намудани омма барои мубориза ба қудрат истифода мешавад.

Дар бобати усули конструктивистӣ бояд як нуктаро ба назар гирифт, ки тарафдоронаш бо вуҷуди фаҳмиши қавммиллат ҳамчун конструкти иҷтимоӣ, ҳастии онро дар воқеият мешиносанд. Он метавонад ба рафтори одамон таъсир расонад ва инчунин барои расидан ба мақсади муайян оммаро сафарбар кунад. Дар раванди ҷалб намудани аъзои гурӯҳи этникӣ ба ҳаракатҳои коллективӣ, ки ба ҳалли масоили сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ равона шудааст, нақши калидӣ ба нухбагону пешвоён вогузор карда мешавад. Азбаски нухбагону пешвоён дар ин ҷода мақсади худро доранд, на ҳама вақт барои манфиатҳои мардум истодагарӣ менамоянд.

Дар идеологияи конструктивистон бояд маҳфуми давлат ва миллат бо якдигар баробар бошанд. Зеро агар

миллат натиҷаи фаъолияти нухбагон, фарҳехтагон ва ашрофон бошад, пас барои тамоми мардуми кишварро ба миллати ягона ва бетафовут табдил додан, фаъолияти давлат муҳим аст. Дар ин ҷода давлат метавонад аз тамоми шаҳрвандони худ як миллати воҳидро ташаккул диҳад, ки барои онҳо забони давлатӣ воситаи худбаёнкунӣ аст. Дар сатҳи давлатӣ барои миллатро муттаҳид нигоҳ доштан, бояд якчанд унсурҳо, ба монанди идеяи милливу манфиати миллӣ истифода гарданд ва ҳамеша дар гардиш бошанд. Аз ин мафҳумҳо доимо нухбагон ва пешвоёни давлат васеъ истифода мебаранд. Дар ҷои дуюм душман ва хатарҳо меистанд, ки барои рӯйпӯш намудани камбудиҳо корбарӣ шуда, тамоми миллатро дар ваҳдат нигаҳ медорад.

Хулласи калом, усули конструктивистӣ то як андоза давоми ғояҳои модернистон мебошад. Фарқият дар он аст, ки модернистон гурӯҳеро ҳамчун миллатсоз номбар наменамоянд ва тарафдорони тағйиротҳои васеъи ҷамъият мебошанд. Консруктивистон ва функсионалистон нақши нухбагонро дар миллатсозӣ ва бунёди давлатдории миллӣ, калидӣ мешуморанд. Барои дарк намудани унсури илмии конструктивизм, мо ба се намояндаи усули мазкур муроҷиат менамоем.

# БОБИ I.
# ЭРНЕСТ РЕНАН «МИЛЛАТ ЧИСТ?»

## Ҳолнома

**Жозеф Эрнест Ренан** (ба фаронсавӣ **Joseph Ernest Renan**) файласуф, таърихнигор ва нависандаи фаронсавӣ соли 1823 дар шаҳраки Кот-дю-Нори вилояти Бретани Фаронса дар оилаи маллоҳ ба дунё омадааст. Рисолаи доктории худро соли 1852 ҳимоя менамояд. Мутахассиси барҷастаи таърих ва фалсафаи дин дар Аврупо ба шумор меравад. Асарҳои асосиаш ба диншиносӣ, хусусан ба насроният ва иудаизм бахшида шудаанд. Соли 1879 ба узвияти Академияи Фаронса пазируфта мешавад ва соли 1892 дар шаҳри Париж вафот мекунад.

## Тезиси асосӣ

Дар гузориши таърихии худ аз 11 марти соли 1883 дар донишгоҳи Сорбони Фаронса Ренан нуктаҳои марказиро перомуни миллат ва пайдоиши он баён менамояд. Вай аз омилҳои таърихӣ оғоз намуда, то ба унсурҳои муҳимми миллатсозӣ ибрози назар намудааст. Замони зиндагии Ренан ба давраи пурталотуми таърихи Аврупо рост меояд ва аз ҳамин ҷиҳат, бештари андешаҳои Ренан дар доираи он равандҳо баён гаштаанд. Ренан миллатро ҳамчун падидаи нави таърихӣ ва руҳияи умумӣ маънидод намуда, онро танҳо ба «хоҳиши якҷоя зистан»-и одамон вобаста медонад ва муҳимтарин омил аз назари ӯ низ ҳамин аст, ки миллат пайдо гардад. Нуктаи дигари марказии Ренан ин «хаторавии таърихӣ» ва «фаромӯшкунӣ» аст, ки барои ваҳдат ва якпорчагии миллӣ нақш дорад. Аз тарафи дигар, Ренан умумияти забон ва динро унсурҳои миллатсоз баҳогузорӣ намуда, дар муайян намудани миллат онҳоро муҳим намешуморад. Ренан то як дараҷа ҷонибдори миллати шаҳрвандӣ аст ва ватанпарастиву гурӯҳи ватанпарастонро аз созандагон ва пойдоркунандагони миллат

мешуморад. Барои боз ҳам жарфтар ошно шудан бо идеяҳои асосӣ ва тарзи хулосабарориҳои Ренан, мо ба баррасии гузориши машҳураш «Миллат чист?» оғоз менамоем.

### Миллат ҳамчун зуҳуроти нави таърих

Шакли ҷомеаҳои инсонӣ гуногунанд, ҳамаи давлатҳои гузаштаи қадима ба монанди Чин, Бобул, Миср, қабилаҳое ба монанди яҳудӣ ва арабӣ, шаҳрдавлатҳо ба монанди Афина ва Спарта, иттиҳоди якчанд кишварҳо ба монанди империяҳои Ҳахоманишиҳо, Рим ва Каролингҳо, ҷамоатҳои беватан, ки танҳо бо тамоси динӣ нигаҳ дошта мешаванд аз қабили исроилиҳо, оташпарастон ва дигарҳо ба монанди Фаронса, Инглисистон ва дигар худмухториятҳои аврупоӣ ***миллат*** мебошанд.

Дар замони Инқилоби Фаронса фикр мекарданд, ки сохторҳои давлатҳои хурди мустақили гузашта, аз қабили Афина ва Спартаро дар давлатҳои бузурги мо бо 40 миллион аҳолӣ истифода намудан мумкин аст. Имрӯз бошад, боз хатогии дигарро, яъне миллатро бо нажод омезиш дода, волоиятро ба гурӯҳҳои этнографӣ, ё дурустараш ба гурӯҳҳои забонӣ, дода истодаанд ва онро ҳамчун волоияти гурӯҳҳои амалан ҷойдошта мешуморанд. Барои ҳамин Ренан дар оғози гузориши худ иброз медорад, ки дар баррасии масъала ва таҳлили равандҳо перомуни миллат ӯ мисли «вивисекция» амал мекунад ва хунсардиву бетарафиро риоя менамояд.

Ренан тахмин мезанад, ки Аврупои Ғарбӣ баъди сукути Империяи Рим ва фурӯпошии империяи Карл ба миллатҳо тақсим мешавад ва онҳо ҳамеша баҳри ғасб ва идоракунии якдигар кӯшиш мекарданд. Гоҳо муваффақ ҳам мешуданд, вале он тӯлонӣ набуд. Ба андешаи ӯ, коре, ки Карли V, Людовики XIV ва Наполеон дар Аврупо амалӣ карда натавонистанд, дар оянда каси дигар карда наметавонад, зеро тақсим шудани Аврупо ба миллатҳо

ҷавҳари чуқур дорад. Новобаста аз шароит ва имкониятҳои ногаҳонии таърих, дар оянда Фаронса, Инглистон, Олмон ва Русия дар давоми 100 соли дигар ҳамчун субъекти таърих боқӣ мемонанд, қудрат ва бузургии худро нигоҳ дошта, бо ҳамдигар омехта намешаванд.

Вобаста ба абадияти ин давлатҳо Ренан хулоса мекунад, ки *«миллат зуҳуроти нави таърих аст»* (саҳ. 91) ва онро бо нуктае исбот менамояд, ки *«гузашта (яъне замони қадим) онро надошт»* (саҳ. 91) . Миср ва Чин дар замони қадим тамоман миллат набуданд, онҳо мардумеро ташкил медоданд, ки аз тарафи писарони худои «Офтоб» ва «Осмон» идора мешуданд, инчунин шаҳрванди чинӣ ва мисрӣ вуҷуд надошт. Аз ин хулосаи Ренан бармеояд, ки мавҷуд будани ***институти «шаҳрвандӣ»*** дар низоми давлатдорӣ яке аз нишонаҳои ҳастии ***миллат*** дар ин ***давлат*** аст.

Дар замони гузашта низ ҷумҳуриҳо, давлатҳои муниципалӣ, конфедерасияи ҷумҳуриҳо ва империяҳо мавҷуд буданд, лекин онҳо ба фаҳмиши мафҳуми имрӯзаи миллат мутобиқат намекунанд. Афина, Спарта ва Тир марказҳое буданд, ки онҷо патриотизм (ватанпарастӣ) вуҷуд дошт, лекин онҳо шаҳрҳои хурд дар ҳудуди хурд буданд. Аз ин ҷо ба хулосае омадан мумкин аст, ки аз назари Ренан ***«патриотизм» (ватанпарастӣ)*** яке аз маҳакҳои (критерияҳои) муайянкунандаи ***миллат*** аст.

Дар ҳамин замина Ренан давлатҳои қадимаро мисол оварда, қайд мекунад, ки онҳо барои аҳолиашон «Ватан» ҳисобида намешуданд, лекин то андозае синоними ободӣ ва тамаддунсозиро доштанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки Ренан - ***«Ватан»*** ва хусусияти ***«ободкорӣ»***-ю ***«тамаддунсозӣ»*** ва будани гурӯҳи ***«патриотон» (ватанпарастон)***-ро аз нишонаҳои ***миллат*** мешуморад.

Дар мисоли забткориҳои халқиятҳои олмонӣ дар асри V –и милодӣ дар қитъаи Аврупо, Ренан қайд мекунад, ки онҳо хусусияти «нажодӣ»-ро тағйир надоданд, вале суло-

лавият (династия) ва ашрофият (аристократия)-и ҳарбиро ворид намуданд. Ин омил дигаргуниро дар Аврупо ва ташаккули миллиятҳоро баъди шартномаи Верден ва принсипи тақсимнопазириро ба вуҷуд овард, ки инро мо имрӯз дар зуҳури давлатдории миллии Фаронса, Олмон, Инглистон, Итолиё ва Испониё (яъне нимаи дуюми асри XIX, замони Ренан – Ш.Р.) дида метавонем.

Ренан хусусияти фарқкунандаи ин кишварҳоро мавриди баррасӣ қарор дода, қайд менамояд, ки онҳо аз халқиятҳои омехта иборатанд. Дар муқоиса бо Туркия, Ренан менависад, ки он чизе ки шумо онҷо (яъне дар Туркия) мушоҳида меномоед, дар ҳеҷ кадоме аз кишварҳои Аврупо ба назар намерасад, яъне турк, славянӣ, юнонӣ, арманӣ, араб, суриягӣ, курд тавре ки дар замони ғасб буданд, ҳамин гуна боқӣ мондаанд. Ренан ин ҳолатро ба ду хусусият тақсим менамояд ва менависад:

*«**Якум,** халқиятҳои олмонӣ дар огози муносибати худ бо юнониён ва лотиниҳо дини онҳоро қабул намуданд ва вақте ки голибон ва маглубон дини ягона доранд ё ин ки дурусттараш голибон дини маглубонро қабул мекунанд, аллакай низоми туркии тақсими одамон дар асоси дин ба вуҷуд намеояд* (саҳ. 92). Аз ин андешаи Ренан ба хулосае омадан мумкин аст, ки ***«умумияти дин»*** барои тамоми аҳолии давлат, яке аз меъёрҳои ***миллатсозӣ*** ба шумор меравад.

*«**Дуюм**, он ҳолат аст, ки голибон забони худро фаромӯш мекунанд ва бо забони маглубон гуфтугӯ менамоянд»* (саҳ. 92). Ренан дар ин ҷо ҳамчунин қайд мекунад, ки қабилаҳои истилогари франкӣ, бургундӣ, готӣ, ломбардӣ, норманӣ бо худ занҳои ҳамнажоди худро кам оварда буданд ва дар ҳоле ки роҳбаронашон занҳои олмонӣ мегирифтанд, вале кӯдакони онҳо дар тарбияи занҳои лотинӣ буданд. Аз ин сабаб, забонҳои франкӣ ва готӣ аз байн рафта, ҳама забони лотиниро истифода мебаранд. Ин гуна ҳолат танҳо дар Инглистон ба назар намерасад, зеро қабилаҳои англосаксӣ ҳамроҳи худ занҳои худро овар-

данд, инчунин қабилаҳои британӣ фирор мекунанд ва умуман забони лотинӣ дар Бритониё ягон вақт ҳукмрон набуд. Ренан бо зикри ин нукта хулоса менамояд: *«бо тамоми дуруштиаш забткориҳои олмониҳо ва давлати таҳмилнамудаи онҳо бо гузашти асрҳо намунаи беҳтарини миллат гашт»* (саҳ. 92). Аз ин андешаи Ренан ба хулоса омадан мумкин аст, ки ***«умумӣ будани забон»*** барои тамоми аҳолии давлат яке аз меъёрҳои ***миллатсозӣ*** ба шумор меравад.

Ренан дар мисоли миллатсозии давлати Фаронса қайд менамояд, ки гарчанде дар ташкили ин кишвар қисмати ками франкҳо ворид гашта бошанд ҳам, дар асри X тамоми аҳолиро фаронсавӣ меномиданд. Фарқият байни мардуми доро ва нодор хеле ҷиддӣ буд, ки онро фарқияти этнографӣ номидан мумкин нест. Ин фарқият дар ҷасурӣ, урфу одат, тарбияи аз насл ба насл гузаранда мебошад, ки ҷавҳари онро ғасбкорӣ ташаккул медиҳад. Низоми бофтае, ки ашрофон бо пайдоишашон ба он вобастаанд, дар асоси хизмати назди шоҳ ташаккул ёфт ва аз асри XIII ба низоми догматикӣ мубаддал гашт. Инро мо дар забткориҳои норманиҳо дида метавонем, гарчанде баъди ду-се насл онҳо аз авом ягон фарқ надоштанд, вале таъсири онҳо ба кишвари забткардаашон бо ворид намудани арзишҳо ва мафҳумҳои то он замон дар он ҷо мавҷуд набуда, ба монанди ***хислатҳои ҳарбӣ*** ва ***патриотизм (ватанпарастӣ)*** аҳамиятнок аст. Аз ин ҷо ба хулосае омадан мумкин аст, ки аз назари Ренан хусусияти ***истилогарии миллат*** ва ҳазм шудани ҳалқиятҳои гуногун дар дохили як давлат ***хусусияти миллатсозиро*** доро аст.

Аз назари Ренан хусусияти *«фаромӯшшавӣ ё гумроҳии таърихӣ яке аз омилҳои муҳимми ташаккули миллат мебошад ва барои ин рушди тадқиқоти таърихӣ дар бисёр ҳолат барои миллиятҳо хатаровар аст»* (саҳ. 93). Дар ҳақиқат пажӯҳиши таърихӣ далелҳои таҷовузнокро равшан менамояд, ки дар тамоми дигаргуниҳои шароити

сиёсӣ вуҷуд дорад, агарчи мақсади аслии он хеле хуб ҳам бошад. Аз назари Ренан *«ваҳдат дар асоси зӯроварӣ ё таҷовуз ба миён меояд, иттиҳоди Фаронсаи Ҷанубӣ ва Шимолӣ ин натиҷаи куштор ва террори тақрибан якасра аст. Шоҳи Фаронса, ки намунаи идеалии шаффофкунандаи (кристаллизатор)-и миллат дар давоми тақрибан як аср ба шумор мерафт ва беҳтарин ваҳдати миллиро дар таърих ба вуҷуд овард, мақоми худро дар натиҷаи пажӯҳиш аз даст дод ва миллати бунёдкардааш ба ӯ лаънат мефиристад ва ҳоли ҳозир (яъне дар нимаи дуюми асри XIX-Ш.Р.) танҳо одамони бофарҳанг чӣ андоза аҳамиятнок будани амалкарди ӯро медонанд»* (саҳ. 93).

Аз ин ҷо ба хулосае омадан мумкин аст, ки ба андешаи Ренан ҷой доштани ***«фаромӯшӣ», «гумроҳии таърихӣ»*** ва ***«таҷовуз ё зӯроварӣ»*** барои ташаккули ***ваҳдати миллӣ*** омили муҳим аст ва хусусияти ***миллатсозиро*** дорад. Ин амал гоҳе бо роҳи зулм ва гоҳе бо роҳи адл намоён мегардад, ки онро дар фарқияти таърихӣ дидан мумкин аст, вале пажӯҳишҳои бештар дар ин соҳа метавонанд ин дасторвардро аз байн баранд.

Ренан дар мисоли хонадони шоҳии Ҳабсбургҳо менависад, ки онҳо барои нигоҳ доштани ҳокимияти худ хусусиятҳои фарққунандаро дар халқиятҳои тобеъ нигоҳ медоштанд ва инчунин душмании онҳоро бо якдигар дастгирӣ менамуданд. Сиёсати туркии (модели туркии) тақсим намудани мардум дар асоси дин оқибати нохуш дошт ва умуман ба фаношавии Шарқ овард. *Яъне хусусияти миллат дар он аст, ки тамоми фардҳо умумиятҳои зиёд доранд ва онҳо бисёр чизро фаромӯш кардаанд***.** Ренан дар мисоли Фаронса менависад, ки имрӯз (яъне дар нимаи дуюми асри XIX-Ш.Р.) фаронсавиҳо намедонанд, ки онҳо кӣ ҳастанд: алан, бургунд ё вестгот. Гуфта наметавонанд, ки насаби аслии фаронсавӣ доранд, зеро онҳо бисёр чизро фаромӯш намудаанд.

## Андешаҳо перомуни ташаккулёбии миллати муосир

Ба ақидаи Ренан *«Миллати муосир натиҷаи таърихии як қатор далелҳо аст, ки ҳар кадоме дар як самт ҳаракат доранд. Ваҳдат гоҳе аз тарафи хонадони шоҳӣ (Фаронса), гоҳе бо хоҳиши бевоситаи музофотҳо (Ҳуланд, Суис, Белгия), ё бо рӯҳияи умумӣ, ки оҳиста-оҳиста нози феодализмро маглуб менамуд (Олмон, Итолиё) амалӣ мешавад. Ҳама вақт сабабҳои асосӣ, аз ин ташаккулёбиҳо пештар ба вуҷуд меоянд. Мо дидем, ки дар рӯзҳои мо чи гуна Итолиё бо вуҷуди маглубияташ муттаҳид мешуд, вале Туркия бо голибияташ дар ин самт заиф мегашт. Ҳар маглубият Итолиёро ба пеш ва ҳар голибият Туркияро ба ақиб мекашид. Зеро Итолиё миллат буда, Туркия (бо истисноии Осиёи Хурд) миллат нест* (саҳ. 94).

Ренан дар ин иртибот андешаи худро перомуни фаҳмиши мафҳуми миллат дар давлатҳои мухталифи аврупоӣ чунин иброз менамояд: *«Ифтихори Фаронса дар он падид меояд, ки замони Инқилоб мо эътироф кардем, ки миллат бо хоҳиши худ вуҷуд дорад. Мо набояд аз он нигарон бошем, ки дигарҳо ба ин дидгоҳи мо пайравӣ доранд. Принсипи миллат принсипи мост. Валекин худи миллат чист? Барои чӣ Ҳуланд миллат асту Ҳановер ва Ҳерсогии кабири Парм миллат нестанд? Чӣ гуна Фаронса метавонад худро миллат шуморад, дар он ҳолат, ки принсипи ба вуҷуд овардааш аз байн рафтааст? Барои чӣ Суис бо се забон, ду дин ва бо се ё чаҳор қабила миллат асту Тоскана бо якрангиаш миллат нест? Барои чӣ Утриш на миллат, балки давлат аст? Принсипи миллият аз принсипи нажод бо чӣ фарқ мекунад? Ба ин суолҳо ҳар як ақли дарккунанда ҷавоб ёфтан мехоҳад. Корҳои имрӯзаи ҷаҳон бо чунин андешаҳо идора намегарданд, вале одамони андешаманд кӯшиш доранд, ки ба он равшанӣ андозанд, то набовариe, ки бо он ақлҳои зоҳирнок рӯ ба рӯ мешаванд, бартараф гардад* (саҳ. 94).

Ренан дар гузориши худ ақидаи назарияпардозону сиёсатшиносони онвақтаро низ қайд мекунад, ки ба андешаи онҳо *«миллат пеш аз ҳама сулола аст, ки он таҷассумгари ғасбкориҳои қадима буда, сараввал қабул ва баъдан фаромӯш шудааст… гурӯҳбандии музофотҳо, ки аз тарафи сулолаи шоҳӣ бо ҷанг, бо никоҳ, бо шартнома ба вуҷуд омадааст, бо таназзули сулолаи шоҳӣ аз байн меравад* (саҳ. 94).

Ба тақвияти ин фикр, Ренан дар мисоли кишварҳои Аврупо андеша меронад, ки онҳо дар асосӣ насабҳои шоҳи миллат шуданд ва дар мисоли Итолиё мегӯяд, ки бо надоштани сулолаи шоҳии ягона, Итолиё дер миллат нашуд. Ин маҳак (яъне вуҷуд доштани сулолаи шоҳӣ) қонуни мутлақ нест ва дар мисоли ташаккули миллати суисӣ ва амрикоӣ (ИМА) иброз медорад, ки дар ташаккулёбии худ онҳо аз принсипи сулолаи шоҳӣ истифода накардаанд. Дар инкори мутлақияти миллатсозии сулолаи шоҳӣ, Ренан мисоли Фаронсаро меорад ва саволеро ба пеш мегузорад: яъне то кадом андоза он (яъне сулолаи шоҳӣ) миллӣ буд, ки баъди аз байн рафтанаш миллати фаронсавӣ боқӣ монд? Ренан хулоса мекунад, ки баъди таърихи тӯлонии азият, инсоният ба рӯҳияи Аттиқа ба эҳтироми худ, ба ғояҳои ҳуқуқи худ баргашт. Мафҳумҳои «Ватан» ва «Шаҳрванд» мазмуни аслии худро аз сари нав дарёфт намуданд. Ренан ин амалро ба кори ҷарроҳ монанд менамояд ва мегӯяд, ки ин ба кори физиолог монанд аст, яъне тани мурдаи дил ва зеҳн надоштаро ба ҳолати аввалияаш баргардонд. Ба назари Ренан ***рӯҳияи Аттиқа*** ва ***эҳтиром ба худ*** ва ***ҳуқуқи худ,*** яке аз омилҳои муҳимми ***миллат*** ба шумор меравад ва дар ҳамин замина ***миллат*** ташаккул меёбад ва ҳамчунин дар ташаккул ва бунёди миллат нақши сулолаи шоҳӣ дар мисоли кишварҳои аврупоӣ калидӣ аст, агарчи бе ин принсип низ миллат вуҷуд дошта ва ташаккул ёфта метавонад. Яъне дар самти миллатсозӣ Ренан ба ҷой надоштани қонуниятҳои мутлақ боварӣ дорад.

## Принсипи кӯҳнаву нав ва омилҳои «муҳимми» миллатсоз

Ба андешаи Ренан, *«миллат бе принсипи сулолаи шоҳӣ низ метавонад вуҷуд дошта бошад. Ва ҳатто миллатҳое, ки аз тарафи сулолаҳо бунёд ёфтаанд, метавонанд аз онҳо ҷудо шаванд ва боз ҳамчун миллат боқӣ монанд»* (саҳ. 95).

Ренан бар он назар аст, ки *«дар замони муосир (нимаи дуюми асри XIX - РШ) мумкин нест, ки принсипи кӯҳна дастгирӣ ёбад, зеро он танҳо ҳуқуқи шоҳзодаҳоро (сулолаҳои шоҳӣ) ба назар мегирад. Ба ғайр аз ҳуқуқи сулолаҳои шоҳӣ боз ҳуқуқи миллат вуҷуд дорад. Дар кадом меъёр ин ҳуқуқи миллӣ асос меёбад? Бо кадом хусусият шинохта мешавад? Аз кадом далели даркшаванда бармехезад?»* (саҳ. 95). Бо гузоштани чунин суолҳо Ренан ба баррасии омилҳои муҳимми миллатсоз оғоз мекунад ва ҳар яки онро дар алоҳидагӣ шарҳ медиҳад.

**Якум, нажод.** Яке аз нишонаҳои миллатро ***нажод*** номидан мумкин аст. Тақсимоти сунъӣ дар замони феодализм ва оила барпокунии шоҳзодаҳо ва нишастҳои дипломатҳо абадӣ нестанд. Устуворият ва доимиятро танҳо нажоди халқҳо доро аст, ки аз он ҳуқуқ ва қонуният бармеояд. Аз рӯи ин назария оилаи олмонӣ метавонад тамоми аъзои парокандаи худро сарҷамъ намояд, ҳатто дар он ҳолате, ки дигарҳо (яъне дигар давлатҳои олмонӣ) онро намехоҳанд. Дар ин ҷо ҳуқуқи олмоният нисбат ба ин ё он музофот болотар аз ҳуқуқи бошандагони ин музофот аст. Дар ҳамин ҷо ҳуқуқи аввалия, ки ба монанди ҳуқуқи «илоҳӣ» ва шоҳӣ аст, ба вуҷуд меояд ва ҷои принсипи миллатро принсипи этнографӣ мегирад. Ва ин ҳолат аз назари Ренан барои тамаддуни Аврупо хатаровар буда, метавонад таҳдидҳо ва қурбониёни зиёдро ба вуҷуд оварад.

Ренан аз таърих мисолҳо оварда, қайд мекунад, ки ягон миллати кишварҳои Аврупо нажоди умумӣ надорад ва дар мисоли Фаронса хулоса менамояд, ки *«фаронсавӣ*

*бо роҳбарии шоҳи Фаронса аз дохили оташдоне баромадааст, ки халқиятҳои гуногун ба ҳам омехта карда шудаанд»* (саҳ. 97). Ҳамчунон ба ақидаи Ренан *«миллатҳои пешсафи Аврупо миллатҳое мебошанд, ки хуни омехта доранд»* (саҳ. 98). Дар зимн, Ренан умумияти хунро низ зери танқид гирифта, ба ҷой доштани миллат дар асоси хуни ягона зид мебарояд ва қайд мекунад: *«Таърихи инсоният бо вижагии худ аз зоология фарқи ҷиддӣ дорад. Ба монанди хояндаҳову гурбашаклҳо дар таърихи инсоният нажод аҳамияти куллиро надорад. Барои ҳамин ғайриимкон аст, ки бо дидани косахонаи сари одам муайян намуд ва гуфт, ки «ту аз хуни моӣ… ва ба мо тааллуқ дорӣ». Ба ғайр аз симои антропологӣ боз ақл, адолат, хақиқат ва зебоӣ вуҷуд дорад, ки барои ҳама одамон ягона аст»* (саҳ. 98).

Ренан ҳушдор медиҳад, ки сиёсати этнографӣ хеле нозук аст, агар дастовардҳои он имрӯз ба фоидаи мо бошад, фардо метавонад зид шавад. Дар бобати тадқиқотҳои этнографӣ пешниҳод менамояд, ки онро барои ҳама фаромӯш кардан беҳтар аст. Ренан мегӯяд: «*ман этнографияро дӯст медорам вале намехоҳам, ки он дар сиёсат амалӣ шавад*» (саҳ. 98). Дар асоси назарҳои дар боло иброзгашта хулоса намудан мумкин аст, ки Ренан умумияти **нажод**ро дар ташаккули миллат муҳим намешуморад.

**Дуюм, забон.** Забон хусусияти иттиҳод карданро дорад вале онро таҳмил наменамояд. Ренан мегӯяд: *«ИМА ва Инглистон (инглисӣ), Амрикои Лотинӣ ва Испания (испанӣ) бо як забони воҳид ҳарф мезананд, вале миллати воҳидро ташкил намедиҳанд. Аммо Суис бо 3 ё 4 забони худ миллатро ташаккул медиҳад, зеро ин амал дар инҷо бар асоси розигии умумии қисматҳои (халқиятҳои) гуногунаш сурат гирифтааст»* (саҳ. 98).

Дар инсон унсури болотар аз забон аст, ки онро Ренан **хоҳиш** меномад. Хоҳиши Суис барои иттиҳод новобаста аз гуногунии забон далели муҳим аз он аст, ки умумияти забон бо зулм таъмин карда мешавад. Ин нуктаро Ренан

дар асоси таърихи Фаронса нишон медиҳад ва қайд менамояд, ки аҳамияти сиёсии забонро бо ин далел тарҷеҳ медиҳанд, гӯё он нишондиҳандаи нажод бошад, ки комилан хатост. Вай дар асоси таърихи миллиятҳои аврупоӣ, яҳудӣ, арабӣ, мисрӣ ин нуқтаро исбот менамояд. Аз назари Ренан *«забонҳо бунёдёфтагони таърих буда, маълумоти камтаринро дар бобати хуни одамони бо онҳо сӯҳбаткунанда медиҳанд»* (саҳ. 98) ва чунин хулоса мекунад, ки ҳарф задан бо забон нишондиҳандаи нажод буда наметавонад. Дар асоси назарҳо дар бобати забон, ки дар боло баён гашт, хулоса намудан мумкин аст, ки Ренан умумияти ***забон***ро дар ташаккули ***миллат*** муҳим намешуморад.

**Сеюм, дин.** Ба андешаи Ренан дин низ омили ташаккулдиҳанда ва муайянкунандаи миллат нест, зеро дин бо мавҷудияти гурӯҳи иҷтимоӣ вобастагӣ дошт. Гурӯҳи иҷтимоӣ дар навбати худ калоншавии оиларо мемонад ва дар он анъана ва дин – анъанаи оила буд. Ренан дар мисоли таърихи Афина ва дигар кишварҳо муҳим набудани динро исбот менамояд ва бо истифода аз воқеияти Аврупои замони худаш қайд мекунад, ки дин аллакай кори шахсӣ аст, зеро имрӯз кишварҳои пурра католикӣ, протестантӣ вуҷуд надорад ва одам метавонад, фаронсавӣ, инглис ва олмонӣ бошад дар ҳолате, ки динаш католикӣ, пртотестантӣ ва яҳудӣ аст. Дар асоси ин назар хулоса намудан мумкин аст, ки Ренан умумияти ***динро*** дар ташаккули ***миллат*** муҳим намешуморад.

**Чорум, манфиат**. Аз назари Ренан умумияти манфиат низ хусусияти миллатсозӣ надорад. Дар ин замина Ренан савол мегузорад, ки оё дар асоси умумияти манфиатҳо миллат шудан мумкин аст? Ва ҷавоб медиҳад, ки не. *«Умумияти манфиат ба шартномаҳои тиҷоратӣ оварда мерасонад. Миллият аз назари Ренан ин як тарафи эҳсосот аст – он дар як вақт ҳам рӯҳ ва ҳам тан мебошад, лекин* ***Ватан*** *буда наметавонад»* (саҳ. 100). Дар асоси ин ан-

деша хулоса намудан мумкин аст, ки Ренан умумияти ***манфиат*** ро дар ташаккули ***миллат*** муҳим намешуморад.

**Панҷум, ҷуғрофиё ва талаботҳои ҳарбӣ.** Ҷуғрофияро бештар ҳудудҳои табиӣ меноманд, ки он дар тақсимоти миллатҳо зарур буд. Ҷуғрофиё омили муҳимми таърих аст. Андешае, ки миллат метавонад танҳо дар ин ҳудуд зиндагӣ кунад, хеле тааҷҷубовар аст. Ин нукта доктринаи ғасбкориро ҳимоя мекунад ва дар асоси он ҷангҳои давомдор барои баромадан ба ҳудудҳои табииро сафед ва талаботҳои ҳарбиро низ зарур мешуморанд. Бар хилофи он чунин назар дорад: *«миллат на гурӯҳе, ки бо намуди сатҳи замин муайян карда мешавад, балки принсипи рӯҳӣ, натиҷаи душвориҳои жарфӣ таърихӣ ва оилаи рӯҳӣ мебошад»* (саҳ. 101).

Дар асоси назарҳои дар боло баёнгашта, хулоса намудан мумкин аст, ки Ренан ***ягонагии ҷуғрофиё*** *ва* ***талаботҳои ҳарби*****ро** дар ташаккули ***миллат*** муҳим намешуморад.

### Миллат ҳамчун рӯҳ ва принсипи маънавӣ

Ренан дар иртибот ба ақидаҳои дар боло қайд намудааш барои натиҷагирӣ чунин мегӯяд: *«Мо дидем, ки нажод, забон, манфиатҳо, ҳамтабории динӣ, ҷуғрофиё ва талаботҳои ҳарбӣ барои бунёди чунин принсипи маънавӣ (яъне миллат) нокифоя аст. Боз чӣ лозим аст?»* (саҳ. 101) ва ба андешаронии ниҳоиаш оғоз мебахшад: *«миллат рӯҳ ва принсипи маънавист. Ин ду моҳияти ягона доранд ва рӯҳ ва моҳияти маънавиро ташаккул медиҳанд. Яке дар гузашта, дигаре дар оянда. Яке доштани ёддошти бою мероси умумӣ, дигаре розигии умумии ҳамроҳ зистан ва дар ҳамҷоягӣ истифода намудани мероси тақсимнашавандаро дорад… Миллат… натиҷаи талошҳои давомдор, қурбониҳо ва худфидоиҳо мебошад. Ибодати аҷдодон аз ҳама қонунитарин аст, зеро онҳо моро ингунае, ки ҳоло ҳастем бунёд карданд. Гузаштаи пурифтихор, одамони бузург –*

*сармояи муҳимест, ки дар асоси он идеяи миллӣ ташаккул меёбад. Доштани шараф дар гузашта ва хоҳиш дар оянда, нишон додани амалкардҳои олӣ ва ҳамчунин дар оянда хостани онҳо шароити асосӣ барои миллат будан мебошад»* (саҳ. 101).

Ба андешаи Ренан азияти умумӣ муҳимтар аз ғолибият аст, зеро азият ӯҳдадориро пеш меоварад, азият ҳаракати умумиро ба вуҷуд меорад. Барои ҳамин: *«инсон на ғуломи нажод, на забон, на дин, на ҷараёни дарёҳо ва на рафти қаторкӯҳҳо мебошад.* ***Ҷамъи зиёди одамон бо ақли солим, ки аз таҳти дил хоҳони бунёди шуури маънавӣ ҳастанд, миллат номида мешаванд»*** (саҳ. 103).

Миллат аз ризоияти устувор бар ҳиссиёти қурбонӣ иборат аст, ки дар гузашта кор кардаву дар оянда мекунанд. Миллат хусусияти гузаштаро дошта, маънии дар асоси хоҳиш давом додани зиндагии якҷоя дар ояндаро дорад. Вуҷуд доштани миллат таҳкими абадияти ҳаёт аст. Хоҳиши миллат ягона маҳаки қонунӣ аст, ки бояд ба он ҳамеша баргашт.

## Хулоса

Ренан аз ҷумлаи мутафаккирони камшуморе мебошад, ки андешаҳош дар бобати миллат бо гузашти вақт аҳамияти худро гум намекунанд. Ӯ пешниҳод менамояд, ки миллат ҳамчун рӯҳ ва принсипи маънавӣ дар асоси розигии бо ҳам зистан фаҳмида шавад. Омили маҷбуркунӣ ва ба ин раванд зӯран шомил намудан аз рӯи андешаи ӯ ба устувории миллат халали ҷиддӣ мерасонад. Ӯ аз авввалин мутафаккироне аст, ки омили нажод, забон, дин, манфиат, ҷуғрофиёи зист, талаботҳои ҳарбиро ҳамчун нишонаҳои миллат инкор намуда, далелҳои худро бо истифода аз таърих ва воқеияти Аврупо ва дунёи замони худаш меорад. Албатта фикру андешаҳои Ренан дар худи навиштаи зерин ба ҳамдигар зид мебароянд ва барои дидану татбиқ шудан дар ҳаёти воқеӣ хеле мушкиланд. Бо

вуҷуди ин, Ренан яке аз аввалин намояндагони равияи конструктивизм дар миллатшиносӣ ба шумор меравад ва худро тарафдори миллати шаҳрвандӣ (этатизм) иброз медорад. Новобаста аз камбудиҳо ва норасоиҳое, ки дар андешаронии Эрнест Ренан дар бобати миллат ва миллатсозӣ ҷой доранд ва он танҳо аз контексти таърихи Аврупо баён гаштааст, ин афкор барои муҳаққиқони миллат, миллатгароӣ ва давлати миллӣ қобили омӯзиш аст.

**Манбаъ**:

Ренан Э. Что такое нация? // Ренан Э. Собрание сочинений в 12-ти томах. Перевод с французского под редакцией В.Н. Михайловского. Т.6. Киев, 1902. С.87-103.

Маводи аслиро дар суроғаи зерини саҳифаи интернет дарёфт намудан мумкин аст:

http://www.hrono.info/statii/2006/renan_naci.html

# БОБИ II.
# ЭНТОНИ ГИДДЕНС
# «ХУСУСИЯТҲОИ ДАВЛАТИ КЛАССИКӢ ВА МУОСИР»

## Ҳолнома

**Барон Энтони Гидденс** (ба инглисӣ **Baron Anthony Giddens**) сотсиологи шинохтаи инлис 18 январи соли 1938 дар шаҳри Лондони Инглистон ба дунё омадааст. Бакалавриро дар донишгоҳи Ҳалл соли 1959 хатм намуда, дараҷаи магистриро дар Мактаби Лондонии иқтисод ва илмҳои сиёсӣ дарёфт мекунад. Рисолаи доктириро соли 1974 дар донишгоҳи Кембриҷ ҳимоя намуда, аз соли 1987 профессори донишгоҳи мазкур ба шумор меравад. Солҳои 1997-2003 вазифаи директори Мактаби Лондонии иқтисод ва илмҳои сиёсиро ба зимма дошт. Аз ҷумла мушовири Сарвазири Бритониё Тони Блэр ба шумор мерафт. Соли 2002 ба ҷоизаи шоҳзода Астурия дар қисми илмҳои иҷтимоӣ сарфароз гаштааст. Муаллифи 34 китоб ва бештар аз 200 мақола мебошад.

## Тезисҳои асосӣ

Энтони Гидденс дар боби X китоби худ «Сотсиология» ба масъалаи таҳаввули давлат назар меандозад ва вобаста ба таҷрибаи ҷаҳонӣ нуктаҳои муҳими рушди онро вобаста ба дигар шудани имконият, восита, усулҳои идоракунӣ ва моҳияти он таҳлил менамояд. Энтони Гидденс бар он назар аст, ки инсоният аз оғози таърих то кунун се модификатсияи давлатро аз сар гузаронидааст. Ҳар яки он дар давраҳои муайян рушд намуда, вобаста ба амри замон табиати қудрати худро муайян менамуданд. Бо нишон додани се таҳаввули давлат Энтони Гидденс хулоса менамояд, ки **давлати миллӣ, ин шакли сеюм ва ҳоли ҳозир ниҳоии давлат аст (*инро ӯ шакли муосири***

***давлат ном мебарад-Ш.Р.* сах̣. 291). Аз назари Энтони Гидденс ҳамаи давлатҳои муосири дунё давлати миллӣ мебошанд.**

Ҳоло мехоҳем бевосита ба баррасии навиштаи Энтони Гидденс гузарем ва назари ӯро нисбат ба таҳаввулоти давлат инъикос намоем.

## Ҷамъиятҳои бедавлат

Энтони Гидденс андеша дорад, ки дар муддати зиёди таърихи инсоният давлат вуҷуд надошт. Дар давраи шикорчиён, ҷамъоварони ибтидоӣ ва ҷамоатҳои хурди кишоварзӣ мақомоти махсуси ҳокимияти сиёсӣ дида намешуд. Бо вуҷуди ин, дар ***ҷамъиятҳои бедавлат*** (саҳ. 289) ягон бесарусомонӣ ба вуҷуд намеомад, зеро роҳу воситаҳои дигаре мавҷуд буд (механизмҳои ғайрирасмии идоракунӣ. саҳ. 289), ки бо истифода аз он қарорҳои муайянкунандаи тақдири ҷамоат қабул мегаштанд ва баҳсҳои мавҷуда ҳаллу фасли худро меёфтанд. Одатан қарорҳо дар доираи гурӯҳҳои оилавӣ қабул мегашт ва агар дар ин ҷо якдигарнофаҳмӣ ба вуҷуд меомад, он боз ба қисмати хурд тақсим мегашт.

Дар дигар ҷомеаҳои хурди фарҳангӣ унсурҳои муттамарказии сиёсӣ пайдо мегардид, вале давлати ҳақиқӣ ташаккул намеёфт. Дар ин ҷомеаҳо ҳоким вуҷуд дошт ва ҳама аҳолии боқимонда ӯҳдадор буданд, ки ба он итоат кунанд. Худи ҳокимон аз рӯи анъана одами ҳарбӣ ё роҳиб ва ё ҳам ину ҳам он буданд. Онҳо ҳуқуқи даъвати зертобеони ҳарбиро барои дастгирии қарорҳои худ доштанд. Одатан пешво бо кумаки шӯро ва ё наздиконаш хукм меронд.

## Ҷамъиятҳои давлатӣ (тамаддунҳои анъанавӣ)

Дар ин гуна ҷамъиятҳо ҳокимон ба шоҳон ё императорон мубаддал гаштанд, ки дарбор ва қасрҳои боҳашаматро нигаҳ медоштанд. Онҳо лашкарро барои таъмини

оромӣ байни мардум ва васеъ намудани ҳудудҳои худ истифода мебурданд ва таҳти фармони хеш нигаҳ медоштанд. Шахсони расмиро таъин менамуданд, ки барои иҷро намудани корҳои ҳаррӯзаи идорӣ машғул буданд. Инчунин судҳои махсусгардонидашударо ташкил мекарданд, ки барои бурдани ҳакамот ва ҷазо додани ҷиноят-корон истифода мегашт.

Давлатҳои анъанавӣ ва давлатҳои муосир якчанд хусусиятҳои умумиро соҳибанд. Хусусияти фарққунандаи давлат дар дастгоҳи сиёсии он (мақомоти ҳукуматӣ, дарбор, парлумон, конгресс ва ҳамчунин хадамоти расмии шаҳрвандӣ) таҷассум мегардад, ки ба воситаи он идоракунии ин ***ҳудуд*** (саҳ. 289) ба анҷом мерасад. Ин мақомоти ҳокимият аз тарафи ***низоми ҳуқуқии бунёдёфта*** (саҳ. 289) тақвият меёбанд ва барои амалӣ намудани сиёсати худ, метавонанд аз қувва истифода баранд.

Энтони Гидденс дар ин ҷо тахмин менамояд, ки бо баррасии алоҳидаи ҳар як хусусиятҳои давлат, тасаввуроти дақиқи табиати ҳокимияти давлатӣ ҳувайдо мегардад.

## Се хусусияти асосии давлат

Ба андешаи антропологҳо ва бостоншиносон дар оғози таърихи инсоният аксарияти ҷомеаҳо бедавлат буданд ва мафҳуми давлат барои онҳо умуман рост намеомад. Аммо бархе аз олимон дар бобати мавҷуд набудани ***«ҳукумат»*** ва ***«сиёсат»*** мавқеъҳои гуногунро ҷонибдорӣ менамоянд ва андешаҳои зидро тарафдоранд. Зеро дар кадом ҷомеае набошад ин унсурҳо бо зуҳуроти дигар иваз мешуданд ва дар шакли гуногун ҷой доштанд. Аз ин рӯ, Энтони Гидденс пешниҳод менамояд, ки ба ҳайси хусусияти якум ***«давлат»*** ва ***«сиёсат»*** (саҳ. 290) истифода гардад, ки дар худ падидаҳои гуногунро муттаҳид месозад.

***Хусусияти якум ин дастгоҳи сиёсӣ мебошад.*** Дар навиштаи худ Энтони Гидденс мафҳуми «ҳукумат»-ро

ҳамчун фаҳмиши қабули доимии қарорҳо ва фармонҳои сиёсӣ аз тарафи шахсони расмӣ дар дастгоҳи сиёсӣ истифода менамояд. Ба ин шахсони расмӣ, шоҳону императорон ва дарбориёни онҳо, намояндагони интихобшудаи ҳокимият ва хизматчиёни давлатиро метавон дохил кард. Энтони Гидденс қайд менамояд, ки: *«агар мо дар бобати ҳукумат сӯҳбат намоем, мо пеш аз ҳама худи раванди идоракунӣ ва ҳукуматро дар назар дорем, яъне дастгоҳи мансабдоронро, ки ба ҳаракатҳои идоравӣ ҷавобгар ҳастанд»* (саҳ. 290).

Дар ин иртибот Энтони Гидденс сиёсатро чунин таъриф менамояд: *«Сиёсат воситае мебошад, ки ба он қудрат барои амалӣ намудани мақсадҳои худ даст мезанад ва мазмуни асосии фаъолияти ҳукуматро таҷассум менамояд»* (саҳ. 290). Соҳаи сиёсат метавонад фаротар аз институтҳои давлатӣ бошад. Имрӯзҳо воситаҳои гуногуне мавҷуданд, ки аз он шахсони берун аз дастгоҳи ҳукуматӣ қарор дошта, барои таъсиррасонии худ ба равандҳои сиёсӣ, истифода менамоянд. Аз назари Энтони Гидденс ба он ҳаракатҳои ҷамъиятӣ, ки дар ҷомеаҳои муосир ҷой доранд, дохил мешаванд. Онҳо фаъолияти худро берун аз чаҳорчӯби қабулгардидаи сиёсӣ ба роҳ монда, кӯшиш менамоянд, ки ба ҳукумат фишор оранд ва ё онро сарнагун намоянд.

***Хусусияти дуюм ин ҳудуд мебошад.*** Ҷамоатҳои шикорчиён ва ҷамъоварон ҳудуди муайяни қайдшуда надоштанд. Онҳо дар фазои васеъ ҳаракат менамуданд. Ҷамоатҳои хурди кишоварзӣ нисбат ба дигарон ба замин рабти наздик доштанд. Вале онҳо фаҳмиши дақиқи марзро надоштанд, ки онҳоро аз дигар гурӯҳҳо ҷудо намояд. Бо пайдо шудани мақомоти ҳокимияти сиёсӣ ҳудудҳое, ки онҳо идора менамуданд, мушаххас мегардад. Дар фарқият аз шаклҳои пешини ҷамъият, давлат хусусияти зоҳиршавандаи ғасбкоронаро дошт. Дар ҳар ҷое, ки ҳокимон имконияти ғасб намудани ҳудуди нав ва бо ин роҳ васеъ

намудани фазои таъсири худро медиданд, ҳатман аз он истифода мекарданд.

***Хусусияти сеюм ин «қонун» ва «истифодаи қувва» мебошад.*** Низоми ҳуқуқӣ дар ҷое ҷой дорад, ки фардҳои махсус барои иҷрои адолати судӣ фаъолият доранд. Дар ҷамоатҳои нисбатан бузург низоъ бо роҳи ҷамъи одамон ва ё гурӯҳҳои оилавӣ ҳал мегашт. Дар чунин ҷомеаҳо гурӯҳи махсусе, ки ба дӯши худ танзим ва ӯҳдадории истифодаи қувва ва ҳимояи қарорҳои ҷамоатро мегирифт, дида намешавад. Дар ҳолатҳои гуногун масъалаи адолати судиро ба дасти худ оила ё гурӯҳи ақрабо мегирифтанд, ки ба оғози қасоси хунӣ оварда мерасонид. Вале бо рушди давлат, низоми махсусгардонидашудаи ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд, яъне қонун ва судҳои низомнокшуда, ки аз ҳуқуқи истифодаи қувва бархурдор буданд, онро дар ҳолати сарпечӣ аз қарорҳои қабулшуда, истифода мекарданд.

Дар давлатҳои анъанавӣ одатан фарқияти ҷиддӣ байни амалкард ва функсияи артиш ва қувваҳои махсусгардонидашудаи полис дида намешуд ва дар бисёр ҳолатҳо барои иҷрои қарорҳои қонунӣ қувваи артиш истифода бурда мешуд.

## Давлатҳои муосир

Чуноне ки дар қисмати «тезисҳои асосӣ» қайд намуда будем, Энтони Гидденс ҳамаи давлатҳои муосирро ба гурӯҳи давлатҳои миллӣ ворид менамояд. Дар тафсири ин давлатҳо чунин андешаро баён мекунад: *«ҳамаи давлатҳои муосир давлатҳои миллӣ мебошанд. Давлатҳои миллӣ ба талаботҳое, ки дар боло дар бобати муайян намудани мафҳуми давлат оварда шуданд, ҷавобгӯянд. Онҳо дорои дастгоҳи ҳукуматӣ, ҳудуди муайян, маҷмӯи ташаккулёфтаи қонунҳо буда, ҳуқуқи назорат аз болаи қувваҳои мусаллаҳро доранд»* (саҳ. 291). Вале ба андешаи Энтони Гидденс давлатҳои муосир аз давлатҳои анъанавӣ

бо чанд хусусияти назаррас фарқи ҷиддӣ дорад. Дар доираи ин андешаҳояш Энтони Гидденс критерияҳои муайянкунии давлати миллиро пешниҳод менамояд:

***Якум,*** ҳудудҳои идорашавандаи давлатҳои анъанавӣ ҳама вақт номуайян буд, ҳукумати марказӣ қудрати назорати пурраи онро надошт. Мафҳуми «соҳибихтиёрӣ», ки мазмуни аз тарафи ҳукумат идорашавии ҳудуди мушаххас бо марзҳои муайянро дорад ва дар доираи он қудрати олӣ ба ҳисоб меравад, ба хусусияти аслии давлатҳои анъанавӣ рост намеояд. Дар навбати худ ҳамаи давлатҳои миллӣ ташаккулёфта ва соҳибихтиёранд (саҳ. 291).

**Дар ин ҷо бояд қайд кунем, ки аз назари Энтони Гидденс соҳибихтиёрӣ, яъне мушаххас будани ҳудуду марз, қудрати олӣ шинохта шудани ҳокимият яке аз асосҳои муайянкунандаи давлати муосир, яъне давлати миллӣ мебошад.**

***Дуюм,*** дар давлатҳои анъанавӣ, ки аз тарафи шоҳ ё император идора мегашт, аксари аҳолӣ намедонистанд ва таваҷҷӯҳ ҳам намекарданд, ки аз тарафи кадом ашхос идора мешаванд. Одатан, танҳо синфҳои пешсаф ё гурӯҳи одамони доро тааллуқияти худро ба ҷамъияте, ки аз тарафи кадом як фард идора мегашт, ҳис менамуданд. Дар давлатҳои миллӣ бошад, бар хилофи боло, аксарияти одамон, ки дар доираи марзҳои низоми сиёсӣ зиндагӣ мекунанд, ***шаҳрванд*** (саҳ. 291) ҳисобида мешаванд ва ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои умумиро соҳибанд. Инчунин тааллуқияти худро ба ***миллат*** (саҳ. 291) қоиланд. Гарчанде ки дар дунёи муосир одамоне мавҷуданд, ки гурезагони сиёсӣ ва ё шахсони бешаҳрвандӣ ҳисоб мешаванд, аксарияти одамон худро ба ин ё он миллат ё низоми сиёсии миллӣ тааллуқ медонанд ва ин гуна ҳуввиятро соҳибанд.

**Аз ин бармеояд, ки аз назари Энтони Гидденс институти шаҳрвандӣ, доро будани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои умумӣ, доштани ҳуввияти миллӣ ё тааллуқ донистани худ ба низоми сиёсии миллӣ хусусияти умумиҷаҳонӣ буда, ҳамчун омили**

**фарқкунандаи давлати миллӣ баромад менамояд ва ҳамчунин дар маҷмӯъ яке аз асосҳои муайнкунандаи давлати миллӣ ба шумор меравад.**

***Сеюм,*** падид омадани давлатҳои миллӣ бо болоравии миллатгароӣ таҷассум мегардад. Дар иртибот ба ин суханони худ Энтони Гидденс чунин таърифи миллатгароиро пешниҳод менамояд: *«Миллатгароиро ҳамчун ҷамъи рамзҳо ва боварихо муайян намудан мумкин аст, ки фардро бо ҳиссиёти ҷазб будан ба умумияти воҳиди сиёсӣ таъмин мекунад. Аз ин ҷо фардҳо ҳиссиёти ифтихор бо таалluқ доштан ба «инглисҳо», «амрикоиҳо» ва «фаронсавиҳо»-ро ҳис менамоянд»* (саҳ. 291). Давоми фикри худро чунин баён мекунад: *«Одамон ҳамеша таалluқ доштани худро ба гурӯҳҳои иҷтимоӣ, масалан оилавӣ, кланӣ ё динӣ ҳис менамуданд. Вале миллатгароӣ бо рушди давлати муосир ба вуҷуд омада, ҳамчун воситаи асосии баён намудани эҳсоси ваҳдат ба умумияти соҳибихтиёрӣ мушаххас гардидааст»* (саҳ. 291).

Дар дунёи муосир иродатмандӣ ба манфиатҳои миллӣ на ҳама вақт бо марзҳои мушаххасгаштаи давлатӣ муайян мегардад. Аксарияти давлатҳои миллӣ дар асоси ҷомеаҳои гуногун бунёд ёфтаанд, ки ҳар кадоме решаҳои гуногунро доранд. Барои ҳамин ***миллатгароии маҳаллӣ*** (саҳ. 291*)* бар мухолифати он гурӯҳҳои миллӣ пайдо мегашт, ки онҳо афзалиятро бо ташкил шудани давлат соҳиб мегаштанд. Масалан, дар Британиёи Кабир миллатгароии шотландӣ ва уэлсӣ ҳамчун ҷавоб ба ташаккулёбии «ҳуввияти британиёӣ» пайдо гардидааст. Гарчанде муносибат байни давлати миллӣ ва миллатгароӣ хеле мушкил аст, вале дар табиати пайдоиши онҳо равандҳои умумӣ ниҳон мебошанд (саҳ. 292).

Энтони Гидденс андешаҳои дар боло гуфтаашро хулоса намуда, мафҳуми давлати миллиро чунин баён менамояд: «*Давлати миллӣ дорои **дастгоҳи сиёсӣ** буда, соҳиби ҳуқуқҳои шинохташудаи соҳибихтиёрӣ дар **марзҳои мушаххасшудаи ҳудудаш** аст. Он имконият дорад даъвои худро ба соҳибихтиёрӣ ба воситаи **қувваи ҳарбӣ** таъмин намояд. Аксарияти шаҳрвандони он назари мусбатро бо **таалluқ доштан ба ин ваҳдати миллӣ** ҳис мекунанд»* (саҳ. 292).

## Хулоса

Энтони Гидденс дар қисмати «Сиёсат, Ҳукумат ва Давлат»-и китоби худ кӯшиш намудааст дар бобати табиати давлатҳои муосир, бо иборaи худаш давлати миллӣ, андешаашро баён намояд. Барои фаҳмо гаштани мавқеи худ ва ба воқеият наздик будани назарияҳои пешниҳодгашта, муаллиф модификатсияи давлатро нишон дода, давлати миллиро ҳамчун натиҷаи рушдёбии институти давлат арзёбӣ намудааст. Чаҳор меъёре, ки вай дар таърифи давлати миллӣ пешниҳод мекунад ба аксарияти давлатҳои ҷаҳонӣ хос буда, онҳоро ҳамчун натиҷаи рушди фаҳмишҳо дар бораи давлат низ номидан мумкин аст. Энтони Гидденс давлати миллӣ ва миллатгароиро ҳамчун натиҷаи як раванд арзёбӣ намуда, хусусиятҳои фарқкунандаи онҳоро дақиқ нишон надодааст ва дар бештари андешаҳояш ба хусусиятҳои зоҳирии давлат ва миллат назар намуда, масъалаҳои ҷавҳарии онро сарфи назар менамояд. Новобаста аз чунин костагӣ, андешаҳои Энтони Гидденс дар бобати давлати миллӣ ва миллатгароӣ бо мухтасарӣ ва то андозае универсализми худ, қобили омӯзиш аст.

## Манбаъ:

Энтони Гидденс, Социология; Науч. ред. В. А. Ядов; Общ. ред. Л. С. Гурьевой и Л. Н. Иосилевича; [Пер. В. Малышенко и др.] Москва: Эдиториал УРСС, 1999

Қисмати истифодагаштаи китобро дар суроғаи зерини интернет метавонед пайдо кунед:

**http://www.gumer.info/bibliotek_Buks/Sociolog/gidd/10.php**

Матни пурраи китобро суроғаи зерини интернет метавонед дастрас кунед:

**http://www.gumer.info/bibliotek_Buks/Sociolog/gidd/**

# БОБИ III.
# ЮРГЕН ҲАБЕРМАС
# «МАФҲУМИ ДАВЛАТИ МИЛЛИИ АВРУПОӢ»

## Ҳолнома:

**Юрген Ҳабермас** (ба олмони **Jürgen Habermas**) файласуф ва сотсиологи шинохтаи олмонӣ соли 1929 дар шаҳри Дюселдорф  ба дунё омадааст. Аз соли 1964 профессор дар донишгоҳи шаҳри Франкфурти назди Майн интихоб мегардад. Намояндаи равияи неомарксизм ва мактаби Франкфурт мебошад. Таъсири андешаҳои Ҳоркҳаймер ва Адарноро дар худ ҳис намудааст. Солҳои 60-уми асри гузашта, дар бораи бӯҳрони иҷтимоии Аврупо мулоҳиза ронда, ба масъалаи ҳамкирдорӣ (interaction) назар менамояд ва шартҳои раҳонидани ҷомеа аз бӯҳронро пешниҳод мекунад. Асарҳои асосии Ҳабермас инҳоянд: Technik und Wissenshaft als Ideologie. Fr/M,1968; Zur Logik der Sozialwissenshaften. Fr./M.,1982;

## Тезиси асосӣ:

Ҳабермас дар мақолаи худ: «Давлати миллии аврупоӣ: дастовардҳо ва маҳдудияти он. Оид ба гузашта ваояндаи соҳибихтиёрӣ ва шаҳрвандӣ» чунин андешаро баён менамояд: давлати миллӣ дар Аврупо баъди инқилобҳои Фаронса ва Амрико падид омад ва пас аз шикасти низоми истеъморӣ ва аз байн рафтани империяҳои кӯҳан иқтидори худро пурзӯр намуда, насли сеюми давлатҳои миллиро ба вуҷуд овард, ки ин раванд баъди пош хӯрдани империяи Шӯравӣ то ҳол давом дорад. Давлати миллӣ аз нигоҳи Ҳабермас ду падидаи ҷамъиятӣ, яъне  миллат ва давлатро бо ҳам пайваст намуд. Аз назари Ҳабермас давлатҳои миллии аврупоӣ дар асри XX ба чунин дараҷа расидаанд, ки дар натиҷа муносибатҳои иқтисодии капитализм ба зинаи нави инкишофи муносибатҳои байналмилалӣ оварда расонид. Ҳабермас раванди мазкурро бо

мафҳумҳои «ҷаҳонишавӣ» ва «Multiculture» (бисёрфарҳангӣ) ифода менамояд. Ҷаҳонишавӣ барои давлатҳои аврупоӣ озмоиши ҷиддиеро ба пеш гузошт, ки яке аз меваҳои он пайдошавии равандҳои номатлуб мебошад, ки ба тамоми давлатҳои ҷаҳон таъсири худро расонида истода аст. Пеш аз ҳама ҷаҳонишавӣ ба пайдошавии қишри нави ҷомеа, ки онро «партовҳои ҷомеавӣ», яъне «маргиналҳо» (партовҳои иҷтимоӣ) меноманд, вобаста мебошад ва онҳо аз тарафи худ барои давлатҳои миллии аврупоӣ хатари амниятиро ба вуҷуд овардаанд. Ин гуна инсонҳо, ки аз ҳуқуқҳои сиёсии худ маҳрум мебошанд, бо ҳолати худ шаҳрвандонро ба тарс овардаанд. Таҳдиди дигар, ки масъулиятнокии кори давлатҳои миллии аврупоиро дар замони ҳозира тамоман заиф кардааст, ин танзими муносибатҳои дохилии ҷомеавӣ ва иқтисодӣ мебошад. Раванди мазкур бевосита аз ширкатҳои фаромиллӣ баромеояд, ки дар баробари фаъолияти онҳо қонунҳои давлати миллӣ маҳдудияти комили худро нишон медиҳанд.

**Фаҳмиши тосиёсӣ ва сиёсии миллат**

Мафҳуми «давлат» дар анъанаи илмҳои иҷтимоии олмонӣ се унсурро 1) Staatsgewalt – яъне шохаи иҷроия, ки соҳибихтиёрии дохилӣ ва берунаро таъмин менамояд, 2) Staatsgebiet – ҳудуди муайяни маҳдуд гардида ва 3) Staatsvolk – маҷмӯи шаҳрвандонро фаро мегирад. Дар давлати миллӣ барандаи истиқлолияти давлатиро маҷмӯи шаҳрвандон ташкил менамояд. Мағзи истиқлолияти ҳуқуқиро дастгоҳи бюрократӣ ташаккул медиҳад, ки ҳуқуқи истисноии истифодабарии фишор, таҷовуз ва маҷбуркуниро дар асоси қонун доро аст. Вобаста ба таъмини соҳибихтиёрии дохилӣ, вазифаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ, рисолати давлат ва ҷомеа бо ҳамдигар созиш меёбанд. Аз ин рӯ давлат аз як тараф, тартибот ва волоияти қонунро дар дохил таьмин менамояд ва аз тарафи ди-

гар дар корҳои беруна дар асоси қонунҳои байналмилалӣ, давлатҳои гуногун амнияти якдигарро риоя менамоянд. Яъне, ба андешаи Ҳабермас, давлати миллӣ пеш аз ҳама пайванди бюрократияву капитализм ва абзори пурмасъули навини замони ҳозира мебошад (саҳ. 365).

Давлат пеш аз миллат пайдо шудааст, аммо дар замони Нав, ки он аз асри XVIII сар мешавад, мафҳуми миллат ба худ хосияти соф сиёсиро қабул намуд. Барои нишон додани фарқияти миллат аз ҷиҳати сиёсӣ ва иҷтимоӣ, Ҳабермас ду мафҳум «Volknation» ва «Staatsnation»-ро истифода мебарад:. Мазмуни мафҳуми «Volknation» ягонагии пайдоиш, забон, хун ва хешовандиро дар бар дорад ва ҷомеаи тосиёсиро ифода менамояд. Аз тарафи дигар, «Staatsnation» ягонагии сиёсии шаҳрвандонро баён мекунад, ки дар он унсурҳои табиӣ мисли пайдоиш, хешигарӣ, хун асосӣ нестанд.

Мафҳуми миллат дар Аврупои асрҳои миёна гурӯҳи одамонро ифода менамуд, ки бо як забон гап мезананд ва аз як макони зист буданд. Бо чунин номгузорӣ одамон якдигарро аз ҳамдигар ҷудо менамуданд. Рафта-рафта бо мафҳуми миллат дар давлатҳои шоҳигарӣ табақаи болоии мардумро ифода менамуданд, ки шоҳ ба онҳо имконияти ҳузур доштан дар парламент ва дарборро иҷозат медод. Бештар чунин ҳолат дар кишварҳои Аврупои шимолӣ ва ғарбӣ паҳн шуда буд. Баъдан, дар баробари эъломи мубориза барои озодӣ ва ҳуқуқҳои демократӣ, бо мафҳуми миллат тамоми мардумро ифода менамуданд, ки дар натиҷа ҳамаи аҳолӣ ҳуқуқи шаҳрвандиро пайдо мекунад. Дар кишварҳои Аврупои шарқӣ ва марказӣ, ки Ҳабермас ба он Олмон ва Итолиёро дохил менамояд, дертар ба самти чунин идеяи миллӣ равона гардиданд. Шахсоне ки идеяи мазкурро (нависандагон, адибон, забоншиносон, ҳарбиён, дипломатҳо ва ғайра) дар байни мардум паҳн мекарданд, ба мафҳуми миллат хусусиятҳои тосиёсии онро, яъне умумияти забон, таърих ва фарҳан-

гро ворид мекарданд. Нуктаи аҷиби Ҳабермас бобати кишварҳои Аврупои марказӣ ва шарқӣ дар он зоҳир мегардад, ки ин ҷо мубориза на барои озодӣ ва ҳуқуқи шарҳвандӣ бурда мешуд, балки кӯшишҳо барои мутаҳидии миллат ва озодии он аз аҷнабиён дар мадди аввал меистод. *«Сохторҳои демократӣ дар он кишварҳо нисбатан устувор мебошанд, ки инкишофи ҳуввияти миллӣ якҷоя бо муборизаи инқилобӣ барои озодиҳои шаҳрвандӣ дар сарҳади мавҷудаи давлатӣ мегузашт, аммо демократияи ноустувор дар онҷо барпо шуд, ки ҷунбишҳои миллӣ ва ҷангҳо барои озодӣ бо забткорони хориҷӣ аввалин маротиба ба бунёд гаштани сарҳад барои давлати миллии ташаккулёфтаистода оварда расонид»* (саҳ. 367).

**Ҳуввиятсозии давлати миллӣ**

Давлатҳои миллии аврупоӣ барои мардуми худ шароитеро муҳайё намуданд, ки онҳоро Ҳабермас дар маҷмӯъ бо воситаи мафҳуми «шаҳрвандӣ» ифода менамояд. Шаҳрвандӣ барои инсон ҳуқуқҳои сиёсиро ато менамояд, ки дар асоси он умумияти нави ҷамъиятӣ, шуури миллӣ пайдо мегарданд ва ба ҳокимият асоси машрӯъиятро таъмин менамоянд. Мафҳуми шаҳрвандӣ ҳуввияти пештараро, ки умумияти мардумро дар асоси ҳамтаборӣ, пайдоиши умумӣ, забон ва ирсият пайваст мекард, ба ягонагии сиёсӣ ва ҳуқуқӣ мубаддал мегардонад. Ҳамин тавр, Ҳабермас муайян менамояд, ки дар Аврупои шимолӣ ва ғарбӣ раванди мубориза барои ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ аз миллат ба давлат мегузарад, аммо дар давлатҳои миллии Аврупои марказӣ ва шарқӣ ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ дар асоси фаъолияти давлат ва дастгоҳи давлатӣ, ки дар он ҳуқуқшиносон, низомиён ва дипломатҳо кор доштанд аз давлат ба миллат супорида мешавад. Ба ишораи Ҳабермас дар Аврупои ғарбӣ барои ба ҳуввияти нави миллӣ расидан, ҷангҳои диниро паси сар менамоянд. Ҳуввияти нав дар асоси ғояҳои миллатгароӣ пайдо мешавад ва ҳуввияти диниро иваз мекунад. Ҳамчунин дар раванди сиёсӣ, яке аз асосҳои машрӯъияти давлати нави ду-

нявиро тартиб дода, мардумро бо ҳамдигар муттаҳид месозад. Аз ин рӯ ҳуввияти миллӣ бояд ду масъаларо ҳал мекард. Миллатгароӣ ҳамчун омили гузариш ҳолати табаияти алоҳидаро ба ҳолати шаҳрвандӣ мубаддал месозад ва асоси машрӯъияти дунявии давлатро таъмин менамояд. (саҳ. 368).

Давлати миллӣ дар шакли ҷумҳурият ҳамчун намуди нави давлати муосир бар ивази шакли давлатдории шоҳигарӣ меояд ва барои тамоми шаҳрвандон ҳуқуқ ва вазифаҳои иштирок дар идоракунии давлатро муайян мекунад. Аммо аз нигоҳи Ҳаберамас барои мустаҳкам намудани муттаҳидии шаҳрвандон бояд ба воситаи анъана, устура, таърих ва адабиёти миллӣ ҳуввияти фарҳангиро офаридан зарур аст, ки мағзи ҳуввияти сиёсии ҷумҳуриро таъмин месозад. Дар ин маврид аз нигоҳи Ҳабермас, ҳуввияти миллӣ ва ҳуввияти мардумӣ, ки дар асоси ягонагии пайдоиш, забон ва фарҳанг ташаккул ёфтаанд, омезиш меёбад ва ҳуввияти фарҳангӣ метавонад шахсони гуногуни дар масофаи аз ҳамдигар дурро ба ҳам пайванд кунад ва ба ҳуввияти сиёсии ҷумҳурӣ пояи мустаҳкам бахшад. Бинобар ин, мафҳуми «шаҳрванд» на танҳо соф ҳуввияти сиёсию ҳуқуқиро, балки боз мансубият ба ҷомеаи фарҳангиро низ ифода менамояд. Давлати миллӣ бо якҷоягии ин ду унсур, яъне ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва фарҳанги миллӣ, тавонист як ҳамгироии нави иҷтимоиро созад, ки Ҳабермас онро «ташаккули ҳуқуқии шаҳрванди демократӣ» меномад.

Барои давлатҳои миллӣ пайвастшавии миллият ва ҷумҳурият хос мебошад, ки онро дар пайдошавии ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва фарҳанги миллӣ дидан мумкин аст. Ҳабермас байни ин ду мафҳум аломати баробарро намегузорад ва Иёлоти муттаҳиди Амрикоро мисол меорад, ки дар он давлати миллӣ имконияти нигоҳдории шакли ҷумҳуриявиро бе дастгирии фарҳанги яксони миллӣ дорад. Ҳабермас шакли давлати ҷумҳуриявиро «дини шаҳрвандии умумӣ» ном мегузорад, ки он на танҳо ҳуқуқи шаҳрвандонро нигоҳ ва ҳимоя менамояд, балки боз як шакли нави ҳамгироии ҷомеавиро таъмин мекунад.

## Шиддати унсурҳои давлати миллии аврупоӣ

Азбаски мафҳумҳои шуури ҷумҳуриявӣ ва миллӣ на танҳо бо якдигар мутобиқу созгор нестанд, балки байни ин ду мафҳум муносибати шиддатнок низ пайдо мешавад, Ҳабермас чунин мешуморад, ки дар давлатҳои миллӣ истиқлолияти шахсӣ ва озодии онро ҳуқуқи шаҳрвандӣ таъмин менамояд, аммо барои истиқлолияти беруна бояд ҳар як шаҳрванд баҳри озодии худ ва кишвараш на ба аскарони кироя умедвор шавад, балки бо хуни худ озодиашро таъмин намояд. Дар ин маврид дар мазмуни мафҳуми давлати миллӣ бар иловаи «шуури шаҳрвандӣ» ва «ҷумҳуриявӣ», боз шуури «озодии миллӣ» низ ҳувайдо мегардад, ки дар муносибатҳои байналмиллалӣ бояд ҳимоя ёбад ва ҳар се аломати давлати миллӣ бояд дар як саф гузошта шаванд. Озодӣ дар шароити тосиёсӣ ҳиссиёт ва ҳуввияти мардумро ифода мекард. Давлати миллӣ онро ба муқаддасот мубаддал мегардонад, ки аз тарафи ҳар як шаҳрванд бояд ҳимоя гардад. *«Аз давраи Инқилоби Фаронса ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ бо ӯҳдадории умумии ҳарбӣ даст ба даст мерафт»* (саҳ. 371).

Дар давлати миллӣ байни мубориза барои ҳуқуқҳои демократии шаҳрванд ва ҳуқуқҳои миллӣ, ки таввасути меросӣ ба шахс гузаштааст, доим вазъи таззод мавҷуд аст. Чунки дар давлати миллӣ байни ду унсури асосӣ – миллати сиёсӣ ва миллати табиӣ доиман зиддият ҷо дорад ва барои ин масъаларо ҳал намудан, аз нигоҳи Ҳабермас ба космоплитизми сиёсӣ бартарӣ додан зарур аст ва он бештар барои ҷумҳурият шароити мусоид фароҳам меовард. Аммо барои миллат дар дохили ҷумҳурият чунин шароити номусоид пайдо мешавад, ки ба паҳноӣ ва сарҳади давлат мутобиқ накунад. Ҳабермас бо ишора ба ҳодисаҳои асри XIX – XX-ум баён менамояд, ки сарҳади давлати миллӣ бо сабабҳои гуногун иваз мегардид ва албатта он сарҳад бо мавҷудияти худи миллат баробар намеояд. Аз ҳамин сабаб дар давраи империализм, Ҳабермас солҳои 1871-1914-ро дар назар дорад, миллатгароӣ мисли фишанг доим ба муттаҳидкунии

мардум барои ҳалли масъалаҳои сиёсӣ истифода мешуд, ки мубориза бар зидди он ягона роҳи дуруст мебошад.

Ба андешаи Ҳабермас дар замони ҳозира эзоҳи табии миллат барои инкишофи ҷумҳурии демократии дунявӣ, ки машрӯъияти онро шарҳвандон муайян менамояд, монеаи бузург мебошад. Чунки давлати миллӣ бо таъсисдиҳии баробарии шаҳрвандӣ на танҳо қонунияти демократиро таъмин намуд, балки боз бо воситаи паҳнкунии иштироки сиёсӣ дараҷаи нави ҳамгироии иҷтимоиро эҷод кард. Бинобар ин шаҳрвандии демократӣ бояд на танҳо ҳолати ҳуқуқӣ бошад, балки боз мағзи фарҳанги сиёсии умумӣ низ гардад. Танҳо дар ин маврид ҳолати дар замони ҳозира мушоҳида карда шаванда, яъне ҷомеаи плюралистӣ (гуногунӣ) ба ҷои ҷомеаи яксон пайдо мегардад, зеро дар ҳудуди давлати миллӣ қавму динҳои гуногун, фарҳангҳои дигар босуръат ривоҷ ёфта истодаанд.

Бинобар ин, аз назари Ҳабермас номуносибии сарҳади давлати миллӣ, ҷойгиршавии миллат ва миллати яксон барои гуногунии фарҳангу динҳо замина мегузорад. Барои ҳалли масъала давлати миллӣ бояд ба шаҳрвандияти демократӣ назар афканад, ки он унсури ҷумҳуриявиро вусъат дода, ҳамгироии миллиро на дар асоси унсурҳои тосиёсӣ, балки бар пояи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ густариш медиҳад. Барои амалӣ гардидани чунин раванд, фарҳанги ҳукмрони аксарият, ки фарҳанги зергурӯҳҳои гуногуни ҷомеаро пахш менамояд, бояд ҳуқуқҳои махсуси таърихии худро фаромӯш кунад. Яъне аз рӯи андешаи Ҳабермас, фарҳанги сиёсии шарҳванди демократӣ пеш аз ҳама аз фарҳанги ҳукмронёфтаи аксарият ҷудо гардад. Он вақт давлати миллӣ метавонад барои тамоми шаҳрвандонаш, новобаста аз забон ва таърихи пайдоиш, зиддияти ҷумҳурият ва миллиятро ҳал намояд.

Албатта дар ин маврид Ҳабермас ҷомеаи имрӯзаи Авруцоро дар назар дорад, ки бештар хусусияти гуногунии фарҳангӣ, динӣ ва қавмиро дорост ва он натиҷаи раванди ҷаҳонишавии ҷомеа мебошад. Давлати миллӣ дар худ таҷрибаи ҳалли чунин масъаларо дорад. Дар заминаи пай-

доиши худ давлати миллӣ гуногунияти мазҳабиро, ки ба ҷангҳои динӣ оварда расонида буд, ба воситаи ворид кардани ҳолати шаҳрвандӣ бартараф намуд. Аз тарафи дигар, на танҳо динро аз арсаи сиёсат дур намуд, балки фарҳанги сиёсии дунявӣ ва қонунияти дунявии демократиро низ ба амал баровард. Дарёфти шароити давлатҳои миллӣ, ки ба пайдошавии шаҳрвандии демократӣ оварда расонид, аз нигоҳи Ҳабермас, масъалаи асосии раванди гуногунфарҳангӣ ва ҷаҳонишавии давраи муосир мебошад.

Фарҳанги либералии сиёсӣ, ки заминаи шаҳрвандии демократии дунявиро ташкил менамояд, аз тарафи намояндагони тамоми қавмҳо, гурӯҳҳои зерфарҳангӣ ва динӣ эътироф мегардад ва риоя карда мешавад. Ягона меъёре, ки барои тамоми шаҳрвандон усули нави муносибатҳои ҷомеавиро муайян менамояд, сарқонуни давлатҳои миллӣ мебошад. *«Дар ҳамин асос миллатгароиро метавон бо меҳанпарастии конститутсионӣ иваз намуд»* (саҳ. 374). Дар давлатҳои анъанавии муҳоҷирон, ба мисли ИМА, байни ҳолати шаҳрвандии демократӣ (меҳанпарастии конститутсионӣ) ва фарҳанги миллии аксарият, ки аз аввали таъсисёбии ин давлат ҳукмрон буд, ба воситаи фарҳанги шаҳрвандӣ барои шаклҳои гуногуни ҳуввият ва зерфарҳангҳо батадриҷ шароити беҳтар фароҳам омад. Ҳабермас боварӣ дорад, ки агар шаҳрвандии демократӣ на танҳо дар мафҳуми ҳуқуқҳои сиёсӣ ва либералӣ, балки дар мафҳуми ҷамъиятӣ ва фарҳангӣ низ ифода гардад, фарҳанги либералии демократӣ метавонад ҷомеаи гуногунфарҳангиро ҳамгирой намояд. Шаҳрвандии демократӣ дар муттаҳидкунии фарҳангҳои гуногун, тарзҳои зисти ҳархеларо бо ҳам пайваст намуда, шакли ҳамгироии ҷомеаро мустаҳкам менамояд ва нерӯҳои ҷудоихоҳи ҷомеаро, ки ба шиддати зиддиятҳои ҷомеа оварда мерасонанд, бартараф мекунад. Кишварҳои давлатманди аврупоӣ, ки баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар муддати кӯтоҳ тақвият ёфтанд, ҳоло ба равандҳои ҷудоихоҳӣ ва миллатгароии нажодӣ рӯ ба рӯ гаштаанд, ки чунин вазъ бароящон хатари ҷиддӣ дорад.

Дар давраи ҳукмронии давлатҳои абарқудрати дорои аслиҳаи ҳастаӣ муаммои сарҳади миллӣ ва озодии миллӣ масъалаи асосиро ишғол намекард. Чунки вобастагӣ аз якдигар ба дараҷае расида буд, ки давлати миллӣ истиқлолияти худро таъмин карда наметавонист. Дар чунин ҳолат давлатҳои миллӣ вазифаи аввалиндараҷаро дар ислоҳи муҳити зист ва беҳтаркунии сатҳи зиндагии тамоми шаҳрвандони худ медиданд ва ин ба манфиатҳои миллии давлатҳои некуаҳволи Аврупо мубаддал гашт. *«Чи тавр афзалияти миллати воқеиро нигоҳ доштан, ки одамони гуногунро муттаҳид менамуд, нисбат бар шакли табиии миллати яксони Volksgenossen, - миллати онҳое, ки худро аз рӯи пайдоиш муайян менамояд ва аз дигар одамони бегона ҷудо мекунанд, акнун худи шаҳрвандон ба дараҷаи баланд мефаҳманд»* (саҳ. 376). Ислоҳотҳое, ки дар давлатҳои миллии аврупоӣ тайи солҳои баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон гузаронида шуд, тавонист на танҳо шарҳрвандро дар назди ҳуқуқ баробар намояд, балки баробарии воқеиро низ фароҳам овард. Инчунин мухторияти фардӣ ва ҷомеавиро низ ба ҳамдигар пайваст намуд. Мухторияти ҷомеавӣ ва истиқлоли шахсӣ метавонад чун абзори идоракунӣ ва ба тартибдарорӣ хидмат кунад.

**Ҷаҳонишавӣ ва маҳдудияти давлати миллӣ**

Густариши давлатҳои бойи аврупоӣ дар даҳсолаи охир диалектикаи баробарии ҳуқуқӣ ва воқеии ҷомеаро ба карахтӣ оварда расонид ва ягона сабаби вайронкунандаи вазъи шаҳрвандии демократӣ ҷаҳонишавӣ мебошад. Ҷаҳонишавӣ барои давлатҳои миллӣ, ки пештар дар асоси идеяи шаҳрванди демократӣ ва ҷумҳуриявӣ тавонистанд ҳамаи сохтор ва муассисаҳои худро барои нигоҳдории сохти хеш истифода баранд, дар ҳудуди қаламрав онҳоро идора намоянд, шароити тамоман дигарро офарид ва хусусан ба истиқлолияти дохилӣ таъсир расонид. Давлатҳои миллӣ дар назди ширкатҳои фаромиллӣ тамоман заифу суст монданд ва акнун аз ӯҳдаи идора кардани иқтисодиёти дохилӣ намебароянд. Зеро ширкатҳои фаромиллӣ фаъолият ва манфиат-

ҳои худро новобаста аз сиёсат ва истиқлолияти давлатҳои миллӣ ташкил ва амалӣ мекунанд ва меъёрро барои гароиши онҳо вазъияти муносибатҳои саноат ва савдои ҷаҳонӣ муайян мекунад, ки аз ҳудуди манфиатҳои давлати миллӣ берун аст. Ҳабермас зери мафҳуми «муносибатҳои саноатӣ ва савдои ҷаҳонӣ» ҳодисаҳои объективиро дар назар дорад ва онҳо асоси қарорҳои сармоягузории ширкатҳои ҷаҳониро ташкил медиҳанд.

Ҷаҳонишавӣ давлати миллиро маҷбур мекунад, ки ҳамеша барои рақобати ҷаҳонӣ тайёр бошад ва бояд навгардонии (модернизатсияи) иқтисод ва имкониятҳои молиявиро барои худ фароҳам созад. Азбаски чунин имкониятҳо барои давлатҳои миллии аврупоӣ хеле маҳдуд мебошад, пас баланд бардоштани сатҳи зисти мардум мушкил мегардад ва сиёсати «давлати некуаҳвол» маҳдуд мешавад. Мардум ба ҳолати худ гузошта шуда, баробарии воқеӣ вайрон мешавад, ки ба бархамхӯрии ҳамгироии иҷтимоӣ меорад ва шаҳрвандии демократӣ зери хатар мемонад. Ҷаҳонишавӣ ба пайдошавии гурӯҳи одамони маргиналӣ (партовҳо, яъне ашхоси авбош, дузд, гадо ва фоҳиша, ки дар канори ҷомеа зиндагӣ мекунанд) меорад, ки барои ҳамгироии ҷомеаи сиёсӣ хатар меофарад. Дар чунин шароит ҷомеа маҷбур мегардад, ки барои ҳимояи худ чораҳои заруриро пайгирӣ намояд. Аз нигоҳи Ҳабермас маргинализм ба се натиҷаи ба ҳам иртиботдошта меоварад: 1) элементҳои маргиналӣ ба шиддати муносибатҳои иҷтимоӣ оварда мерасонад, ки ягона роҳи наҷот аз он чораҳои ҷазодиҳӣ ва авҷ ёфтани сохтмони маҳбасҳо мебошад; 2) қашшоқии иқтисодӣ ва бенавоии иҷтимоӣ чунон паҳн мегарданд, ки шаҳрҳо ва ноҳияҳо сохтори худро иваз мекунанд; 3) чунин гурӯҳҳо аз фаъолияти сиёсӣ маҳрум мегарданд ва он ба вайроншавии ахлоқи ҷомеа меорад, ки нерӯҳои ҳамгирои шаҳрвандии демократиро вайрон мекунад. Аз нав ҷудошавии идеяи шаҳрванди демократӣ ва миллатгароӣ тамоми сохтори сиёсии давлати миллиро, ки солҳои охир ба даст омада буд, ба ташвиш меорад.

Давлати миллӣ имкониятҳои маҳдуде дорад, ки натиҷаҳои ҷаҳонишавиро бартараф намуда, шаҳрвандии демократиро устувор нигоҳ дорад. Бинобар ин, дар қаъри ҷомеаи Иттиҳоди Аврупо чунин равандҳо мушоҳида карда мешаванд, ки ташкилоти фаромиллӣ метавонанд дар якҷоягӣ ҳодисаҳои ғайри дилхоҳи раванди ҷаҳонишавиро бартараф намуда, ҳамгироии иҷтимоиро нигоҳ дорад ва шаҳрвандии демократиро наҷот диҳад. Аз рӯи андешаи Ҳабермас, Иттиҳоди Аврупо метавонад ҳам дастовардҳои давлатҳои миллиро нигоҳ дорад, ҳам аз ҳудуди давлатҳои миллӣ берун равад. Аз ин сабаб Ҳабермас ба қарори суди Германия ишора менамояд, ки аз рӯи он «давлати конститутсионӣ аз ҷиҳати фарҳанг яксонии муайяни шаҳрвандонро талаб менамояд», аммо ин даъво ба суд далолат мекунад, ки давлатҳои миллӣ агар имкониятро барои ривоҷи шаҳрвандии демократӣ дошта бошанд, пас чунин намуди шаҳрвандии демократӣ бояд дар сатҳи Иттиҳоди Аврупо низ нигоҳ дошта шавад. Танҳо дар ин ҳолат шаҳрвандии конститутсионӣ ва фаъолияти сиёсии Иттиҳоди Аврупо чунон баланд мешавад, ки аз сарҳади давлати миллӣ берун мебарояд. Тибқи инкишофи плюрализм дар дохили давлатҳои миллӣ ва масъалаҳои глобалӣ, ки бо онҳо ҳукуматҳои миллӣ дар сиёсати беруна бархӯрдор мешаванд, давлатҳои миллӣ дар дурнамо барои дастгирии шаҳрванди демократӣ доираи зарурӣро таъмин карда наметавонанд.

Ҳабермас роҷеъ ба таҳдидҳои имрӯзаи ҷаҳонӣ сухан ронда, мақолаи худро бо чунин фикр ба итмом мерасонад, ки маҳдудияти давлатҳои миллӣ маҳз дар он аст, ки онҳо ба танҳоӣ таҳдидҳоро ҳаллу фасл намуда наметавонанд ва даъват менамояд, ки ҳамаи кишварҳои ҷаҳон якҷоя фаъолият баранд.

## Хулоса

Инкишофи ақидавии Ҳабермас аз сотсиологияи марксизм оғоз ёфта то ба структурализм омада мерасад. Вай дар мақолаи худ ба пайдошавии давлати миллии аврупоӣ, ҷанги байни мазҳабҳо ва муборизаҳои тоифаҳои ашрофон бо

ҳукумати шоҳигарӣ ишора менамояд, ки сабаби ривоҷи шаҳрвандӣ ва миллият гардидаанд. Давлати миллӣ дар худ ду унсурро пайваст менамояд: ҷумҳурият ва миллиятро, ки густариши шаҳрвандии демократиро имконпазир мегардонад. Аммо дар эзоҳи Ҳабермас ишора карда намешавад, ки танҳо инкишофи муносибатҳои сармоядорӣ барои пайвасти миллият ва озодии шаҳрвандӣ замина тайёр менамояд ва он ба пайдошавии давлатҳои миллӣ оварда мерасонад. Давлати миллӣ пайвасти сармоядорӣ ва бюрократия нест, зеро он унсури алоҳида ва мустақили иҷтимоӣ намебошад. Дар асл бюрократия абзори сиёсие мебошад, ки сармоядорон барои мустаҳкам намудани ҳокимияти худ истифода мебаранд. Бюрократия доимо аз моҳияти давлат вобаста аст ва мақоми мустақилро дар давлат иҷро намекунад.

Аз тарафи дигар, ҳуввияти миллӣ, шуури миллӣ, давлати миллӣ, шаҳрвандии демократӣ, ҳуқуқи мухтории фард ва ҷомеа дар асл натиҷаи муборизаи буржуазия бар зидди феодализм ва ишғоли фазои бегонагон мебошад, ки аз иқтидори капитализми миллӣ вобаста аст. Аз ҳамин сабаб сарҳади давлатҳои миллӣ бо макони зисти миллат ва мардуми ҳамзабон рост намеояд. Ҳабермас сарҳади давлатҳои миллиро тасодуфӣ меҳисобад. Ба ақидаи ӯ ин сарҳадҳо дар асоси ҷанги байни давлатҳои миллии Аврупо ба вуҷуд омадаанд.

**Манбаъ:**

Нации и национализм / Б. Андерсон, О. Бауэр, М. Хрох и др; Перевод с англ. И нем. Л. Е. Переяславцевой, М. С. Панина, М. Б. Гнедовского. Москва: Праксис, 2002.- 416 с. (Серия «Новая наука политики»).

Мақолаи мазкури Юрген Ҳабермас «Давлати миллии аврупоӣ: дастовардҳо ва маҳдудияти он. Оид ба гузашта ва ояндаи соҳибихтиёрӣ ва шаҳрвандӣ» (The European Nation-State — Its Achivements and Its Limits. On the Past and Future of Sovereignty and Citizenship) аввалин маротиба дар Ratio Juris. Vol. 9, no. 2, July 1996 нашр шудааст.

# Фасли III.
# МОДЕРНИЗМ

**Рустам Азизов (Боби I ва Боби III)**
**Шералӣ Ризоев (Боби II)**

Модернизм (муосирият) марҳалае дар таърихи инсоният аст, ки дар он шинохти олам на ба воситаи қувваҳои осмонӣ, балки бо ақл ва илм сурат мегирад. Рушди илм аслан натиҷаи давраи мазкур ба ҳисоб меравад, яъне дар ин марҳала одамон барои пайдо намудани ҷавоб ба саволҳои худ на танҳо ба худоён ва қувваҳои осмонӣ, балки худ ба бунёди мустақилонаи он шурӯъ намуданд, ҷаҳонро аз дидгоҳи худ дарк мекарданд ва муосиртар шудани худро аз ин назар ташаккул медоданд. Ҳамаи ин омилҳо бозгӯи оғози давраи нав, яъне замони муосир мебошад. Аз тарафи дигар, равандҳои рамзӣ ва муҳимми давраи модернизм ин инкори дин ва сулолаҳои анъанавии шоҳӣ, ҳамчунин бунёди давлатҳои дунявӣ, боварӣ ба бартарияти илм ва худидоракунии мардумӣ мебошад.

Дар фаҳмиши модернистӣ, одам маркази тамоми ҳодисаҳо ба шумор меравад. Дар навбати худ, ақли инсон манбаи ростиву ҳақ мебошад. Давраи мазкур давраи одам ва бунёдкориҳои ӯ аст. Агар то он замон худоён, рӯҳ ва шоҳонро мепарастиданд, пас дар давраи модернизм одам ба маркази дунё ва шоҳ табдил ёфт. Шиори давраи Маърифат: «кӯшиш намо, ки худ ба ҷои худ фикр кунӣ», яъне омӯхтани савод на бо тариқи роҳиб, балки ба воситаи омӯзиши хеш дарк намудани Инҷил аз рӯҳияи давраи модернизм мебошад. Ҳамин тариқ, зимни боло рафтани сатҳи маориф, рушди иқтисод ва дигар соҳаҳои мухталиф таъмин мешуд. Дар натиҷа, андешаи он ки одам ба ягон қувва тобеъ нест, ба миён омад.

Миллат барои аксари муаллифоне, ки аз равияи модернизм ҷонибдорӣ менамоянд, чун маҳсули муосири рушди ҷомеаҳои инсонӣ шинохта мешавад. Миллат барои онҳо на маҳсули қадимаи таърихӣ, ки аз боло, яъне аз тарафи худоён ато гаштааст, балки маҳсули даст кашидан аз худо мебошад. Аз ин рӯ, миллат то ҷое ба дини нави давлатҳои миллии муосир мубаддал мегардад. Азбаски Шоҳ ва Худо – ду сохтори муқаддас аз манбаи қудрат дур

карда мешаванд, соҳиби машрӯъияти ин ё он низоми сиёсӣ худи одамон, яъне «халқ» мегарданд. Бо ҳамин сабаб, дар ҷаҳони муосир мубоwwwризаҳои сиёсӣ байни гурӯҳҳои манфиатхоҳи қудратталаб аз номи «халқ» бурда мешавад. Бинобар ин, барои модернистон маҳз аз байн рафтани институти дин ва монархия имконият фароҳам овард, ки мафҳумҳои «миллат» ва «давлати миллӣ» рушду нумӯъ кунанд. Нуктаи марказии модернистон дар бобати усули миллатсозӣ ин ба вуҷуд овардани забони миллӣ, анъанаҳои миллӣ, маънавиёти миллӣ, миллӣ намудани мазҳаби аксарият, рамзҳои миллӣ, хотираи умумии миллӣ ва дигарҳо мебошанд, ки миллатҳои муосир онро дороянд ва аксарияти ин унсурҳо аз тарафи давлатҳо ба вуҷуд оварда мешаванд. Инчунин даст кашидан аз забони муқаддас ва омӯхтану рушд додани забони миллии худ низ омили муҳим аст. Нуктаи калидии модернистон гузашти машрӯъият мебошад, ки аз сулола ба шаҳрванд интиқол мeёбад ва дар ҳудуди мушаххаси миллӣ маҳдуд мегардад.

Рушди индустриализм ва дастрас гаштани маориф мафҳуми миллатро дар сатҳи назарӣ нигаҳ намедошт, зеро омма ба коргарон мубаддал мегаштанд ва онҳоро идора намудан зарур буд. Аз ин рӯ, забону фарҳанги ягона ва ҳамчунин боввариву бародарӣ омилҳои муҳим барои рушди индустриализм ба шумор меравaнд. Барои ҳамин модернистон вуҷуд доштани забон ва фарҳангҳои гуногун дар замони гузаштаро эътироф менамоянд, вале онҳо бар он назаранд, ки симо ва моҳияти навро забону фарҳанг маҳз дар давраи модерн касб намудаанд.

Барои модернистон миллат ин натиҷа ва маҳсули давраи муосир, давраи индустриализм, маърифат ва ислоҳоти сиёсӣ шуморида мешавад. Миллатгароӣ дини давлатҳои муосир мебошад, зеро онҳо дигар наметавонанд ба диндорон ва сулолаҳо такя намоянд. Миллат конструкти муосир аст, ки маҳз барои давраи мазкур бунёд ёфтааст ва вижагии марҳалаи муосирро дар худ таҷассум менамояд.

# БОБИ I.
# ЭРНЕСТ АНДРЕ ГЕЛЛНЕР
# «МИЛЛАТГАРОӢ ПАДИДАИ ЗАМОНИ САНОАТИШАВӢ»

## Ҳолнома

**Эрнест Андре Геллнер** (ба инглисӣ **Ernest Gellner**) 9 декабри соли 1925 таваллуд шуда, 5 ноябри 1995 вафот кардааст. Файласуф ва инсоншиноси (антропологи) иҷтимоии инглис, устоди фалсафа, мантиқ ва услуби илмӣ дар Мактаби иқтисодии Донишгоҳи Лондон (1962–1984), устоди инсоншиносии иҷтимоии Донишгоҳи Кембриҷ (1984–1993), муассис ва мудири Маркази пажӯҳиши миллатгароӣ дар Донишгоҳи Аврупоии Марказӣ (Central European University) (1993–1995).

## Тезиси асосӣ

Аз аввали солҳои 60-ум асри XX Геллнер ба масоили инсоншиносии иҷтимоӣ (social antropology) таваҷҷӯҳи хос зоҳир намуда, назарияи мустақили миллатгароиро ба вуҷуд меоварад, ки онро дар китоби худ «Миллат ва миллатгароӣ» (Nations and Nationalism, 1983) баён намудааст.

Геллнер фарҳанг ва низомро ҳамчун асоси ҷомеа ҳисобида, миллатгароиро чунин таъриф мекунад: *«миллатгароӣ ин асли (принсипи) сиёсиест, ки мувофики он умумияти фарҳангӣ асоси равобити иҷтимоӣ мебошад»* (саҳ. 23). Мувофиқи ақидаи Геллнер, миллатгароӣ самараи ҷомеаи саноатӣ мебошад, зеро яке аз авомили асосии пайдоиши он дараҷаи баланди рушди фарҳанг ва дастрасии оммаи васеи мардум ба он мебошад, ки дар натиҷа зарурати умумияти фарҳангӣ ба вуҷуд меояд. Рушди фаъоли иқтисодӣ низ ҳамчун омили таҳарруки иҷтимоӣ (social mobility) боис мешавад, ки меъёрҳои умумии фарҳангӣ ба вуҷуд омада, ба унвони омили муттаҳидку-

нанда амал намоянд. Миллатгароӣ дар давлате ба вуҷуд меояд, ки дар он миллати унвонӣ ташаккул ёфта бошад, аммо гузариш ба ин марҳала дар ҳар як давлат ба шаклҳои гуногун сурат мегирад. Геллнер идеяи худмуайянкунии миллатҳоро, ки пас аз Ҷанги якуми ҷаҳон ба вуҷуд омада, боиси ташкили давлатҳои миллӣ гашт, ҳамчун ғалабаи миллатгароӣ муаррифӣ мекунад.

**Таърифи мафҳумҳои «миллат»,**
**«давлат» ва «миллатгроӣ»**

Асари «Миллатҳо ва миллатгароӣ»-и Геллнер ба назарияи умумии миллатгароӣ бахшида шуда, дар он муаллиф кӯшидааст, чолишҳо ва бӯҳронҳое, ки давлатҳои бисёрмиллат ба он дучор шудаанд, таҳлилу баррасӣ намояд.

Чун одат, қабл аз баёни ҳар як фарзия ва назарияи илмӣ, бояд мафҳумҳои калидии ин назария аз ҷониби дидгоҳи худи муаллиф шарҳ дода шаванд.

Геллнер низ китоби худро бо таърифи мафҳуми миллатгароӣ (nationalism) оғоз мекунад. Мувофиқи он: *«миллатгароӣ – як асли (принсипи) сиёсие аст, ки ба ҳам мувофиқ омадани воҳидҳои сиёсӣ ва қавмӣ ва ҳамчунин ҳамқавм будани идоракунандагон ва идорашавандагонро (ҳукумат ва мардум) тақозо мекунад»* (саҳ. 23). Геллнер баъдан назарияи худро дар асоси ин таъриф бунёд мекунад.

Дарки дурусти назарияи миллатгароии Геллнер бидуни фаҳмидани таърифҳое, ки муаллиф ба мафҳумҳои «миллат» (nation) ва «давлат» (state) додааст, мумкин нест. Ба ақидаи Геллнер, миллат – ин қабл аз ҳама *«маҳсули эътиқодот, бовариҳо, гароиш ва майлҳои инсон мебошад»* (саҳ. 23), *«Ду инсон танҳо дар он ҳолат ба як миллат мансубанд, ки мансубияти ҳамдигарро ба ин миллат эътироф кунанд. Маҳз эътирофи ҳамдигар боиси ба миллат мубаддал шудани гурӯҳ мешавад»* (саҳ. 35).

Барои муаррифии дурусти миллатгароӣ, таърифи мафҳуми «давлат» аз нигоҳи муаллиф низ хеле муҳим аст, ки онро аз Макс Вебер иқтибос карда, барои ба замони муосир мувофиқ омаданаш андаке тағйир медиҳад. Ба ақидаи Геллнер: *«Давлат - як ё якчанд ниҳодест, ки вазифаи асосии онҳо (дар баробари вазифаҳои дигар) – ҳифзи тартибот ва низом аст. Давлат дар ҷое вуҷуд дорад, ки дар ҳаёти иҷтимоии он мақомоти махсуси идора ва таъмини амният ва тартибот чун полис, суд ва г. вуҷуд дошта бошад. Ин аст шарти асосии мавҷудияти давлат»* (саҳ. 29).

Мувофиқи назари Геллнер, мазмун ва мӯҳтавои асосии миллатгароӣ дар он аст, ки давлат ва миллат барои бақои ҳамдигар лозиманд ва яке бидуни дигаре пурра нест ва ба ҳамдигар мувофиқ наомадани миллат ва давлат фоҷиавор анҷом меёбад.

## ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ МИЛЛАТГАРОӢ

### Ҷомеаи кишоварзӣ-хаттӣ

Геллнер ин намуди ҷомеаро чунин таъриф мекунад: *«Ин ҷомеаест, ки бар асоси кишоварзиӣ ва чорводорӣ, яъне истеҳсол ва нигоҳ доштани маводи хӯрока бунёд ёфтааст. Дар ин гуна ҷомеа технологияҳои нав кам ба вуҷуд меоянд ва агар ба вуҷуд оянд ҳам, ин як раванди доимии мунтазам нест»* (саҳ.35). Дар хусуси ҷомеаҳои кишоварзӣ саволе ба миён меояд: дар он муносибат байни фарҳанг аз як тараф ва сиёсату ҳудуди давлат аз тарафи дигар, чӣ тавр сурат мегирад? Ҷавоби Геллнер: «Дар байни ин ду тақрибан ҳеҷ робитае нест».

Геллнер зимни таҳлили ҷомеаи кишоварзӣ ба хулосае меояд, ки *«дар ин гуна ҷомеаҳо ваҳдати фарҳангӣ наметавонад асоси ташаккули воҳидҳои сиёсӣ шавад»* (саҳ. 36). Ба ақидаи вай дар чунин ҳолат мафҳуми «миллат» ё аслан

истифода намешавад ё агар истифода шавад ҳам, на ба маънои муосири он, балки маънояш табақаи ашрофони озодагон аст, ки дар ҳудуди муайян зиндагӣ мекунанд ва дар ҳаёти сиёсӣ иштирок менамоянд. Барои мисол вай мафҳуми асримиёнагии «миллати лаҳистонӣ»-ро баррасӣ мекунад, ки дар давлати Реч Посполита (номи давлати Лаҳистон) аз намояндагони табақаи ашрофон – шляхтичҳо иборат буд, ки баъзан онҳо лаҳистонӣ набуда, бо забонҳои украинӣ ва литвонӣ суҳбат мекарданд. Ба ибораи дигар, мафҳуми «миллат» шаҳрвандонро на аз рӯйи меъёрҳои фарҳангӣ, балки аз рӯйи меъёрҳои сиёсӣ муттаҳид мекард.

## Миллатгароӣ ҳамчун натиҷаи саноатишавӣ (индустриалӣ)

Баъд аз мушаххас сохтани мафҳумҳои калидӣ, мехостем бевосита ба баёни назарияи Геллнер оид ба пайдоиш ва табиати миллатгароӣ бипардозем.

Геллнер мегӯяд: *«Бар хилофи фикри аксарияти мардум ва ҳатто мутахассисон, миллатгароӣ дар шуури инсонӣ решаҳои амиқ надорад»* (саҳ. 57). Ба ақидаи муҳаққиқ, миллатгароии муосир дар натиҷаи шикасти низомҳои суннатии куҳан ва дар натиҷаи рушди саноатӣ ба вуҷуд омад. Маҳз рушди саноатӣ мувофиқи ақидаи Геллнер фарҳанг, ҷомеа, низоми иҷтимоӣ ва шаклу услуби ҳаракатҳои иҷтимоиро тағйир дод. Исботи фикри зер он аст, ки авҷи ҳаракатҳои моҳияти миллатгароӣ дошта дар асрҳои XIX ва XX ба назар мерасад. Пас миллатгароӣ инъикос ва натиҷаи саноатишавӣ (industrialization), ки ҳамчун шакли истеҳсолот маҳз дар он давра рушд кардааст, фаҳмида мешавад. (саҳ. 57-58).

Геллнер таъкид мекунад, ки *«решаҳои миллатгароӣ дар талаботи хоси сохтории ҷомеаи саноатии муосир нуҳуфта аст»* (саҳ. 58). Ба ақидаи Геллнер, *«Ҷомеаи саноатӣ – ягона намуди ҷомеаест, ки вуҷуди худро бар пояи рушди пайвастаи мунтазам бунёд карда, ба рушду тараққиёти пайвастаи мунтазам майл дорад»* (саҳ. 63).

## Нақши забони расмӣ дар ташаккули

**миллатгароӣ**

Яке аз талаботи асосии ин ҷомеа омода намудани кадрҳои зиёд аст ва барои ин бояд таълим дастраси оммаи васеи мардум бошад. Ин амр бидуни вуҷуд доштани забони умумии таълим ва идора номумкин аст. Забон дигар на ба мисли ҷомеаи кишоварзӣ барои нигоҳ доштани матнҳои муқаддаси динӣ ва таърихиву адабӣ, балки барои интишори ахбор ва маълумоти зинда ва доғи рӯз ба кор бурда мешавад. Дар чунин сурат, бештар ба соддаву оммафаҳм, яъне дастраси умум будани забон аҳамияти бештаре дода мешавад, на ба асолату услуби он, ки дар ҷомеаҳои кишоварзӣ-хаттӣ муҳим буд (саҳ. 84-86).

Натиҷаи дигари саноатишавӣ ин фаъол гаштани ҳаракатҳои иҷтимоӣ ва рафтани мардум аз як макон ба макони дигар мебошад, ки дар натиҷа пайвандҳои қавмӣ ва маҳаллӣ дигар аҳамияти қаблии худро аз даст медиҳанд ва барои яксон намудани аҳолии кишвар мусоидат мекунад (саҳ. 69-70).

Дар ин гуна ҷомеа нақши асосиро дигар на ягонагии табақавӣ ё динӣ, балки ягонагии фарҳангӣ дар асоси дастрасӣ ба фазои умумии иттилоот мебозад. Маҳз дар давраи саноатгароӣ «фарҳанги воло» (high culture) ва забони расмӣ (official language) ҳамчун омилҳои асосии муттаҳидкунадаи иҷтимоӣ буруз карданд ва заминаҳои ташаккули миллатҳои нав ва миллатгароӣ ҳамчун раванди сиёсӣ шудаанд (саҳ. 89-90).

Фарҳанги саноатии муосир асосан бар пояҳои таълимоти мактабӣ ва ахбори хаттӣ сохта шудааст. Барои рушди иҷтимоии шахс донистани забони мактабӣ лозим аст, на забони модарӣ. Ба ақидаи Геллнер дар асли миллатгароии муосир масъалаи забон нуҳуфта аст. Сирри ин масъала дар нақши ахбор, забон ва кулли аносири луғавиву адабии фарҳанги миллӣ барои рушди иҷтимоии фард дар замони муосир ниҳон аст. Вақте мардум дар кишварҳои саноатӣ аз муносибати бевосита бо ашё ба

муносибатҳои ба воситаи забон ва ахбору маълумоти ашхоси дигар гузаштанд, масъалаи саводнокӣ ва донистани забони миллӣ, ё забони қавмияти унвонӣ (title ethnos) аҳамиятеро касб кард, ки барои деҳқонони ҷомеаҳои кишоварзӣ-хаттӣ надошт (саҳ. 84-86).

Дар баробари рушди саноатии ҷомеаҳо масъалаи мансубияти инсон ба гурӯҳҳои иҷтимоии қадим – табақавӣ, динӣ ва ғайра, аҳамияти қаблии худро аз даст дод. Дар ин давра масъалаи мансубият ба ин ё он гурӯҳи забонӣ, саводу таҳсилот ва тарбияе, ки барои шахс имконияти зист ва рушд дар олами ахборӣ ва ёфтани ҷои худ дар ҳаёти иҷтимоии расмӣ бидиҳад, аҳамияти бештареро касб кард.

Фарқияти фарҳангҳои миллӣ, ба ақидаи муаллиф, дар он вақт баръало ба назар расид, ки он дар давлатҳои бисёрмиллӣ барои ашхос имконияти раҳоӣ ёфтан аз камбизоатӣ ва устувор кардани мавқеи худ дар ҷомеаро медод, ки ин танҳо ба воситаи омӯхтани забони миллати унвонӣ (титулӣ), яъне забони маъмурият, маориф ва сиёсат сурат мегирифт.

## Масъалаи мувофиқати ҳудуди давлат бо ҳудуди миллат

Миллатгароӣ асли наверо матраҳ кард, ки мувофиқи он – *«ҳудуди давлат бояд бо ҳудуди фарҳангӣ ва забонӣ, яъне ҳудуди зиндагонии миллати унвонӣ мутобиқ ояд»* (саҳ. 23).

Геллнер боварӣ дорад, ки миллатгароиро ҳамчун ҳисс ва ҳамчун ҳаракати иҷтимоиву сиёсӣ, бештар аз рӯи меъёри фавқуззикр матраҳ кардан мумкин аст. Вай мегӯяд: *«Ҳисси миллатгароӣ ин ҳисси норозигӣ аз риоят нашудани меъёри мазкур, ё баръакс ҳисси қаноатмандӣ аз амалӣ шудани он аст. Миллатгароӣ ҳаракатест, ки аз чунин ҳисс илҳом мегирад»* (саҳ. 23).

Муҳаққиқ таъкид мекунад, ки меъёри миллатгароии

мазкур метавонад бо роҳҳои зиёде вайрон шавад. Барои мисол мегӯяд: *«Ҳудуди сиёсии давлат метавонад ҳамаи намояндагони миллати мазкурро фаро нагирифта бошад; ё баръакс онро фаро гирифта, намояндагони миллатҳои бегонаро низ дар бар гирад; ё ҳар ду ҳолатро дар бар гирад, ки баъзе аз намояндагони миллати худро фаро нагирад ва ҳол он, ки дар ҳудуди худ намояндагони миллати бегонаро ҷой диҳад. Илова бар ин миллат метавонад, бо бегонагон омехта нашуда дар якчанд давлатҳои гуногун зиндагӣ кунад ва ҳатто давлати миллии худро надошта бошад»* (саҳ. 24).

Аммо як шакли вайрон шудани меъёри миллатгароӣ вуҷуд дорад, ки ҳисси миллатгароӣ нисбат бар вай хеле ҳассос аст: Миллатгароён аз рӯйи меъёрҳои сиёсӣ ин нуктаро, ки сарвари ягонаи сиёсӣ метавонад ба аксарияти миллии он мансуб набошад, номумкин меҳисобанд. Он ҳамчун натиҷаи пайваст шудани ҳудуди миллӣ ба давлати калон, ё натиҷаи ҳукмронии гурӯҳи бегона бошад (саҳ. 24).

Геллнер ин тезиси худро чунин хулоса мекунад: *«Миллатгароӣ – назарияи қонунияти сиёсӣ мебошад ва иборат аз он аст, ки ҳудудҳои қавмӣ бояд бо ҳудудҳои сиёсӣ мутобиқ оянд ва вуҷуд доштани ҳудудҳои қавмӣ дар дохили худи давлат эҳтимолиятест, ки аз рӯйи меъёрҳои миллатгароӣ комилан пазируфта намешавад ва ҳамчунин ин эҳтимолият набояд ҳукмронро аз аҳолии кишвар ҷудо намояд»* (саҳ. 24).

## Таснифи шаклҳои миллатгароӣ

Бо роҳи ҳамоҳангсозии омилҳои калидӣ, ки ба рушду ташаккули ҷомеаи муосир таъсир мегузоранд, Геллнер таснифи муфиди миллатгароиро ироа мекунад. Ин омилҳо марбут ба ҳукумат ва дастрасии таълим мебошанд.

Муаллиф ҷомеаҳоеро, ки баъзе афроди он ба ҳукумат дастрасӣ доранд ва дигарон аз он маҳруманд ва масъалаи дастрасии таълимро ба якчанд намуд тақсим мекунад: 1) таълим танҳо ба касоне дастрас аст, ки дар сари ҳукумат бошанд; 2) таълим ба ҳама дастрас аст; 3) таълим ба ашхоси ҳукуматкунанда дастрас нест; 4) таълим на ба ин ва на ба он гурӯҳ дастрас нест.

Муҳаққиқ таъкид мекунад, ки ҳар яке аз чор имконияти дар боло зикр шударо метавон ба ҳолати воқеии таърихӣ нисбат дод. Дар ҳар яке аз чор ҳолати дар боло зикр шуда Геллнер боз як омили аз нуқтаи назари миллатгароӣ бисёр муҳим: якшаклӣ ё гуногуншаклии фарҳангро (манзур аз фарҳанг ин ҷо шакли муайяни рафтор ва муносибат аст, ки аз ҷониби ин гурӯҳи иҷтимоӣ пазируфта шуда бошад) ворид мекунад. Агар ин тазоди «якшаклии фарҳанг / гуногуншаклии фарҳанг»-ро дар байни ҳукуматдорон ва ҳукуматшавандагон бо таснифи чорзинагии дар боло зикршуда татбиқ намоем, ҳашт ҳолати эҳтимолии мумкинро ҳосил намудан мумкин аст.

Муаллиф дар асари худ ҳамин ҳашт ҳолатро баррасӣ намуда ба хулосае меояд, ки панҷ ҳолати он ғайримиллатгароӣ мешаванд: дар чор ҳолат аз сабаби ба вуҷуд наомадани таҷзияи фарҳангӣ (cultural differentiation); дар ду ҳолат бошад аз сабаби ба ҳамагон дастрас набудани фарҳанги олӣ (ин мисол дар ҳолати аввал ва дуввум муштарак аст).

Дар натиҷа дар китоби «Миллат ва миллатгароӣ» се шакли миллатгароӣ матраҳ мешавад.

***Шакли аввалро*** мешавад ҳамчун шакли «классикии ҳабсбургӣ»[4] номид. Дар ин шакл ҳукуматдорон бартарияти дастрасӣ ба фарҳанги марказии давлатиро доранд, ашхоси маҳрум аз ҳукумат аз ҳуқуқи касб намудани

[4] Ҳабсбургҳо сулолаи ҳукмрон дар Империяи Австро-Венгрия. (Р.А.)

таълим низ маҳруманд. Барои ин гурӯҳ ё барои қисми бузурге аз ин гурӯҳ танҳо фарҳанги мардумӣ (қавмӣ) дастрас аст ва табдил ёфтани он ба як навъи фарҳанги наве, ки худ дар муқобили фарҳанги куҳан истодагарӣ кунад, хеле душвор аст. Аммо барои амалӣ шудани ин амр баъзе намояндагони нухбагони ин гурӯҳҳои қавмӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд (саҳ. 212-214).

***Шакли дуввуми миллатгароӣ*** –ҳолате аст, ки як гурӯҳ аз афроди ҷомеа ба ҳукумат дастрасӣ доранд ва гурӯҳи дигар аз он маҳруманд. Умумияту фарқиятҳои фарҳангӣ низ вуҷуд доранд, аммо фарқ дар дастрасӣ ба таълим вуҷуд надорад. Ин гуна *миллатгароии ҳамгунасозӣ* (unification nationalism) барои рушду тавсеаи фарҳанги олӣ хизмат мекунад ва ба дастгирии сиёсӣ аз ҷониби ҳукумат ниёз дорад. Муаллиф ҳамчун мисол кӯшишҳои муттаҳидсозии Олмон ва Итолиёро дар асри XIX меорад (саҳ. 209).

***Сеюмин шакли миллатгароиро*** муаллиф миллатгароии диаспора меномад. Дар ин ҷо сухан дар бораи ақаллиятҳои қавмие меравад, ки аз ҳуқуқҳои сиёсӣ маҳруманд, аммо аз лиҳози иқтисодӣ қафомонда нестанд (ва ҳатто баъзан аз миллати унвонӣ пешрафтатаранд) ва чун натиҷа ба «фарҳанги боло» дастрасӣ доранд.

Масъала ва мушкилоти таҳаввулоти иҷтимоӣ, эҳёи фарҳангӣ ва ба даст овардани ҳудуд ин гурӯҳро дер ё зуд бо гурӯҳе, ки аз қабл дар ин ҳудуд ба ҳайси миллати унвонӣ баромад мекард, рӯ ба рӯ хоҳад кард. Баъзан хатари идғом (ассимиляция) намояндагони ин гурӯҳро водор месозад, ки барои дифои худ идеологияи миллатгароиро истифода кунанд (саҳ. 228-229).

### Ояндаи миллатгароӣ

Геллнер дар асри худ кӯшидааст, то ояндаи миллатгароиро пешгӯӣ кунад. Муаллиф ақида дорад, ки танҳо дар замони ҷомеаи саноатӣ – ҷомеаи пуртаҳаррук метавонад падидае ба мисли миллатгароӣ вуҷуд дошта бошад, зеро

*«мавҷи қувватгирандаи модерншавӣ тамоми оламро фаро гирифта, қариб ҳар як фардро дар ин ё он лаҳзае водор мекунад, ки муносибати «беадолатона» ва «золимона»-ро нисбат ба худ эҳсос кунад ва айбдорро дар симои миллати дигар пайдо кунад. Агар дар гирди вай теъдоди кофии «ҷабрдидагони мазлум»-и дигар ҷамъ шаванд, миллатгароӣ ба вуҷуд меояд»* (саҳ. 234-235).

Дар ин ҷо саволе ба миён меояд, ки оё дар ин ё он сурат бо анҷом ёфтани давраи саноатишавӣ (industrialization) миллатгароӣ метавонад қувваи пешбаранда дар ҷаҳон бимонад. Муаллиф ба хубӣ дарк мекунад, ки дар ояндаи наздик ҷаҳон ҳоло аз қонеъ намудани ҳамаи ниёзҳои иқтисодии худ фарсаххо дур аст, вале кӯшиш мекунад ба саволи мазкур посух диҳад, аммо таъкид мекунад, ки ин пешбинӣ тахминӣ ва фарзӣ аст: *«Агар қишри миёнаи бенизоми ҷомеаи мо аз лиҳози фарҳангӣ якшакла, пуртаҳаррук дигар қисми асосии ҷомеа набошад, дар асосҳои миллатгароии иҷимоии низ тағйиротҳои амиқ ба вуҷуд хоҳанд омад (шояд боиси аз байн рафтани миллатгароӣ шаванд). Аммо эҳтимоли рух додани чунин ҳодиса дар асри мо хеле дур ба назар мерасад»* (саҳ. 236).

**Нававарии Геллнер**

Диди Геллнер ба ин масъала дар замони муаллиф хеле нав ва ҷолиб ба назар мерасад. Вай тавонист дар таърифи мафҳуми «миллат» таърифҳои «ҷамоа» ва «умумият»-ро ба кор набурда, балки таърифи комилан наверо пешниҳод мекунад, ки мабнӣ бар мафҳумҳои бар дарки ҳиссӣ чун ҳамдастӣ ва ҳамбастагӣ, мероси муштараки умумӣ, интихоби озод ва интихоби ақлонӣ мебошад. Дар хотимаи китоби худ муаллиф эътироф мекунад, ки тарҳи (консепсияи) вай комилан ҷадид аст ва ба назарияҳои пешиниён (ба хусус ба он ақидае, ки солиёни зиёд дар илми шӯравӣ ҳоким буд) шабоҳат надорад. Барои Геллнер миллатгароӣ ин як падидаи таърихиест, ки бар он тарҳи

мураккаби муносибатҳои миллии тамаддуни муосир асос ёфтааст.

Аз ин рӯ метавонем хулоса кард, ки дар назарияи матраҳкардаи Геллнер ду фикри асосӣ вуҷуд дорад:

***Якум, фарҳанги олӣ,*** ки бори аввал дар таърих дастраси гурӯҳҳои калони башар шуд, на танҳо аз малакаҳои соддаи расмӣ чун касб кардани савод, истифода аз компютер, хонда тавонистану фаҳмидани китобҳои дарсӣ ва дастурамалҳои техникӣ иборат аст. Вай бояд бо ягон забони муайян, масалан русӣ, англисӣ ё арабӣ баён шавад ва қоидаҳоеро дар бар гирад, ки барои иҷроиш ва корбурдии ин маълумот мусоидат кунад. Ба ибораи дигар, вай бояд фарҳангро ба он маъное, ки онро мардумшиносон (этнографҳо) муаррифӣ мекунанд, таҷассум намояд. Инсони асри XIX ва XX на танҳо саноатӣ мешавад, балки ҳамчун рус, олмонӣ, ҷопонӣ ва ғайра саноатӣ мешавад. Яъне он касоне ки аз ин ҷомеаи нав хориҷ карда шуданд, барои он хориҷ карда шуданд, ки малакаҳои навро наомӯхтанд ё онро дар шакли «нодуруст» омӯхтанд. Фарҳанги саноатии муосир беранг набуда, балки ранги «қавмӣ» дорад, ки имрӯз ба моҳияти аслии он табдил ёфт. Меъёрҳои фарҳангӣ аз талабот ва интизорҳои муайяне иборат аст, ки аз аъзои худ ӯҳдадориҳои муайянро тақозо мекунад. Яъне лаҳистониҳо ва хорватҳо бояд католик, эрониҳо – шиа бошанд, фаронсавиҳо агар католик набошанд ҳам, ҳадди ақал мусалмон набошанд.

***Дуюм, саноатишавӣ,*** яъне ба вуҷуд омадани шакли муосири истеҳсолот, дар ҳамаи кишварҳо якбора ба вуҷуд наомад. Балки ин ҳодиса ба таври нобаробар дар манотиқи гуногун зуҳур кард. Маҳз ин нобаробарӣ боиси фарқиятҳои бузург дар сатҳи рушди кишварҳои алоҳида, тақсим намудани неъматҳои моддӣ ва сатҳи гуногуни иқтидори иқтисодӣ ва сиёсии онҳо шуд. Дар натиҷаи бархӯрди кишварҳои мутараққӣ бо кишварҳои дар ҳоли рушд, чолишҳои тунд ба миён меояд. Дар натиҷа омилҳои

зиёде барои мустаҳкам намудани ҳудуд ва пойдор кардани ҳолатҳои истисноӣ, ҳам дар кишварҳои тараққикарда ва ҳам дар кишварҳои дар ҳоли рушд, ба вуҷуд меояд. Манотиқи аз лиҳози саноатӣ рушд карда, қувваи кориро аз кишварҳои сусттараққикарда содир мекунанд, аммо тибқи маъмул ба ин гуна ашхос, ки омада барои рушди ин кишвар саҳми худро мегузоранд, ҳаққи гирифтани шаҳрвандӣ ва бархӯрдор шудан аз имконоти онро намедиҳад. Мӯҳтоҷӣ ва табъиз (дискриминация) баъзе аз онҳоро водор мекунад, ки даст ба ҷиноят зананд. Дар натиҷа, ҳисси бадбинӣ нисбат ба онҳо аз ҷониби аҳолии кишвари мизбон торафт зиёд мешавад. Чунин ҳолат боиси зиёд шудани бадбинӣ ва ҳисси миллатгароӣ мешавад. Дар ҷомеаи пеш аз саноатӣ фарҳангҳои гуногун бо ҳамдигар ҳамзистӣ намуда, боиси ба вуҷуд омадани бӯҳрони сиёсӣ намешаванд, балки баръакс ин гуна ҷомеа боиси устувор шудани ҳокимияти сиёсӣ мешавад. Дар шароити саноатишавӣ бошад стандартизатсияи фаъолияти истеҳсолӣ воҳидҳои сиёсиеро ба вуҷуд меорад, ки агарчи зоҳиран гуногун бошанд ҳам, аз рӯи моҳияти худ мушобеҳанд ва дар айни замон, ҳам воҳидҳои сиёсӣ ва ҳам воҳидҳои фарҳангӣ маҳсуб меёбанд.

### Аҳамияти корбурдии назарияи Геллнер

Назарияи Геллнер барои ҳалли мушкилиҳое, ки аз низоъҳои миллӣ сар мезанад чи пешниҳод карда метавонад?

***Якум, дарки зарурати ҳисси воқеъигароӣ.*** Даъват ба ҳифзи вижагиҳои фарҳангӣ (қавмӣ) як гумроҳӣ ё ақидаи пуч нест, ки аз ҷониби назарияпардозони хаёлӣ пешниҳод шуда аз ҷониби экстремистон пиёда мегардад ва ҳадафи аслии худро аз оммаи васеъ пинҳон мекунад. Решаи ин гуна даъватҳо дар шароити воқеии замони муосир нуҳуфтааст ва онро намешавад на бо роҳи хайрҳоҳӣ, на ба дуову даъватҳо ва на бо зиндонӣ намудани аъзои ифротӣ бартараф намуд. Мо бояд ин решаҳои миллатгароиро дарк намуда ва самараҳои онро бипазирем.

Раванди мутобиқшавӣ ба воқеъияти нав, мутассифона, на ҳама вақт бидуни мушкилиҳо сипарӣ мешавад. Мо аз олами пеш аз саноатӣ фарҳангҳои мухталифи қавмии зиёдро ба мерос бурдаем.

Шароити муосир боиси ба вуҷуд омадани эгалитаризм (решаҳои он ба решаҳои миллатгароӣ шабоҳат дорад) шудааст. Он мутобиқ наомадани ҳудудҳои сиёсӣ ва қавмиро аслан намепазирад. Мубориза бо ин хурофотҳои қавмӣ на ҳама вақт бо роҳи мусолиматомез анҷом меёбад. Мо интизори дорем, ки ин гуна мушкилиҳо дар оянда бо роҳи мушаххас намудани ҳудудҳои маъмурӣ ва ассимилиятсия, на бо роҳҳои ваҳшиёна чун қатли ом (генотсид) ё муҳоҷиркунии маҷбурии мардум анҷом меёбад.

***Дуюм, ин назария метавонад ба мо асосе барои хушбинӣ низ диҳад.*** Рушди сатҳи накӯаҳволии иқтисодӣ метавонад тундиҳои миллатгароиро кунд кунад. Вақте ду миллате, ки қаблан даргири низоъҳои қавмӣ буданд, шароити баробар барои рушди иқтисодӣ дошта бошанд, он чолишҳои ношӣ аз нобаробарии иқтисодӣ, ки дар шакли хушунатомези фарқиятҳои фарҳангӣ ва миллӣ зоҳир мешуданд, худ аз худ аз байн мераванд.

Дар охир бояд қайд кунем, ки назарияи Геллнер перомуни миллат ва миллатгароӣ то ҳол аҳамияти худро гум накардааст ва метавонад барои пажӯҳишгарон имконоти васеъи истифодаи модел ва дидгоҳро пешниҳод кунад, ки барои дарки равандҳои муосири ҷомеаҳои ҷаҳонӣ мусоидат менамояд.

**Манбаъ**

Геллнер Э. Нации и национализм. Пер. с англ. Ред. И послесл. И. И. Крупника. Москва. «Прогресс», 1991. – 320 стр.

Ҳамчунин китобро метавонед дар суроғаи зерини саҳифаи интернет дарёфт намоед:

**http://www.gumer.info/bibliotek_Buks/Polit/gelln/12.php**

# БОБИ II.
# БЕНЕДИКТ АНДЕРСОН
# «ҶОМЕАҲОИ ТАХАЙЮЛӢ»

## Ҳолнома

**Бенедикт Ричард О'Горман Андерсон** (ба инглисӣ **Benedict Richard O'Gorman Anderson**) пажӯҳишгари шинохтаи миллатгароӣ, профессори донишгоҳи Корнел 26 августи соли 1936 дар шаҳраки Кунмини Ҷумҳурии мардумии Чин дар оилаи афсари британиёӣ таваллуд шудааст. Донишгоҳи Кембриҷро хатм кардааст. Солҳои 1950-ум ва 1960-ум дар Индонезия ва Таиланд тадқиқотҳо гузаронидааст. Ҳоло ба ҳайси директори барномаи Индонезияи муосир фаъолият намуда, ҳамчунин профессори тадқиқоти байналмиллалии донишгоҳи Корнели ИМА мебошад. Шӯҳрати ҷаҳониро Андерсон баъди нашри китобаш «Ҷомеаҳои тахайюлӣ: андешаҳо перомуни пайдоиш ва паҳншавии миллатгароӣ» (Imagined Communities: Reflections on the Origin and Spread of Nationalism) соҳиб шуд, ки байни коршиносони гуногуни соҳаи сиёсатшиносиву ҷомеашиносӣ баҳсҳои ҷиддиро ба вуҷуд овардааст.

## Тезиси асосӣ

Андерсон яке аз назарияпардозони машҳури миллат ва миллатгароӣ ба шумор меравад, ки мавқеи ба худ хосро дорад. Нуктаи марказии китоби мазкури Андерсон ин аст, ки миллат ҳамчун ҷомеаи тахайюлӣ (imagined communities) тасвир шудааст. Аз назари ӯ нақши расонаҳо, махсусан васоити ахбори омма (ВАО) ва маводҳои чопӣ (махсусан китобҳо) дар раванди тахайюли миллат нақши боризро бозӣ мекунанд. Андерсон падидаи миллатгароиро таҳқиқ намуда, пешниҳод кардааст, ки миллатгароӣ на дар Аврупо, чуноне ки аксари муҳаққиқони соҳа андешаи мазкурро ҷонибдоранд, балки дар Амрикои Лотинӣ ба вуҷуд омадааст ва он барои рушди миллатга-

роӣ дар Аврупо мусоидат намудааст. Андерсон дар бобати ташкили аввалин давлатҳои креолӣ сухан ронда дар муддати кӯтоҳ худро миллат тасаввур намудани онҳоро рӯи қоғаз меорад. Вай рушди миллат ва миллатгароиро даврабандӣ намуда, дар китоби худ чаҳор модели миллатгароиро нишон медиҳад. Аз ин рӯ аз хонандаи ҳушёру нуктадон хоҳиш менамоем, ки дар вақти хондани навиштаи мазкур бодиққат бошад, чунки матн ва тарзи баёни фикри муаллиф хеле печида аст ва барои дарки нуктаҳои муҳимми Андерсон сараввал тоқат, баъд андеша лозим меояд.

**Вуруд ба мавзӯъ.**

Дар оғози китоби худ Андерсон ҷиҳати мушаххас намудани мафҳуми «миллат» се ҳолати парадоксалиро номбар мекунад, ки кулли назарияпардозони миллатгароиро дар ҳолати ногувор ва тангно қарор медиҳад: *«1) Муосирияти объективии миллат аз назари муаррих ва қадимияти субъективии он аз дидгоҳи миллатгаро; 2) Машруъияти универсалии миллият ҳамчун мафҳуми иҷтимоию фарҳангӣ [социкультурность] (дар ҷаҳони муосир ҳар фард бояд миллият дошта бошад, ҳамчуноне ки ӯ ҷинс дорад) ва ислоҳнопазирии портикулярии зуҳуроти мушаххаси он (масалан, миллияти «юнонӣ» аз рӯи таъйинот, миллияти sui generic аст); 3) Аз як тараф иқтидори «сиёсӣ»-и миллатгароӣ ва аз сӯи дигар тангдастии фалсафӣ ва ҳамчунин ноҳамоҳангии даруниии он»* (саҳ. 28-29). Дар идомаи масъалагузорӣ Андерсон иброз менамояд, ки дар тафовут аз дигар мафҳумҳо - «миллатгароӣ» мутафаккирони бузурги худро наофаридааст.

Андерсон бо истифода аз таҷрибаи антропологӣ чунин мафҳуми миллатро пешниҳод менамояд: *«Ин (Миллат) ҷомеаи сиёсии тахайюлшуда буда, ба ҳайси як чизи маҳдуд тасвир ёфта, ҳамзамон дорои соҳибихтиёрӣ аст»* (саҳ. 30). Яъне аз назари Андерсон миллат ин ҷомеаи та-

хайюлшуда мебошад, ки дар қаламрави маҳдуд (яъне муайян бо марзҳои худ) ҷой гирифта, соҳибихтиёр аст (яъне соҳиби давлати мустақил худ).

*«Онҳо (намояндагони як миллат) барои он тахайюлианд, ки ҳатто аъзои миллатҳои хурд наметавонанд аксарияти ҳаммиллатони худро шиносанд, ҳарчанд вомехӯранд, якдигаро мешунаванд, ҳамзамон дар шуурашон хусусиятҳои умумии онҳо мавҷуд мебошад»* (саҳ. 31). Яъне аз назари Андерсон хусусияти тахайюлшавӣ худ як омили универсалӣ аст, ки дар тамоми миллатҳои ҷаҳон дида мешавад. Ин омил аз назари ӯ дар сатҳи шуур шакл гирифта, умумият ва фарқияти он маҳз дар шуур зоҳир мегардад.

Аз назари Андерсон ҷомеаро бояд на бо дурӯғ ё ҳақиқӣ буданаш, балки бо хусусияте, ки онҳо тахайюл мешаванд, фарқ намоем. Яъне усули «хусусияти тахайюл»-и ҷомеа дар миллатҳо гуногун аст ва қолаби универсалии муайян карданро надорад.

*«Миллат ба таври **маҳдуд** тахайюл мешавад, гарчанде миллати бузург бошад ҳам, он ҳудуди ҳаракаткунанда ва маҳдуди худро дорад, ки берун аз он миллатҳои дигар зиндагӣ доранд. Ягон миллат худро дар баробарвазнии ҷомеаи ҷаҳонӣ тасаввур наменамояд»* (саҳ. 32). **Яъне хусусияти маҳдуд ва муайян тахайюл намудан, яке аз унсурҳои универсалии шинохти миллат мебошад.**

*«Миллат соҳибихтиёр **тахайюл** мешавад, зеро ин мафҳум замоне пайдо гашт, ки даврони Эҳё ва Инқилоби Фаронса низоми машрӯъи аз ҷониби Худо муайян шудаи давлатҳои сулолавиро вайрон намуд (Андерсон Аврупоро дар назар дорад). Дар ин марҳалаи таърихӣ инсоният ба балоғат расида, ба зиддияти паҳноии динҳои универсалӣ гирифтор шуд, ки ҳар кадоме дар худ ҷараёнҳои гуногунро доштанд ва ба ҳудудҳои якдигар талабот пеш мегузоштанд. Миллатҳо орзуи озод буданро доранд, ҳатто дар зери қудрати Худо. Гарав ва нишони ин озодӣ давлати*

*соҳибихтиёр мебошад*» (саҳ. 32). Яъне аз назари Андерсон **«орзуи озод будан»** ва имкони доштани **«давлати соҳибихтиёр»** ҳамчун нишонаи ҳастии худи миллат ва омили ба вуҷуд омадани он фаҳмида мешавад.

*«Миллат ҳамчун* ***ҷомеа*** *тасаввур мешавад, новобаста аз мавҷудияти ҳолатҳои нобаробарӣ ва сӯистифодаи якдигар, ки дар дохили ҳар миллат ҷой дорад ва миллат ҳамеша ҳамчун рафоқати жарфи уфуқӣ фаҳмида мешавад. Ин бародарӣ дар тӯли ду аср барои миллионҳо одамон на ба куштани якдигар, балки озодона, бо хоҳиши худ барои ин фаҳмиши танги тахайюлӣ шаҳид шуданро имконпазир гардонидаст»* (саҳ. 32).

Марг, муаммо ва саволеро ба миён меоварад, ки чӣ гуна ин фаҳмиши нисбатан ҷавони ду аср таърих дошта (яъне «миллатгароӣ»-Ш.Р.), чунин шаҳодатро ба вуҷуд овардааст, ки онро аксаран миллатгароён истифода менамоянд. Андерсон пешниҳод менамояд, ки барои дарёфти ҷавоб бояд ба решаҳои фарҳангии миллатгароӣ рӯ овард.

## РЕШАҲОИ ФАРҲАНГИИ МИЛЛАТГАРОӢ

Дар фарҳанги муосири миллатгароӣ аз назари Андерсон барҷастатарин нишонаро ёдгориҳо ва мақбараҳои сарбозони номаълум ташкил медиҳад (саҳ.33). Маросимҳои оммавии ёдбуди ин гуна мақбараҳо нишондиҳандаи он аст, ки касе дар бобати миллияти онҳо наандешидааст ва азми муайян намудани онро надорад ва ҳатто савол роҷеъ ба ҳуввияти онҳо беҷо фаҳмида мешавад, ки зимни муқоиса мушаххас мешавад, ки фарҳанги замони қадим чунин шакли анъанаро надошт. Дар ҳамаи давлатҳо ин мақбараҳо ҳамчун ҳамватан ва ҳаммиллати онҳо шинохта мешаванд ва руҳияи тахайюли миллиро пурра менамоянд.

Хусусияти фарҳангии ин ёдгориҳо дар он зоҳир меёбад, ки дар он тақсимот аз нигоҳи дидгоҳои сиёсӣ сурат намегирад, зеро ҷараёнҳо (идеологияҳо)-и сиёсӣ дар ягон вазъ ба масъалаҳои маргу абадият сару кор надоранд. Лекин ин омиле, ки дар миллатгароӣ ба мушоҳида мерасад, қаробаташро бо таълимоти диниӣ нишон медиҳад, зеро ҳамаи динҳои ҷаҳонӣ дар бобати бадбахтӣ ва ноқисии инсонӣ ҷавобҳои худро доранд, аммо таълимоти сиёсӣ дар ин ҷода хомӯширо ихтиёр менамояд. *Ин нуктаҳоро Андерсон барои он меорад, ки асри XVIII авҷи хуруҷи миллатгароӣ буда, ҳамзамон даврони аз саҳна рафтани тафаккури динӣ низ мебошад*. Ин шароит ва дигар шудани арзишҳои инсонӣ тарафҳои мусбату манфии худро дорад ва беҳтарин роҳи ба мақсад ноил шудан дар ин самт ғояи «миллат» мебошад. *«Агар давлати миллиро бо дарназардошти шинохти «муосирият» ва «таърихият» бипазирем, пас миллат, ки ба онҳо тобиши сиёсӣ медиҳад, хамеша аз дурии гузашта пайдо мешавад ва аз ҳама муҳим баояндаи беохир меравад»* (саҳ. 35).

Миллатгароӣ хусусияти сеҳрноки иваз намудани шароитро ба тақдир дорад. Дар ҳамин замина Андерсон менависад, ки *«мо метавонем бо ҳамовозии Дербе бигӯем: «Ин ки ман фаронсавӣ таваллуд шудам ногаҳонӣ аст, зеро дар ниҳоят Фаронса абадӣ мебошад»* (саҳ. 35).

Андерсон ба таври махсус таъкид менамояд, ки ба вуҷуд омадани миллатгароӣ дар асри XVIII нишонаи нобудшавии ақоиди динӣ нест ва ӯ ҷонибдори фикри таърихан иваз шудани дин ба миллатгароӣ низ намебошад. Лекин Андерсон ба таври тахмин ҳадс мезанад, ки *«барои шинохти миллатгароӣ бояд онро на бо идеологияҳои сиёсии роиҷ дар сатҳи худшиносӣ, балки бо низомҳои васеъи фарҳангӣ пайваст намоем, ки қабл аз хуруҷи он вуҷуд доштанду дар ҳамзамон баръакси он пайдо шуданд»* (саҳ. 35).

Андерсон дар ҳамин қолаб барои шинохти дурусти масъала, баррасии ду низоми фарҳангӣ, яъне ҷомеаи динӣ

ва давлати сулолавиро пеш мегузорад, зеро аз назари ӯ ҳар ду дар авҷи нашъунамои худ низоми муайянкунанда буданд. Мисле ки имрӯз ин мавқеъро миллатгароӣ касб намудааст. Барои ҳамин, ба таври ҷиддӣ пешниҳод менамояд, ки асли дурустии ин ду низоми фарҳангиро бояд ташхис кард ва инчунин нуктаҳои калидии аз байн рафтани онҳоро низ нишон дод.

**Тахайюли ҷомеаҳои динӣ бо воситаи забони муқаддас**

Андерсон дар мисоли динҳои асосии ҷаҳонӣ, яъне дар мисоли ислом, насроният, буддизм ва конфусизм менависад, ки хусусияти онҳо бемаҳдуд тахайюл намудани ҷомеаҳои худ буд, ки бар асоси забони муқаддас ин умумиятро нигаҳ медоштанд. Баргирифта аз муносиботи намояндагони халқиятҳои гуногуни исломӣ (мусалмон) дар Макка, Андерсон менависад: *«Гарчанде онҳо (яъне мусалмонон-Ш.Р.) забони якдигарро намедонанд, аммо идеограммаҳои якдигарро мефаҳманд. Ин шароит аз он ҷиҳат имконпазир аст, ки матни муқаддас (яъне Қуръон-Ш.Р.)-и бароишон умумӣ ба забони классикии арабӣ навишта шудааст. Ҳамин тариқ, ҳуруфоти арабӣ ба монанди иероглифҳои чинӣ ҷомеаро на бо овоз, балки бо аломат ташаккул медод. Ин таҷриба ҳоло дар илми ҳисоб низ истифода мегардад»* (саҳ. 36).

Ҳамаи ҷомеаҳои аҳди бостон худро ҳамчун маркази ҷаҳон ба воситаи забони муқаддас ва низоми қудрати осмонӣ тахайюл менамуданд. Барои ҳамин дурию паҳноии ҳуруфоти лотинӣ, палӣ, арабӣ ва чинӣ аз ин нуқтаи назар бемаҳдуд буд. Андерсон ин ҷо қайд менамояд: *«агар ҳуруфоти забон мурда, яъне аз забони гуфтугӯи дур бошад ин хуб аст, зеро ҳар фард метавонад ба дунёи аломатҳои тоза раҳ ёбад»* (саҳ. 33).

Ҷомеаҳои аҳди бостон дар асоси забони муқаддас иттиҳод шуда, бо хусусияти худ аз миллатҳои муосири та-

хайюлшуда фарқ доранд. Ин *«тафовут ба бовари томи муқаддас будани забони эшон ва имконияти қабул намудани дигарҳо ба гурӯҳ фаҳмида мешавад, зеро аз назари онҳо одами ниммаданӣ беҳтар аз одами ваҳшӣ шинохта мешуд, ки хоси ҳамаи тамаддунҳои қаблист»* (саҳ. 37-38).

Ҷомеаҳои бузурги ҷаҳонӣ ба воситаи ҳарфҳои беовоз, дар асоси забони муқаддас тасаввур мешуданд. Воқеияти ин дидгоҳҳои номуайян барои фаҳмиши ғарбӣ бегона аст, зеро он ба ғояи аломат, яъне мушаххасан, ғайривоқеӣ будани аломат асос меёбад. Феълан баҳсҳо дар атрофи ин масъала бисёранд ва тарафдорони ин ғоя бар он назар буданд, ки ҳақиқатро танҳо бо истифода аз аломатҳои ин забонҳо фаҳмидан мумкин аст ва ҳамчун забони ҳақ онҳо такони ба тарафи худ кашиданро доштанд ва ин хусусият миллатгароиро аз онҳо дур менамояд.

Бо вуҷуди чунин қудратмандӣ забон(ҳо)-и муқаддас (ва ҳамчунин тафаккури динӣ) дар асри миёна иқтидори пешинаи худро гум менамояд, ки аз назари Андерсон ба он ду омил таъсир расонид: *«**Омили якум** аз худ намудани дунёи ғайриаврупоӣ, ки ба фаҳмиши фарҳанг ва ҷуғрофиё таъсир расонид. Ин ҳолат дар адабиёти аврупоии роҷеъ ба саёҳати ҷаҳонӣ хеле дақиқ вомехӯрад. **Омили дуввум** паст шудани мавқеи забони муқаддас аст. Ин раванд дар асри XVI огоз мегардад ва забони умумиаврупоии илм ва фикр (яъне забони лотинӣ) оҳиста-оҳиста мавқеи худро ба забонҳои маҳаллӣ месупорад»* (39-41). Дар ин ҷода, аз назари Андерсон нақши сармоядории (капитализми) чопӣ хеле муассир аст. Он замон ягона забоне, ки меомӯзониданд ин лотинӣ буд ва ин худ исботи муқаддасии забон аст. Дигар забонҳо лоиқ ба омӯзиш набуданд ва ин як воқеияти замон буд. Баъди соли 1640 чопи китобҳо бо забони лотинӣ кам мешавад ва акнун қисмати калони китобҳои чопшуда ба забонҳои миллии аврупоӣ буданд ва аз ин ба баъд саноати чопи китоб хусусияти фаромиллии худро гум мекунад. Ба охир расидани даврони забони лотинӣ ин

як нишонаи бахши хусусии раванди васее мебошад, ки дар натиҷаи он ҷомеаҳои динии ҳамгирошуда, қадам ба қадам ба қисмҳо, гуногунандешӣ ва қаламрав маҳдуд мешуданд.

## Гузариши машрӯъият аз давлати сулолавӣ ба шаҳрванд

Хусусияти дигари фарҳангии миллатгароӣ аз назари Андерсон ба давлатҳои сулолавӣ иртибот дорад. Дар ин қисмати китоби худ Андерсон андешаи худро мушаххасан бар пояи далелҳо меоварад.

Дар замони муосир дарки вижагии давлати сулолавӣ мушкил аст, зеро он ба фаҳмишҳои имрӯзаи ҳаёти сиёсӣ номувофиқ буда, он замон (яъне замони қабл аз давлати миллӣ) ҳамчун комилтарин низоми сиёсӣ шинохта мешуд. Дар шоҳигарӣ ҳама чиз дар меҳвари марказ ташаккул меёфт. Машрӯъияти он аз Худо буда (ё шинохта шуда), сокинонаш на шаҳраванд, балки табаа буданд. Дар фаҳмиши имрӯза соҳибихтиёрӣ ба ҳар як сантиметри қаламрави маҳдудшудаи фазо паҳн мешавад, лекин дар фаҳмиши давлати сулолавӣ соҳибихтиёрӣ аз як тараф ба тарафи дигар мегузашт. Ин раванд на танҳо бо ҷанг, балки бо низоми душвори издивоҷи сулолаҳои шоҳӣ сурат мегирифт ва муайян намудани миллияти ин сулолаҳо хеле мушкил мебошад. Аз асри XVII, баъди қатли Карли Стюарт ва ба дасти намояндаи плебейӣ гузаштани ҳокимият дар Инглистон то соли 1914 ин махсусияти машруъият (яъне аз Худо буданаш) дар сиёсати ҷаҳонӣ аксариятро ташкил медод. Вале ин машрӯъият оҳиста – оҳиста нобуд мешавад ва мавқеи худро ба машрӯъияти миллият месупорад.

## Тағйирот дар шинохти вақт ва манбаи худшиносии миллӣ

Нуктаи дигари муҳимми муайян намудани миллат ва миллатгароӣ аз назари Андерсон тағйирот дар шинохти

вақт аст. Дар баробари равандҳои фавқуззикр, замони таҷдиди назари вақт дар Аврупо низ мерасад. Намунаи беҳтарини он дар тасвиру нигораҳои рассомони машҳур ва романҳои нависандагон таҷассум ёфтааст. Дар натиҷаи ин шароит, дигаргунӣ дар шинохти вақт ба вуҷуд меояд ва дар баробари густариши фарогирифти фикрии адибон, раванди тахайюл кардани аҳолӣ ва дар як вақт ҳис намудани заминаҳои якдигар дар як фазо пайдо мегардад. Муҳимтарин омил дар ин ҷо афзоиши теъдоди китобҳои чопшуда ва ба майдон омадани матбуоти даврӣ аст. Агар аввалӣ дар худ воқеияти аср ва замони худро нигаҳ дорад, пас дуюмӣ барои тахайюли як ҷомеа, аъзои гуногуни худро дастрас мегардонад.

Андерсон пеш аз баррасии манбаҳои мушаххаси миллатгароӣ, суханони болоро ба ёд оварда менависад, ки моҳиятан, имконияти тахайюл шудани миллат таърихан дар он ҳолате пайдо мегардад, ки он ҷо се таассуроти асосии фарҳангӣ ва асосан қадима қудрати бидоҳатии (аксиома) худро дар ақли инсонҳо аз даст медиҳанд. «***Якум**, андешаи танҳо ба воситаи забони имтиёзнок дарёфтани ҳақиқати онтологӣ. Чун худи он як қисми ҳақиқат аст. **Дуюм**, табиатан дар меҳвари шоҳӣ ташаккул ёфтани ҷамъият ва фарқ доштани сулолаи шоҳӣ аз мардуми оддӣ. Ниҳоят **сеюм**, таассуроте, ки дар он таърих ва космология аз ҳам ҷудо нестанд ва мабдаи дунё ва одамон ҳуввияти ягона доранд»* (саҳ. 58-59). Заволи оҳиста ва ноҳамвори ин се эътиқоди ба ҳам пайваст сарраввал дар Аврупои Ғарбӣ ба вуҷуд омада, бо таъсири дигаргуниҳои иқтисодӣ, кашфиёт (илмӣ ва иҷтимоӣ) ва рушди воситаи ҷадиди иртибототӣ фарқиятро байни таърих ва космология ба миён меоварад. Аз ин ҷо зарурат ба ҷустуҷӯи усули нави ба ҳам пайвастан ва воҳидияти бародарӣ, қудрат ва вақт пайдо мегардад. Дар самти суръат бахшидан, хизмати ҷиддиро сармоядории чопӣ иҷро менамояд, ки барои мардумон восита ва имконияти хуби шинохти худ, пай-

васти якдигарро бо усулҳои дақиқан нав фароҳам меоварад.

Рушди чоп ҳамчун мол заминаи мусоидро барои шинохти вақт ва замон ба вуҷуд овард ва *маҳз дар ин замина миллат хеле маъруф гашт*. Андерсон барои исботи ин андешаи худ мисолҳои зиёдро дар бобати нақши саноати китобчопкунӣ дар фазои умумии Аврупо ва пайдо кардани миллатҳо оварда, менависад, ки дар он замон забони асосии чоп забони лотинӣ буд, ки сар аз соли 1500, тақрибан 150 сол давом кард. «Истеъмолгарон»-и асосии ин истеҳсолот аввалан мардумони босавод буданд, зеро донандагони ин забон хеле кам буданд. Аксариятро дар Аврупо одамони якзабона ташкил медоданд ва дузабонаҳо хеле кам шуда, барои саноати китобчопкунӣ дарёфти бозори навро ҷиҳати фурӯши маводи истеҳсолкардаи худ гузоштанд. Маҳз дар ин вақт барои рушди соҳа, ба чоп омода шудани китобҳо дар забонҳои мардумии Аврупо оғоз гардид, ки ба рушди ҳуввият ва худшиносии миллатҳо кӯмак намуд.

Ин фишори инқилобии сармоядорӣ кумаки бевоситаи се омили берунаро пазируфт, ки дутои он барои худшиносии миллӣ таъсир расонидаанд:

***Омили якум***, дигар шудани **табиати забони лотинист**. Офарандагони асарҳо бо ин забон барои паҳн намудани маводи чопии худ ва ҳамчунин барои зинда нигоҳ доштани ҳуввияти насронӣ усули баёнро хеле ба қадим бурданд, ки дар натиҷа забон на танҳо нафаҳмо, балки забони калисо аз забони гуфтугӯйи ҳаррӯза дур мешавад. Фарқи ин забон аз нигоҳи моҳияти асрҳои миёна ба ин шакл таҷассум мегардад, ки бо вуҷуди забони муқаддас ва доштани ҳуруф, инчунин бо мавҷудияти матни динӣ бо ин забон, фаҳмида мешавад. Дар асри сармоядории чопӣ ин забон ба *«забони сеҳрноке мубаддал гашт, ки бо он танҳо ба хотири забон буданаш менавиштанд»* (саҳ. 62);

***Омили дуюм,*** таъсири **реформатсия** аст, ки дар муваффақияти худ ба сармоядории чопӣ вобастагӣ дорад. То аҳди китобчопкунӣ Рим (Ватикани имрӯзаро дар назар дорад,- Ш.Р.) дар тамоми муборизаҳо бо куфр ба манфиати худ дастболо мешуд, зеро имконоти хубе нисбат ба ҳарифон дошт. Вале замоне ки Мартин Лютер соли 1517 навиштаҳои худро дар калисои Виттенберг овезон кард, баъди 15 рӯз он дар тамоми Олмон паҳн гардид. Дар ин даҳсола саноати китобчопкунӣ бо суръат пеш мерафт ва маҳз ин замон аудиторияи бузурги китобхон пайдо шуд. Бо истифода аз таҷрибаи Лютер, дар Аврупо ҷанги таблиғотии динӣ ба вуҷуд омад, ки 150 сол идома ёфт. Дар ин мубориза протестантизм зарфияти забони модариро дарк намуда, барои танг намудани мавқеи лотинӣ, аз он хеле моҳирона истифода кард. Ҳамкории зичи протестантизм ва саноати китобчопкунӣ симои Аврупоро тағйир дод ва на танҳо ба калисо зарбаи шадид зад, балки *«дар натиҷаи он давлатҳои ғайрисулолавӣ аз қабили Ҳуланд ва Иттиҳоди Пуританӣ ба вуҷуд омаданд»* (саҳ. 63). Эътирози шоҳони он замон нисбат ба ин раванд ҳам динӣ ва ҳам сиёсӣ буд;

***Омили сеюм,*** паҳноии заиф ва нобаробари ҷуғрофии **забонҳои вижаи модарӣ**, ки барои истифода гардиданаш ҳамчун забони кори мақомоти давлатӣ душвориҳоро барои шоҳони нисбатан мустақил ва соҳибихтиёр ба пеш овард. *«Бояд дар назар дошт, ки умумияти лотинӣ ҳамчун забон бо умумияти низоми сиёсии Аврупо ҳаммазмун набуд»* (саҳ. 63). Бинобар ин баъди тақсими Аврупои Ғарбӣ ҳеҷ яке аз ҳокимон наметавонист забони лотиниро аз худ кунад ва онро танҳо моли худ донад. *«Ташаккулёбии забонҳои модарии маъмурӣ ҳам чоп ва ҳам табаддулоти динии асри XVI-ро муайян намуд ва он бояд яке аз омилҳои аз байн рафтани ҷомеаи тахайюлшудаи динӣ (муқаддас) шинохта шавад»* (саҳ. 64). Дар баробари ин, ҳеҷ яке аз равандҳои ташаккули ин гуна забон дар макони ба вуҷуд омадани худ, омилҳои идеологӣ ва томиллатсозиро надошт ва худ аз худ ба таври табиӣ ба вуҷуд омад, ки мисоли амалии Инглистон онро пурра равшан менамояд.

# МОДЕЛҲОИ МИЛЛАТГАРОӢ

## Сармоядории чопӣ ҳамчун «дастгоҳ»-и забонсозӣ ё модели классикии миллатгарии аврупоӣ

Дар раванди забонсозӣ ва муттаҳид намудани гӯиш ё лаҳҷаҳои гуногуни забони воҳид дар Аврупо, нақши калидиро сармоядории чопӣ (мушаххасан истеҳсолоти он, яъне китоб, рӯзнома ва ғайра) мебозад, ки дар натиҷаи пешниҳоди маҳсулоти худ умумияти забони чопиро дар ҳудуди муайяни зиндагии соҳибони забон фароҳам овар- да, забони маъмурии давлатиро мустаҳкам мекард.

Забонҳои чопӣ шинохт ё худшиносии миллиро бо се тарзи гуногун ба вуҷуд меоваранд:

***Якум***, забонҳои чопӣ бунёди заминаи воҳид (унификатсияшуда)-и иртиботиро ба вуҷуд оварданд, ки *«аз забони гуфтугӯӣ боло ва аз забони лотинӣ поён буд. Мардумоне, ки бо лаҳҷаҳои гуногуни забонҳои инглисӣ, испанӣ ва фаронсавӣ ҳарф мезаданд, якдигарро бо ин гӯишҳо намефаҳмиданд ва ба воситаи забони чопӣ андешаи якдигарро дарк мекарданд. Дар натиҷа одамон мавҷуд будани ҳазорҳо ва миллионҳо барандагони ҳавзаи забони худро дарк намуданд ва маҳз бо пайвасти чоп, ин хусусияти ҳам айнулаён ва ҳам диданашаванда, тухмаи ҷомеаи миллии таҳайюлшавандаро ба вуҷуд овард»* (саҳ. 67);

***Дуюм,*** сармоядории чопӣ ба забон *«устувории навро бахшид, ки дар дурнамои дарозмӯҳлат имконияти ба вуҷуд овардани хусусияти қадимаи онро дошт, ки ҷойгоҳи муҳимро дар тахайюлоти субъективии миллат бозӣ мекунад»* (саҳ. 67);

***Сеюм,*** сармоядории чопӣ чунин *«забонҳои қудратро ба вуҷуд овард, ки аз диди шакл аз забонҳои пешини маъмурии маҳаллӣ фарқ мекарданд. Барои ҳар як забони чопӣ баъзе аз лаҳҷаҳо бегона буд ва дар натиҷаи омехташавӣ, ин гӯишҳо хусусияти пешинаи худро аз даст доданд ва ба забони содда табдил ёфтанд»* (саҳ. 67). Бояд қайд кард, ки дар замони ташаккули худ ин равандҳо ба таври табиӣ ба вуҷуд

омаданд ва ба раванди пешрафти сармоядорӣ вобастаанд. Вале дар натиҷаи пайдо шудани ин моделҳо барои дигарҳо (яъне давлатҳо) омили зӯроваронаи татбиқ оғоз гардид ва он пеш аз ҳама барои ба даст овардани манфиат равона буд.

Имрӯз маълум аст, ки аксарияти миллатҳои мавҷуда забони чопии худро доранд ва онҳо дар ҳудуди давлат умумиянд ё аз он қисмати ками аҳолӣ ҳамчун забони гуфтугӯӣ ё корӣ истифода мебаранд.

## Модели креолии миллатгароӣ

Моделҳои гуногуни миллатгароӣ, ки аз тарафи Андерсон матраҳ карда мешаванд, барои шинохти дурусти ин мафҳуми «пурасрор» кӯмак менамоянд. Барои ҳамин Андерсон дар иртибот ба мавзӯи таҳқиқшаванда барои дарёфти зарфият ва модели нав, ки аз таҷрибаи кишварҳои аврупоӣ фарқи ҷиддӣ дорад, ба давлатҳои **креол**[5]-ӣ назар меафканад ва хусусияти фарқкунандаи онҳоро дар интихоби усули бавуҷудорӣ ва татбиқи миллат нишон дода, умумияти мақсадро аз назари натиҷаи ба даст омада баён менамояд. Ҳамчунин нақши креолҳоро дар ташаккули миллат ва давлат дар кишварҳои зисташон барои тадқиқи миллат ва миллатгароӣ муҳим мешуморад.

Давлатҳои нави амрикоии охири асри XVIII ва аввали XIX хеле ҷолибанд, зеро дар онҳо то андозае ду омили дар зер оварда шавандаи замони миллатгароии Аврупои асримиёнагӣ мувофиқ набуда, балки бо берун шудан аз ҳавзаи Аврупо, фаҳмиши музофотиву аврупоии миллатгароиро ба вуҷуд оварданд:

***Якум***, агар сухан *«дар бораи Бразилия, ИМА ё дигар мулкҳои истеъмории Испониё дар минтақаи Амрикои Ғарбӣ равад, пас дар ин ҳолат забон унсури муҳимми*

[5] Креол ***(Criollo)*** – инсоне мебошад, ки зотан ё асолатан (то ба андозае назариявӣ) решаи тозаи аврупоӣ дорад ва дар Амрико таваллуд шудааст. Дар фаҳмиши баъдинаи васеи худ ашхосеро ифода мекард, ки берун аз қитъаи Аврупо таваллуд ёфтаанд.

*фарқкунандаи онҳо бо метрополияҳои империявии марбута шинохта намешавад, зеро тамоми онҳо аз ҷумла ИМА давлатҳои креолӣ буданд. Бунёдгузорон, ташкилкунандагон ва роҳбарони онҳо бо мардуми муқобилашон мубориза эълон карда (яъне аврупоиён), забон, зот ва асолати умумӣ доштанд»* (саҳ. 71). Дар воқеъ маълум аст, ки дар оғози муборизаи онҳо масъалаи забон муҳиммият надошт ва дар ягон ҳолат бардошта намешуд.

***Дуюм***, доир ба равандҳои Аврупои Ғарбӣ ин тезис аз Нейрн оварда мешавад: *«Сарогози миллатгароӣ дар фаҳмиши амиқи муосираш ба сиёсӣ шудани синфҳои поёнӣ вобаста аст. Гарчанде ки ҷаҳонбинии онҳо популистӣ ва зидди демократия буд, онҳо (яъне зиёиёну соҳибмулкон) мехостанд ба сиёсат синфҳои поёниро ворид созанд ва бо ҳамин роҳ пешвоии синфи миёна ва олимонро таъмин намуда, қувваи бузурги мардумиро барои дастгирии давлатҳои нав равона созанд»* (саҳ. 71) ба минтақаи Амрикои Лотинӣ комилан мутобиқат намекунад, зеро дар охирҳои асри XVIII намояндагони синфи миёнаи типи аврупоӣ дар Амрикои Марказӣ ва Ҷанубӣ хеле кам буданд, инчунин зиёиёни монанд ба замони он вақтаи аврупоӣ дида намешавад. Барои он ки омили «хондан» ба ҳаёти вақтии мулки истеъморӣ мувофиқ набуд ва ҳатто аввалин романи бо забони испанӣ навишташудаи амрикоӣ соли 1816, яъне баъди чандин соли сар задани мубориза барои озодӣ ба табъ расид. Дар чунин ҳолатҳои ҷолиб ба монанди Венесуэла, Мексика ва Перу, *«омили калидии истиқлолиятхоҳӣ аз Мадрид на ҳаракати **«ворид сохтани синфҳои поёнӣ ба сиёсат»**, балки **тарс** аз якҷоягии сиёсии синфҳои поёнӣ, мушаххасан ҳиндуҳо ва ғуломони сиёҳпуст буд»* (саҳ. 72). Ин тарс баъди ғасби Испониё аз тарафи Наполеон дар соли 1808 рӯнамо шуд, ки дигар ёрии ҳарбӣ ба креолҳо дар ҳолатҳои ногузири муташанниҷ аз Мадрид омада наметавонист. Аз тарафи дигар дар Перу шӯриши мардумӣ бо роҳбарии Тупак Амара (1780-1781) дар ҳофиза зинда буд

ва соли 1791 Туссен-Лувертюр шӯриши ғуломони сиёҳпӯстро роҳбарӣ намуд, ки бо натиҷаи пайдо шудани дуюмин давлати мустақил дар нимкурраи ғарбӣ дар соли 1804 ба анҷом расид ва аз ин амал аксарияти плантаторон-ғуломдорони калони Венесуэла ба ҳарос афтоданд. Бояд гуфт, ки аксарияти мардони сарварикунандаи истиқлолиятхоҳӣ дар ин минтақа заминдорон ва ғуломдорони калон буданд ва бисёриҳо сабук кардани кодекси ғуломдорӣ ва озод гаштани ғуломонро аслан қабул надоштанд ва ҳатто худи Боливар шӯриши сиёҳпӯстонро ҳазорҳо маротиба бадтар аз ҳуҷуми испаниҳо мешуморид. Баъдан дар раванди иваз шудани шароит аксарияти онҳо (яъне заминдор-ғуломдорони сарватманди истиқлолиятхоҳ) фикри худро тағйир доданд ва ба самти дигар ҳаракат намуданд (бояд гуфт, ки Боливар баъди иваз кардани мавқеяш сараввал ғуломони худро озод намуд ва баъди Президенти Колумбияи Бузург интихоб гаштанаш пешниҳоди озод намудани фарзандони ғуломонро кард, яъне бо ин амал ӯ мехост ғуломиро дар кишвараш аз байн барад ва инчунин исёни заминдорон-ғуломдорони калонро ба вуҷуд наорад), ки пеш аз ҳама мақсади истиқлолиятхоҳӣ доштанд. Дар ин замина, яъне хуруҷи истиқлолиятхоҳӣ дар кишварҳои истеъморзадаи америкоии испанӣ масъалаи забт гаштани худи Испониё ва ба давлати дуюмдараҷаи Аврупо табдил ёфтанаш яке аз омилҳои муҳим мебошад.

Аз тарафи дигар ҳамсафи Боливар - Сан-Мартин дар соли 1821 қарор қабул намуд, ки *«дар оянда мардумони маҳаллиро на ҳинду ва на таҳҷоӣ ном набаранд, зеро онҳо аз ин баъд фарзандон ва шаҳрвандони Перу ҳастанд ва дар оянда ҳамчун перуягӣ шинохта шаванд»* (саҳ. 73). Ин ҷо вобаста ба ин тезис Андерсон қайд менамояд, ки ин амал новобаста аз ҷой надоштани сармоядории чопӣ дар байни ин мардуми бесавод ба амал омад. Яъне фарқияти моделсозии миллат ва миллатгароӣ аз назари ӯ хусусияти

универсалии худро дар робита ба ин ибрат гум менамояд, зеро омилҳое, ки дар Аврупо ҳамчун раванд мерафт, дар ин қисмати Амрико умуман дида намешавад.

Барои равшан намудани нуктаи худ Андерсон чунин саволро мегузорад: *«барои чӣ ҷомеаҳои креолӣ пештар аз ҳама, ҳатто пештар аз ҷомеаҳои аврупоӣ, тахайюлотеро ба вуҷуд оварданд, ки онҳо миллатанд? Барои чӣ дар ин музофотҳои истеъморзада, ки аксарияти аҳолӣ дар асорат буд ва ҳатто ба забони испанӣ ҳарф намезад, креолҳоро ба вуҷуд овард, ки онҳо тамоми мардумро ҳамчун бародарони ҳаммиллати худ шинохтанд? Испониёро, ки аз бисёр ҷиҳат умумият доштанд, креолҳо ҳамчун душманони аҷнабӣ муаррифӣ намуданд? Барои чӣ империяи испаниву амрикоӣ, ки қариб 300 сол бемамоният вуҷуд дошт, дар як муддати кӯтоҳ ба 18 давлати мустақил тақсим гардид?»* (саҳ. 73) ва ба таври мушаххас ҷавоб медиҳад: *«Ҳолати мазкурро бо ду омили асосӣ маънидод намудан мумкин аст, яъне* ***якум,*** *пурзӯр шудани назорат аз тарафи Мадрид аз болои мулкҳои истеъморӣ ва* ***дуюм****, паҳн гаштани ғояҳои озодихоҳии маорифпарварӣ дар нимаи дуюми асри XVIII дар минтақаи мазкур»* (саҳ. 73-74).

Сиёсати императори Испониё Карли III дар бобати пурзӯр намудани назорати кишварҳои истеъморзада, ворид кардани андозҳои нав, рушд бахшидани муҳоҷирати испаниҳои аслӣ, устувор намудани монополияи худ аз болои савдо дар кишварҳои истеъморзада ва мутамарказ кардани сохтори идоракунӣ аксарияти табақаҳои креолиро норозӣ карда буд. Аз тарафи дигар ғояҳо ва доктринаҳои дар Аврупои Ғарбӣ ба вуҷуд омада, аз тарафи креолҳо хуб дарк мешуд ва нуктаи марказиро дар ин раванд *«исёни 13 мулки истеъморӣ дар Амрикои Шимолӣ ва инқилоби Фаронса бозӣ намуд»* (саҳ. 74). Чунин инқилоби фарҳангӣ ба он оварда расонд, ки ҳаракатҳои ҷумҳуриятхоҳӣ дар Амрикои Ҷанубӣ ба авҷи аъло расид ва дар ҳамаи кишварҳо ба ҷуз Бразилия, ки баъди забти Порту-

гал, шоҳ дар инҷо паноҳ ёфта буд (Шоҳ дар муддати 13 сол дар Бразилия зиндагӣ кард ва баъди бозгашт ба Португал дар соли 1821, писари худро бо номи Педрои I Бразилягӣ ба тахти шоҳӣ нишонд), ҳаракати эҳёи давлати сулолавӣ дида намешуд.

Бо вуҷуди золимияти Мадрид ва таъсири ғояҳои либералӣ ҳаракатҳои табақаи дорои креолиро, ки дар муддати дароз бе истиқлолият имконияти хуби молӣ доштанд ва баъди даст задан ба ин роҳ бисёриҳо моликияти худро аз даст доданд ва инчунин талафоти ҷониро дар роҳи расидан ба мақсади умумӣ қурбон намуданд, андешаи ҷиддиро пеш меорад, ки чӣ гуна табақаҳои доро ба ин кор даст заданд?

Фаҳмиши аслии ин нуктаро мо бояд дар куҷо ҷӯем? Омили муҳим ин далели воҳиди марзӣ будани аксарияти давлатҳои мустақили Амрикои Ҷанубӣ дар асрҳои XVI-XVIII аст. *Яъне ҳар давлати тозаистиқлоли Амрикои Испанӣ воҳиди марзии алоҳида буд ва аз назари мудирият ва таъминот ба мулки истеъмории мустақил монандӣ дошт.* Ин улгу бо ҳамин тартиб дар асоси давлатҳои навтаъсиси нимаи дуюми асри XX-и Африқо ва Осиё истифода мегардад, ки аз усули ташкили давлатҳои нави аврупоии охири асри XIX ва аввали асри XX фарқ мекунад.

Аз тарафи дигар марзбандии аввалияи воҳидҳои марзии амрикоӣ ба таври озод ва тасодуфӣ сурат мегирад ва аслан нишондиҳандаи фарқияти забткориҳои ҳарбӣ аст. Вале бо таъсири омилҳои ҷуғрофӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ, баъди гузашти вақт ба як воқеият табдил меёбанд. Яъне худи калон будани марзи империяи испониву амрикоӣ, гуногунии иқлим ва табиати он, аз тарафи дигар душвор будани воситаҳои иртиботӣ дар замони тосаноатӣ ба ин воҳидҳои марзӣ худкифоиро мебахшад. Инчунин сиёсати савдоии Испониё ба воҳидҳои марзӣ, хусусияти минтақаҳои иқтисодиро мебахшад. Ҳама гуна рақобат бо Испониё барои мулкҳои истеъморзада манъ буд, молу ко-

лои онҳо танҳо бо воситаи флоти испанӣ хариду фурӯш мешуд ва Испониё монополияи савдоро дар ин минтақа дар дасти худ нигаҳ медошт. Ин омил сабаби нигаҳдошти мақоми статус-кво-и воҳиди марзиро дар ҷараёни озодихоҳии мулкҳои истеъмории собиқ хуб мефаҳмонад.

Омили дигари норозигии креолҳо ба зиёратгоҳ табдил додани Аврупо, хусусан Испониё буд, ки аз тарафи онҳо бояд иҷро мегашт ва дар ин самт умумияти худро тасаввур мекарданд. Омода намудани иҷрогарон (функсионерҳо) дар асоси мутамарказии ҳокимият сурат мегирифт ва тамоми шохаҳо ва имкониятҳо дар Испониё маҳдуд мегаштанд, ки бо ин усул империя идора карда мешуд. Аз тарафи дигар маҳдуд намудани имконияти креолҳои иҷрогар дар воҳидҳои марзии тавлиди худ як омили дигари дарки суханҳои боло аст, зеро дар охир ин ба чунин натиҷаи раванди озодихоҳӣ оварда расонид. Яъне чунин мантиқ *«агар креол дар Амрико тавлид шуд, пас ӯ испании ҳақиқӣ буда наметавонад ва агар испанӣ дар Испониё таваллуд шуд, ӯ ё амрикоии ҳақиқӣ шуда наметавонад»* (саҳ. 81) истифода мегашт. Бо ин усул аксарияти роҳибон ва ноиб-шоҳҳои амрикои испанӣ танҳо аз испаниҳои аслӣ таъин мегаштанд ва ҳатто креолҳо, ки дар насаб ва асилзодагӣ аз ҳамтабақаҳои худ дар Испониё фарқ намекарданд, имконияти ба вазифаи аз онҳо боло рафтанро надоштанд.

### Модели забонии миллатгароии аврупоӣ

Андерсон дар бобати падид омадани ҷараёни ҷадиди миллатгароӣ дар Аврупо андеша меронад ва сабабҳои онро таҳлил намуда, ба таври зер хулосабарорӣ менамояд: *«Иттмоми ҳаракатҳои миллию озодихоҳии ҳар ду қитъаи Амрико бо замони хуруҷи миллатгароӣ дар Аврупо комилан рост меояд. Агар хусусияти миллатгароиро баъди солҳои 1820-1840, ки рӯҳияи Аврупоро тағйир дод, дида бароем, он аз миллатгароиҳои пешина бо ду вижагии ҷиддиаш*

*фарқ мекунад.* ***Якум,*** *дар ҳамаи равандҳо хусусияти марказии сиёсиву идеологиро забонҳои чопии миллӣ бозӣ мекунанд ва дар амрикои инқилобӣ масъалаи забонҳои инглисӣ ва испанӣ матраҳ набуд.* ***Дуюм,*** *амрикоиҳо дар асоси моделҳои мавҷуда ва махсусан дидашавандаи баъди инқилоби Фаронсаи аврупоиён истифода карданд. Дар натиҷа «миллат» ба чизе табдил ёфт, ки ба он бо дарки амиқ равон буданд, на бинише, ки баъдан муайян мегашт. Дар воқеъ миллат ба ихтирое мубаддал шуд, ки аз худ донистанаш душвор гардид. Он ба моли «дуздидашаванда» табдил гашт, ки ҳар кас метавонист ба он даст ёбад»* (саҳ. 89).

Фаҳмиши миллат дар Аврупо вобаста ба шароити асли минтақа ба вуҷуд омад, ки баёни нисбатан кӯтоҳашро мо аз андешаи Иоганн Ҳотфрид фон Ҳердер (1744—1803) дарк карда метавонем, ки дар охирҳои асри XVIII чунин гуфта буд: *«denn jedes Volk ist Volk; es hat seine National Bildung wie seine Sprache», яъне «Ҳар халқ – халқ аст; он симати миллии худро дорад ба монанди он ки забони худро дорад»* (саҳ. 89). Чунин фаҳмиши маҳдуди аврупоӣ вобаста ба забони миллӣ, таъсири бевоситаи худро дар асри XIX ба тамоми Аврупо гузошт ва ба тамоми назарияҳои миллатгароӣ таъсир намуд. Аз тарафи дигар шинохти муосирият дар Аврупо, муқоисаи он бо Аттиқа, кишваркушоиҳои нав ва ошноӣ бо тамаддунҳои ба аврупоиён ношинос хусусияти навро ба вуҷуд овард. Яъне андешаи он ки Аврупо яке аз тамаддунҳои инсоният аст ва аз дигар тамаддунҳо бартарӣ надорад, ба миён омад. Ҳамчунин дар натиҷаи кишваркушоиҳо ва забткориҳои ҳарбӣ, фаҳмиши инқилобии забон дар Аврупо ҳувайдо мегардад.

Барои талаботи амалӣ, пеш аз ҳама барои муваффақияти ҳарбӣ, забткорӣ, даъват ба дин ва савдо баҳрнавардон, савдогарон, миссионерон ва ҳарбиёни испанӣ, португалӣ ва ҳоландӣ аз оғози фаъолияти худ барои тартиб додани луғатҳои хурди забонҳои гуногун даст мезаданд. Вале баъди нимаи дуюми асри XVIII омӯзиши илмии

воқеии муқоисавии забонҳо оғоз мегардад. Забон на танҳо ба омили пайвастии инсони ҳарфзананда бо қувваҳои беруна, балки ба моҳияти дохилӣ, хусусияти эҷодӣ ва амалишавии истифодабаранда мубаддал мегардад. Дар натиҷа забонҳои пешинаи муқаддас аз қабили юнонӣ, лотинӣ ва яҳудии қадима маҷбур буданд дар дохили таҳкурсии онтологии худ боқӣ монанд ва бо пайдоиши сармоядории чопӣ бо забонҳои дигари мардумӣ рақобат намоянд. Забонҳо хусусияти умумиро касб карданд, зеро онҳо хусусияти ботинии одамонро таҷассум мекарданд. Акнун соҳиби забон метавонист бо он фахр кунад, омӯзад ва омӯзонад. Зеро забонҳо дигар ба худо тааллуқ надоштанд ва ҳамаи соҳибон метавонистанд бо онҳо китоб ва дигар василаҳои чопиро мутолиа намоянд.

Андерсон шароити мазкурро чунин хулоса менамояд: *«Дар Аврупои асри XIX натиҷаи фаъолияти пурсамари луғатшиносон, имлошиносон, суханшиносон ва адибон нақши ҷиддиро дар ташаккули миллатгароӣ бозӣ намуд, ки комилан аз шароити Амрикои Ҷанубӣ фарқ мекунад. Луғатҳои якзабона ҳамчун натиҷаи сармоядории чопӣ хусусияти дохилии забонро инъикос мекарданд ва луғатҳои дузабона аллакай омили баробар будани забонҳоро дар тахайюлот ба вуҷуд меоварад»* (саҳ. 93). Бисёрии луғатшиносон, имлошиносон, суханшиносон ва дигарҳо тамоми ҳаёти худро дар самти ғанӣ намудани китобхонаҳои аврупоӣ, хусусан китобхонаҳои донишгоҳҳо мегузарониданд ва дар бисёр ҳолатҳо маҳз аз тарафи китобхонаҳо дастгирии молӣ меёфтанд. Харидорони асосии онҳоро (яъне истеъмолгарон) донишҷӯён ё шахсони шавқманди дохилшавӣ ба донишгоҳ ташкил медоданд. *«Пешрафти мактаб ва донишгоҳ рушдиҳандаи миллатгароӣ дар Аврупо гардид ва маҳз мактабу донишгоҳ ҳамеша ба ҳимояи миллатгароӣ баромад мекард»* (саҳ. 93).

Хулоса, аз оғоз то миёнаи асри XIX, дар натиҷаи фаъолияти имлошиносону суханшиносон аксарияти за-

бонҳои аврупоӣ аллакай луғати худро доштанд, ки он бевосита барои шакл гирифтани забон, яъне ғалабаи забони амалии мардуми бар зидди забони динӣ (калисоӣ) мусоидат намуд. Дигар хусусияти наҳзати мазкур аз он иборат буд, ки аксарияти пешвоён ва фаъолони истифодаи забони миллиро забоншиносон, таърихнигорон, адибон ва нависандагон ташкил медоданд. Дар рӯҳияи умумӣ онҳо исбот кардан мехостанд, ки забонашон имконияти бузурги асарофарӣ ва истифодашавиро дорад. Умуман, дар ин замон аксарияти забонҳои аврупоии имрӯза соҳиби имло, асар ва луғатҳои худ мегарданд. Нақши сармоядории чопӣ дар инҷо хусусияти умумиятӣ ва ягонагиро (стандарт) барои забонҳо ба вуҷуд меорад ва дар натиҷаи истифодаи васеъ забони миллатҳо хусусиятҳои фарққунандаи худро дар дохил гум мекунад. Дигар нукта дар он аст, ки дар баробари пайдо шудани имлои забон миллатароии миллатҳо низ хуруҷ мекард.

Харидори асосии мавод бо забонҳои миллиро пеш аз ҳама табақаи босаводи кишварҳо ташкил медоданд, ки аллакай шумораашон дар муқоиса бо асрҳои дигар бисёр шуда буд. Яъне асилзодагон, рӯҳониён, тоҷирон, хизматчиёни давлатӣ, омӯзгорон, талабаҳо, донишҷӯён ва ҳатто занҳои хонашин, ки қобилияти хонданро доштанд.

Ҳамзамон бо раванди дар боло зикр шуда, дар нимаи асри XIX дар ҳамаи кишварҳои Аврупо бисёр шудани теъдоди бюрократҳо (хизматчиёни давлатӣ) ба назар мерасад, ки имконияти хубе барои мутахассисони табақаи поёнӣ буд. Ин раванд дар тамоми минтақаи Аврупо ба таври суфта мерафт ва дар муқоиса бо рушди буржуазияи саноатӣ ва тиҷоратӣ дар қисматҳои гуногуни Аврупо ба тарзи гуногун сурат мегирифт, ки омили вобастагиро бо рушди сармоядории чопӣ дорад. Мушаххасоти ин назар дар он таҷассум мегардад, ки дар баробари рӯи саҳна омадани буржуазия, муносибатҳои табақавии асилзодагӣ (аристократӣ) аз байн меравад ва дигар омилҳои ҳамкорӣ

на дар асоси мансубият ба як табақа, балки дар асоси манофеи умумӣ татбиқ мешуданд. Аз назари Андерсон буржуазияро наметавон берун аз чопи умумӣ тахайюл кард, чунки он аз оғози пайдоишаш ба ин омил вобаста буд.

Аз тарафи дигар, рушди устувори воситаҳои ҷадид ва босавод шудани мардум дар назди забон хусусиятҳои наверо ба пеш овард. Забони лотинӣ аз мавқеи давлатии худ поён мерафт, зеро он аллакай наметавонист забони илм, тиҷорат, матбуот ва адабиёт бошад, махсусан дар замоне, ки забонҳо бевосита ба ҳамдигар таъсир мерасониданд.

Дар ҳамин вақт болоравии мақоми давлатии забонҳо, ки дар оғоз бебарномарезӣ амалӣ мешуд, хусусияти ҷиддиро дар давлатҳои худ касб намуд ва ба ҳам мувофиқ омадани марз ва забонро ба вуҷуд овард, ки дар мисоли Фаронса ва Британиё ба мушоҳида мерасад. Аз тарафи дигар, империяи Ҳабсбургҳо ягон пайвастиро бо миллатгароии олмонӣ надошт, чун забони давлатии он лотинӣ буда, иваз кардани ин забон ба забони дилхоҳи империя комилан шароити навро фароҳам меовард, ки аз ин шароит истифода нагашт.

Хусусияти забон ва ҷойгоҳи он дар рушди миллатгароӣ дар Аврупо нақши калидӣ дорад ва он на танҳо табиати сиёсатро дигар намуд, балки барои пайдо гаштани институтҳои нави сиёсӣ мусоидат кард. Дар иртибот ба ин раванд *«дар даҳсолаи дуюми асри XIX баъди инқилоби Фаронса ва шароити тағйирёфта дар Амрико модели давлати соҳибихтиёри миллӣ падид омад, ки аллакай аз он метавонист ҳар миллат истифода кунад»* (саҳ. 103). Вале бо вуҷуди стандартҳои оштинопазири он, аксарияти ҳокимони вақт бо вуҷуди норозӣ будан, модели мазкурро дастгирӣ мекарданд ва ҳаммиллатони дар асорат будаи худро ба сиёсат даъват ва ворид намуданд. Яъне, агар як миллат сазовори давлати миллӣ бошад, пас он ба ҳама намояндагонаш тааллуқ дорад. Бадин тариқ, давлате

фаҳмида мешуд, ки соҳибихтиёрии он дар паҳнои фазои миллати бо забони умумӣ мутолиа менамуда паҳн мегашт. Дар ин самт бояд рушди маориф таъмин мегашт ва аз байн бурдани асорату ҷоҳилӣ низ дар назар буд, чунин дидгоҳ ҳамчун модели консептуалӣ комилан устувор побарҷо шуд.

## Модели миллатгароии расмии давлатӣ

Дар давоми асри XIX бо инқилоби суханшиносиву луғатнависӣ болоравии миллатгароӣ дар Аврупо ба миён меояд, ки то ба андозае душвориро дар назди давлатҳои сулолавӣ ба миён овард. Агар ба машруияти бунёдии аксарияти сулолаҳо назар кунем, онҳо ба ягон миллати мушаххас иртибот надоштанд ва аз болояшон ҳукм меронданд. Инчунин ҷой доштани намояндагони сулолаҳо дар давлатҳои гуногун, аксар вақт дар давлатҳое, ки бо ҳам душман буданд, дар назди монархҳо вазифаи наверо пеш овард, яъне онҳо барои таъмини машрӯияти худ бояд яке аз забонҳои чопиро ҳамчун забони давлатӣ эътироф менамуданд. Инҷо хусусияти аҷибе пеши назар меояд, зеро монарх баъди интихоби яке аз забонҳо, худро соҳиби ин забон ва намояндаи ин миллат эътироф мекард, ки дар натиҷа хусусияти осмонии машрӯият гум мегашт. Дар чунин ҳолат намояндагони халқиятҳои дигар метавонистанд қудрати монархро барои аз миллати дигар буданаш қонунӣ эътироф нанамоянд. Аксарияти монархияҳои аврупоӣ аз ин дилемма гузаштанд, ки дар натиҷа натурализатсияи Аврупо сурат гирифт. Ҳамчунин миллатгароии расмӣ ба миён омад, ки намунаи барҷастаи он русикунии маҷбурии Русияи подшоҳӣ аст, ки бояд умумияти сулола ва миллатро ба вуҷуд меовард. Ин иқдоми пайдарпай амалишаванда дар асоси таҷрибаи Амрико ва истифода аз натиҷаҳои Инқилоби Фаронса буд, ки худ ба як модели ҷиддии миллатсозӣ мубаддал гашт.Андерсон шароити ба вуҷуд омадани миллатгароии расмии давлатиро дар Ру-

сия чунин шарҳ медиҳад: *«маълум аст, ки дар аҳди сулолаи Романовҳо забони дарбор фаронсавӣ ва забони дворянҳои миёна олмонӣ буд. Баъди харобкориҳои Наполеон барои устувории давлат граф Сергей Уваров соли 1832 пешниҳод намуд, ки давлат бояд ба се асос такя намояд: Худқудратӣ (самодержавия), Мазҳаб (православия) ва Халқият (народность). Дуи аввал барои Русия аз пеш ошно буданд, вале саввумӣ дар шароити нав ҳатто ҷанбаи пештозӣ нисбат ба замонро дошт, яъне дар ҳоле ки аксарияти мардумон крепостной буданд ва қариб нисф бо забони модарии худ суханронӣ менамуданд, ки он забони русӣ набуд»* (саҳ. 109). Ним аср империя ин гуфтаҳоро қабул надошт ва танҳо дар замони Александри III (1881—1894) яъне баъди пайдоиш ва устувории миллатгароии украинӣ, финӣ, латишӣ ва ғайраҳо, русикунонӣ ба сиёсати расмии сулола мубаддал мегардад. *«Шоҳ Александри III рускунандаи (русификатор) Русия»* (саҳ. 110) ба шумор меравад ва миллатгароии русиро ба вуҷуд овард ва мавқеи ин забонро ба тахти шоҳӣ сахт вобаста намуд.

Таҷрибаи Инглистон низ боиси омӯзиш аст, зеро ин ҷо равандҳои дигаре идома доштанд, ки дар оғози худ хусусияти қадамҳои тарҳрезишударо надоштанд ва инчунин сиёсати иҷборан паҳн шудани забон на дар ҷазираи Бритониё, балки берун аз хоки Аврупо дар Ҳиндустон сурат мегирифт. Масалан, соли 1823 Комисияи маорифи ҷамъиятӣ дар Банғолия таъсис меёбад, ки президенти он дар соли 1834 Томас Бэбингтон Маколей таъин мегардад. Ӯ баъди як соли фаъолият «Мавод оид ба маориф»-и машҳури худро менависад, ки дар фарқият аз пешниҳоди граф Уваров ба тезӣ амалӣ мегардад. Ба асоси навиштаи ӯ дар ин кишвари истеъмории Бритониё бояд низоми вижаи инглисии маориф ҷорӣ карда мешуд, ки ба гуфтаи худи Маколей бояд: ***«табақаи махсуси одамонро, яъне аз рӯи хун ва ранги пӯст –ҳинду ва аз рӯи завқ, андеша, маънавиёту тафаккур - инглисро ба вуҷуд меовард»*** (саҳ.

113). Дар соли 1836 Маколей навишта буд: ***«Ягон нафаре аз ҳиндуҳо баъди гирифтани маълумоти инглисӣ, аз таҳти дил пайвастиро ба дини худ нигаҳ намедорад. Андешаи устувори ман аз он иборат аст, ки агар мо татбиқи барномаҳои маорифи худро давом диҳем, баъди сӣ сол дар табақаҳои пешрафтаи банголӣ умуман бутпараст боқӣ намемонад»*** (саҳ. 113).

Тезиси марказии ин қисмати китоб ба он далолат мекунад, ки миллатгароӣ дар Аврупо ва дигар қисматҳои мулкҳои истеъмории он дар замони империализм ба вуҷуд омад ва иртибот ба ин миллатҳои навтаъсис чи дар Аврупо ва чи дар кишварҳои истеъморзада хусусияти империалистиро ба худ касб намуданд ва ин ба як ҷараёни ҷиддии миллатгароӣ мубаддал гардид. Падидаи мазкур (миллатгароии империалистӣ) навобаста ба зарфият, мавқеъ ва иқтидори ҳарбиву иқтисодӣ ба хусусияти пайдоиши миллат ва миллатгароии расмӣ мубаддал меёбад.

### Миллӣ гаштани давлат ва низоми ҷаҳонӣ

Дар давоми китоби худ Андерсон заминаи ба вуҷуд омадани зоҳирияти нави сиёсии давлатдорӣ дар курраи заминро баррасӣ менамояд. Хусусияти ин давра ба ақидаи Андерсон аз он иборат буд, ки *«баъди анҷоми Ҷанги якуми ҷаҳонӣ давраи идоракунии давлатҳои сулолавӣ ба итмом мерасад ва дар соли 1922 Ҳабсбургҳо, Ҳогенсоллернҳо, Романовҳо ва Усмониёни турк ба моли таърих табдил ёфтанд. Ба ҷои Конгреси Берлин ҳамчун ташкилоти универсалии давлатҳои ҷаҳон Лигаи Миллатҳо меояд, ки ба фаъолияти он ғайриаврупоиҳо низ шомил шуданд. Аз ин баъд давлати миллӣ ба меъёри ҳуқуқи байналхалқӣ мубаддал гашт ва ҳатто империяҳои боқимондаи абарқудрат ба ҳайати Лигаи миллатҳо дар либоси «миллӣ» ворид гардиданд»* (саҳ. 133). Баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ мавҷи ташаккулёбии давлатҳои миллӣ ба авҷи худ расид. Дар солҳои 70-уми асри XX аз империяи Португал низ

дигар чизе боқӣ намемонад ва низоми давлатдории ҷаҳон пурра зоҳирият ва моҳияти давлати миллиро касб менамояд.

Давлатҳои нави баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба вуҷуд омада хусусияти хоси худро доранд, ки дарки онро маҳз бо баррасии давоми мантиқии моделҳои дар боло дида шуда, фаҳмидан мумкин аст. *«Як хусусияти ворисияти модели ташаккулёбии ин миллатҳо (асосан, миллатҳои ғайриаврупоӣ) дар он зоҳир мегардад, ки аксарияти онҳо ба сифати забони давлатӣ яке аз забонҳои аврупоиро қабул намуданд. Агар дар ин қисмат монандӣ бо модели амрикоӣ ҷой дошта бошад, пас аз миллатгароии забонии аврупоӣ онҳо оташи популистӣ ва аз миллатгароии расмӣ - самти сиёсии «рускунанда»-и онро гирифтанд»* (саҳ. 133). Ҳолати мазкур барои он ба вуҷуд омад, ки аврупоиён ва амрикоиён таҷрибаи душвори таърихиро паси сар намуданд, ки баробари ба вуҷуд омадани тахайюлот ба вуқӯъ пайваст. Инчунин забонҳои аврупоии истифода мекардаи онҳо, ҳамчун мероси миллатгароии расмии империявӣ баромад мекард. *«Барои ҳамин дар сиёсати миллатсозии давлатҳои нав шавқи воқеии комилан миллатхоҳӣ, систематикӣ ва ҳатто беруновариии бепардаи идеологияи макиавелистиро бо истифода аз васоити ахбори омма (ВАО), низоми маориф, меъёри идорӣ ва дигарҳо мушоҳида намудан мумкин аст. Аз тарафи дигар, ин омехтагии миллатгароии комил ва расмӣ ҳамчун меваи империализми аврупоӣ баромад намуда, дар худ номаҳдудии ҳудуд ва ҷой доштани зиёиёни дузабонаро таҷассум менамояд. Аз ҳамин лиҳоз, аксарияти ин миллатҳоро ҳамчун тарҳ баррасӣ намудан мумкин аст, ки дар раванди шаклгирӣ қарор доранд»* (саҳ. 133-134).

Андерсон зимни баррасии зуҳури миллатгароии кишварҳои истеъморзадаи асри XX умумияти онро бо миллатгароии истеъмории пешин дармеёбад, ки ҳар кадоме дар ҳудуди муайяни аз тарафи империя тақсим шуда, та-

шаккул меёфтанд. Дар ин замон низ нақши пешбаранда дар дасти креолҳои иҷрогар сарҷамъ буд, ки барои идоракунии мумтамликаҳо васеъ истифода мегардид. Маҳз аз фаъолият ва фаҳмиши онҳо, хусусияти қадам ба қадами гузариши мулки истеъморзада ба давлати миллӣ ба вуҷуд омад. Дар ин ҷода се омил нақши ҳалкунанда доштанд:

***якум***, акнун аксарият ба саёҳати метрополия мебаромаданд, чун дастовардҳои охири илм ва саноат ба ин имконияти мусоид фароҳам меовард;

***дуюм***, «русикунонӣ»-и империявӣ ҳам тарафи идеологӣ ва ҳам тарафи амалӣ дошт. Паҳноии васеи империяҳои аврупоӣ имконияти номаҳдуди иҷрогарон ва мутахассисонро ҳис мекард, ки таъмини он аз креолҳо ва сокинони метрополия ғайри имкон буд. Аз тарафи дигар давлатҳои истеъморӣ ва баъдан ширкатҳои сармоядорӣ низ ба мутахассисони маҳаллии дузабона ниёзи бештар доштанд, дузабонаҳо бояд нақши иртиботиро байни миллати метрополӣ ва мардумони маҳаллӣ бозӣ менамуданд. Инчунин талаботи низом хеле ҷиддӣ мегашт, чун дар шароити нав теъдоди зиёди муҳандисон, табибон, омӯзгорон, пулисҳо ва дигар мардуми ихтисосманд лозим буданд;

***сеюм***, паҳн шудани низоми муосири таълим на танҳо аз тарафи давлати истеъморӣ, балки аз тарафи ташкилотҳои шахсии динӣ ва ҷамъиятӣ. Ин таҳоҷум на танҳо бо мақсади таъмини коргоҳҳои давлатӣ ва ширкатҳо бо кадрҳои лозима, балки ба хотири зарурати маънавии донишҳои муосир барои аҳолии кишвари истеъморзада амалӣ мегашт.

Эътироф гаштааст, ки дар болоравии миллатгароӣ дар ҳудудҳои мулкҳои истеъморӣ нақши асосиро зиёиён бозӣ намуданд. Дар хусуси соҳибмулкон бошад, аксаран онҳо намояндагони қавмҳои дигари мулкҳои истеъмории кишварҳои аврупоӣ буданд. Барои ҳамин, дар пешсафии

зиёиёни маҳаллӣ дузабонӣ ва саводнокии онҳо нақши калидӣ дорад. Аз тарафи дигар, саводнокии китобӣ имконияти тахайюл шудани ҷомеаро дар фазои бози вақт ба вуҷуд меоварад. Дузабонӣ бо воситаи донистани забонҳои аврупоӣ ба дастрасии фарҳанги ғарбӣ дар фаҳмиши васеъи худ ва инчунин ба моделҳои миллат ва давлатҳои миллӣ, ки дар тӯли асри XIX ба вуҷуд омада буданд, имконият медод (саҳ. 136).

Шиносоӣ бо дастовардҳо, кашфиёт ва назарияҳои фалсафии аврупоиён, ки аз тарафи низоми маорифи дар кишвари истеъморзада ҷорӣ шуда ба мардумони маҳаллӣ таълим дода мешуд ва инчунин худи сокинони кишвари истеъморзада дар сафарҳои худ аз Аврупо бо он шинос мегардиданд, ҳисси миллии онҳоро боло мебурд ва дар заминаи таърих ва андешаҳои сиёсиву фалсафии аврупоӣ миллатгароии истеъморӣ хуруҷ мекард. Хусусияти фарқкунандаи зуҳуроти миллатгароӣ дар мулкҳои истеъморзадаи Осиёи ҷанубу шарқии кишварҳои Аврупо дар он зоҳир мегардад, ки тарафдорон ва барандагони онро аксаран ҷавонон ташкил медоданд ва вобаста ба модели империалистии миллатфаҳмии аврупоиён дар онҳо низ айнан ин дидгоҳ ба вуҷуд меомад.

Аксарияти ташкилотҳои маҳаллии ҷавонони мулкҳои истеъморзада бо модели баробарвазни аврупоии худ ташкил ва идора мегаштанд. Инчунин сиёсати тақсим намудани воҳиди марзии мулки истеъморӣ аз тарафи кишварҳои аврупоӣ, хусусияти миллатгароии ин ҳудудро ба вуҷуд меоварад ва модели забонсозӣ низ аз таҷрибаи аврупоиён бармехӯрд.

Омили дигари ба вуҷуд омадани миллатгароии маҳаллӣ дар мулкҳои истеъморзада ин нажодпарастии аврупоиён ва креолҳо аст, ки ҳисси нафрати онҳоро нисбат ба мардуми таҳҷоӣ ба вуҷуд оварда ва дар муқобили ин, ватанпарастиву миллатхоҳии сокинони мулкҳои истеъморзада ба миён меояд.

Дигар нуктаи муҳим дар тахайюлоти миллат дар марзҳои кишварҳои истеъморзада ин нуфусшуморӣ, харитасозии маҳал ва ҳудуди воҳидҳои марзӣ ва осорхонаҳо аст, ки дар қисмати фарҳангии миллатхоҳӣ ва миллатгароӣ саҳм гирифтанд. Яъне аввалин қадами ба вуҷуд овардани дидгоҳи шуморавии соҳибони як забону фарҳанг аз тарафи аврупоиён амалӣ гашт, ки дар натиҷа ба тахайюлоти сокинони маҳаллӣ таъсир расонд. Мушаххас намудани ҳудуди марзӣ ва минтақаи зиндагии соҳибони забону фарҳанги умумӣ низ дар тахайюлоти миллат дар мулкҳои истеъморзада таъсири ҷиддӣ расонид ва ин модел баъди ба даст овардани соҳибихтиёрӣ комилан дар шакли истеъмориаш дар давлати соҳибихтиёр боқӣ монд.

Осорхонаҳо ва дигар ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ дар баробари тадқиқ шуданашон аз тарафи аврупоиён ва дастрас гардиданашон ба сокинони маҳаллӣ дар тахайюлот, ҳамчун соҳибони ин гуна фарҳанги қадим ва асил ва миллат будани онҳоро аз замони қадим ба вуҷуд овард.

Андерсон вобаста ба хотира ва фаромӯшӣ тезиси марказии Эрнест Ренанро меоварад ва нақши онро дар тахайюлоти миллат калидӣ шуморида, дар асоси ин нуктаҳо навиштаи худро ҷамъбаст менамояд.

## Хулоса

Андешаҳои Андерсон перомуни миллату миллатгароӣ ва ҳамчунин технологияи тахайюли миллат хеле ҷолиб ба назар мерасад ва барои таҳлили равандҳои миллатсозӣ нуктаҳои норавшанро фаҳмо мегардонад. Новобаста аз ин гуна зарфияти баланди навишта, бояд як нуктаро қайд кунем, ки аксарияти мисолҳои муаллиф барои исботи фикрҳои худ аз ҷомеаҳои истеъморӣ ва пасоистеъмории кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ маншаъ мегирад, ки то дараҷае хусусияти минтақаҳои дигари дунёро таҷассум карда наметавонад. Аз ин рӯ, ба назари мо, камбудии асосии

асари мазкур дар он аст,ки тамоми равандҳоро ҳамчун падидаи миллатсоз баҳо медиҳад ва дар бунёду устувории ҳуввият нуктаҳои устувор надорад. Камбудии дигари ҷиддии навишта дар он зоҳир мегардад, ки агар модели аввалини муаллиф инкор шавад, пас нуктаҳои баъдинааш ба таври табиӣ аз байн мераванд, зеро онҳо ба ҳам пайвастагии зич дошта, аз якдигар вобастаанд. Хулоса, миллат барои Андерсон руҳияи умумие аст, ки ҳама новобаста аз якдигар онро тахайюл мекунанд. Аз мантиқи Андерсон бармеояд, киояндаи наздик метавонад бо раванди тахайюл намудани одамон ба инсоният миллатҳои комилан нав ва аз назари ҳуввият ҷолибро ба вуҷуд орад.

**Манбаъ**

Андерсон Б. Воображаемые сообщества. Размышления об истоках и распространении национализма. Москва. «КАНОН-пресс-Ц», «Кучково поле», 2001. – 288 стр.

# БОБИ III.
# ЭРИК ҶОН ЭРНЕСТ ҲОБСБАУМ
# «МАФҲУМИ МИЛЛАТ ВА МИЛЛАТГАРОӢ»

## Ҳолнома

**Эрик Ҷон Эрнест Ҳобсбаум** (ба инглисӣ **Eric John Ernest Hobsbawm**) 9 июни соли 1917 дар хонаводаи тоҷирони яҳудӣ дар шаҳри Искандарияи Миср ба дунё омадааст. Ҳобсбаум муаррихи шинохтаи британиёӣ, назарияпардоз ва мунаққиди масоили миллат ва миллатгароӣ мебошад. Ҳобсбаум таҳсилоти ибтидоиро дар Вена ва Берлин касб намуд. Пас аз ба сари қудрат омадани Ҳитлер ва қабули қонуни табъизи нажодӣ, ба Лондон рафт ва дар факултаҳои таърих ва иқтисоди Донишгоҳи Кембриҷ таҳсил кард (1949–55). Ҳанӯз ҳангоми таҳсил дар Олмон Ҳобсбаум ба марксизм гароиш пайдо намуд ва дар Британияи Кабир узви ҳизби коммунистӣ шуд. Пас аз хатми Донишгоҳ, Ҳобсбаум ба ҳайси устоди таърих дар Брикбек-колеҷи Донишгоҳи Лондон ба кору фаъолият шурӯъ карда, аз соли 1969 мудири кафедраи таърихи иқдисодӣ ва аз соли 1984 профессори фахрии иқтисод ва таърихи иҷтимоии хамин донишгоҳ буд. Ҳамчунин бо лексия ва маърӯзаҳо дар як қатор донишгоҳҳои машҳури ҷаҳонӣ суханронӣ намудааст. Ӯ аз соли 1976 узви Академияи Британиё буда, бо орден ва ҷоизаву мукофотҳои зиёд сарфароз гаштааст.

## Тезисҳои асосӣ:

Мувофиқи ақидаи Ҳобсбаум **миллат** падидаи навест, ки дар баробари пайдоиши **давлатҳои миллӣ** ба вуҷуд омад. Вай таърифҳои субъективии миллатро (Ренан, австромарксистҳо) қабул надошт. Мувофиқи таърифи Ҳобсбаум миллат - ҷомеаи нисбатан бузурги инсонҳо мебошад, ки аъзои он худро ҳамчун **«миллат»** мешиносанд. Қабл аз пайдоиши миллатҳо **протомиллатҳо** (protonation)

вуҷуд доранд, ки онҳо гоҳо ба як ё якчанд миллатҳои нав табдил меёбанд ва ё дар миллатҳои дигар ҳал мешаванд. Ҳобсбаум мӯътақид аст, ки қабл аз ташаккул ёфтани **миллати сиёсӣ миллати иқтисодӣ** бояд ташаккул ёбад. Дар ташаккули миллат давлат нақши муҳим дорад, ба хусус дар ихтирои таърих ва анъанҳои миллӣ (invention of traditions). Аммо дар замони муосир миллатҳои нав дигар наметавонанд ба вуҷуд оянд, идеологияи миллатгароӣ кӯҳна шуд ва наметавонад ҷавобгӯи талаботи асри XXI бошад.

## Вуруд ба мавзӯъ.
## Таърифи миллат аз назари Ҳобсбаум

Муҳаққиқон қабл аз Ҳобсбаум кӯшиш мекарданд таърихи миллат ва миллатгароиро бинависанд. Одатан ин гуна асарҳо аз қабили «Миллатҳо ва давлат»-и Ҳ. Сетон-Вотсон (Seton-Watson 1977) ва «Миллатгароӣ ва давлат»-и Ҷ Брея ба таҳлилу баррасии кишвар ё минтақаҳои алоҳида бахшида мешуданд.

Ҳусусияти вижае, ки кори Ҳобсбаумро аз мушобеҳони он фарқ мекунад ин аст, ки вай низ мисоли кишвар ва минтақаҳои алоҳидаро баррасӣ мекунад, аммо дар баробари ин умумият ва асосҳои назарии ин равандро пешниҳод мекунад. Албатта, дар асари Ҳобсбаум пайдо намудани низоми ягона душвор аст, аммо онро метавон ҳамчун хулосаи дастовардҳои як давраи таърихии омӯзиши падидаҳои «миллат» ва «миллатгароӣ» номид. Ҳабсбаум чун «модернист» аз аввал ақидаи ба мисли таърих қадим будани мафҳуми миллатро инкор намуда, мегӯяд, ки ин мафҳум маънои муосири худро аз асри XVIII касб мекунад (ниг: ба «Нации и национализм после 1780 года», саҳ. 36). Муҳаққиқон наметавонанд бе таҷриба (a priori) бигӯянд, ки миллатро аз шаклҳои дигари ҷомеа чӣ гуна метавон ташхис дод, зеро тамоми кӯшишҳои муайян намудани меъёрҳои объективии мил-

лат аз қабили забон ва ё мансубияти умумии қавмӣ дучори номуваффақият шуданд. Ба фикри Ҳобсбаум дар ин ҷо ҷои тааҷҷубе нест, зеро ҳама кӯшиш мекунанд падидаи таърихан наверо, ки хусусиятҳои умумии он ҳанӯз шакл нагирифтааст, дар чоҳорчӯбаи доимӣ ва умумӣ дохил кунанд. Чун меъёрҳои мансубият ба миллат пайваста тағйир меёбанд ин мафҳумро наметавон бо ҳадафи тасвиру баён (describe) ба кор бурд, аммо онро ҳамеша метавон бо ҳадафҳои таблиғотӣ (пропаганда) истифода бурд. Ҳобсбаум ҳам таърифҳои «объективӣ» ва ҳам «субъективӣ»-и миллатро инкор мекунад. Таърифи «объективӣ»-и миллатро сад сол қабл аз вай Эрнест Ренан дода буд. Ҳобсбаум таърифҳои «субъективӣ»-ро, ки дар асоси худмуайянкунии гурӯҳӣ (Э. Ренан) ва инфиродӣ (австромарксистҳо) ифода ёфтааст, як сафсата меҳисобид. Дар охир Ҳобсбаум дар мавқеи агностикӣ (ло адрӣ) қарор мегирад ва бештар мафҳуми миллатро ба маънои «ҳар ҷомеаи нисбатан бузурги инсонӣ, ки аъзои он худро ҳамчун «миллат» мешиносанд» ба кор мебарад («Нации и национализм после 1780 года», саҳ. 17). Вай пешниҳод мекунад, ки дар баррасии мафҳуми миллат мо бояд аз «ғояи миллат», яъне «миллатгароӣ» оғоз кунем. Дар муқаддима Ҳобсбаум мегӯяд, ки *«Ягон муаррих ва муҳаққиқи ҷиддии миллат ва миллатгароӣ наметавонад миллатгарои сиёсии мӯътақид бошад, вай ҳангоми ба китобхона ва ё дафтари корӣ ворид шудан бояд эътиқоди худро дар берун гузорад»* («Нации и национализм после 1780 года», саҳ. 24). Аммо худи Ҳобсбаум ақидаҳои худро ҳеҷ гоҳ тарк намекунад. Қабл аз ҳама Ҳобсбаум нафрати худро нисбат ба миллатгароӣ пинҳон намекунад ва ин омил ба сифати таҳлилҳо ва пешгӯиҳои сиёсии ин муаррих таъсири худро мерасонад. Ҳамчунин дидгоҳи сотсиалистии вай ҳамеша чун хатти сурх дар осори ӯ пайдост.

### Падидаи таърихан нав будани миллатгароӣ

Зимни таҳлилу баррасии осори Ҳобсбаум метавонем унсурҳои гуногунеро пайдо кунем, ки миллатгароиро ҳамчун падидаи таърихан нав муаррифӣ мекунанд: *«Миллатгароӣ – ин барномаи сиёсии таърихан нав аст. Мувофиқи ин таълимот (миллатгароӣ – Р. А.) гурӯҳҳое, ки ҳамчун миллат муаррифӣ мешаванд, ҳақ доранд ва бояд, давлатҳои ҳудудиеро ташкил намоянд, ки намунаи ин гуна давлатҳо пас аз инқилоби Фаронса муайян гардид. Бидуни ин гуна барнома, новобаста ба он, ки оё он иҷро мешавад ё на, «миллатгароӣ» як мафҳуми холӣ аз маънӣ хоҳад монд»* («Принцип этнической принадлежности и национализм в современной Европе» саҳ. 334).

Дар таҳлиҳои вай иқтисод дар баробари сиёсат қарор дорад ва масъалаи забон ба «ихтирои анъанаҳо» (the invention of tradition) пайваста аст. Миллатгароӣ барои Ҳобсбаум эҳсос ва ҳаракатҳои мардумӣ аст, аммо дар баробари ин вай аз фаъолияти давлат ва элитаҳои роҳбарикунанда низ вобаста аст: *«**Миллатгароӣ** мафҳуми назарияи сиёсӣ мебошад, **мансубияти қавмӣ** (этническая пренадлежность) бошад – масъалаи ҷомеашиносӣ ва мардумшиносии иҷтимоӣ аст. Вай (миллатгароӣ – Р. А.) метавонад ба масоили давлат ё шаклҳои дигари ташкилотҳои сиёсӣ марбут бошад, аммо метавонад ба онҳо марбут ҳам набошад. Баъзан вай тобиши сиёсӣ мегирад. Барои вай танҳо тамғаи сиёсие лозим аст, ки эҳсоси худшиносии гурӯҳҳои қавмиро бедор кунад»* («Принцип этнической принадлежности и национализм в современной Европе» саҳ. 336).

Агарчи миллат дар асри нав пайдо шавад, қабл аз он протомиллат (protonation) бо протомиллатгароии (protonationalism) ба худ хос вуҷуд дошт. Ин протомиллатҳо метвонанд дар инкишофи таърихии худ ба як ё якчанд миллатҳои нав табдил ёбанд ва ё дар миллатҳои дигар омехта ва ҳал шаванд (ниг. ба «Нации и национализм после 1780 года» саҳ. 24).

## Миллатгароии иқтисодӣ ва миллати иқтисодӣ (economic nation)

Ҳобсбаум давраҳои гуногуни миллатгароиро ба тағйиротҳо дар иқтисоди ҷаҳонӣ марбут медонад. Бунёди давлатҳои миллӣ дар асри XIX ба давраи классикии савдои озод мувофиқ меояд, аммо унсурҳои ин низом фароминтақавӣ ва фароқавмӣ (трансрегиональные и транснациональные) набуданд чун дар он вақт рушди иқтисодӣ бо рушди иқтисоди «миллӣ»-и кишварҳои алоҳида муртабит буд. Дар кишварҳое, ки кӯшиш мекарданд рушди худро дар муқобили иқтисоди ҳокими Британияи Кабир таъмин кунанд, принсипи савдои озод ҷонибдорони зиёд надошт. Ҷон Рае дар Канада, Александр Гамилтон дар ИМА ва Фридрих Лист дар Олмон ғояи дастгирии иқтисоди миллиро пешниҳод мекунад. Бесабаб нест, ки маҳз Лист «консепсияи либералии миллат»-ро чунин тасвир мекунад, ки *«миллат бояд чунин ҳаҷме дошта бошад, ки тавонад воҳиди тараққии қобили бақоро ташкил кунад»* (Коротеева В. Теории национализма в зарубежных социальных науках. Москва: РГГУ, 1999. саҳ. 108). Ҳобсбаум дар хусуси ба қавли худ иқтисоди қавмӣ-забонӣ (этнолингвистическая) камтар сухан меронад, агарчи экспансияи давлатҳои абарқудрат ва бунёди империяҳои истеъмориро борҳо зикр мекунад. Баъд аз ҷанги аввали ҷаҳонӣ, дар замони волоияти «принсипи миллият» (принцип национальности) капитализми ҷаҳонӣ дар доираи иқтисодҳои миллӣ ва мулкҳои истеъморзадаи худ маҳдуд мешавад. Дар он даврон роҳи бозгашт ба иқтисоди бунёдӣ бар рақобати фардии корхонаҳо ва савдои озод асосёфта дида намешуд, чун ҷанг дар иқтисод идораи давлатӣ ва банақшагирии давлатиро ба вуҷуд овард ва ҳимояи иқтисоди миллӣ ҳамчун меъёр қабул шуд. Дар охири асри XX иқтисод боз хусусияти фаромиллиро касб кард ва инро Ҳобсбаум ҳамчун бӯхрони нави миллатгароӣ баён мекунад.

## Нақши давлат дар ташаккули миллат

Ҳобсбаум дар асри худ аҳамияти асосиро ба сиёсат ба хусус, баррасии нақши давлат дар иттиҳодӣ миллӣ медиҳад. Муаррихи англис нақшаи бунёди миллатҳо «аз боло»-ро хеле хуб тасвир кардааст. Дар асри XIX сокинони кишварҳои аврупоӣ бо давлатҳои миллӣ ва ниҳодҳои он ба масоиле аз қабили барӯйхатгирии аҳолӣ, ташкили мактабҳо ба забонҳои миллӣ, ӯҳдадории ҳатмии ҳарбӣ ва ғайра дучор шуданд. Дар ин ҳолат давлат ва синфи ҳукмрон ба ду намуди мушкилот дучор шуданд. Яке – услуби-маъмурӣ: чӣ гуна ҳар як шаҳрванд бояд бевосита бо ҳукумат дар иртибот бошад. Савод ва дониши забони миллӣ, ҳадди ақал дар байни хизматчиёни давлатӣ, хамчун воситаи ин гуна иртибот баромад мекард. Мушкилии дуввум бошад ранги сиёсӣ дошт – чӣ гуна садоқати шаҳрвандон ва худро ба кишвар ва низоми ҳукмрон нисбат додани онҳоро таъмин намуд. Чун қабл аз он давлат бо аҳолӣ ба воситаи миёнаравҳо – ташкилотҳои динӣ, намояндагони маҳаллӣ ва гоҳо бо ҷамоатҳои худмухтор дар робита буд. Дар охири асри XIX маълум гардид, ки раванди демократишавӣ ё ҳадди аққал иштироки омма дар интихобот амри ногузир аст. Ҳамаи замонатҳои анъанавии садоқати мардум ба ҳокимон – ҳукумати сулолавӣ, ҳукми илоҳӣ, ҳаққи таърихӣ ва мерос, ваҳдати мазҳабӣ коста шуда буданд. Ягон ҳукумат наметавонист дар асри инқилобҳо, озодихоҳӣ, демократишавӣ худро дар амният ҳис кунад. Давлат бояд табааи худро ба «дини нави шаҳрвандӣ» дохил кунад, қабл аз он ки ин амалро рақибони он анҷом диҳанд. Дар ин ҳолат миллатгароӣ метавонист дар дасти ҳукумат силоҳи қавӣ шавад. Дар ҳолати «миллат» шудани аҳолии кишвар хотираи умумӣ, рамз ва нишонаҳои умумӣ, қаҳрамонҳои умумиро пайдо мекунанд. Давлатҳо кӯшиш мекарданд ҳисси ватандӯстиро бо рамзҳои «ваҳдати ҳаёлӣ» (imagined unity) қавӣ кунанд ва дар баъзе ҳолатҳо давлат ба «ихтирои анъанаҳо» (invention of tradition) мепардозад.

## Ихтирои анъанаҳо

Ҳобсбаум ин истилоҳи худро дар китоби «Ихтирои анъанаҳо» (The Invention of Tradition), ки дар ҳамкорӣ бо Рэнҷер навишт (*Hobsbawm E. & Ranger T., 1983*), тавсеа медиҳад. Вай анъанаҳоро ба анъанаҳои «аслӣ» ва «сохта» тақсим мекунад. Дар ҳар ду ҳолат анъанаҳо чизи доимӣ ва тағйирнопазир нестанд ва ҳатто баъзан мешавад таърихи ихтирои онҳоро пайдо кард. Дар робита ба пайдоиши «анъанаҳои миллӣ» Ҳобсбаум истилоҳи «ихтироъ» ё «офариниш» (invention)-ро истифода мебарад. Вай мӯътақид аст, ки новобаста ба решаҳои қадимӣ, аксарияти маросим ва рамзҳои миллӣ бешубҳа маҳсули замони муосир мебошанд, ки аз ҷониби давлат ё фаъолони миллӣ сохта мешаванд. Ҳобсбаум истилоҳи «ихтироъ» ё «офариниш»-ро барои номувофиқатии ғояи мерос ва робитаи фарҳангӣ бо гузаштаи хеш ва ақидаи миллатгароӣ ҳамчун падидаи маҳсули замони муосир истифода мебарад. Ҳобсбаум дар баробари мавқеи модернистии худ бар хилофи Геллнер ба таърихи қабл аз миллӣ беэътиноӣ намекунад. Вай мафҳуми «протомиллат»-ро барои давраи қабл аз инқилоби Фаронса истифода мебарад. Мушкилӣ дар он аст, ки миллатҳои муосир аз ҷиҳати ҳаҷм ва табиати худ аз он ҷамоаҳое, ки инсонҳо дар тӯли таърих худро ба он нисбат медоданд, фарқ мекунад. Ин мафҳум бояд холигиеро пур кунад, ки баъд аз бӯҳрон ва суқути ҷамоаҳои воқеӣ ба вуҷуд омада буд. Муаррих савол медиҳад: *«Чаро вақте инсонҳо ҷамоаҳои воқеиро аз даст доданд ин гуна ҷомеаи хаёлиро барои ҷуброни онҳо ихтироъ намуданд?»* («Нации и национализм после 1780 года» саҳ. 75). Истифодаи мафҳуми «хаёлӣ» аз ҷониби Ҳобсбаум шоҳиди он аст, ки вай таҳти таъсири ғояҳои Андерсон дар бораи «ҷамоаи тахайюлӣ» қарор дошт. Мувофиқи назари Ҳобсбаум дар минтақаҳои гуногун давлатҳо ва ҳаракатҳои миллӣ ҳисси интисоби гурӯҳии мавҷударо тақвият дода, он-

ро ба қувваи сиёсии мувофиқи ҳадафҳои давлат ва миллатҳои муосир табдил доданд. Барои дарки дурусти шаклҳои протомиллии ҳуввият, мо бояд аз афкори мардуми бесавод, ки то ибтидои асри XX аксарияти мутлақи аҳолии оламро ташкил медоданд, бо хабар ва тасаввурот дошта бошем. Барои мисол Ҳобсбаум достонҳои казакҳои соҳили дарёи Донро дар асри XVII меорад. Истилоҳи «Русияи муқаддас» (Святая Русь) дар достонҳои онҳо муродифи тасвирҳои муқаддас, дини масеҳӣ, шоҳ ва давлат аст. Дар ин ҷо ду унсуре, ки дар замони муосир меъёрҳои асосии миллият, яъне забон ва қавмият мебошанд, аслан вуҷуд надоранд. Ҳобсбаум ҷойгоҳи ҷамоаҳои забонӣ ва қавмиро дар давраи қабл аз миллӣ баррасӣ мекунад. Дар асл вай ду масъаларо дида мебарояд. **Аввал:** оё қабл аз замони муосир шуури иттиҳод дар асоси умумияти забон ё лаҳҷа ва ё дину мазҳаб вуҷуд дошт? **Дуввум:** шаклҳои қабл аз миллии алоқаҳо дар миллатҳои муоссир чӣ нақше доранд? Дар робита ба саволи аввал таъкид мекунад, ки ҳанӯз юнониёни қадим дар асоси забон «инсони ҳақиқӣ»-ро аз барбар фарқ мекарданд. Наметавонем инкор кунем, ки инсонҳои бо забонҳои гуногун сӯҳбаткунанда фарқият дар байни ҳамдигарро дарк накунанд, аммо гоҳо ҳатто лаҳҷаҳои як забон барои соҳибони он нофаҳмо мебошанд. Барои ин то пайдо шудани таълими ибтидоии умумӣ наметавонем дар мавриди забони гуфтугӯии ягона, ба ҷуз шаклҳои адабӣ ё идориву маъмурии он сухан ронем. Аммо муаллиф инкор намекунад, ки гоҳо забон ё гурӯҳи лаҳҷаҳои ягона сабаби ҳуввияти қаблазмиллӣ бошад ва барои мисол албаниҳоро меорад, ки ягонагии худро новабаста аз ихтилофоти динӣ ва мазҳабӣ дарк мекарданд. Ҳобсбаум мӯътақид аст, ки забонӣ миллӣ доимо падидаи нимсунъӣ ва гоҳо мисли забони ибрии муосир тамоман сунъӣ ҳаст. Вай мухолифи асотири миллие аст, ки забонро асоси фарҳанги миллӣ ва пояи худшиносии миллӣ медонад. Ҳобсбаум мисолҳоеро меорад, ки чӣ гуна ин ё он лаҳҷа бо сабабҳои сиёсӣ чун асоси забони миллӣ шинохта шуд ва ба воситаи дар шакли китобатӣ сабт шудан он меъёри забони миллӣ гардид. (ниг. ба «Принцип этнической принадлежно-

сти и национализм в современной Европе» саҳ. 332., 336). Албата дар ин бора қабл аз вай Ҷошуа Фишман (Fishman 1972), Геллнер, Андерсон ва дигарон таъкид кардаанд.

Дар мавриди қавмият ва дин Ҳобсбаум бештар мисолҳои муосирро таҳлил мекунад ва дар мисоли арабҳо ва покистониҳо ҷойгузинии ҳуввияти қавмӣ ва диниро нишон медиҳад, ки ин масъаларо бисёре аз муҳаққиқони муосир бар вай эрод мегиранд.

Ҳабсбаум мегӯяд: *«Протомиллатгароӣ» барои миллатгароии муосир заминаи мусоид гузошт, зеро дар он ҳис ва рамзҳои ягонагӣ ташаккул ёфта буданд ва миллатгароён онро танҳо ба манфиати давлати муосир истифода бурданд»* («Нации и национализм после 1780 года» саҳ. 124).

**Миллат ва миллатгароӣ дар замони муосир**

Нашри аввали китоби Ҳабсбаум «Миллат ва миллатгароӣ баъд аз соли 1780» соли 1990, қабл аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ, Югославия ва Чехословакия аз чоп баромад. Дар боби хотимавии китоби худ муаллиф дар оянда пайдо шудани давлатҳои миллии навро аз эҳтимол дур медонад. Миллатгароӣ бе ин гуна дурнамо бошад, новобаста аз ҳисси интисоб ба «ҷамоаҳои тахайюлӣ» чизе нест. Нодуруст будани таҳлили вай пас аз як соли чопи китоб маълум гардид. Хангоми нашри дуввуми китоби худ дар соли 1992 Ҳобсбаум аз ақидаи худ нагашта, воқеаҳои ба вуҷуд омадаро чунин шарҳ медиҳад.

Марҳалаи муосири ҳаракатҳои миллӣ дар ҷаҳони сеюм бештар хусусияти иртиҷои ҷудоихоҳӣ (сепаратизм) дорад. Ин худмуайянкунии «гурӯҳҳои қавмӣ» мебошад, ки барнома ва дурнамое ба мисли барномаҳои миллии аввали асри XX надорад. Яъне, метавон гуфт, ки мувофиқи назари Ҳобсбаум миллат танҳо «ҷамоаи воқеие мебошад», ки барномаи ақлгароёна ва бештар моил ба арзишҳои шаҳрвандӣ дорад. Камбудии асосии миллатгароии муосирро Ҳобсбаум дар он мебинад, ки он аз сабаби норасоии маводи таърихӣ кӯшиш мекунад шакли давлати яккавмӣ ва якзабониеро, ки ҳанӯз Мадзини пешниҳод карда буд, бунёд кунанд.

Ҳобсбаум ксенофобияро, ки дар замони муосир идеологияи хеле паҳншуда мебошад, аз миллатгароӣ намедонад, зеро аслан барномаи таърихӣ надорад. Он бештар фарёди ғазаб ва навмедӣ аст. Аксарияти падидаҳое, ки имрӯз ба унвони миллатгароӣ шинохта мешаванд, ба ақидаи Ҳобсбаум танҳо вокунише алайҳи қувваҳои хуҷумкунадаи замони муосир чун муҳоҷирати байналмилалӣ ва тағйиротҳои иҷтимоиву иқтисодии пурсуръат мебошанд. Мисли вокуниши русҳо ба зиёд шудан муҳоҷирони меҳнатӣ, амрикоиён бар зиёд шудани испанизабонҳо ва ғ. Дар Квебек онро метавон бо суст шудани мавқеи мазҳаби католикӣ, дар Уэлси Шимолӣ бошад бо ҷудо шудани қишрҳои анъанавӣ ва модерн шарҳ дод. Ва чунонки мебинем барои исботи бӯҳрони миллатгароӣ Ҳобсбаум падидаҳои гуногунтабиатро ба мафҳумҳои умумӣ ва баръакс нисбат медиҳад. Аммо шояд мушкили на дар миллатгароӣ, балки дар истилоҳоту мафҳумҳои муаллиф аст? Ҳобсбаум эътироф мекунад, ки ҳамаи ҳаракатҳои алайҳи ҳокимияти давлатӣ барои ҷудоихоҳӣ ё мухторият бештар либоси миллӣ мепӯшанд ва гумон мекунанд, ки миллатсозӣ мекунанд. Дар ҳақиқат бошад бештар сухан дар бораи ҷамоаҳои қавмӣ ё минтақавии хурд меравад. (ниг. ба «Принцип этнической принадлежности и национализм в современной Европе» саҳ. 339 -344.)

Дар ин ҷо Ҳобсбаум ба таърифи миллат, ки дар боло овардем, мухолифат мекунад, чун аз ин ҷо бар меояд, ки на *«ҳар ҷомеаи нисбатан бузурги инсонӣ, ки аъзои он худро ҳамчун «миллат» мешиносанд»* («Нации и национализм после 1780 года» саҳ. 17). Дар ин ҷо Ҳобсбаум мафҳуми миллатро хеле танг кардааст.

Далели дуюми Ҳобсбаум ин аст, миллатгароӣ дигар наметавонад мушкилиҳоеро ҳал кунанд, ки инсоният дар асри XXI ба онҳо рӯ ба рӯ мешавад. «Миллат» имрӯз қисмати асосии вазифаҳои худ, яъне иқтисоди миллиро аз даст медиҳад. Вай мӯътақид аст, ки сеяки давлатҳои мавҷудае, ки камтар аз 2,5 миллион нафар аҳолӣ доранд, замонате барои истиқлолият надоранд. Одатан барои дастгирии кӯшишҳои ҷудоихоҳии қавмҳои хурди аврупоӣ ва

таъмини устувории иқтисодӣ аз онҳо дархост карда мешавад, ки ба Иттиҳоди Аврупо шомил шаванд. Ҳобсбаум чунин меҳисобад, ки ин истиқлолияти он қавмҳоро зери суол мебарад ва дар сурати чунин шакл гирифтани ҳодиса, қавмҳои хурд ба зудӣ фарҳанги миллиро аз даст медиҳанд.

Дар боби хотимавии китоби худ Ҳобсбаум на танҳо ба таҳлили ҷараёни муосир мепардозад, балки барои оянда пешгӯӣ мекунад, ки аз ин ҷиҳати таҳлилии асар коста мешавад. Мо наметавонем ба Ҳобсбаум ба хотири пешгӯи накардани пошхӯрии Иттиҳоди Шӯрави ё Югославия эрод бигирем, чун ин кор вазифаи муаррих нест. Аммо кӯшиши танқиди миллатгароӣ чун қувваи харобкунанда ва камарзиш ва пешгӯии сукути он муаллифро водор мекунад, ки таърифи миллатгароиро аз нав дида барояд.

Ҳадафи методологияи махфии Ҳобсбаум нишон додани он буд, ки миллатгароӣ ба ҳодисаҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ва Аврупои Шарқиву Балкан ҳеҷ рабте надорад. Миллатгароӣ дар ин ҷо ҳаракати мардум барои бунёди давлати мустақил дар асоси миллати қаблӣ аст. Миллатгароӣ барои пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар Украина дар фарқият аз Прибалтика ва Кавказ нақши зиёде надошт, чун дар он ҳаракати оммавии ҷудоихоҳӣ вуҷуд надошт. Ҳобсбаум таъкид мекунад, ки Осиёи Миёна то дами охир на танҳо ба ҳукумати марказӣ содиқ буд, балки худи миллатҳои он маҳсули тақсимоти миллию ҳудудии режими шӯравӣ буданд ва миллатгароӣ дар ин кишварҳо маҳсули пас аз шӯравӣ аст.

## Хулоса

Бояд бигӯем, ки Ҳобсбаум дар назарияи миллат ва миллатгароии худ ба хулосае омад, ки миллатҳо падидаи сиёсии таърихан нав ва ноустувор мебошанд, ки бештар дар натиҷаи пайдоиши миллати иқтисодӣ ва ихтирои анъанаҳо ба вуҷуд меоянд. Вай мӯътақид буд, ки бо пай-

доиши иқтисоди фаромиллӣ ва фарҳанги фаромиллӣ дигар имкони ба вуҷуд омадани миллатҳои нав ва давлатҳои миллии нав вуҷуд надорад. Аммо воқеаҳои баъд аз солҳои 90-уми асри XX нодуруст будани фикри вайро собит намуданд. Муаллиф маҷбур шуд, то барои аз ақидаи худ даст накашидан барои ин воқеаҳо шарҳи дигар пайдо карда, ин ҳаракатҳо ва давлатҳои навбунёдро ба унвони ҳаракат ва давлатҳои миллӣ эътироф накунад.

Дар охир бояд қайд кунем, ки дар китоби «Миллатҳо ва миллатгароӣ» (Nations and Nationalism) муаллиф кӯшиш намудааст, ки таърихи ҳолатҳои алоҳидаи зуҳури миллатгароиро дар робита  бо иқтисод, сиёсат ва равандҳои иҷтимоиву фарҳангӣ тасвир кунад. Истилоҳи «ихтирои анъанаҳо»- и муаллиф ба илмҳои иҷтимоӣ беш аз китоби «Миллатҳо ва миллатгароӣ» (Nations and Nationalism) таъсир гузошт. Ба ҳар ҳол, то ба имрӯз касе ғайр аз Ҳобсбаум ба навиштани таърихи умумии миллатгароӣ даст назадааст.

**Манбаъ:**

**1.** Nations and Nationalism since 1780: Programme, Myth, Reality

**2.** Хобсбаум Э. Нации и национализм после 1780 г. — СПб.: Алетейя, 1998.

**3.** Хобсбаум Э. «Принцип этнической принадлежности и национализм в современной Европе» в сборнике Нации и национализм / Б. Андерсон, О. Бауэр, М. Хрох и др; Перевод с англ. И нем. Л. Е. Переяславцевой, М. С. Панина, М. Б. Гнедовского. Москва: Праксис, 2002.- 416 с.  (Серия «Новая наука политики»).

**4.** Коротеева В. Теории национализма в зарубежных социальных науках. – М.: РГГУ, 1999. 140 стр.

# Фасли IV.
# ПОСТМОДЕРНИЗМ
**Ҳафиз Бобоёров (Боби I ва Боби II)**

Постмодернизм («пост» мазмуни «пасо, ё пас аз») ҷараёни фалсафие мебошад, ки мақсади асосиаш баррасӣ ва инкори мафҳуми модернизм аст, ки онро бо муаммонок намудан, зери шубҳа гирифтан ва бовар накардан ба тасаввурҳои «ҳақиқати объективӣ» таҷассум менамояд. Аз рӯи фаҳмиши постмодернистӣ «ақл» ва инсони боақл - марказ, асос ва моҳияти дунё ба шумор меравaнд. Постмодернизм кӯшиши аз сари нав баррасӣ намудани нақши ратсионализм, боварии том ба ақл ва рушдро дар Аврупои индустриалӣ дорад. Постмодернизм то ҷое нобоварӣ ба ратсионализм ва эъломи он аст, ки наметавонад як роҳи дуруст мавҷуд бошад. Ҳамчунин мо худ ва дигаронро ба таври «объективӣ» шинохта наметавонем, чун худ натиҷаи муносибатҳои муайяни қудратӣ дар давраи муайяни таърих хастем.

Азбаски постмодернизм баъди анҷоми ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба миён меояд, тавзеҳи таърихиро доро аст. Давраи маърифат бо замони рушди индустриалӣ ва техникии Аврупо рост омад ва чунин ба назар мерасид, ки модерн, яъне муосирият ва ратсионализм ягона роҳи дурусти рушди инсоният ҳастанд. Вале ваҳшонияти ҷанги дуюми ҷаҳонӣ андешаро дар бобати маҳсули «ратсионализм» ба вуҷуд овард ва файласуфони аврупоиро дар ҳолати ногувор қарор дод. Чӣ гуна Аврупои муосир, ратсионалӣ ва мутамаддин тавонист фашизмро ба вуҷуд орад, ки онро бо ваҳшоният баробар менамуданд. Аврупои баъдиҷангӣ саволҳои бисёреро матраҳ намуд, ки ба онҳо аз тариқи андешаронии ратсионалистӣ ҷавоб дарёфтан ғайриимкон буд.

Аз тарафи дигар, постмодернизм на дасткашӣ аз ратсионализм ва усули илмии фаҳмонидани воқеият, балки танқиди жарфи илм, усули илмӣ ва ақл мебошад. Барои ҳамин постмодернистон назарияи миллат ва миллатсозиро пешниҳод наменамоянд ва ба ҷои ин, мафҳуми миллатро таҳлил намуда, бар он назаранд, ки миллат ҳамчун

воқеият вуҷуд надорад ва наметавонад вуҷуд дошта бошад. Миллат барои онҳо на дар ҳақиқати объективӣ, балки дар намуди навиштаҳо, шиорҳо ва барномаҳои телевизионӣ вуҷуд дорад. Аз назари постмодернистон боварӣ ба воқеият падидории воқеиятро бунёд менамояд, ки ба манфиати гурӯҳҳои алоҳида аст. Постмодернистон шавқи муайян намудани мафҳуми миллатро надоранд, барои онҳо на бунёдкунӣ, балки баррасӣ ҷолиб аст. Онҳо кӯшиш менамоянд муаммоҳо, камбудиҳо ва зуҳуротҳои миллатро, ки гурӯҳбандии он мушкил аст, дарёбанд. Инчунин барои постмдернистон на моҳият, балки муайян намудани ҳудуд ва марзҳои миллатсозӣ аҳамиятнок аст. Аз ин рӯ, постмодернистон на бунёдкунандагон, балки мунаққидонанд.

Дигар хусусияти постмодернизм дар он зоҳир мегардад, ки ҳама чиро, яъне донишҳои мо, тарзи шинохти мо, барои чӣ омӯхтани мо ва ба кадом хотир будани онро зери шубҳа мегирад. Аз ин рӯ, постмодернистон бар он назаранд, ки воқеиятҳои барои мо табиӣ пеш аз ҳама «сохтаҳои иҷтимоӣ» (социальные конструкты) мебошанд, чунки онҳо хусусияти дигаршуданро чи дар вақт ва чи дар фазоро дороянд. Постмодернистон махсусан нақши қудратро таъкид мекунанд. Суханеро, ки ин ё он инсон ё гурӯҳи одамон ифода мекунанд, на танҳо аз имкониятҳои зеҳнӣ, балки аз ҷинс, имконияти молӣ, мавқеи иҷтимоӣ ва дигар хусусиятҳои онҳо вобастагӣ дорад. Барои ҳамин дониш ва ғоя воқеияти «мустақил» нест, балки бевосита бо ҳолати ҷамъиятиии муаллиф рабт дорад. Ғояҳо нисбӣ ҳастанд, зеро ба онҳо аз кадом тарафе, ки назар шавад, аз он вобастаанд. Ҳамин тариқ, ҳақиқати мутлақ вуҷуд надорад ва ба ҷои он мулоҳизаҳое ҳастанд, ки ҳар кадоме дар алоҳидагӣ «ҳақиқат» мебошанд ва постмодернистон илмияти «модернизм»-ро танқид менамоянд.

Худи дархост ба ақли солим, ки дар таҷрибаи содаи идеологияи Маърифат ҷой дорад, аз тарафи постмодер-

нистон ҳамчун мероси «шуури дурӯғӣ»-и ратсионализми буржуазӣ баррасӣ мешавад. Барои онҳо илм наметавонад ҷаҳонро воқеан тасвир кунад, зеро олим намояндаи гурӯҳи манфиатхоҳ мебошад ва худ онро дарк нанамуда, далелҳоро меорад, ки ба ҳимояи он гурӯҳ равона карда шудааст. Масалан тиб илми дақиқ ба шумор меравад, вале дар дунё имрӯз доруворӣ ва усули табобати бемориҳои мардони синфҳои миёна ва доро назар ба дигар гурӯҳи маризон бештар ба назар мерасад. Постмодернизм бо марксизм ва феминизм рабти қавӣ дорад ва чун онҳо ҳамаро зери танқид мегирад. Вале фарқияти асосии постмодернизм аз марксизм дар он падид мегардад, ки мисли охирин роҳи ягона ва дурусти худро дар ҳалли ин ё он масъала пешниҳод наменамояд, зеро мақсади асосии постмодернизм на конструксия, балки деконструксия аст. Бунёд моҳият надорад, зеро одам дар банди муносибатҳои қудратӣ қарор дорад ва наметавонад дунёро «объективона» дарк ва бунёд намояд.

# БОБИ I.
# ЧАРЛЗ ТИЛЛИ
# «ДАВЛАТСОЗИИ МИЛЛӢ ВА ШАБАКАҲОИ БОВАРӢ»

## Ҳолнома

**Чарлз Тилли** (ба инглисӣ **Charles Tilly**) соли 1929 дар ИМА таваллуд шуда, соли 2008 вафот кардааст. Донишмандон ӯро яке аз асосгузорони ҷомеашиносии таърихии асри 21 медонанд. Дар осори худ дар бораи таърихи сиёсӣ ба масъалаҳои этнографӣ диққати асосӣ медиҳад. Ӯ дар донишгоҳҳои гуногуни ИМА, аз он ҷумла Донишгоҳи Колумбия дарс додааст. Дар давоми зиндагии худ Тилли зиёда аз 600 мақола ва 51 китоб навиштааст. Асарҳои ӯ марбут ба илмҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҷомеашиносии таърих, робита ва ҳаракатҳои иҷтимоӣ демократизатсия ва ҳоказо мебошанд. Ӯ махсусан ба таърихи ташаккули давлатдории миллӣ диққат медиҳад. Асарҳои муҳими ӯ «Ташаккули давлатҳои миллӣ дар Аврупои Ғарбӣ» (*The Formation of National States in Western Europe,* 1975), «Чӣ гуна ҷомеашиносӣ таърихро баррасӣ кунад» (*As Sociology Meets History,* 1981), «Маҷбурият, сармоя ва давлатҳои аврупоӣ» (*Coercion, Capital, and European States,* 1990, 1992), «Инқилобҳои аврупоӣ, 1492-1992» (*European Revolutions, 1492-1992,* 1993), «Шаҳрҳо ва ташаккули давлатҳо дар Аврупо, солҳои 1000-1800 то милод» (*Cities and the Rise of States in Europe, A.D. 1000 to 1800,* 1994), «Нобаробарии дугуна» (*Durable Inequality,* 1998), «Ҳаракатҳои иҷтимоӣ, 1768-2004» (*Social Movements, 1768-2004,* 2004), «Ҳуввиятҳо, сарҳадҳо ва алоқаҳои иҷтимоӣ» (*Identities, Boundaries and Social Ties,* 2005), «Боварӣ ва қоида» (*Trust and Rule,* 2005) ва ғайра.

## Тезиси асосӣ

Чарлз Тилли яке аз асосгузорони мактаби постмодернистии ҷомеашиносии таърихӣ мебошад. Зимни омӯзиши таърихи давлатсозӣ дар Аврупои Ғарбӣ, ӯ ба хулосае мерасад, ки дар давраи муосир давлатҳои миллии Аврупо дигар

субъектҳои ягонаи миллатсозӣ ва миллатгароӣ нестанд. Дар ин раванд саҳми гурӯҳу созмонҳои зермиллӣ ва фаромиллӣ бештар мушоҳида карда мешавад. Онҳо аз як ҷиҳат мавҷудияти миллат ва миллатгароиро таъмин мекунанд ва аз дигар ҷиҳат, моҳияти ин гуна падидаҳоро таҳаввул ва тағйир медиҳанд. Дар ташаккули низомҳои миллӣ ва фаромиллӣ ё худ умумиҷаҳонӣ аз давлатҳои миллӣ ва муносибатҳои байнидавлатӣ дида саҳми «шабакаҳои эътимод» (чун робитаҳои хешутаборӣ, динӣ, маҳаллӣ ва ғайра) муҳимтар мегардад.

**Таърихи давлатсозӣ дар Аврупои Ғарбӣ**

Тилли дар осори худ бештар ба ташаккули давлати миллӣ, ки дар Аврупои Ғарбӣ дар давраи баъд аз асри XVI сар шуда буд, таваҷҷӯҳ мекунад. Антони Смит (2000) Чарлз Тиллиро чун модернист дар қатори Эрнест Гелнер, Майкл Манн ва Антони Гидденс мегузорад. Ба ҳар сурат, метавон Тиллиро чун мунаққиди модернистии миллат, миллатгароӣ ва давлати миллӣ қаламдод кард. Дар ҳоле ки масалан, Гидденс ва Геллнер миллатгароӣ ва давлати миллиро чун зарурати ба тарзи нав ва самаранок ташкил кардани сиёсат ва иқтисод дар давраи капитализми саноатӣ меҳисобанд, Тилли онҳоро ба тақвияти қудрат аз роҳи мубориза ва ҷанг марбут медонад.

Ба назари Чарлз Тилли, таърихи давлатҳои миллии Аврупо бо истеъмори аҳолии маҳаллӣ сахт алоқаманд мебошад. Маҳз барои ҳамин, давлатҳои миллӣ дар садсолаҳои охир ба василаи муташаккили зӯроварӣ табдил ёфтанд. Намунаи барҷастаи чунин давлат Фаронса мебошад, ки аз соли 1600 ба баъд ба тамаркузи (консентратсияи) қудрат машғул буд. Омилҳои асосии давлатсозӣ дар Аврупои Ғарбӣ ҷанг, авбошӣ, ғоратгарии баҳрӣ, исёни ҷинояткорон, зӯроварии пулис ва капитализми туҷҷорӣ буданд.

Барои машрӯият бахшидан ба чунин истеъмор ва зӯроварӣ ба мардуми осоишта, давлатдорон аз дискурсҳои «миллат», «ҳимоя» ва ё «мудофиа» истифода мебурданд. Онҳо ба аҳолӣ мегуфтанд, ки мо шуморо аз хатарҳои дохилӣ ва хориҷӣ «ҳимоя» мекунем ва бо ҳамин баҳона тамоми қудратҳои сиёсӣ ва ҳарбиро ба даст медоранд. Дар асл, маҳз худи давлатҳои маҳаллӣ ё худ миллӣ шароит, муҳит ва дар ин замина тасаввурот дар бораи хатари ҷанг ва бенизомиро ба вуҷуд меоварданд. Дар давраи ибтидоии сохтмони давлати миллӣ дар Аврупои Ғарбӣ давлат ягона қудрати сиёсӣ ва ҳарбӣ набуд. Бисёр гурӯҳҳои дигар, ки дар лаҳзаҳои даркорӣ муқобили давлат мебаромаданд, дорои чунин қудрат буданд ва минтақаҳои алоҳидаро идора мекарданд. Тадриҷан он гурӯҳе ба давлат табдил меёфт, ки гурӯҳҳои мусаллаҳи дигарро ё аз байн мебурд ва ё онҳоро ба зархариди худ табдил медод. Ин зархаридон дар маҳалҳое, ки қувваҳои давлатӣ бевосита дастрасӣ надоштанд, ҳукмронӣ ва ғоратгарӣ мекарданд, афзоиши қувваҳои сиёсӣ, ҳарбӣ ва иқтисодии дигар гурӯҳҳоро пахш мекарданд ва даромади худро ба ҳукумати шаҳрҳои марказӣ тақсим мекарданд. Тилли ба сарчашмаи таърихии асри XVI-и Фернанд Бруդел такя карда мегӯяд, ки *«Дар пушти ғоратгарии баҳрӣ ва баҳрҳо шаҳрҳо ва давлатҳои шаҳрӣ меистоданд. ... Дар пушти авбошӣ, яъне ғоратгарӣ дар хушкӣ, ашрофони маҳаллӣ меистоданд»*[6] (Tilly 1985: 173). Дар давраҳои ҷанг роҳбарони давлатҳои марказӣ аз қувваи роҳзанони маҳаллӣ ва баҳрӣ (пиратҳо) истифода мекарданд, зархаридони авбош ва ҷинояткорро бар зидди душманони худ ба кор мебурданд ва лашкари доимии худро ба ғаниматситонӣ иҷозат медоданд. Маҳз ба ҳамин хотир, Робин Ҳуд ба унвони камонвари ифтихории шоҳ сарфароз гардида буд.

[6] «Behind piracy or the seas acted cities and city states. ... Behind banditry, that terrestrial piracy, appeared the continual aid of lords.»

Давлати миллӣ аз дигар гурӯҳҳои муташаккил асосан бо он фарқ мекунад, ки он қудрати монополиясозии воситаҳои зӯровариро доро мебошад. Аз ин нуқтаи назар, Тилли мафҳуми машрӯъият (legitimacy)-ро низ зери савол мегузорад. Тасаввуроти ҳоким дар бораи машрӯъият таърифи Артур Стинчкомбе (Arthur Stinchcombe) аст, ки *«[ш]ахсе, ки дар итоати қудрате мебошад, чун оне, ки соҳиби қудрат аст, муҳим намебошад»*[7] (Tilly 1985: 171). Ин гуна фаҳмиши модернистии машрӯъият аҳамияти зӯровариро дар рафти муносибат сарфи назар мекунад. *«Ин қоида аҳамияти монополияи қувваро аз тарафи қудратманд камарзиш месозад»*[8] (Tilly 1985: 171-172). Албатта, ин маънои онро надорад, ки монополияи қувваи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ ягона воситаи машрӯъият бахшидан ба қудрат бошад. Дар ҳар сурат, ин омили асосии давлатсозӣ дар Аврупо ва умуман, дар тамоми ҷаҳон ба шумор меравад.

## Нақши миллат ва миллатгароӣ дар давлатсозӣ ва монополияи қувваҳо

Муборизаҳои дохилӣ ва мусобиқа ва ҷанг бо давлатҳои ҳамсоя ва дур, шуури миллиро ташаккул медиҳад. Худи давлатдорон огоҳона дар пайи он набуданд, ки давлати миллӣ созанд. Аммо раванди муборизаи дурудароз барои монополияи воситаҳои зӯроварӣ ба ин натиҷа оварда расонд. Ғолибан давлатҳои миллӣ воситаҳои зӯровариро дар ҳудуди худ ботаҷриҷ аз худ мекунанд. Онҳо бо дигар давлатҳои миллӣ ба мусолиҳа мерасанд, ки ба якдигар ҳуҷум намекунанд ва манфиатҳои умумиашонро ҳимоя мекунанд. Манфиатҳои умумии онҳо ба монополияи қувваҳои сиёсӣ ва ҳарбӣ дар дохили давлат марбут мебошад.

[7] «The person *over whom power is exercised is* not usually as important as *other power-holders*»

[8] «The rule underscores the importance of the authority's monopoly of force»

То асри XVIII давлатҳои миллии Аврупои Ғарбӣ қувваҳои мавҷударо пурра монополия накарда буданд. Минбаъд онҳо тавонистанд, ки бо истифода аз ду стратегия ба монополияи қувваҳо ноил шаванд:

Якум, таъсиси қувваҳои низомии пулис, ки на ба ашрофони маҳаллӣ, балки бевосита ба ҳукумати марказӣ итоат мекарданд.

Дуюм, тавсеаи қудрати давлатӣ ба маҳалҳои дур аз марказ бо роҳи сӯиистифода аз шуури миллӣ ва миллатгароӣ.

Аз нигоҳи ташаккули таърихии миллат, миллатгароӣ ва давлатҳои миллӣ Чарлз Тилли дар байни ду намуди миллат фарқ мегузорад – яке «миллати қадим» ва дигаре «миллати тарроҳишуда». «Миллатҳои қадим ва бардавом» давлатҳои Аврупои Ғарбӣ буданд, ки то соли 1789, то давраи ташаккули идеология ва ҳаракатҳои миллатгароӣ вуҷуд доштанд. Маҳз «миллатҳои қадим»-и Аврупои Ғарбӣ боиси ба миён омадани миллатгароӣ ва давлатҳои миллӣ гардиданд. «Миллатҳои нав» он миллатҳое буданд, ки баъди соли 1789 миллатгароён тарҳрезӣ карданд, то ки давлатҳои нави миллиро таъсис диҳанд. Миллатҳои нав, баръакси миллатҳои қадим, дар давраи нисбатан хеле кӯтоҳи таърихӣ ба вуҷуд омаданд. Дар ин раванд забон ва сиёсати забонӣ омилҳои асосии ташаккули огоҳии миллӣ ба шумор мерафтанд. Дар ҳоле ки «миллатҳои қадим» муддати тӯлонӣ дар байни худ барои ҳудуд мубориза мебурданд, давлатҳои нави миллӣ ҳудуд ва сарҳадҳои аз тарафи империалистон таҳмилгаштаро бечунучаро қабул мекарданд.

Аз ин рӯ, Тилли сохтмони давлати миллӣ ва миллатгароиро ба «миллатҳои қадим» марбут медонад. Ба назари вай, ташаккули шуури миллӣ ва миллатгароӣ ба кӯшишҳои ҳукумати марказӣ барои монополияи қувваҳо ва воситаҳои зӯроварӣ сахт алоқаманд буд. Аз асри XVIII сар карда, мегӯяд Тилли, давлатҳои миллии Аврупо ин

гуна идеологияро барои пахшкунӣ, кооптатсия ва аз байн бурдани гурӯҳҳои мухолиф ва исёнгар истифода мебурданд. Давлатдорон мегуфтанд, ки ин гуна амалҳои ҳукумати марказӣ, яъне истифода аз зӯрӣ, барои таъмини сулҳу осоиши мардум зарур мебошанд. Инро Тилли аз забони муаррихи иқтисод Фредерик Лейн (Frederic Lane) чунин баён мекунад: *«...ҳукуматҳо ба фурӯши ҳимоя сару кор доранд... новобаста ба он ки мардуми оддӣ инро мехоҳад ё не»*[9] (Tilly 1985: 175).

Ҳамин тариқ, Чарлз Тилли ба гурӯҳи донишмандон-модернистони мунаққид чун Майкл Манн ва Ҷон Брули дохил мешавад, ки миллатгароиро чун сарчашмаи қудрат, аз он ҷумла воситаи машрӯъият бахшидан ба амалҳои зӯроварии элитаи давлатӣ муайян мекунанд. Барои тақвият ва давомият бахшидани таъсири миллатгароӣ чун сарчашмаи қудрат, элитаи сиёсӣ ва интеллектуалӣ институт (ниҳод)-ҳои муайянро кашф мекунад. Миллат, аз ин рӯ, конструксияе мебошад, ки ба фаъолиятҳои давлат марбут мебошад. Миллатгароӣ, дар навбати худ, дар таърихи чандсадсолаи давлатсозӣ дар Аврупои Ғарбӣ ба таъсиси институтҳои байнидавлатӣ мусоидат кард. Низоми муносибатҳои байнидавлатӣ дар Аврупо асосан дар натиҷаи ҷангҳо ташаккул ёфтааст. Ин ҷанг аст, ки ҳам давлати миллӣ ва ҳам миллатҳои имрӯзаро ба вуҷуд овардааст. Дар таърихи Аврупо низоми муносибатҳои байналмилалӣ танҳо он вақт ба дипломатия такя мекард, ки тарафҳои ҷанганда дигар мадори ҷангидан надоштанд. Дар навбати худ, низоми муносибатҳои дипломатӣ ба тартиботи байналмилалии «давлатҳои миллӣ» асос ёфтааст. Дар ҳоле ки саҳми давлатҳои абарқудрат дар муайян кардани ин система аз ҳама бештар аст, истифода аз шуури миллӣ ва такя ба давлати

[9] "…governments are in the business of selling protection … whether people want it or not"

миллӣ устувории ин системаро таъмин мекунад (Tilly 1975: Introduction, Conclusion).

То замоне, ки ҷанг, муқовимати ҳарбӣ ва дипломатия дар байни давлатҳо вуҷуд дошта бошад, миллатгароӣ ҳам дар шакли имрӯзааш боқӣ хоҳад монд. Миллатгароӣ воситае аст, ки давлатдорон ё тарафҳои ҷанганда ба воситаи он дар байни аҳолӣ тарафдор пайдо мекунанд ва дар симои давлатҳои рақиб душмани хатарнок тасвир мекунанд. Дар давраҳои баъдиҷангӣ бошад, миллатгароӣ дар контексти дипломатияи байнидавлатӣ истифода бурда мешавад. Ҳамчунин, мардуме, ки аз ҷанг зарар дидаанд, маҳз бо даъвоҳои миллатгароӣ хомӯш карда мешаванд. Чунки давлат баъди ҷанг иқтидори кофии ҳарбӣ ва иқтисодӣ надорад, ки норизоятӣ ва исёнҳои мардумиро пахш ва ором кунад. Дар раванди тоҷангӣ ва баъдиҷангӣ давлатдорон ба мардуми машаққатдида ва батангомада аз хатари ҳуҷуми душмани миллӣ ёдрас мекунанд (Tilly 1975: Introduction). Давлатдорон бонги хатар мезананд, ки душман қасди забти сарзамини муқаддаси онҳо ва аз байн бурдани тамаддуни пешрафтаи онҳоро дорад. Маҳз ҳамин гуна даъвоҳои миллӣ ва миллатгароӣ мардумро ба тарафдории давлатдоронашон сафарбар мекунанд.

Тилли падидаи миллатгароиро дар робита ба падидаҳои умумиҷаҳонӣ, чунончи муҳоҷирати фаромиллии корӣ низ алоҳида баррасӣ мекунад. Чуноне ки худи ӯ мегӯяд, *«Ман бо ин мехоҳам тасаввуроти умумиро дар бораи муҳоҷират чун ҳаракати яктарафа тағйир диҳам»* (Tilly 2007: 4).[10] Муҳоҷирати фаромиллӣ фақат омадурафт дар байни кишвари баромад ва кишвари даромад намебошад. Балки дар рафти чунин рафтуомад муҳоҷирон алоқаҳои иҷтимоии фаромиллӣ ташаккул медиҳанд. Ин гуна алоқаҳо тасодуфӣ ва гузаранда набуда, ба «шабакаҳои боварӣ» (trust networks)-и доимӣ асос меёбанд.

---

[10] "I do mean, however, to challenge popular images of immigrants as one-way travelers…" (тарҷумаи мазмунӣ – Ҳ.Б.)

«Шабакаҳои боварӣ» бошанд ба робитаҳои хешутаборӣ, маҳаллӣ, динӣ ва монанди инҳо асос меёбанд. Одамон аз рӯи чунин робитаҳо бо якдигар ҳамкорӣ мекунанд, якдигарро дастгирӣ ва ҳимоя менамоянд, дар мушкилиҳо дар паҳлӯи ҳам ҳастанд, ба аъзои гурӯҳи худ қарзи бефоиз медиҳанд, кӯдакону калонсолонро ба парасторӣ мегиранд ва умуман ҳамаи он корҳоеро мекунанд, ки давлат онҳоро карда наметавонад (Tilly 2007: 6-7).

Ин гуна шабакаҳои боварӣ дар созмонёбӣ, танзим ва таҳаввули ҳаракати фаромиллии муҳоҷират нақши ҷиддӣ мебозанд. Шабакаҳои мазкур дар байни аъзои гурӯҳ масъулиятҳои муҳимми марбут ба зиндагии онҳоро ба вуҷуд меоранд. Маҳз шабакаҳое бештар тақвият меёбанд ва мавриди боварии байниякдигарии одамон қарор мегиранд, ки ин масъулиятҳоро таъмин карда тавонанд. Масалан, муҳоҷирони корӣ ба шабакаҳои хешутаборӣ бештар эътимод мекунанд, чунки маҳз хешовандон барои онҳо дар кишвари даромад шароити зиндагӣ ва корро таъмин мекунанд. Ҳамин гуна, боз ҳам хешовандон ҳастанд, ки дар кишвари баромад фарзандони муҳоҷиронро кориро нигоҳубин ва тарбият мекунанд. Ба ғайр аз хешутаборон, шабакаҳои эътимод инчунин доираҳои динӣ, сиёсӣ ва гурӯҳҳои қавмӣ (этникӣ)-ро дар бар мегиранд (Tilly 2007: 5). Махсусан он одамоне чунин шабакаҳоро месозанд, ки наметавонанд ба давлат эътимод кунанд. Муҳоҷирони фаромиллӣ маҳз аз ҷумлаи ҳамин одамон мебошанд: чи дар кишвари баромад, яъне ватанашон ва чи дар кишвари даромад, яъне кишваре, ки ба он ҷо барои кор муҳоҷират мекунанд, давлат ба таври даркорӣ ҳуқуқҳои онҳоро ҳимоя ва таъмин намекунад.

Давлатҳои миллӣ муҳоҷирати фаромиллии оммавиро дар баъзе мавридҳо расман иҷозат медиҳанд. Аммо дар воқеият бошад, онҳо мавҷудияти ҳаракат ва шабакаҳои иҷтимоии муҳоҷиронро нодида мегиранд ва ё ҳатто ғайриқонунӣ месозанд. Дар натиҷа, муҳоҷирони фаромиллӣ

маҷбур мешаванд то шабакаҳои бовариро дар байни якдигар устувор намоянд. Аъзои чунин шабакаҳо дар байни якдигар ҳуқуқу ӯҳдадориҳои муайян доранд ва аз ин роҳ якдигарро ҳимоя ва идора мекунанд. Маҳз ба ҳамин хотир, аъзои шабакаҳои муайян дар доираҳои муайяни иқтисодӣ, ҷуғрофӣ ва иҷтимоӣ мутамарказ мешаванд ва ё агар чунин шакли муттаҳидшавӣ имконпазир набошад, аъзои шабака дар байни худ робитаи мустаҳкам барпо мекунанд.

## Хулоса

Чарлз Тилли таърихро чун объекти шинохти падида ва ҳодисаҳои муосир баррасӣ мекунад. Ӯ падидаҳои миллат, миллатгароӣ ва давлатсозии миллиро дар ҷараёни таърихӣ омӯхта, ба хулоса мерасад, ки онҳо пеши роҳи шабакаҳо ва робитаҳои зермиллӣ ва фаромиллӣ, аз қабили шабакаҳои эътимод ва муҳоҷирати бидуни марзро гирифта наметавонанд. Одамон ба ниҳодҳои давлати миллӣ, пеш аз ҳама ба он хотир эътимод намекунанд, ки онҳо ба таври зарурӣ бехатарии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии онҳоро таъмин карда наметавонанд. Давлат ҳамагӣ дар асоси як гурӯҳ ё худ шабакаи маҳдуди иҷтимоӣ ташкил ёфтааст, ки тавону имкони фарогирии тамоми ҷомеаро надорад. Балки он низ, пеш аз ҳама, барои аъзои шабакаи маҳдуд хизмат мекунад. Инро Тилли дар ҳодисаҳои гуногуни таърихӣ, аз он ҷумла ҳаракату инқилобҳо, ҷинояткории муташаккилона, сохтмони давлатҳои миллӣ ва муҳоҷирати фаромиллӣ ба таври муфассал баррасӣ менамояд. Дар охир донишманд ба хулоса мерасад, ки дар ташаккули муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ шабакаҳои хешутаборӣ, маҳаллӣ ва динӣ муҳимтар аз ниҳодҳои давлатӣ мебошанд. Аз он ҷумла онҳо ба ҷараёнҳое чун демократикунонӣ ва ҷаҳонишавӣ таъсири чашмрас мегузоранд.

**Манбаъ:**

1. Smith, Anthony D. (2000), *Nationalism and Modernism*. London: Routledge
2. Tilly, Charles (ed.) (1975), *The Formation of National States in Western Europe,* Princeton NJ: Princeton University Press
3. Tilly, Charles (1985), "War Making and State Making as Organized Crime", in: Peter Evans, Dietrich Rueschemeyer and Theda Skocpol (eds.) *Bringing the State Back In.* Cambridge: Cambridge University Press, pp. 169-187
4. Tilly, Charles (1995), "To Explain Political Proceses", in: *The American Journal of Sociology,* Vol. 100, No. 6, pp. 1594-1610
5. Tilly, Charles (2007), "Trust Networks in Transitional Migrations", in: *Sociological Forum*, Vol. 22, No. 1, pp. 3-24

# БОБИ II.
# ВИЛЯМ ҲАРДИ МАКНЕЙЛ
# «ДАВЛАТИ МИЛЛӢ ДАР ДАВРАИ ҲАРАКАТҲОИ ФАРОМИЛЛӢ»

## Ҳолнома

**Вилям Ҳарди Макнайл** (ба инглисӣ **William H. McNeill**) соли 1917 дар Ванкувери Канада таваллуд шуда, дар Амрико таҳсили донишгоҳии худро мегирад. Ӯ аз соли 1947 то соли 2006 дар Донишгоҳи Чикаго ба донишҷӯён дарс медод. Макнайл яке аз маъруфтарин таърихшиносони муосир мебошад, ки ба шинохту бинишҳои классикӣ дар бораи миллат, миллатгароӣ ва давлати миллӣ назари хоси худро баён кардааст. Асарҳои маъруфи ӯ «Энсиклопедияи Беркшайэ оид ба таърихи ҷаҳон» (*Berkshire Encyclopedia of World History*, 2011), «Таърихи ҷаҳон» (*A World History*, 1998), «Арнолд Тойнби: Зиндагинома» (*Arnold Toynbee: A Life*, 1989), «Намунаҳои таърихии муҳоҷират» (*Historical Patterns of Migration,* 1979) ва «Бозхости Ғарб: Таърихи ҷамоаи инсонӣ» (The *Rise of the West: A History of the Human Community*, 1963) ба ин масоили муҳимми ҷомеа бахшида шудаанд. Навиштаҳои Макнайл дар бораи 5 ҳазор соли тамаддуни инсонӣ маълумот медиҳад.

## Тезиси асосӣ

Дар ин ҷо мактаби постмодернистии ҷомеашиносии таърихӣ, ки марбут ба номи Вилям Макнайл мебошад, баррасӣ мегардад. Ин мактаб миллат ва миллатгароиро на ҳақиқати мутлақ ва ё эссенсиалистии объективию таърихӣ, балки падидаи модернистӣ медонад. Падидаҳои мазкур дар даврони Модернизм аз тарафи давлатҳои аврупоӣ ба миён оварда шудаанд, то ки мавҷудият,

қудрат ва муносибатҳои байниякдигарии онҳоро машрӯъият бахшанд. Дар зер ба таври мухтасар назарияи таърихи умумии Макнайл баррасӣ мегардад. Ӯ ба чунин хулоса мерасад, ки тамаддунҳо маҳдуд ба минтақа ва миллатҳои алоҳида набуда, балки маҳсули равандҳои умумитаърихӣ мебошанд. Ҳаракатҳои фаромиллӣ аз қабили муҳоҷирати оммавӣ ва корӣ тадриҷан сарҳадҳои миллиро аз байн мебаранд ва шароиту муҳитро барои ба вуҷуд омадани низоми ягонаи бисёрқавмӣ ва умумиҷаҳонӣ фароҳам меоранд. Дар ин низом саҳми миллат ва давлатҳои миллӣ он қадар чашмрас нахоҳад буд.

**Назарияи таърихи умумии Макнайл**

Макнайл, дар қатори Воллерштейн, яке аз намояндагони Назарияи низоми ҷаҳонӣ буда, таърихнигории умумиҷаҳониро асос гузоштааст. Асари фундаменталии ӯ бо номи «Бозхости Ғарб: Таърихи ҷамоаи инсонӣ» мебошад, ки моҳияти назарияи ӯро баён мекунад. Ин асар таъсири мутақобилаи тамаддунҳои гуногун дар давраҳои гуногуни таърихӣ ва махсусан таъсири байниякдигарии онҳо бо Тамаддуни ғарбӣ дар 500 соли охирро баррасӣ мекунад. Ин назарияи ӯ як гуна ҷавоб ба таърихнависии модернистии Освалд Шпенглер ва Арнолд Тойнби мебошад, ки таъсири мутақобилаи тамаддунҳороро рад мекарданд.

Макнайл дар таърихи инсоният ду гуна таърихнависӣ ва таърихсозиро ташхис мекунад – 1) таърихнависии умумиҷаҳонӣ, ки бо Ҳеродот ва Ссу-ма Чен сар шудааст ва 2) таърихнависӣ ва таърихсозии маҳаллӣ ва минбаъд миллӣ, ки бо тасвири ҷанги 27 солаи Афина ва Спарта аз тарафи Фукидид шурӯъ шудааст. Ҳар дуи ин алтернативаҳоро Макнайл нормативӣ меҳисобад, чунки онҳо ба сарчашмаҳои эмпирикӣ кам диққат медоданд.

Дар асрҳои миёна динҳои масеҳӣ, исломӣ ва буддоӣ дар байни ин ду алтернативаи аҳди бостон созиш ба вуҷуд оварданд. Солноманависони динӣ таърихро иборат

аз нақшаи умумиҷаҳонӣ ва умумиинсонии Худо медонистанд. Аз ин рӯ, ҳазорҳо дастхатҳои асримиёнагӣ бо қиссаи Офариниш сар мешаванд.

Дар Чин таърихнависии куллии Ссу-ма Чен то давраи вожгуншавии салтанати Ман-жу дар оғози асри XX идома кард. Идеяи марказии ин мактаб аз он иборат буд, ки Афлок шоҳонро аз рӯи қонуни ирсият интихоб мекунад.

Ин гуна таърихнависиҳои умумиҷаҳонӣ, ки ба ҳукуматҳои ғайримиллӣ ва ғайримаҳаллии динӣ машрӯият мебахшиданд, баъд аз соли 1500-и милодӣ дар зери шубҳа афтоданд. Дар Италия кӯшиши таърихсозии маҳаллӣ ва миллӣ ва аз ин рӯ таърихнависии фукидидӣ ба миён омад. Сababи чунин тағйирот дар он буд, ки баъди инқирози ҳукумати динӣ дар Италия давлатшаҳрҳои гуногун дар байни якдигар барои ба даст овардани қудрати сиёсӣ мубориза мебурданд. Таърихнависии маҳаллии давлатшаҳрҳо мавҷудият ва тавсеаи онҳоро машрӯият мебахшид. Маҳз дар ҳамин давра нафароне чун Макиавелли (вафоташ 1520) ва Гусардини (вафоташ 1540) рисолаҳои худро дар мавриди қудрат ва иродаи инсон, дақиқтараш шоҳ, бахшиданд.

Чун рукуди ҳукумати муқаддаси Поп ва афзоиши мубориза дар байни давлатшаҳрҳо барои қудрати сиёсӣ, ҳодисаи дигаре ба ташаккули таърихнигории маҳаллӣ ва миллӣ ва аз ин рӯ ба ташаккули шуури миллӣ боис гардид. Ин ҳодиса кашфи Америка ва мардумони он буд. Саволе ба миён омад, ки чаро Худо дар офариниш мавҷудияти ин гуна сарзамин ва мардумонро сарфи назар кардааст.

Аввалин маротиба шуури миллии фаронсавиҳо ташаккул ёфт, ки давлатро марбут на ба худо, балки ба иродаи шаҳрвандон меҳисобиданд. Дар натиҷа, маорифпарварони Фаронса дар асри XVIII аз чорчӯбаи масеҳии таърихнигорӣ даст кашиданд. Ин гуна шинохти таърих тадриҷан ба тамоми Аврупо паҳн гардид ва шах-

сиятҳое чун Вико (вафоташ 1744), Волтер (вафоташ 1778), Гиббон (вафоташ 1784) ва Ҳердер (вафоташ 1803) дар осори худ таърихи гузаштаро ғайримуқаддас ва маҳаллӣ донистанд. *«Чун Гусардини ва Макиавелли, онҳо чунин назар доштанд, ки ирода ва амалҳои инсон [на худо] ҳодисаҳоро ба вуҷуд овардананд...»* (McNeill 1994: 6)[11]

Маҳз дар заминаи ҳамин гуна таҳаввулоти сиёсӣ ва таърихшиносӣ ва мусолиҳаи минбаъда дар байни таърихнависии миллӣ ва масеҳӣ дар асри XIX ҷаҳонбинии либералӣ ба миён омад. Мувофиқи ин ҷаҳонбинӣ, инкишофи таърихӣ ба сӯи такомул ва ҳамафарогирии Озодӣ ҷараён дорад. Маҳз ҳамин назар дар асрҳои XVIII-XIX Евросентризм ва миллатгароиро асос гузошт. Давлатҳои миллии Аврупо, мувофиқи ин таълимот, ба нуқтаи баланди инкишофи таърихӣ расиданд ва аз ин рӯ бояд мардумони қафомондаро забт кунанд ва барои онҳо Озодӣ биёранд. Макнайл мегӯяд, ки баъд аз Инқилоби соли 1776 ва эъломияи Конститутсия дар соли 1789 дар ИМА ин таълимот ба идеологияи миллии ИМА табдил ёфт. Ин гуна таърихсозӣ ва таърихнависӣ дунявисозии соддалавҳонаи Масеҳият буд, фақат бо ин фарқ ки идеяҳои Озодӣ ва Миллат ҷои Худо ва Имонро гирифтанд.

Ҷанги якуми ҷаҳонӣ яке аз натиҷаҳои бевосита ва бавоситаи ҷаҳонбинии либералӣ буд, ки сиёсати истеъмориро машрӯъият мебахшид. Аммо таърихнависоне чун Шпенглер дар «Заволи Аврупои Ғарбӣ» (Der Untergang des Abendlandes) ва Тойнби дар «Омӯзиши таърих» (A Study of History)-и даҳҷилдаи худ ба ин ҳодиса ҷавоб меҷустанд. Ба назари онҳо, бархурд ва ҷанг на аз он рӯст, ки идеяҳое чун Озодӣ ва Миллат хато мебошанд, балки аз он рӯст, ки дар таърих Тамаддунҳои гуногун ба ҳам бархурд мекунанд ва дар натиҷа, яке дигареро иваз мекунад. Ин гуна назар ба таърих ҳатто баъди сар задани Ҷанги

[11] "Like Guicciardini and Machiavelli, they assumed that human will and actions shaped events...."

дуюми ҷаҳон ҳам дурустии ҷаҳонбинии либералистиро зери савол намегузошт.

Баъд аз соли 1957 таълимоти Шпенглер ва Тойнби дар мавриди он ки тамаддунҳо аз якдигар таъсир гирифта наметавонанд, камарзиш гардид. Макнайл дар ҷавоб мегӯяд, ки дар таърих тамаддунҳои гуногун, аз он ҷумла Тамаддуни ғарбӣ ҳам, ҳамеша дар додугирифт будаанд. Ин назарияи худро ӯ бо консепсияи «экумен» (ecumene) ифода мекунад, ки мувофиқи он дар таърих ҳамеша марказҳои додугирифти тамаддунҳо вуҷуд доштааст. Аммо идеяҳои либералие чун Озодӣ ва Миллат чунин додугирифтро сарфи назар ва баъзан инкор мекунанд.

## Назарияи миллати Макнайл

Вилям Макнайл идеяи модернистии инкишофи якхаттаи таърихиро рад мекунад. Ба назари ӯ, таърих ба ду давраи асосӣ тақсим мешавад – яке давраи тамаддуни бисёрқавмӣ, ки то Инқилоби Фаронса (1789) ва баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ (1945)-ро дарбар мегирад ва дигаре давраи барбарияти миллатгароӣ, ки аз соли 1789 то соли 1945 тӯл мекашад.

Аз он ҷумла миллат ва милатгароӣ маҳсули даврони модернизми Ғарб (солҳои 1789-1945) мебошад. Макнайл тасдиқ мекунад, ки дар оянда замоне мерасад, ки ин падидаҳои модернистӣ аз байн мераванд. Ба назари ин донишманд, миллатгароӣ баробар ба барбаризм ва бисёрқавмӣ (полиэтнизм) самараи тамаддун аст. *«Замоне, ки мо ба марҳилаи тамаддун ворид шавем, бисёрқавмӣ ба норма табдил меёбад»*[12] (Smith 2000: 199). Сабаб дар он аст, ки дар давраи тамаддун (сивилизатсия) зиндагӣ ва фаъолияти меҳнатии одамон дар шаҳрҳои бузурги саноатӣ (метрополитан) сурат мегирад. Ин гуна марказҳои тамаддун қувваи кории касбиро талаб мекунанд, ки ода-

[12] “The moment we reach the stage of civilization, polyethnicity becomes the norm”

тан ба як қавму миллат наметавонад маҳдуд бошад. Дар ин давра интихоби одамон ба кор аз рӯи принсипи шоистасолорӣ сурат мегирад. Онҳое соҳиби кор мешаванд, ки дониш ва ихтисоси даркорӣ ва соҳавӣ доранд. Табиист, ки як миллат наметавонад дар нисбат ба дигар миллатҳо ҳамеша сатҳи баланди дониш ва касб дошта бошад. Дар натиҷа, шаҳрҳо миллату нажодҳои гуногунро ба корхонаҳои азими худ ҷалб мекунад. Ин гуна вазъият, ё худ тамаддун, падидаи нав нест. Макнайл ин таҳаввулро «инқилоби асптозӣ» меномад, ки он аз ҳуҷуму асптозиҳои қабилаҳои бодиягард ба шаҳрҳои мутамаддин дар ҳазорсолаи I то милод сар шуда буд. Фақат дар сарзаминҳое чунин инқилоб рух намедод, ки дар ҳошияи ҷуғрофӣ қарор доштанд (ба монанди Англия, Дания ва Шветсия) (McNeill 1986: ch. 1).

Омили дигари бисёрқавма шудани шаҳрҳои бузургро Макнайл (1986) ба касалиҳои сирояткунанда марбут медонад, ки дар давраҳои гуногун аксарияти шаҳрнишинонро аз байн мебурд. Дар натиҷа, корхонаҳои шаҳрҳои беодам қувваи кориро аз ҳисоби деҳаҳо ва қавмҳои дигар ҷалб мекарданд. Омили муҳими дигар марбут ба тиҷорати байниминтақавӣ ва байниқоравӣ буд, ки бо паҳншавии динҳо бештар ривоҷ ёфт. Дар баробари ин, паҳншавии динҳо ҳам ба омезиши байниқавмӣ оварда расонд. Албатта, дар тамаддуни полиэтникӣ дар асрҳои миёна қавму миллатҳои гуногун вазъияти идеалӣ надоштанд. Балки дар низоми сиёсӣ ва тақсимоти манофеи иқтисодӣ баъзе аз онҳо идоракунанда ва дигарон тобеъ буданд.

Фақат тақрибан баъд аз соли 1700 таърих ба марҳилаи нав ё худ модернистӣ ворид шуд: *«ормони истиқлолияти мардумони аз ҷиҳати қавмӣ яксон ё худ миллат ба миён омад»* (Smith 2000: 199). Чор омил ба ин гуна таҳаввули таърихӣ сабаб шуданд: якум, таъсири гуманизми классикӣ, ки хушбахтӣ ва якдилии мардумро дар мисоли давлатшаҳрҳои юноние чун Афина, Спарта ва ҳамчунин

Ҷумҳурии Рим медиданд. Аммо омили асосӣ савод ва нашриёти умумиҷамъиятӣ буд, ки асосан ба забонҳои маҳаллӣ (venacular languages) сурат мегирифтанд. Ин гуна таҷаммӯи дониш боиси ташаккули элитаи маҳаллӣ ё худ миллӣ гардид, ки дар навбати худ шуури миллиро ташаккул дод. Дар ин давра корхонаҳои саноатӣ ба суръати тамом афзоиш мекарданд, аҳолии маҳаллӣ низ хеле зиёд гардида, ҳам қувваи корӣ ва ҳам қувваи мудофиавии худиро таъмин мекарданд. Дигар чун асрҳои пеш зарурати аз ҳисоби қавмҳои дигар ба кор гирифтани коргарон он қадар эҳсос намешуд. Омили охирон ва шояд аз ҳама асосӣ, мегӯяд Макнайл (1986), ба вуҷуд омадани қӯшунҳои пиёдагард дар ҷанг буд. Ин қӯшунҳо асосан аз ҳисоби мардуми маҳаллӣ ташкил мешуданд ва барои тақвияти вафодорӣ ва ҳамбастагии онҳо бо нангу номи ватандорӣ ва миллатпарастӣ истифода бурда мешуд. Дар ин замина, мафҳумҳое чун бародарӣ, баробарӣ ва адолат, ки маҳсули Инқилоби Фаронса буданд, бо эҳсос ва нанги ватандорӣ ва миллатпарастӣ сахт алоқаманд гардиданд. Макнайл мегӯяд, ки ҳамаи ин омилҳо *«дар Аврупои Ғарбӣ [аввал дар Фаронса ва баъдан дар тамоми Аврупо] дар охири асри 18 ба ҳам омаданд, ки сабаби пайдоиши миллатгароии муосир шуд»*[13] (Smith 2000: 200).

Ба назари Макнайл, ин таърихи миллатсозиҳоро Ҷанги дуюми ҷаҳон қатъ кард. Баъди шикасти натсистҳо одамон фаҳмиданд, ки миллатгароӣ барои онҳо оқибатҳои фоҷеабор дорад. Ба назари ин донишманд, на фақат шартномаҳои байнидавлатӣ барои сулҳу ҳамкорӣ, балки ҳаракатҳову майлонҳои иҷтимоӣ низ бар зидди миллатгароӣ равона гардиданд. Ӯ аз он ҷумла муҳоҷирати меҳнатӣ ё худ падидаи *Gastarbeiter*-ро мисол меорад, ки ҷои иқтисодиёти сирф миллиро гирифт. Макнайл дар

[13] “McNeill argues that all these factors ‘came together in western Europe at the close of the eighteenth century to give birth to modern nationalism’, first in France and then throughout Europe”

идомаи андешааш мегӯяд, ки таърихи миллат ва миллатгароӣ хотима ёфта ва акнун давраи нави полиэтникӣ сар шудааст. Худи бозори ҷаҳонии кор талаб мекунад, ки на намояндагони миллатҳои алоҳида, балки коргарони болаёқат ва мутахассис ба кор ҷалб карда шаванд.

### Миллат дар давраи муҳоҷирати фаромиллӣ

Макнайл тасдиқ мекунад, ки муҳоҷирати фаромаҳаллӣ аллакай дар ҳазораи якуми пеш аз милод сар шуда буд. Он чӣ мо имрӯз мушоҳида мекунем, давоми ҳамин гуна муҳоҷират аст, вале фақат бо шаклу воситаҳои нав. Дар ин робита Макнайл ба таърихи муҳоҷират дар ИМА рӯ меорад. Ба назари ӯ, мардумони ин сарзаминро метавон «миллати муҳоҷирон» (“a nation of immigrants”) номид (McNeill 1978: 8). На фақат америкоиҳои баромади аврупоӣ, африкоӣ ва осиёӣ дошта, балки ҳатто ҳиндуҳои муқимӣ ҳам муҳоҷир мебошанд. Онҳо чанд ҳазор сол пеш аз Осиё кӯчида омада буданд.

Макнайл назарияҳои гуногунро дар бораи муҳоҷират қайд карда, бештар ба мушкилоти байналмилалӣ дар ҷараёни муҳоҷират диққат медиҳад. Масалан, дар натиҷаи муҳоҷират ва муқимишавии аврупоиҳо дар Америко аз солҳои 1500 ба баъд мардумони таҳҷоӣ ва фарҳанги онҳо ба хатар рӯ ба рӯ шуда, бисёре аз онҳо аз байн рафтанд. Дар таърих ин гуна мушкилии бархурди байналмилалӣ, махсусан дар ҷараёни муҳоҷират ва ё ҳуҷуми дастаҷамъӣ (қабилавӣ, ҳарбӣ ва ғайра) бештар назаррас аст. Ӯ мепурсад, ки чаро дар нисбати муҳоҷирати дохилӣ ва муҳоҷирати фаромиллӣ бархурди дугуна вуҷуд дорад. Чунончи, дар ИМА муҳоҷирати дохилӣ ниҳодинашуда, лозим, ҳатто муқаддас ва маҷбурӣ мебошад. Қариб аксарияти шаҳрвандони Америко дар давоми зиндагии худ чандин маротиба ҷои зисташонро тағйир медиҳанд. Ба ифодае, онҳо дар ҳудуди кишвари худ ба «бодиягарди муосир» (“modern nomads”) табдил ёфтаанд.

Аммо дар айни замон талаботи муҳоҷирати фаромиллӣ хилофи талаботи муҳоҷирати дохилӣ аст. Пеш аз ҳама, муҳоҷирати фаромиллӣ марбут ба тасмимгирии фардии одамон нест. Қонунҳои давлатҳо, аз он ҷумла ИМА, мегӯяд Макнайл, он тавре таҳия гардидаанд, ки чунин тасмимгирии фардиро барои муҳоҷирати фаромиллӣ маҳдуд ва ғайриимкон месозад. Ин гуна муқарраротии зидди муҳоҷират, махсусан баъди Ҷанги Якуми Ҷаҳон бештар тақвият ёфт. То ин давра бақайдгирии ҳуҷҷатии муҳоҷирон чун поймолкунии озодии шахс дониста мешуд. Баъди ин ҷанг кишварҳо дигар муҳоҷиронро ба осонӣ қабул намекарданд. Ба назари Макнайл, чунин ранг гирифтани вазъияти умумиҷаҳонӣ марбут ба афзоиши миллатгароӣ дар натиҷаи бархурдҳои коллективӣ (муҳоҷиратҳои оммавӣ, ҷангҳои ҷаҳонӣ, тавсеаи техникии васоити ахбори умум ва ғайра) мебошад. Даъвоҳои миллатгароӣ ба маҳдуд кардани муҳоҷирати фаромиллӣ тавассути дастгоҳҳои расмӣ ва ҳарбии давлатҳо оварда расонд. *«Аз афташ асоси ин гуна муносибатҳоро тасаввуроте ташкил медиҳад, ки гӯё ҳамаи Америкоиҳо ба ҳамдигар монанд ва шабеҳ ҳастанд, дар ҳоле ки хориҷиҳо дигар буда, аз ин рӯ набояд ҳуқуқҳои баробар бо Америкоиҳоро дошта бошанд»* (McNeill 1978: 11)[14]. Аммо ин гуна арзёбии модернистии давлати миллӣ ва миллатгароӣ ба воқеият ҷавобгӯ нест. Балки қувваҳои муайяне, ки дастгоҳҳои маъмурӣ, идорасолорӣ (бюрократӣ) ва ҳарбии давлатҳои миллиро бо ин мақсадҳо истифода мебаранд, амалҳои худро бо миллатгароӣ рӯпӯш мекунанд.

Ҳамчунин, пешгӯии дигаре, ки дар мавриди даврони Муосирият (модернизм) ва саноатишавӣ (индустриализм) карда мешавад, марбут ба тавсеаи миллатгароӣ ва устуворшавии давлати миллӣ комилан дуруст нест. Макнайл

[14] "Presumably behind such attitudes lies the unspoken assumption that all Americans are somehow the same and have identical rights, whereas foreigners are different and do not have the same rights Americans have."

дар ин робита фарқиятҳои чашмрасро дар минтақаи Аврупои Ғарбӣ мисол меорад. Солҳои 60-уми асри XX, дар байни давлатҳои Олмон ва Юнон шартнома барои мусоидат ва истифодаи муҳоҷирони меҳнатии Юнон дар саноати мошинсозии Олмон баста шуд. Юнониҳо ба таври оммавӣ ба Олмон ба муҳоҷирати меҳнатӣ мерафтанд. Шароити кории онҳо дар Олмон нисбат ба худи Юнон хеле хуб буд. Интизор мерафт, ки насли ҷавони юнонӣ низ ба Олмон майл пайдо мекунад. Аммо дар асл ҷавонони Юнон бештар ба Австралия, Канада ва ИМА мерафтанд. Сабаби тағйири самти муҳоҷирати юнониҳо марбут ба имконияти нигоҳ доштани анъанаҳои фарҳангии худ дар кишварҳое буд, ки асосан аз ҳисоби муҳоҷирон ташкил ёфта буданд.

Мисоли дигарро Макнайл дар мавриди музофотиёни велшӣ меорад. Новобаста ба он ки онҳо дар наздикии қадимтарин шаҳри саноатии ҷаҳон – Манчестер зиндагӣ мекарданд, анъанаҳои худро ба таври ҳайратбахш нигоҳ медоштанд. Табақабандии иҷтимоӣ дар байни аҳолии велшӣ нигоҳ дошта мешуд. Ҳар як шахс ва оила мақоми хосеро дар ҷамоа ишғол мекард. Дар айни ҳол, велшиҳо ба ин бовар буданд, ки онҳо аз шаҳрнишинон аз ҳар ҷиҳат бартаранд. Масалан, дар байни онҳо қиссаҳое роиҷ буданд, ки муҳити шаҳр ифлос ва олуда аст.

Макнайл ин гуна мисолҳоро оварда, мехоҳад гӯяд, ки давраи муосирият (модернизм) бо тавсеа ва рушди саноат, синфи коргар ва тақвияти давлати миллӣ наметавонад шуури ягонаи миллӣ ва синфиро ба вуҷуд оварад. Аз ин рӯ, муосирият дар ҳар ҷо ҳар гуна сурат мегирад. *«Намунаи ягона ва стандартии модернизатсия вуҷуд надорад, ки ба он ҳамаи одамон мутобиқ шаванд. Ин хилофи тарзи тафаккуре мебошад, ки дар олами англисзабон ҳукмфармо аст; тарзи тафаккуре, ки мувофиқи он ҳамаи одамон бояд ба роҳе раванд, ки онро Британия ва Иёлоти Муттаҳида ҳамвор кардаанд. ...Мардумоне, ки анъанаҳои гуногуни*

*фарҳангӣ ва намунаҳои хоси зиндагӣ доранд, дар асл метавонанд ба ҳама гуна навгониҳои даврони муосирият ба таври худ ангеза ва ҷавоб диҳанд»* (McNeill 1978: 15)[15]

Дар идома Макнайл қайд мекунад, ки кӯшишҳои модернистии давлат барои идора ва маҳдуд кардани ҷараёни муҳоҷират боиси ба миён омадани «синфи зерсиёсии муҳоҷирон» гардидааст. Аз ин рӯ, будубоши як қисмати назарраси муҳоҷирон дар кишвари даромад ғайриқонунӣ буда, ҳуқуқҳои сиёсии баробар бо шаҳрвандонро надоранд. Ҳатто муҳоҷироне, ки мақоми ҳуқуқӣ ҳам дошта бошанд, амалан аз тамоми ҳуқуқҳо бархурдор нестанд. Муҳоҷират ба кишварҳои дигар интихоби озоди фардҳо ва оилаҳои алоҳида нест. Баръакс, таҳдид ва фишорҳои сиёсӣ боис мешаванд, ки одамон на ба ихтиёри худ, балки ба таври оммавӣ ба гуреза ва ё муҳоҷир табдил ёбанд. Новобаста аз ҳамаи инҳо, давлатҳои миллӣ наметавонанд то охир пеши роҳи муҳоҷират ва ҳаракатҳои фаромиллиро бигиранд.

## Хулоса

Чун Чарлз Тилли, Вилям Макнайл низ омӯзиши таърихии худро ба шинохти вазъияти имрӯзаи ҷаҳон мебахшад. Агар тезиси асосии Тилли марбут ба «шабакаҳои эътимод дар муқобили давлатҳои миллӣ» бошад, тезиси марказии Макнайл «тамаддуни бисёрқавма дар муқобили давлатҳои миллӣ» ба ҳисоб меравад. Объекти омӯзиши Макнайл низ асосан миллатгароӣ ва давлатдории миллӣ дар Аврупои Ғарбӣ мебошад. Ӯ асосан ба падидаҳои фаромиллие чун муҳоҷирати қабилавӣ, ҳарбӣ, динӣ ва билохира, корӣ диққати асосӣ медиҳад. Ба назари ӯ, ин падидаҳо воқеияти таърихӣ будаанд, ки аз сабаби идеологияҳои

[15] "There exists no single, standard pattern of modernization to which all people must conform, and this despite a habit of mind that remains widespread in English-speaking lands and that expects all peoples to follow along a path already trodden by Britain and the United States. ...peoples with different cultural traditions and different contemporary patterns of life can be expected to react to all the novelties that modernity brings into their lives..."

синфӣ ва миллӣ ношинохта мондаанд. Баръакс, дар тасаввур ва зеҳни на фақат одамони оддӣ, балки донишмандон низ ҳаракату муборизаҳои байни синфҳо ва давлатҳои миллӣ мағзи таърихро ташкил медиҳанд. Дар асл, чунин тарзи шинохти таърих шинохти идеологӣ мебошад. Синфҳои иҷтимоӣ ва давлатҳои миллӣ фақат дар давраи модернизм, ки онро Макнайл давраи «ваҳшоният» меномад, то андозае самти инкишофи таърихиро муайян мекарданд. Махсусан, баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ҳаракатҳои фаромиллӣ ва фаросинфӣ муносибатҳои дохилидавлатӣ ва байнидавлатиро ташаккул медиҳанд. Намунаи барҷастаи чунин ҳаракатҳо муҳоҷирати корӣ мебошад, ки новобаста аз муқобилати давлатҳои миллӣ, сарҳадҳои миллиро тадриҷан аз байн мебаранд. Ояндаи таърихро, мегӯяд Макнайл, наметавон бо сарҳадҳои миллӣ, ки дар давраи барбарияти колониалистӣ сохта шуда буданд, тасаввур кард.

**Манбаъ:**


*1.* McNeill, William H. (1978), “Human Migration”, in: *Bulletin of the American Academy of Arts and Sciences*, Vol. 31, No. 8 (May, 1978), pp. 8-17

*2.* McNeill, William H. (1986), *Polyethnicity and National Unity in World History*. Toronto: University of Toronto Press

*3.* McNeill, William H. (1994), “The Changing Shape of World History”, presented at: *History and Theory World History Conference,* March 25-26, 1994. <http://www.hartford-hwp.com/archives/10/041.html> (accessed May 23, 2011)

*4.* Smith, Anthony D. (2000), *Nationalism and Modernism*. London: Routledge

# Фасли V.
# КОММУНИЗМ ВА СОТСИАЛИЗМ

**Улрике Ҳун (Боби I, Боби II ва Боби III)**

Мутафаккирони марксистӣ дар бобати шакл ва вазифаи миллат мавқеи муайянро бунёд нанамуда буданд. Карл Маркс ва Фридрих Энгелс ҳамчун асосгузорони ҳаракати коммунистӣ андешаҳои назариявиро дар бораи ҷараёнҳои миллатхоҳӣ иброз накардаанд. Барои онҳо иқтисод ҳамчун муҳаррики таърих шинохта мешуд ва давлатҳои бунёдёфтаи миллии буржуазӣ, ҳамчун қадами мунтазираи раванди рушди капитализм арзёбӣ мегашт. Зеро соҳибкорон ҳарчи зуд васеъ намудани бозорро талаб доштанд, бунёди давлати миллии мудирияташ муттамарказ ва ҳамчунин ҳудудҳои бепардохт, аз назари Маркс ва Энгелс ҳамчун натиҷаи дунёи капиталистӣ шинохта мешуд. Аз ин бармеояд, ки «давлат» ва «миллат» ба андешаи онҳо нақши феномени раванди гузариш аз капитализм ба сотсиализмро бозӣ менамуданд. Азбаски арбобони ғояҳои сотсиалистӣ дар орзуи бунёди ҷомеаҳои бесинфӣ ва «миллати воҳиди инсоният» қарор доштанд, барои онҳо «масъалаи миллӣ» аҳамияти дуюмдараҷаро касб намуда буд.

Дар як вақт барои муборизаи муваффақона бар зидди капитализм талаботе пеш меомад, ки иттиҳод байни коргарон ва пролетариат ба вуҷуд ояд. Худи Карл Маркс соли 1864 дар Лондон бунёди Ассосиатсияи байналхалқии коргаронро ҳамчун иттиҳоди байнидавлатии ҳизбҳои сосиалистӣ ва сотсиал-демократӣ дастгирӣ менамуд, ки баъдан он ба Интернатсионали якуми сотсиалистӣ мубаддал гардид. Баъди аз байн рафтани он, ду ташкилоти дигари ворисаш аз қабили Интернатсионали дуюм (дар натиҷаи Ҷанги якуми ҷаҳонӣ аз байн меравад) ва Интернатсионали сеюми коммунистӣ (яъне Коминтерн, ки солҳои 1919-1943 фаъолият дошт) ва баъдан Коминформ ё Коминформбюро (1947-1956) ташкил карда мешаванд.

Дар асрҳои XIX-XX, вобаста ба воқеияти амалии давлатҳои полиэтникӣ аз қабили Империяҳои Русия ва Утриш назариягарони марксизм ва сотсиализмро хоҳ нохоҳ бо масъалаи миллӣ рӯ ба рӯ мекард, зеро сар задани низоҳои байниқавмӣ дар ин давлатҳо, таҳдидро ба ваҳдати сиёсии ҳаракатҳои коргарӣ дучанд менамуд. Бинобар ин, дар назди

назариягароёни марксизму сотсиализм масъалаи додани авлавият меистод, ки ё ба самти инқилоби коммунистиву сотсиалистӣ ҳаракат мекарданд, ё ба давлатдории миллӣ рӯй меоварданд, ки ба воситаи рушди он капитализм паси сар мегашт.

Аз ин лиҳоз, ғайри табиӣ нест, ки **Роза Люксембург**и дар оилаи олмониву яҳудӣ (дар яке аз гӯшаҳои Шоҳигарии Лаҳистони он вақт ба Империяи Русия тобеъбуда) таваллуд ёфта, қатъиян зидди падидаҳои миллатгароӣ байни ҳаракатҳои коргарӣ баромад менамуд ва талаб мекард, ки пролетариати байналмиллалӣ устувор карда шавад. Мавқеи Роза Люксембург вобаста ба масъалаи миллӣ дар зер ба таври васеъ тадқиқ мегардад. Барои ин навиштаи муаллиф «Оид ба ҷанг, масъалаи миллӣ ва инқилоб» истифода шудааст, ки дар нимаи дуюми соли 1918 дар рӯҳияи мағлубияти Олмон дар Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ва воқеаҳои инқилобӣ дар ин кишвар, аз чоп мебарояд. Дар навиштаи мазкур мавқеи устувори Роза Люксембург дар бобати даст кашидан аз ташаккулёбии давлатҳои мустақили миллӣ баён ёфтааст.

Мавқеи комилан дигарро дар солҳои 1913-1916 **Владимир Ленин** иброз меномояд ва дар як вақт бо ду ҷараён мубориза мебарад, яъне аз як тараф, бо талаботи Роза Люксембург ва дигарон, аз тарафи дигар бо намояндагони гурӯҳҳои сотсиал-демократӣ, ки принсипи этникӣ (қавмӣ)-ро дастгирӣ менамуданд. Ленин зимни хулосабарорӣ ҳуқуқи миллатҳоро ба худмуайянкунӣ дастгирӣ мекунад ва ҳатто имконияти аз ҳайати давлати Русия берун шуданро низ дар назар дошт. Ленин боз таъкид менамояд, ки дар ҳолати кунунӣ, қадами мазкурро фоиданок намешуморад. Ин мавқеи болшевикон имконият фароҳам овард, ки сиёсати чандирро нисбат ба масъалаи миллӣ амалӣ созанд: аз як тараф, Ленин ва ҳамроҳонаш имконият доштанд ба дастгирии гурӯҳҳои миллӣ ноил гарданд ва аз тарафи дигар метавонистанд, иттиҳоди (расмӣ) сахти давлатҳои мустақили миллиро тарҳрезӣ намоянд. Дар маркази таҳлили зерин асари Ленин «Оид ба ҳуқуқи миллатҳо ба худмуайянкунӣ», ки баҳори соли 1914 рӯи қоғаз омадааст, истифода мегардад.

Шахси сеюми интихоб гардида **Иосиф Сталин** мебошад. Дар фарқият аз ду намояндаи ҳизби коммунисти Олмон ва Русия, баъдан дар Иттиҳоди Шӯравӣ таваҷҷӯҳ на ба андешаҳои назариявӣ, балки ба сиёсати зидду нақизи Сталин нисбат ба миллатҳо тамаркуз мегардад. Нуктаи асосии таҳлилро муайяноти мафҳуми «миллат», ки аз тарафи Сталин дар мақолаи машҳураш «Марксизм ва масъалаи миллӣ», ҳанӯз соли 1913 баён ёфта буд, ифода мекунад. Дар ин навишта Сталин «миллат»-ро ҳамчун эҷоди таърихӣ ном мебарад, ки дар муқоиса бо воқеияти он вақтаи Аврупо як андешаи ҷадид ҳисоб мешуд. Зеро дар ботини сиёсати истеъморӣ дар Аврупо андешаҳои примордиалӣ ва фаҳмиши нажодпарастонаи (расистӣ) миллат ҳукмрон буд. Назарияи сталинии миллат бо мавқеи зиддинажодпарастӣ ва муосири марксистӣ буданаш фарқ мекард. Мавқеи мазкур баъди соли 1917 бо вазифаи Сталин ҳамчун аввалин комиссари халқӣ оид ба масъалаҳои миллӣ ба сиёсати асосии миллии шӯравӣ (бо номи «коренизатсия», яъне маҳаллигардонӣ) табдил меёбад. Вале баъди гузашти чанд вақт, баъди устувор гаштани ҳокимияти Шӯравӣ дар нимаи дуюми солҳои 30-юм, Сталин ва роҳбарони болшевикӣ дар баъзе миллатҳо душманони хунии худро мебинанд ва фаҳмиши примордиалистии миллатро дастгирӣ менамоянд. Дар асоси ин фаҳмишоти ҷадид, мафҳуми нави «миллатҳои душман» тарҳрезӣ мешавад ва садҳо ҳазор одамон бо тааллуқот ба ин миллатҳо репрессия ва маҷбуран муҳоҷир мегарданд. Сиёсати мазкур ва натиҷаҳои он дар таҳлили таърихнигори амрикоӣ Терри Мартин хуб инъикос гаштааст, ки дар фасли зерин ба хонандагони ҳушманд пешниҳод карда мешавад.

# БОБИ I.
# РОЗА ЛЮКСЕМБУРГ
# «ОИД БА ҶАНГ, МАСЪАЛАИ МИЛЛӢ ВА ИНҚИЛОБ»

## Ҳолнома

**Роза Люксембург** (ба олмонӣ **Rosa Luxemburg**) соли 1871 дар шаҳраки Замостси Шоҳигарии Лаҳистон, ки як гӯшаи Империяи Русия буд, таваллуд шудааст. Роза ҳамчун ходими намоёни ҳаракати инқилобии сотсиал-демократии чапгарои олмонӣ ва аврупоӣ шинохта мешавад ва ҳамчунин яке аз асосгузорони Иттиҳоди зиддиҳарбии «Спартак» ва ҳизби коммунистии Олмон ҳисоб меёбад. Барои суханронӣ ва фаъолияти зиддиҷангиаш дар замони ҷанги якуми ҷаҳонӣ Розаро ба ҳабс мегиранд ва муддати 3 сол дар маҳбас нигаҳ медоранд. Ба ин шароит нигоҳ накарда, Роза кори тарғиботиро бо воситаи номаҳои пинҳонӣ ва паёмҳои зиддиҷангӣ давом медод ва ҳамчунин брошюраҳо ва андешаҳояшро перомуни шароити инқилобии Русия ва ҳолати сиёсиву иҷтимоии Олмон (аз ҷумла брошюраи машҳури «Бӯҳрони сотсиал-демократия»-ро маҳз ҳамон вақт навиштааст) таълиф намуда буд.

Баъди озодӣ аз маҳбас, Роза Люксембург бо ҳамроҳии Карл Либкнехт дар декабри соли 1918 анҷумани муассисони ҳизби коммунисти Олмонро роҳбарӣ намуд. Вай барои дастгирӣ намудани эътирози коргарони шаҳри Берлин, 15 январи соли 1919 ба қатл расонида мешавад.

## Тезиси асосӣ

Роза Люксембург ҳамчун назариягарои намоёни марксизм, андешаи худро перомуни марксизм рушд медод ва дар асари машҳураш «Андӯхти сармоя» навиштаҳои Карл Марксро зери танқид мегирад. Вобаста

ба масъалаи ҳаракатҳои миллӣ ва миллатгароӣ аз Роза Люксембург ба мо қисматҳои каме боқӣ мондааст, ки баъди маргаш машҳуртарин дастнависаш «Оид ба ҷанг, масъалаи миллӣ ва инқилоб» дар нимаи дуюми соли 1918 ба нашр мерасад. Навобаста аз ин, Роза Люксембург дар тӯли ҳаёти шахсӣ ва сиёсии худ ба масъалаи худшиносии миллӣ зиёд рӯ ба рӯ шудааст. Масалан, Роза Люксембург дар оилаи дорои ассимилатсияшудаи яҳудӣ дар Шоҳигарии Лаҳистони Империяи Русия ба дунё омада, дар дунёи забонҳои олмонӣ, лаҳистонӣ ва русӣ ба воя мерасад. Ҳамчун донишҷӯйи ҷавони бахши иқтисодиёт ва сиёсат ӯ ходими намоёни ҳизби сотсиал-демократии Лаҳистон ба шумор мерафт ва дар ин ҷо дар мавқеи он ки истиқлолияти давлати Лаҳистон баъди инқилоби васеъи иҷтимоию сиёсӣ дуюмдараҷа аст, устувор меистод. Ба андешаи Роза Люксембург баъди ба таври табиӣ паси сар намудани капитализм дар Аврупо, ҳуқуқи халқиятҳо ба худмуайянкунӣ амалӣ мегашт.

Баъдтар барои дарёфти шаҳрвандии Олмон Роза Люксембург ба никоҳи қалбакӣ даст мезанад, ки роҳро барои фаъолияти сиёсияш дар Олмон фароҳам меовард. Дар ин ҷо низ бо масъалаҳои миллӣ рӯ ба рӯ мегардад. Хусусан, дар давраи ҷанги якуми ҷаҳонӣ, яъне баъди аз байн рафтани ҳамдилии байналхалқии коргарон, болоравии ватанпарастӣ дар сафи сотсиал-демократҳо ва дастгирӣ ёфтани қарзҳои ҳарбӣ аз тарафи онҳо дар парлумони Олмон сабабҳое гаштанд, ки бо назардошти онҳо Роза Люксембург аз сафи ҳизби сотсиал-демократӣ мебарояд ва барои бунёди ҳизби коммунистӣ камари ҳиммат мебандад.

### Ҳуқуқ ба худмуайянкунӣ ҳамчун «гумроҳии пролетариат»

Роза Люксембург дар шароити шикастпазири давраи худ бештар ходими сиёсӣ буда, ҳамчун назариягаро дар

омӯзиши миллатгароӣ ва масъалаи миллӣ мавқеи маҳдуд дорад. Чун аксарияти марксистон, худи Маркс ва ходимони коммунистӣ ба олимони илмҳои ҷамъиятӣ бо назари шубҳа нигоҳ мекарданд, зеро ба андешаи онҳо олимони ин самт синфи буржуазияро намояндагӣ ва манфиатҳои онро ҳимоя менамуданд ва наметавонистанд воқеияти объективиро ба таври зарурӣ инъикос намоянд. Аз тарафи дигар, коммунистон таҷрибаро аз назария ҷудо намекарданд, зеро аз рӯи фаҳмиши онҳо назарияи абстрактӣ на бо мақсади тағйири воқеият, балки барои гумроҳ ва ҳақ баровардани он хидмат менамуд.

Аз ин лиҳоз, дар навиштаи мазкур, ки дар нимаи дуюми соли 1918 бо назардошти инқилоби Русия ва ташаннуҷи авзои Олмон навишта шудааст, Роза Люксембург аз ташкилёбии давлатҳои нави миллӣ дар Аврупо шадидан танқид менамояд. Ба андешаи ӯ дастгирӣ ёфтани дискурси «худмуайянкунии миллӣ» аз тарафи «давлатҳои буржуазӣ», хусусан ИМА аслиҳае дар дасти «синфи ҳукмрон» барои пешгирӣ намудани инқилоби пролетарӣ мебошад. Бо суханҳои шадиди худ Роза Люксембург «пролетариати байналхалқӣ»-ро ба он гунаҳкор мекунад, ки онҳо *«аз қафои ҳамон барномаи буржуазия равонанд ва онро ҳамчун барномаи худ эълон намуда истодаанд»*[16] (саҳ. 366)

Ин ҷо, Роза Люксембург ба қабули мусбати аксарият аз Чаҳордаҳ банди Вилсон ишора менамояд, ки дар он президенти Амрико барои расидан ба шартномаи сулҳ пешниҳод дошт, ки Лаҳистон, халқиятҳои нимҷазираи Балкан ва ҳалқиятҳои империяи Туркияи Усмонӣ дар асоси ҳуқуқи худмуайянкунии миллатҳо мустақил бошанд. Вале дар ин пешниҳоди Президент Вилсон, Роза Люксембург ҳаракати аз тарафи «қувваҳои буржуазӣ» барои таъмини хаторавӣ ва аз муборизаи синфӣ берун

[16] Иқтибоси асл бо забони олмонӣ: *[«jagt es /das internationale Proletariat/ demselben Friedensprogramm der Bourgeoisie nach, erhebt es zum eigenen Programm»].*

кардани синфи коргарро медид: *«ҳамаи онҳо (яъне – синфи коргар) имконият додаанд, ки бо ин саҳнаи хандаовар ва афсонаи бачагонаи оддӣ онҳоро фиреб диҳанд[...] гӯё сармоя ягон аҳамияте надорад ва зиддиятҳои синфӣ чизе нестанд [...] Ҷаноби Крупп ба ҷои манҷаниқҳо акнун рӯшноии солинавӣ истеҳсол мекунад [...]киштии ҳазрати Нӯҳ [...], ки дар он ҷо шер бо бузгола бо ҳам бозӣ мекунанд»*[17] (саҳ. 367).

Дар ин ҷо, яъне дар робита ба суханони боло Роза Люксембург таҷрибаи талх ва ноумедии шадиди худро аз тарафи ҳизби сотсиал-демократии Олмон низ дар назар дорад, ки дар рӯзҳои аввали ҷанг вакилони ҳизби ӯ (ба ғайр аз Карл Либкнехт) дар Рейхстаги (парлумони) Олмон ҳамакаса ба розигии қарзҳои ҳарбӣ овоз дода буданд. Ҳамон рӯз, яъне 4 августи соли 1914 кайзери Олмон Вилгейлми II дар парлумон суханронӣ намуд ва бо ҳавобаландӣ эълом намуд, ки: «Ман дигар ягон ҳизбҳоро намедонам, ман танҳо олмониҳоро мешиносам». Бо ин суханони кайзер ваҳдат ва барқарории «сулҳи шаҳрвандӣ» эълон мегардад.

Барои Роза Люксембург маҳз розигӣ додан ба сиёсати ҳарбӣ ва барҳам задании «якдилии байналхалқии коргарон», нуктаи муҳимми тақдирсоз гашт ва таҳрики ҷиддие барои таъсис намудани ҳизби коммунистӣ гардид. Ин нуктаро ӯ дар Анҷумани таъсисёбии ҳизби коммунистии Олмон дар Берлин[18] 31 декабри 1918 қайд намуда буд.

Яъне дар эълони шиори «худмуайянкунии миллатҳо» Роза Люксембург айнан ҳамон сиёсати фиребгарои *«4 августи 1914 дар оинаи тағйирёфтаи ҷаҳон»-ро* (саҳ. 367)

[17] Иқтибоси асл бо забони олмонӣ: *[Auf das Platteste, Abgeschmackteste, ein Ammenmärchen, ein Kinorührstück fallen sie herein: Kapital plötzlich verschwunden, Klassengegensätze null und nichtig. [...] Krupp wird statt Kanonen – Weihnachtslichte produzieren [...]. Arche Noahs, [...] der Löwe und die Ziege spielen miteinander Blindekuh]*

[18] Ниг: «Наша программа и политическая ситуация». Доклад на Учредительном съезде Коммунистической партии Германии 31 декабря 1918 г. в Берлине. В: Роза Люксембург: О социализме и русской революции. Избранные статьи, речи, письма. Москва, Издательство политической литературы, (1991).

дид. Ба андешаи ӯ дар ин самт, худмуайянкунии миллатҳоро ҳатто *«миллат ва миллатчаҳо [Natiönchen]»-и* хурдтарин ва «миллатҳои бетаърих» ба монанди украинҳо, белорусҳо, чеххо ва «даҳ миллати нави Кавказ» эълон намуданд, то ин замон ягон вақт давлатҳои мустақили худро надоштанд.

### «Пӯсти холии миллатгароӣ»

Тавре Роза Люксембург таъкид менамояд, «миллатгароӣ – ин танҳо формула аст», зеро *«моҳият ва мундариҷаи таърихиаш хеле гуногуну мураккаб аст ва ба монанди формулаи «худмуайянкунии миллӣ» худи миллатгароӣ дар мазмунаш холӣ ва на онқадар моҳиятнок аст»*[19] (саҳ. 368). Дар идомаи фикри худ Роза Люксембург хусусиятҳои гуногун ва ҳамчунин давлатҳое, ки дар онҷо давлатҳои нави миллӣ пайдо гашта истодаанд, номбар ва таҳлил менамояд. Фурӯпошии империяҳои бисёрқавмии Австро-Венгрия ва Туркияи Усмониро Роза Люксембург бо ибораи *«аз миён рафтани охирин пасмондаҳои феодализми асримиёнагӣ»*[20] шарҳ медиҳад. Дар навбати худ ӯ мағлубият ва аз даст рафтани мулкҳои истеъморзадаи олмониро ҳамчун *«сарнагун шудани хурдтарин ва бақувваттарин империализм»*[21] (саҳ. 368) баҳогузорӣ мекунад. Ҳаракати миллихоҳии Лаҳистонро Роза Люксембург ҳамчун *«шиори анъанавии мухолифини аграриву дворянӣ ва буржуазияи хурд бар зидди рушди муосири капиталистӣ»*[22] арзёбӣ менамояд. Аз тарафи дигар, миллатгароӣ дар Итолиё барои

---

[19] Иқтибоси асл бо забони олмонӣ: *[Aber der Nationalismus ist nur die Formel. Der Kern, der historische Inhalt, der darunter steckt, ist so mannigfaltig und beziehungsreich, wie die Formel der ‚nationalen Selbstbestimmung', unter der er sich verbirgt, hohl und dürftig ist].*

[20] Иқтибоси асл бо забони олмонӣ: *[die letzte Liquidierung noch des feudalen Mittelalters]*

[21] Иқтибоси асл бо забони *олмонӣ: [Bankerott des jüngsten und kräftigsten Imperialismus]*

[22] Иқтибоси асл бо забони *олмонӣ: [traditionelle Losung der agrarisch-adligen und kleinbürgerlichen Opposition gegen die moderne kapitalistische Entwicklung]*

Роза Люксембург танҳо *«навиштаҷоти ширкатҳо бо иштиҳои империалистиву* истеъморӣ»[23] мебошад.

Миллатгароии украиниро Роза Люксембург то соли 1917 ҳамчун *«Кафки собунӣ ва намоишкории баъзе профессорон ва адвокатҳо меномад, ки худ бисёриҳо забони украиниро намедонистанд»*, вале баъди соли 1917 он ба *«инъикосгари манфиатҳои буржуазияи хурди аксулинқилобӣ»*[24] табдил меёбад (саҳ. 369).

Ҳаракатҳои миллихоҳии гуногуни номбарнамудаашро хулоса намуда, Роза Люксембург миллатгароиро чунин шарҳ медиҳад: *«он танҳо пӯсти идеологӣ аст ва ҳама чӣ аз он вобаста аст, ки чӣ гуна ҷавҳари иҷтимоии он муайян мегардад»*[25] (саҳ. 370), яъне дар зери он равандҳои дигаргунии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ равонанд.

Вале ба андешаи Роза Люксембург *«дар ин шӯълаи умумии миллатгароӣ»* ба *«нотинҷии манфиатҳои вижаноки гуногун»* нигаҳ накарда, як чизи умумӣ ҷой дорад, ки он *«ҳамчун шамшер бар зидди инқилоби оромонаи пролетариат таҳдид мекунад»*[26] (саҳ. 370). Зеро инқилоби Русия дар соли 1917 *«муаммои инқилоби иҷтимоиро ба рӯзномаи таърих вогузор намуд»*[27], Вале ин танҳо дар *«шуури синфҳои ҳукмрон»* ба вуҷуд омадааст ва барои *«синфи коргар даҳсолаҳо лозим аст, ки ба[...] ин шуури зидди ҳам будани синфҳоро аз худ намоянд»*. Ба андешаи Роза Люксембург: *«Инқилоби Русия дар ҳамаи синфҳои дорои ҷаҳон як ҳаяҷони нафратовари оташин, шӯълавар ва саросемаро*

---

[23] Иқтибоси асл бо забони *олмонӣ: [Firmenschild für rein imperialistisch-koloniale Appetite]*

[24] Иқтибоси асл бо забони *олмонӣ: [eine Seifenblase, eine Fatzkerei etlicher Dutzend Professoren und Advokaten, die meist selbst nicht ukrainisch reden können» – nach 1917 nun „Ausdruck eines sehr realen Interesses der kleinbürgerlichen Konterrevolution]*

[25] Иқтибоси асл бо забони *олмонӣ: [So spiegelt der Nationalismus alle denkbaren Interessen, Nuancen, geschichtlichen Situationen wider. Er schillert in allen Farben. Er ist nichts und alles, er ist bloß die ideologische Hülle, alles kommt darauf an, seinen jeweiligen sozialen Kern zu bestimmen]*

[26] Иқтибоси асл бо забони олмонӣ: *[So birgt die allgemeine augenblickliche Weltexplosion des Nationalismus das bunteste Durcheinander verschiedenster Spezialinteressen und Tendenzen in ihrem Schoße» – «die Spitze gegen die drohende Weltrevolution des Proletariats]*

[27] Иқтибоси асл бо забони олмонӣ: *[Problem der sozialen Revolution auf die Tagesordnung]*

*бар зидди рӯҳи таҳдидкунандаи диктотураи пролетариат ба вуҷуд овард [...]»*[28](саҳ. 371).. Ин *«эҳсосоти»* тарс ва таҳдид *«имрӯз ҷавҳари аслии бозингарони миллатгароӣ ба шумор меравад, ки ҷаҳони капиталистӣ ба он дода шуд; ин як мундариҷаи объективии таърих аст, ки бар асоси он далелҳои гуногуну ҳархела худро миллатгаро эълом менамояд»*[29] (саҳ. 370). Аз ин бармеояд, ки ба андешаи Роза Люксембург ин зермақсад дар *«барномаи сулҳҷӯёнаи демократии Вилсон»* низ ҷой дорад. Лигаи миллал *«дар ин фазо ҳамчун голибияти сархушкунандаи империализми инглисиву амрикоӣ баромад намуда, танҳо метавонад иттиҳоди умумиҷаҳонии буржуазиро барои пахш намудани пролетариат ба вуҷуд оварад»*[30] (саҳ. 372). Дар ин ҷода аввалин сайд, аз рӯи интизориҳои Роза Люксембург ин Русияи болшевикӣ мегардад, ки ба он *«ҳамаи «миллатҳои худмуайянгашта» ҳам голибон ва ҳам маглубон (Ҷанги якуми ҷаҳонӣ дар назар аст) ҳуҷум менамоянд»*[31].

Дар воқеъ *«муаммои ҳақиқии ин давра»* барои Роза Люксембург ин на ҳаракатҳои миллатхоҳӣ ва ташаккули давлатҳои миллӣ, балки *«диктатураи пролетариат ва амалигардии сотсиализм»* аст. Вале барои расидан ба ин мақсад, садди асосӣ на қувваи душман, балки ноболиғии худи пролетариат ва пешвоёни он мебошад. Роза Люксембург дар баробари ин, навишта худро бо чунин суха-

[28] Иқтибоси асл бо забони олмонӣ: *[Dies alles freilich zunächst nur im Bewusstsein der herrschenden Klassen [ ... ], während die Arbeiter aller Länder selbst Jahrzehnte brauchten, [...] um sich das Bewusstsein des Klassengegensatzes anzueignen [ ... ]: Die russische Revolution hat in sämtlichen besitzenden Klassen sämtlicher Länder der Welt einen glühenden, schäumenden, zitternden Schrecken und Hass gegen das drohende Gespenst der proletarischen Diktatur geweckt]*

[29] Иқтибоси асл бо забони олмонӣ: *[Diese Gefühle sind heute der innerste Kern der nationalistischen Delirien, in die die kapitalistische Welt anscheinend verfallen ist, sie sind der objektive historische Inhalt, auf den sich die kunterbunte Musterkarte der sich anmeldenden Nationalismen in Wirklichkeit reduziert]*

[30] Иқтибоси асл бо забони олмонӣ: *[Der ‚Völkerbund' in der Atmosphäre der Siegestrunkenheit des anglo-amerikanischen Imperialismus [ ... ] kann nur eines hervorbringen: einen bürgerlichen Weltbund zur Niederhaltung des Proletariats]*

[31] Иқтибоси асл бо забони олмонӣ: *[über das sich die ‚selbstbestimmten Nationen', Sieger und Besiegte zusammen, stürzen werden]*

нон *«Синфи коргар аз ин рисолати бузург ва номушаххаси худ тарс дорад, вале он бояд тавонад, ки инсонияти хастаро ба берун аз шаб ва даҳшат ба роҳи наҷот барорад»*[32] (саҳ. 372) ба охир мерасонад.

**Манбаъ**:

1. Rosa Luxemburg, Fragment uber Krieg, nationale Frage und Revolution, in: Gesammelte Werke, Band 4 (August 1914 bis Januar 1919), Dietz Verlag Berlin 1974, S. 366-373.

2. Роза Люксембург: О социализме и русской революции. Избранные статьи, речи, письма. Москва, Издательство политической литературы, 1991. Online http://revsoc.org/archives/345#r6

[32] Иқтибоси асл бо забони олмонӣ: *[Die Arbeiterklasse sträubt sich, sie schreckt immer wieder vor der unbestimmten Ungeheuerlichkeit ihrer Aufgabe zurück. Aber sie muss, sie muss […] – um aus Nacht und Graus die geschundene Menschheit ins Licht der Befreiung zu führen]*

# БОБИ II.
# ВЛАДИМИР ЛЕНИН
# «ОИД БА ҲУҚУҚИ МИЛЛАТҲО БА ХУДМУАЙЯНКУНӢ»

## Ҳолнома

**Владимир Илич Улянов** (ба русӣ **Владимир Ильич Ульянов**) тахаллусаш **Ленин**, солҳои зиндагӣ 1870-1924. Ходими сиёсӣ ва давлатии Русия ва Иттиҳоди Шӯравӣ, инқилобгар, асосгузори ҳизби сотсиал-демократии Русия (болшевикон), яке аз ташкилгарон ва роҳбарони Инқилоби Октябри 1917 дар Русия, Раиси Шӯрои коммисарони халқ (ҳукумат)-и РСФСР, асосгузори давлати Шуравӣ.

Марксист, публитсист, асосгузори марксизм-ленинизм, идеолог ва ташкилкунандаи Интернатсионали Сеюм (коммунистӣ).

## Тезиси асосӣ:

Ленин дар раванди Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба осори пештараи Роза Люксембург назар меафканад, ки дар онҳо андешаҳои зидди ҳаракатҳои миллатгароӣ баён шуда буданд. Ленин дар мақолаи худ «Оид ба ҳуқуқи миллатҳо ба худмуайянкунӣ», ки дар байни март ва июли соли 1914 навишта мешавад, бар зидди андешаҳо ва мавқеи Роза Люксембург, ки дар мақолаи «Масъалаи миллӣ ва худмухторӣ» (1908) баён шудааст, баромад мекунад.

Муаммои асосии болшевикон вобаста ба масъалаи миллӣ дар он зоҳир мегардид, ки аз як тараф дар Империяи Русия ҳаракатҳои гуногуни миллӣ рушд менамуданд, ки хоҳони худмухторӣ ва ё истиқлолият буданд. Болшевикон наметавонистанд ин падидаҳоро нодида гиранд ё сарфи назар намоянд. Аз тарафи дигар, онҳо ба монанди Роза Люксембург мавқеи марксистиро бобати иттиҳоди байналмиллалии пролетариат дастгирӣ мекар-

данд, ки барои он масъалаҳои миллӣ аҳамияти дуюмдарачаро дошт. Ленин дар мақолаи мазкур роҳи дигарро нишон медиҳад ва кӯшиш менамояд, ки ҳар ду мавқеъро ба ҳам оварад. Яъне аз як тараф, дастгирӣ намудани «ҳуқуқи миллатҳо ба худмуайянкунӣ» барои ба тарафи худ кашидани ҳаракатҳои миллӣ ва аз тарафи дигар, таъкид намудани ин нукта, ки мақсади пролетариат рӯ ба иттиҳод ниҳодан дар зери давлати бузурги сотсиалистӣ мебошад. Аз ин рӯ, «ҳуқуқи миллатҳо ба худмуайянкунӣ» торафт ба ҳуқуқи назариявӣ мубаддал мегашт, ки онро дар амалия татбиқ намудан лозим набуд.

### Давлати миллӣ ҳамчун давраи зарурӣ дар рушди капитализм ва паси сар намудани феодализм

Ҳамчун Карл Маркс, Владимир Ленин ба вуҷуд омадани давлатҳои миллиро ҳамчун натиҷаи капитализми рушдкунада арзёбӣ намуда, онро «зуҳуроти оддӣ ва муқаррарии давраи капиталистӣ» меномад. Табиист, ки ин ҷо Ленин ба фаҳмишоти марксистии қонуниятҳои пайдарҳами форматсияҳои ҷамъиятӣ такя мекунад: феодализм, капитализм, сотсиализму коммунизм ва хулоса менамояд, ки: *«дар тамоми дунё галабаи ниҳоии капитализм аз болои феодализм бо ҳаракатҳои миллӣ вобаста буд. Асоси иқтисодии ин ҳаракатҳо аз он иборат аст, ки барои голибияти пурраи истеҳсолоти молӣ бояд бозори дохилӣ аз тарафи буржуазия гасб ёбад, бояд ҳамҷоягии мардуми бо як забон гуфтугузор кунанда дар ҳудуди давлатӣ ба вуҷуд ояд […]»* (саҳ. 258-259).

Вале *«инқилобҳои буржуазиву демократӣ»* ва *«давлатҳои миллии бунёдёфта»*-и бо онҳо рабт дошта, дар Аврупои Ғарбӣ танҳо дар замонҳои *«тақрибан байни солҳои 1789 то 1871»* ба вуҷуд омаданд. Яъне бо оғози Инқилоби Кабири Фаронса то ташаккулёбии империяи Олмон давлатҳои миллӣ дар ин қисмати Аврупо падид омаданд. *«Дар Аврупои Шарқӣ ва Осиё давраи инқилобҳои*

*буржуазиву демократӣ танҳо соли 1905 оғоз гардиданд. Инқилобҳо дар Русия, Эрон, Туркия, Чин ва ҷангҳо дар Балкан ин занҷирбанди ҳодисаҳои ҷаҳонии давраи мо ва «шарқи» мо мебошанд»*. Аз назари Ленин Русия низ наметавонист аз ин равандҳои қонуниятноки рушди ҷаҳонӣ дар канор бошад ва монанди дигар кишварҳо бояд инқилоби буржуазиву демократӣ ва ҳамчунин давраи бунёди давлатдории миллиро паси сар менамуд. *«Танҳо ба хотири он ки Русия бо кишварҳои ҳамсоя ин давраро паси сар менамояд, барои мо банд оиди ҳуқуқи миллатҳо ба худмуайянкунӣ дар барномаамон лозим мебошад»* (саҳ. 269).

**«Ҳуқуқи миллатҳо ба худмуайянкунӣ» ва / ё ин ки «ваҳдати инқилобии пролетарӣ»**

Сарфи назар аз нуктаҳои дар боло зикршуда, мақсади ниҳоии ҳаракати коммунистӣ на аз байн бурдани Империяи Русия ва озод намудани халқҳои истеъморшуда, балки устувории пролетариати байналмиллалӣ ба шумор мерафт. Аз ин рӯ, бо истифода аз ин мафҳум паси сар намудани зиддиятҳои миллӣ ҳамчун зермақсад шуморида мешуд. Ин ҷо зиддияти дохилии мавқеи Ленин зоҳир мегардад. Ленин хуб дарк мекард, ки болшевикони рус наметавонанд ҳолати воқеии Империяи Русия, ки онро худ «маҳбаси халқҳо» номида буд, нодида гиранд. Ӯ эълон менамояд, ки «шовинизми рускабир» ва бартариятҳои аҳолии рус дар империяи шоҳӣ нодуруст аст ва он бояд бо тамоми ҳаракатҳои миллии халқиятҳои истеъморшудаи империя баробар ҳисобида шавад.

Ин зиддияти дохилии андешаҳои Ленин аст, ки онро худ дар мақолааш иқрор менамояд: *«Ин гуна будани ҳолат дар назди пролетариати Русия вазифаи духӯра ё дурусттараш дутарафаро мегузорад: мубориза бо ҳама гуна миллатгароӣ ва хусусан, бо миллатгароии рускабирӣ; на танҳо шинохти баробарии комили ҳамаи миллатҳо дар*

*умум, балки баробарии ҳамаи миллатҳо дар бобати бунёди давлатдорӣ, яъне ҳуқуқи миллатҳо ба худмуайянкунӣ ва ҳатто ҷудошавӣ мебошад. Бо баробари ин, барои муборизаи манфаитноки бомуваффақият бо ҳама гуна миллатгароии ҳамаи миллатҳо зарур аст, ки ваҳдати муборизаи пролетарӣ ва созмонҳои пролетарӣ нигоҳ дошта шавад ва ба кӯшишҳои буржуазии ҷудокунии миллатҳо нигоҳ накарда, барои боз ҳам омезиш ёфтани онҳо дар доираи умумияти интернатсионалистӣ шароит фароҳам оварда шавад»* (саҳ. 319). Бадин тартиб, ин ҷо Ленин кӯшиш намудааст, ки консепсияи ҳуқуқи демократиро бо парадигмаи сотсиалистии интернатсионализми пролетарӣ ба ҳам оварад. Ленин зимни эътирофи ҳуқуқи бунёди давлатдории миллии мустақил ҳамчун зарурати таърихӣ, дар як вақт кӯшиш намудааст, ки ба интернатсионализм ҳамчун ба мақсади стратегӣ назар андозад.

Дар ин ҳолат Ленин боз қайд менамояд, ки ҳуқуқи назариявӣ ба худмуайянкунӣ ин як зуҳуроти кӯтоҳмуддат аст ва он наметавонад ҳамчун мақсади ниҳоии инқилоб баромад намояд. Аз назари ӯ «пролетариат» метавонад ба имконияти назариявии давлатдории миллӣ онро дар амал татбиқ нанамуда ором гардад, зеро барои он зарууртар аз ҳама ноил гаштан ба ҳуқуқҳои синфи коргар аст. Ленин менависад: *«Барои пролетариат танҳо ин замонат лозим аст, лекин барои буржуазияи ҳар миллат замонати фоидаи ӯ новобаста ба ҳолати дигар миллатҳо зарур аст. Барои буржуазияи ҷолиб танҳо «амалӣ» намудани ин талабот аст, чун баъди он сиёсати доимии муомилот бо буржуазияи дигар миллатҳо бар зарари пролетариат огоз мегардад. Ба пролетариат устувор намудани синфи худ бар зидди буржуазия ва дар ҳамин рӯҳияи давомноки демократӣ ва сотсиалистӣ тарбия намудани омма муҳим мебошад»* (саҳ. 274). Дар як вақт Ленин ба монанди Роза Люксембург ба тавру равшану ошкоро бар зидди инкор намудани ҳуқуқ ба худмуайянкунӣ баромад менамояд ва нишон медиҳад,

ки шаклҳои гуногуни миллатгароӣ мавҷуд аст ва байни «шовинизми рускабирӣ» ва қувваи озодихоҳӣ ва демократии «миллатҳои истеъморшуда» тафовут мегузорад: *«Бо миллатгароӣ дар Лаҳистон банд шуда, Роза Люксембург миллатгароии рускабиронро фаромӯш намудааст. Зеро фақат ин миллатгароӣ ҳоло аз ҳама даҳшатовар мебошад [...] ва тормози асосии демократия ва муборизаи пролетарӣ ба шумор меравад. Дар ҳар миллатгароии буржуазии миллати истеъморшуда моҳияти умумидемократӣ бар зидди истеъморкунӣ мавҷуд аст ва ин моҳиятро мо бебаҳс дастгирӣ менамоем, яъне танҳо бо намоиш додани фарққунанда будани миллати худ мубориза бурдан бар зидди буржуазии лаҳистонӣ, ки аз болои яҳудиён ва дигарон фишор меоранд»* (саҳ. 275).

Ленин танҳо як саволи риторикӣ мегузорад: *«Оё халқе, ки дигаронро* истеъмор *менамояд, метавонад озод бошад? Не! Манфиати озодии рускабирӣ талаб дорад, ки бар зидди чунин истеъмор мубориза бурда шавад. Таърихи тӯлонӣ ва таърихи бисёрасраи фурӯ нишондани ҳаракатҳои миллатҳои истеъморшуда, таблиғоти систематикӣ аз тарафи синфҳои «олӣ» халали ҷиддиро дар самти озодии худи халқи рускабир дар таассуботаш бунёд кардаанд [...] Пролетариати рускабир бе муборизаи систематикӣ бо ин таассубот наметавонад мақсадҳои худро амалӣ созад, наметавонад роҳи худро тоза намояд»* (саҳ. 276). Ҳамин тавр, роҳи ӯ ба рускабирон барои озод гаштан аз шовинизми рускабирӣ бояд кӯмак мекард. Вале худи Ленин низ қайд менамуд, ки худмухтории миллии қавмҳои гуногун мақсади пролетариат ва пешвоёни большевик ба шумор намеравад: *«Мо пролетариати рускабир ягон имтиёзро ҳимоя наменамоем ва худи ин имтиёзро низ ҳимоя намекунем. Мо муборизаро дар заминаи ин давлат мебарем, ҳамаи коргарони миллатҳои ин давлатро муттаҳид менамоем, мо наметавонем барои ин ё он роҳи*

*рушди миллӣ замонат диҳем, мо ба воситаи ҳама гуна роҳҳои имконпазир ба мақсади синфии худ меравем»* (саҳ.276).

Ин мавқеъ барои Ленин қобили қабул буд, зеро касе он вақт намедонист, ки оё ба ин ё он ҳаракати миллӣ муяссар мегардад, ки ба мақсади худ, яъне ба бунёдгузории давлатдории миллиаш комёб шавад: *«Аз тақдир аст, ки масалан, Украина ҳамчун давлати мустақил хурӯҷ кунад, ин амал аз ҳазор омил вобаста аст, ки ҳоло номуайян мебошад. Мо беҳуда «фолбинӣ» нанамуда, устувор бар он назарем, ки Украина ба чунин давлат ҳуқуқ дорад. Мо ин ҳуқуқро эҳтиром менамоем, мо имтиёзи рускабирро нисбат ба украин дастгирӣ наменамоем, мо оммаро дар рӯҳияи эътирофи ин ҳуқуқ ва ҳамчунин дар рӯҳияи инкори ҳама гуна имтиёзи кадом миллат, ки набошад, тарбия мекунем»* (саҳ. 277). Ин ҷо Ленин боз як роҳи хуби баромад аз ҳолати баҳамзидро пешниҳод менамояд, зеро шароити соли 1914 ҳеҷ гуна имкониятро пеши назар намеовард, ки ҳаракатҳои миллӣ ба мақсади худ мерасанд ва барои ҳамин бе ягон мушкилӣ ба ҳамаи миллатҳои Империяи Русия худмухториро ваъда дод.

Вале моҳи апрели соли 1917 дар шароити ҷанг ва дигаргуниҳои ҷамъиятӣ Ленин дар бобати фоида ва зарари ҳаракат ба худмухторӣ аз назари болшевиконро боз мушаххастар иброз кард: *«Масъалаи ҳуқуқи миллатҳоро ба озодона ҷудо шудан набояд бо масъалаи мақсаднок будани ҷудошавии ин ё он миллат дар ин ё он ҳолат омехта кард. Ин масъалаи охиронро ҳизби пролетариат дар ҳолати алоҳида, мустақилона аз нуқтаи назари манофеи рушди ҷамъиятӣ ва муборизаи синфии пролетариат барои расидан ба сотсиализм бояд ҳал намояд»*[33]. «Эъломияи ҳуқуқи халқҳои Русия», ки яке аз аввалин ҳуҷҷатҳои Ҳукумати Шӯравӣ буда, аз тарафи Шӯрои комиссарони халқи РСФСР 2 (15) ноябри соли 1917 қабул гардида буд, бояд дар чорчӯби ҳамин андеша дарк карда шавад. Дар эъломия соҳибихтиёрии тамоми халқиятҳо ва қавмҳои Империяи Русия ва ҳуқуқи онҳо ба худму-

[33] Ленин В.И., Резолюция по национальному вопросу, в: Полное собрание сочинений, Т. 31 (Март-апрель 1917), Москва 1962, стр. 440.

айянкунӣ эълон мегардад. Ҳамчунин ҳама гуна шаклҳои маҳдудкунии миллӣ ва динӣ, ки аз тарафи ҳукумати шоҳӣ ва баъдан, аз тарафи ҳукумати Муваққатӣ нисбат ба халқҳои сокини Русия амалӣ мегашт, бекор карда мешаванд. Бар ивази ин сиёсати истеъморӣ сиёсати иттиҳоди озодонаи халқҳои Русия пешниҳод мегардад. Ин эъломия хусусияти сиёсати миллӣ ва хориҷии болшевиконро дар паҳнои собиқ марзҳои Империяи Русия муайян мекард. Аҳамияти стратегии ин эъломия дар он зоҳир мегашт, ки аз як тараф ба болшевикон муяссар гардид, ки назоратро дар маҳдудияи миллиятӣ нигоҳ доранд ва аз тарафи дигар, ба ҷалб намудани ҳампаймонҳои нав чи дар дохил ва чи дар хориҷ муваффақ гаштанд. Лоиҳаи «эъломия» бо иштироки бевоситаи Ленин аз тарафи Иосиф Сталин аввалин Комиссари халқӣ оид ба корҳои миллии РСФСР таҳия мегардад. Ба мисли дигар декретҳои аввалини ҳукумати Шӯравӣ, «эъломия» пеш аз ҳама барои истифодаи тарғиботӣ равона мешавад. Дар як вақт ин эъломия шароити мусоидро барои болшевикон дар самти мубориза барои қудрат муҳайё намуд, зеро он тавонист як қисми қувваҳои зиддиболшевикиро, ки барои бунёди худмухторияҳои миллӣ ва истиқлолияти ҳудудҳои худ мубориза мекарданд, бо онҳо оштӣ намояд[34].

Моҳияти стратегии эъломияро дар мақолаи хулосавии Ленин «Ба бознигарии барномаи ҳизбӣ», ки онро якчанд ҳафта пеш аз нашри «эъломия», моҳи октябри 1917 менависад, дида метавонем: *«Баъди таҷрибаи инқилоби нимсолаи соли 1917, наметавон баҳс намуд, ки чӣ гуна ҳизби бо забони рускабирӣ амалмекарда ӯҳдадор аст, ки ҳуқуқ ба ҷудошавиро эътироф намояд. Қудратро ба даст оварда, мо бебаҳс ин ҳуқуқи ҳам Финляндия, ҳам Украина ва ҳам Арманистон ва ҳамаи истеъморшудагони шоҳигарӣ (ҳам буржуазияи рускабирӣ)-ро эътироф мекардем. Вале мо аз тарафи худ ҳеҷ гоҳ ҷудошавиро намехоҳем. Мо боз ҳам давлати калон, боз ҳам иттиҳоди зич ва боз ҳам теъдоди зиёди миллатҳоро мехоҳем,*

[34] Декларация прав народов России 2.(15.) ноября 1917 г. Электронный ресурс. Адрес доступа: http://www.hist.msu.ru/ER/Etext/DEKRET/peoples.htm

*ки дар ҳамсоягии рускабирҳо зиндагӣ доранд. Мо инро ба хотири манфиати демократияву сотсиализм ва ҳарчи бештар ҷалб намудани шумораи меҳнаткашони миллатҳои гуногун ба муборизаи пролетарӣ мехоҳем. Мо на тақсимшавиро, балки ваҳдати инқилобию пролетариро, яъне иттиҳодро мехоҳем»*[35].

Ин «ғоя»-и Ленин ба воқеият табдил ёфт. Иттиҳоди Шӯравӣ ҳуқуқи миллатҳоро ба худмуайянкунӣ эълом намуд, вале амалан дар зери шиори иттиҳоди «ихтиёрӣ» ва «дӯстии халқҳо» сиёсати шадиди давлати муттамарказро ба пеш мебурд.

**Манбаъ**:

1. Ленин В. И. О праве наций на самоопределение, в: Полное собрание сочинений. Издание пятое, Т. 25: Март - июль 1914. Государственное издательство политической литературы, Москва 1961, С. 255-320.

2. Ленин В. И. Резолюция по национальному вопросу, в: Полное собрание сочинений, Т. 31 (Март-апрель 1917), Москва 1962, стр. 440.

3. Ленин В. И. К пересмотру партийной программы, написано 6.-8. (19.-21.) октября 1917, В: Полное собрание сочинений. Издание пятое, Т. 34: Июль-октябрь 1917. Государственное издательство политической литературы, Москва 1962, С. 379. Online: http://vilenin.eu/t24/p117

4. Декларация прав народов России, 2.(15.) ноября 1917 г. Online: http://www.hist.msu.ru/ER/Etext/DEKRET/peoples.htm

[35] В.И. Ленин: К пересмотру партийной программы, написано 6.-8. (19.-21.) октября 1917, В: Полное собрание сочинений. Издание пятое, Т. 34: Июль-октябрь 1917. Государственное издательство политической литературы, Москва 1962, С. 379.

# БОБИ III.
# ИОСИФ СТАЛИН
# «МАРКСИЗМ ВА МАСЪАЛАИ МИЛЛӢ»
# ВА БОЗГАШТ БА АНДЕШАИ ПРИМОРДИАЛӢ»

## Ҳолнома

**Иосиф Виссарионович Сталин** (насаби аслиаш - **Ҷугашви́ли**) солҳои зиндагӣ 1878-1953. Инқилобгари гурҷӣ ва русӣ, ходими сиёсӣ, давлатӣ, ҳарбӣ ва ҳизбии Шӯравӣ. Аз соли 1922 Котиби генералии КМ ҲКР (б), аз соли 1941 Раиси Шӯрои комиссарони халқи ИҶШС (аз соли 1946 то дами марг Раиси Шӯрои Вазирони ИҶШС) ва ҳамчунин аз соли 1941 Фармондеҳи олии қувваҳои ҳарбии ИҶШС

## Тезиси асосӣ

Дар мақолаи машҳури худ «Марксизм ва масъалаи миллӣ», ки ҳанӯз соли 1913 навишта шуда буд, Сталин «миллат»-ро чунин муайян менамояд: *«Миллат пеш аз ҳама ин умумият, яъне умумияти мушаххаси одамон мебошад. Умумияти на нажодӣ ва на қабилавӣ. Миллати итолиёии кунунӣ аз римиҳо, олмониҳо, этрускҳо, юнониҳо, арабҳо ва дигарон ташаккул ёфтааст. Миллати фаронсавӣ бошад аз галҳо, римиҳо, бритҳо, олмониҳо ва дигарон пайдо шудааст. Ҳамин гуна суханро дар бобати инглисҳо, олмониҳо ва дигарон гуфтан мумкин аст, ки миллати онҳо аз нажод ва қабилаҳои гуногун пайдо шудаанд. Аз ин бармеояд, ки миллат ин на зуҳуроти нажодӣ ва қабилавӣ, балки таърихан ташаккулёфтаи умумияти одамон мебошад»* (саҳ. 392-393). Аз ин ҷо бармеояд, ки «миллат»-ро Сталин на табиатан аз аввал буда, балки ҳамчун эҷоди таърихӣ ном мебарад. Дар доираи сиёсати истеъморӣ дар Аврупо андешаҳои примордиалӣ ва фаҳмиши нажодпарастонаи фаҳмиши миллат ҳукмрон буд. Назарияи Сталин бошад бо мавқеи зиддинажодпарастӣ ва муосири марксистӣ буданаш фарқ мекард. Мавқеи мазкур баъди соли 1917 бо вазифаи Сталин ҳамчун аввалин комиссари халқӣ оид ба масъалаҳои миллӣ ба сиёсати асосии мил-

лии шӯравӣ (бо номи «коренизатсия», яъне маҳаллигардонӣ) табдил меёбад.

Вале чӣ гуна метавон шарҳ дод, ки баъди гузашти чанд вақт, дар нимаи дуюми солҳои 30-юм Сталин ва роҳбарони болшевикӣ дар баъзе миллатҳо душманони хунии худро мебинанд ва фаҳмиши примордиалистии миллатро дастгирӣ менамоянд? Зеро дар асоси ин фаҳмишоти ҷадид, мафҳуми нави «миллатҳои душман» коркард карда мешавад ва садҳо ҳазор одамон бо тааллуқот ба ин миллатҳо репрессия ва маҷбуран муҳоҷир мегарданд. Чӣ гуна фаҳмиши озодкунанда ва демократии миллат метавононист бо амалияи сиёсати сталинии миллии қиркунанда ба ҳам ояд? Ба ин суол, ҷавоб дар асоси таҳлили таърихнигори амрикоӣ Терри Мартин пешниҳод карда мешавад.

### Миллат ҳамчун «умумияти таърихан ташаккулёфта» ва «бесилоҳкунӣ»-и миллат

Ҷавоби додаи Сталин дар бобати саволи «Миллат чист?» то замони фурӯпошии ИҶШС (барои баъзеҳо то кунун) аз таърифоти машҳури ин мафҳум ба шумор мерафт. Вале ин ҷо мо якчанд зиддият ва ногаҳониро мушоҳида намуда метавонем.

Дар навиштаҳои аввалаи ин матн вобаста ба рушди баъдинаи сиёсати сталинӣ ва шӯравӣ таноқузе боқӣ мондааст: яъне Сталин миллатро ҳамчун аз аввал додашуда (примордиалӣ) ё хусусияти тавлидии ин ё он одам, ки рафтори он гӯё дар бисёр ҷиҳат бо пайдоиши «миллӣ» вобаста аст, ба монанде, ки дар Аврупои замонӣ ӯ мефаҳмиданд ва истифода мекарданд, тасаввур намекунад. Бар хилофи ин, Сталин пайдоиши миллатҳои гуногунро «таърихан ташаккул ёфта», яъне ҳамчун раванди ба омилҳои гуногуни таърихӣ вобастабуда ва тағйирёбанда маънидод менамояд. Инро Сталин дар бобати «хусусияти миллӣ» махсус қайд менамояд: *«Гуфтан дуруст нест, ки «хусусияти миллӣ» ин чизе мебошад, ки то ба охир дода шудааст, балки бо тағйир ёфтани шароити зиндагӣ дигар мешавад, зеро он дар ҳама лаҳза вуҷуд*

*дорад ва таъсири худро ба симои миллат мегузорад»* (саҳ. 296).

Сиёсати миллии давлати ҷавони шуравӣ дар ин асос татбиқ меёфт: агар миллатҳо тағйирёбанда бошанд, пас онҳоро метавон ва ҳатто бояд «тарбия» намуд. Ин ҷо нақши гуфтаҳои Ленин низ таъсир дошт, яъне аз як тараф наметавон фаромӯш кард, ки ақаллиятҳои миллӣ мавҷуданд ва чӣ аҳамият доранд. Аз тарафи дигар, Ленин (ин ҷо мавқеи ӯ бо Роза Люксембург хеле наздик аст) метарсид, ки мақсадҳои миллӣ метавонанд зиддиятҳои аслии синфиро аз байн баранд. Барои ҳамин болшевикон ва пеш аз ҳама Ленин ва Сталин мубориза мебурданд, ки ҳуввияти миллиро аз сиёсат дур (деполитизация) кунанд. Онҳо тахмин менамуданд, ки бо дастгирӣ намудани ҳаракатҳои миллии миллатҳои истеъморшуда ва бо эҳтироми эҳсосоти онҳо ба тарафдорони онҳо мубаддал мегаштанд. Дар ҳақиқат бошад, онҳо мӯътакид буданд, ки ҳаракатҳои миллӣ ба ғайр аз ҳаракати пешвоёни буржуазӣ, ки бо ғилоф ва шиорҳои эҳсосотии миллатгароёна оммаро барои расидан ба мақсадҳои худ сафарбар менамоянд, чизи дигаре нест. Ҳамин тавр барои «бесилоҳ» намудани «хатар»-и тахминии ҳаракатҳои миллӣ Ленин ва Сталин талош мекарданд, ки то ҳамаи шакли «миллият»-ҳо, яъне забони миллӣ, элитаи миллӣ, марзи миллӣ ва фарҳанги миллии он «миллат»-ҳо, ки ба мавҷудияти ягонаи давлати сотсиалистӣ таҳдид надошт, рушд ёбанд. Бо ин амал онҳо кӯшиш намуданд, ки «силоҳи миллатхоҳон»-ро дар бобати даъват ба истиқлолият аз худ кунанд ва ба ин васила, онро барои «бесилоҳ намудани пешвоёни буржуазӣ ва мухолифин» истифода баранд.

Ин гуна сиёсатро болшевикон ба хотири он дастгирӣ менамуданд, ки мувофиқи навиштаи Ленин дар мақолаи «Дар бобати худмуайянкунии миллатҳо»-миллат чун моли ногузир ва фаръии дунёи муосири капиталистӣ ва оғози сотсиализм шинохта мешуд. Яъне ҳамчун раванди гузариш, ки дар он метавонад дунёи байналмиллалии сотсиалистӣ пухта расад. Барои ҳамин зарур буд, ки ба мавҷудияти баъзе шаклҳои ҳуввияти миллӣ тоқат кард, то ки якҷоягии миллии

«хатарнок» аз ҳам ҷудо гардад. Суханони мутахассиси варзидаи амрикоӣ оид ба масъалаи миллӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ, Терри Мартин ин ҳолатро хеле возеҳ инъикос менамояд: «Миллатгароӣ он вақт бесилоҳ мегардад, ки агар ҳаракати миллӣ шакли миллиятро гирад»[36]. Барои қонеъ намудани миллатхоҳон бояд хусусиятҳои зоҳирии миллат аз қабили либос, забон, санъати меъморӣ ва дигарҳоро дастгирӣ намудан лозим буд. Бо ҳамин васила ба касоне, ки ба муборизаи миллию озодихоҳӣ даъват менамуданд, гуфтан мумкин буд, ки: «бубин мо ба мардуми Шумо озодиро барои худифшокунӣ додем ва Шуморо танг накардем». Дар баробари додани ин шакли миллӣ, аз рӯи андешаи Сталин, бояд моҳиятро тағйир додан лозим буд. Гуфтори машҳури Сталин «шаклан миллӣ ва моҳиятан сотсиалистӣ» (1925)- ро ингуна бояд фаҳмид, яъне принсипи асосӣ ва иттиҳодкунандаи давлати нави Шӯравӣ на миллатгароӣ, балки сотсиализм мебошад. Бо ибораи дигар, шаҳрвандони шӯравиро на ҳуввияти умумии миллӣ, балки ҳуввияти сотсиалистӣ бояд ба ҳам мепайваст.

Дуруст ки чунин сиёсатро танҳо дар он асос амалан татбиқ намудан мумкин аст, ки агар миллат на ҳамчун «примордиалӣ» ё «аз аввал додашуда» тасаввур шавад. Барои ҳамин болшевикон дар як вақт мақсади тарбиявию омӯзиширо низ доштанд, яъне омӯзондани шаҳрвандони шӯравӣ бар он нукта, ки миллат ин як чизи сохташуда ва «таърихан инкишофёфта» мебошад. Ба андешаи Терри Мартин, ҳизби коммунистӣ на танҳо ба пешоҳанги пролетариат, *«балки ба пешоҳанги мардумони шӯравӣ мубаддал гардид ва мудирияти онҳоро дар раванди модернизатсия ва ҳуввияти миллӣ ба сотсиализм, инчунин ба transcendence, (яъне*

[36] Иқтибоси асл бо забони инглисӣ: *[Nationlism will be disarmed by granting the forms of nationhood],* дар Martin, Terry (2000): Modernization or neo-traditionalism. Ascribed nationality and Soviet primordialism. In: Fitzpatrick, Sheila (Hg.): Stalinism. New directions. London: Routledge (Rewriting histories), S. 353.

*берун баромадан аз таҷрибаи дастрасбуда)-и ҳуввияти миллӣ ҳидоят намуд»*[37] (саҳ. 354).

## Аз «коренизатсия» (маҳаллигардонӣ) ба «миллатҳои душман»: натиҷаҳои ғайримунтазираи сиёсати миллӣ

Ҷолиби диққат аст, ки сиёсати миллии болшевикон (бо номи коренизатсия – маҳаллигардонӣ маъруфият дошт) баръало натиҷаи зиддунақиз дошт. Масалан, дар бисёр ҳолатҳо роҳбарияти шӯравӣ сиёсати рускунонӣ (русификация)-и аҳолии ғайрирусро дастгирӣ наменамуд ва бар хилофи он талаб дошт, ки фарзандон ба мактаби миллӣ раванд, гарчанде ки волидайн хостори ин гуна амал набуданд ва дар мактабҳои миллӣ таълим гирифтани фарзандони худро намехостанд. Рафта-рафта мардумони шӯравӣ миллатро ҳамчун тағйирнаёбанда, ҳамамуайянкунанда ва ҳамағасбнамоянда қабул мекардагӣ шуданд. Ба ин гуна натиҷа анкетаҳои гуногуни сершумор, ки дар он хоначаи миллият мавҷуд буд ва бояд ҳатман онро қайд мекарданд, оварда расонид. Аз ин рӯ ба кадом «миллият» тааллуқ доштани инсон, фаъолияти оянда ва ба иҷрои кадом кор иҷозат буданаш барои ӯро муайян менамуд. Дер ё зуд шаҳрванди Иттиҳоди Шӯравӣ бояд дарк менамуд, ки асолати миллӣ дар баробари асолати синфӣ яке аз хусусиятҳои зарурии ҳар инсон ба шумор меравад. Ин ҷо метавон натиҷаи парадоксалиро мушоҳида намуд. Азбаски болшевикон барои амалӣ намудани сиёсати коренизатсияи худ ҳамеша қолаби миллиро истифода мекарданд, дар натиҷаи ин гуна тарғибот боварии аз насл ба насл гузаштани қавмият ба вуҷуд меомад. Сиёсате, ки барои паси сар намудан ва мубориза бурдан бо миллатгароӣ тарҳрезӣ гашта буд, хоҳ нохоҳ онро ҷон мебахшид.

Дар натиҷа асолати «синфӣ» ва «миллӣ» ба муайянкунандаи «баромади иҷтимоӣ» мубаддал гардид, ки дар ҳар ду

---

[37] Иқтибоси асл бо забони инглисӣ: *[The Communist party would act not only as the vanguard of the working class, but the vanguard of Soviet nations as well: guiding them through the phase of modernization and national identity to socialism and transcendence of national identity]*

ҳолат тағйир додани онҳо хеле мушкил буд, ба монанди он ки «орӣ гаштан» аз баромади «кулак» ва «коргар» мумкин набуд, ҳамин тавр, ҷудо шудан аз асолати қавмӣ номумкин ҳисобид меёфт. Дар бисёр ҳолатҳо ин гуна мансубият ба ин ё он синф ва қавм тақаллубан навишта мешуд. Дар асоси чунин примордиализми нав дар солҳои 1930-юм категорияҳои ҷадид аз қабили категорияи «миллати душман» пайдо мегардад. Агар дар аввали солҳои 1930-юм он танҳо нисбат ба синфҳо (пеш аз ҳама барои «кулакҳо») истифода гардад, пасон нисбат ба миллатҳо низ ба кор бурда мешуд. Аз ин рӯ, болшевикон дигар ба аз сари нав тарбия намудани миллат бовар надоштанд. Дар зери мафҳуми «миллатҳои душман» пеш аз ҳама онҳое фаҳмида мешуданд, ки дар ҳудуди Иттиҳоди Шӯравӣ ақаллиятро (диаспораро) ташкил медоданд ва бо давлатҳои хориҷӣ алоқа доштанд (ё аз будани чунин алоқа тахмин менамуданд), ки онҷо «бародаронашон» ҳамчун миллати асосӣ ба шумор мерафтанд, ба монанди лаҳистониҳо, олмониҳо, финҳо ва дигарон. Дар нимаи дуюми солҳои 1930-юм аксарияти намояндагони ин миллиятҳо ё аз як ҷо ба ҷои дигар кӯчонида шуданд ва ё таъқиб мегаштанд.

Бо вуҷуди ин, дар солҳои 1930 андешаронихои ҷадид дар бобати мафҳуми нави «миллат» баён карда нашудааст. Мақолаи Сталин «Марксизм ва масъалаи миллӣ», ки соли 1913 нашр гашта буд ва дар он миллат ҳамчун «конструкти таърихӣ» таъриф меёфт, мисли пештара паҳн карда мешуд.

**Манбаъ**:

1. Иосиф Сталин: Марксизм и национальный вопрос, В: Сочинения. Т. 2. – М.: ОГИЗ; Государственное издательство политической литературы, 1946. С. 290–367. (Впервые напечатано в журнала "Просвещение" № 3-5, март-май 1913 г.) Online http://www.hrono.ru/libris/stalin/2-19.php

2. Martin, Terry (2000): Modernization or neo-traditionalism. Ascribed nationality and Soviet primordialism. In: Fitzpatrick, Sheila (Hg.): Stalinism. New directions. London: Routledge (Rewriting histories), S. 348–367.

# Фасли VI.
# ПОСТКОЛОНИАЛИЗМ ВА НЕОМАРКСИЗМ

**Иршод Сулаймонӣ (Боби I)**
**Шералӣ Ризоев (Боби II)**

Постколониализм ҷараёни фикрӣ дар илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва адабиёт мебошад, ки барои бознигарии натиҷаҳои қудрати истеъморӣ ба миён омадааст. Назарияи постколониалистӣ дар солҳои 1970-ум ҳамчун нишони эътироз бар зидди истеъмори аврупоиён ба вуҷуд меояд. Дар солҳои 1980-ум асарҳои манбавии постколониализм аз нашр мебароянд.

Асари Эдвард Саид (зодаи Фаластин) «Ориентализм» манбаи асосии равияи мазкур шинохта мешавад. Эдвард Саид адабиёт ва осори илмии аврупоиро таҳлил намуда, ба хулосае меояд, ки он (адабиёт ва осори илмӣ) барои аврупоиён на танҳо дилхушии фарҳангӣ ва маҳсули андешаронииҳои маънавӣ, балки воситаи империализм буд, ки ба воситаи он фаҳмиши боло будани фарҳанги Аврупоӣ устувор карда мешуд. Шарқ барои онҳо бегона, аҷоиб ва ғайриратсионалӣ тасвир мегашт ва дар натиҷа ин андеша, ки шаркро бояд ҳатман тарбия кард, муосир намуд ва аз ҳама асосӣ бояд ба он ҳукмронӣ кард, ба монанди падар аз болои писар, дар зеҳни аврупоиён мустаҳкам гашт. Худи мафҳуми Шарқ, ки вуҷуд доштани минтақаи паҳнои ҳомогениро бо як менталитет дар назар дорад, дар он фарқияти ҷиддии байниҳамдигарӣ дида намешавад, муносибати намояндагони қудратҳои истеъмориро ба кишварҳои ғайриаврупоӣ намоиш медиҳад. Аз тарафи дигар худи асари Эдвард Саид ба танқиди фарҳанги аврупоӣ асос меёфт ва дар он дар бораи Шарқ тақрибан чизе гуфта нашудааст.

Дигар намояндагони равияи мазкур, зодагони Ҳиндустон Ҳаятрӣ Спивак ва Парта Чаттерҷӣ кӯшиш намуданд ба халқҳои истеъморшуда «сухан» диҳанд ва ҳамчунин кӯшиш намуданд, фаҳманд, ки чӣ гуна қудрати истеъморӣ тавонистааст ба фарҳанг, иқтисод ва сиёсати собиқ мулкҳои истеъмории худ таъсир расонад. Чӣ гуна ҳаракатҳои зиддиистеъморӣ ва давлатҳои пасоистеъморӣ пайдо шудаанд, ки аз тарафи худ 1) натиҷаи сиёсати ис-

теъморӣ, 2) нақши муосиркунӣ ва тамаддуннокунии қудратҳои истеъморӣ ва ё 3) беруноии миллатҳои маҳаллии ҳақиқиянд? Парта Чаттерҷӣ менависад: қудратҳои истеъморӣ ҳокимияти худро бо он сабаб дуруст мешумориданд, ки дар мулкҳои зертобеъи худ нақши прогрессивӣ ва муосиргардониро доштанд. Вале ин дискурс аз назари Чаттерҷӣ зиддиятҳои дохилӣ дорад, ки бо идеологияҳои модернистиву универсалистӣ бо истода аз фарқияти фарҳангӣ барои асоснок намудани ҳокимияти истеъморкунандаро бар истеъморшаванда таъмин менамояд. Маҳз кӯшиши империяҳо дар самти модернкунӣ нухбагони миллатгарои маҳаллиро ба вуҷуд овард, ки онҳо аз тарафи худ мантиқи дискурси универсалистиро бар зидди истеъморкунандагон истифода намуданд. Дар натиҷа истеъморшудагон тавонистанд «аслиҳа»-и ғарбро бар зидди он истифода баранд.

Лекин бисёр суолҳо ҷавоб мехоҳанд, ба монанди: оё ғайрифоидабахш будани мулкҳои истеъморзада ба суст шудани қудратҳои истеъморӣ дар асри XX оварда расониданд? Бо кадом роҳ Аврупо тавонист Осиё ва Африқоро ба минтақаҳои истеъмории худ табдил диҳад? Чӣ гуна таъсири мулкҳои истеъморзада ва қудратҳои истеъморӣ ҳис карда мешуд, асосан дар мафҳумҳои миллат ва нажод: ҳиндуи инглисшуда Инглис мешуд ё худ Ҳинду боқӣ мемонд?

Назарияпардозони постколониализм ба монанди постмодернистон аз байн рафтан ва дурага будани чунин мафҳумҳо ба монанди нажод, миллат ва фарҳангро таъкид менамоянд, зеро таҷрибаи истеъморӣ худ барҳамхӯрдан ва гузариши марзҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ мебошад. Агар илм ва адабиёти муосири Ғарб максадҳо ва мафҳумҳои ғарбиро таҷассум кунад, пас ҷомеаҳои собиқи истеъморӣ бояд ба илм ва рушд чӣ гуна муносибат кунанд? Худи «рушд» чӣ мазмун дорад? Чӣ гуна собиқ мулкҳои истеъморӣ бояд истиқлолияти худро эҳё намо-

янд: бо гузашт ба давраи тоистеъморӣ ё қабули мероси истеъморӣ ҳамчун машрӯъ ва аз ин асос ба рушд ҳаракат намудан? Муносибат ба кишварҳои собиқи истеъморкунандаи Ғарб бояд чи хел бошад ва ё мо имрӯз дар муносибатҳои пасоистеъморӣ ҳастем?

Нуктаи муҳим дар он аст, ки аксарияти намояндагони постколониализм зодагони собиқ кишварҳои истеъморзада ҳастанд ва дар Ғарб ба таҳсилу тадрис машғуланд. Аз ин рӯ масъалае ба миён меояд, ки назарияи постколониализм назарияи ғарбист ва он на дар бораи сокинони собиқ мулкҳои истеъморзада, балки барои баровардани талаботҳои Ғарб дар самти таҷдиди назар ба таърихи гузаштаи худ равонааст.

***

Усули неомарксистии омӯзиши бунёди давлатдории миллӣ байни худ ва ғояву амалияи ходимони коммунистии аввали асри XX фарқ мегузорад, вале ба мафҳумҳои марксистӣ асосёфта ба иқтисод нақши аввалиндараҷаро қоил мебошад. Усули мазкур ба таври дигар ҳамчун назарияи тобеӣ ё таҳлили ҷаҳонунизомӣ (мир-система) номида мешавад. Ба андешаи равиш на миллат, балки низоми ҷаҳонӣ дар маркази таҳлил бояд қарор гирад. Ҷаҳонунизомӣ тақсимоти ҷаҳонии меҳнат ба шумор рафта, дунёро ба кишварҳои 1) асосӣ, 2) байниканорӣ ва 3) канорӣ тақсим менамояд. Кишварҳои асосӣ дар истеҳсолоте, ки тахассуси баланд ва сармоя талаб мегардад, иштирок мекунанд. Қисмати боқимондаи кишварҳои ҷаҳон бо меҳнати тахассусаш паст машғуланд. Кишварҳо метавонанд мавқеи худро дигар кунанд, вале худи низом дар ҷавҳари худ бетағйир боқӣ мемонад. Дар асрҳои охир кишвари асосӣ сараввал Ҳуланд буд, баъд Британиёи Кабир шуд ва имрӯз ин нақшро ИМА бозӣ мекунад.

Агар тарафдорони модернкунӣ бар он ақида бошанд, ки ҳамаи кишварҳо роҳи ягонаи рушдро паси сар мена-

моянд, пас тарафдорони назарияи тобеӣ чунин назар доранд, ки кишварҳои пешрафта аз ҳисоби давлатҳои ақибмонда рушд меёбанд. Боварӣ нест, ки рӯзе кишварҳои ақибмонда, ба давлатҳои пешрафта «мерасанд», зеро онҳо аз оғоз дар ҳолати ногувори бозори ҷаҳонӣ қарор доранд. Аз ин рӯ, ба андешаи неомарксистҳо, миллатҳо бозигарон дар бозори ҷаҳонӣ мебошанд ва онҳоро на бо дину этнография, балки бо ҳолати воқеии онҳо дар бозори ҷаҳонӣ бояд фарқ кард. Неомарксистҳо ба инқилоби байналмиллалии пролетарӣ боварӣ надоранд, зеро ба назари онҳо, худи низоми ҷаҳонӣ ба раванди мазкур мамониат мекунад. Онҳо ба кишварҳои қафомонда (дар фарқият бо иқтисодчиёни либерал) пешниҳод менамояд, ки аз бозори ҷаҳонӣ ҷудо гашта, худ аз паи баровардани ҳоҷати хеш гарданд ва аз низоми ҷаҳонӣ вобаста набошанд.

# БОБИ I.
# ИММОНУЭЛ ВАЛЛЕРСТАЙН «ТАРРОҲИИ ХАЛҚ: НАЖОД, МИЛЛАТ ВА ГУРӮҲИ ЭТНИКӢ»

## Ҳолнома

**Иммануил Морис Валлерстайн** (ба инглисӣ **Immanuel Maurice Wallerstein**) сотсиологи амрикоӣ, яке аз асосгузорони назарияи таҳлили ҷаҳонунизомӣ (мир-система), 30 сентябри соли 1930 дар шаҳри Ню-Йорки ИМА ба дунё омадааст. Маълумоти касбии худро дар донишгоҳи Колумбияи ИМА дарёфт менамояд: соли 1951 дараҷаи бакалавр, соли 1954 дараҷаи магистр ва соли 1959 рисолаи доктириро дар ҳамин донишгоҳ ҳимоя намудааст. Аз соли 1959 то соли 1971 дар факултаи Сотсиологияи донишгоҳи Колумбия дарс гуфтааст. Аз соли 1971 то 1976 профессори сотсиология дар донишгоҳи МакГилли шаҳри Монреали Канада. Аз соли 1976 то 1999 профессори фахрии сотсиологияи донишгоҳи Бинҳэмтони штати Ню-Йорки ИМА буда, аз соли 2000 муҳаққиқи пешбари донишгоҳи Йел ба шумор меравад. Дар солҳои 1994-1998 вазифаи раиси Асосиатсияи байналмиллалии сотсиологҳоро иҷро мекард. Воллерстайн олими сермаҳсул ба шумор меравад ва то ин дам 20 китоб ва зиёда аз 300 мақола чоп намудааст.

## Тезиси асосӣ

Валлерстайн аз намояндагони шинохтаи неомарксизм дар дунё ба шумор меравад ва дидгоҳи чапгароёнаи ба худ хосро дорад. Дар боби «**Тарроҳии халқ: нажод, миллат, гурӯҳи этникӣ**»-и китоби «Нажод, миллат, синф. Ҳувияти дугона» муаллиф дар бобати нажод, миллат ва гуруҳи этникӣ андеша ронда, консепсияи комилан дигарро пешниҳод менамояд, ки он дар асоси низоми капитали-

стии муосир баррасӣ шуда, хамчун талаботи низоми муосири муносибатҳои байналмиллалӣ маънидод шудааст. Валлерстайн нажодро ҳамчун унсури мубориза барои захираҳо, миллатро воҳиди иқтидори давлат дар муносибатҳои байналмиллалӣ ва гурӯҳи этникиро бозмондаи тақсимоти меҳнат мешуморад. Ҷолибияти андешааш дар он аст, ки то андозае бо мактаби конструктивизм ва модернизм наздикӣ дорад ва аз байн рафтани гурӯҳҳои этникиро ҳамчун таҷдиди низоми иқтисодии ҷаҳонӣ мешуморад ва ҳатто бар он бовар аст, ки рушди низоми иқтисодӣ метавонад миллатҳо ва гурӯҳҳои этникии навро, ки ҳоло мавҷуд нестанд, ба вуҷуд орад.

**Ҳуввият унсури оддӣ ва мураккаб (ё андешаҳо перомуни ҳуввиятсозии давлат)**

Валлерстайн ташхис додани ҳуввияти миллиро аз масъалаҳои хеле мураккаб ва сардаргум маънидод мекунад. Ба ақидаи ӯ *«ҳеҷ чиз мисли ҳуввияти миллӣ боз ба назар намерасад»* (саҳ. 83), вале мегӯяд, ки замоне, ки ташхис ва таъини ҳуввияти миллӣ пеш меояд, хусусан агар масъала тобиш ва ҳадафҳои сиёсӣ дошта бошад, хеле печида мешавад. Аз диди Валлерстайн нозукӣ ва печидагии масъалаи тавзеҳ ва таъини ҳуввияти миллӣ то ҷоест, ки мардум ҳар рӯз барои чунин саволҳо: «Инҳо фаластиниянд? Яҳудон кистанд? Мақдуниҳо оё булғориянд? Барбариҳо яъне арабҳоянд? Кадоме дуруст: негр, афроамрикоӣ ё сиёҳ?» якдигарро мекушанд. Вақте шинохт ва ташхиси дарунмояи мардуме аз диди ҳуввият бо мақсадҳои сиёсӣ роҳандозӣ мешавад дар давру бари номи он хеле баҳсҳои шадид мегузарад. Барои исботи ин ақидааш Валлерстайн мисоли мушаххасеро аз сарнавишти номгузории мардуми Африқои Ҷанубӣ меоварад.

«Ҳукумати Африқои Ҷанубӣ бо роҳи қонунӣ аз мавҷудияти чор «халқ»: аврупоиҳо, ҳиндуҳо, метисҳо ва бантуҳо эълом дошт. Ҳар яке аз ҷомеаҳои мардуми эъти-

рофшуда зергурӯҳҳои гуногуни зиёдеро дар худ доштанд. Ҳамаи шахсоне, ки доиман дар Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ зиндагӣ мекарданд аз роҳи маъмурӣ ба яке аз ин чор категория тааллуқ мегирифтанд ва мувофиқан дар шаклҳои гуногун соҳиби ҳуқуқҳои сиёсиву шаҳрвандӣ буданд. Барои мисол инсоне, ки бояд дар минтақаи мушаххас зиндагӣ кунад, бояд ба мардум ё гурӯҳи этникие, ки ба онҷо кӯчонида шудааст, мутобиқат мекард.

Дар Африқои Ҷанубӣ мухолифони чунин таснифоти ҳуқуқӣ, ки бештар бо унвони апартеид (сиёсати иҷборан ва зӯран тақсим кардани мардуми як кишвар бар асоси дискриминатсияи нажодӣ) маъмул аст, кам набуданд. Мухолифини апартеид дар доираи ин мардум созмонҳои гуногунро ташкил карданд. Ин созмонҳо миёни худ созишномаҳои сиёсӣ бастанд ва якҷоя амал мекарданд. Барои намуна дар соли 1955 Кунгураи Халқҳо, ки муштаракан бо шумули чор созмони ташкилшуда доир гардид Хартияи Озодиро эълон дошт ва талаб намуд то сиёсати апартеидӣ қатъ карда шавад.

Дар байни чор созмон Конгреси Миллии Африқо (ANC) бонуфузтарин ба шумор мерафт ва ба онҳое, ки ҳукумат банту номида буд, бастагӣ дошт, зеро бантуҳо 80 фоизи аҳолии Ҷумҳурии африқои ҷанубиро ташкил мекарданд. Тақрибан дар солҳои 1960 ва 1970 ANC истилоҳи «африқоӣ»-ро барои ифодаи ҳамаи онҳое, ки аврупоӣ ҳисоб намеёфтанд, истифода кард. Ба ин манзур «африқоиҳо» бантуҳо, ҳиндуҳо ва метисҳо ҳисоб шуданд. Созмонҳои дигар, маълум нест, ки кӣ аввалтар ҳамаи ин мардумро мухолиф ба «сафед»-у «ғайрисафед» ном бурданд». Ҳамин тариқ, тақсимоти ҳукуматии чаҳор халқ худ аз худ аз байн рафт.

Валлерстайн қабули чунин қарорҳоро дар таъини ҳуввияти миллӣ ба маънии духӯра медонад: Қабули чунин қарорҳо ба мақсади сиёсӣ баҳсҳои доманадореро дар Африқои Ҷанубӣ байни намояндаҳои гурӯҳҳо ба бор овард.

Валлерстайн бо нишон додани як баҳси муфассали намояндаҳои ин гурӯҳҳо дар маҷаллаи «Секаба» (Sechaba – нашрияи расмии ANC) шинохти аслӣ ва таъини ҳуввияти миллиро ба таҳлил ва баррасӣ мегирад.

*«Алекс ла Гума, узви ANC ба муҳаррири маҷаллаи* «Секаба» *нома ирсол мекунад ва менависад: «Ман мушоҳида кардам, ки дар мақолаҳои гуногуни «Секаба» нашрнамуда маро «тавре ки метис гуфта мешавад» ном мебаранд. Кай Кунгура қароре қабул кардааст, ки маро дар чунин шакл ном бубаред?... Барои чӣ ақаллиятҳои дигар «тавре ки метис гуфта мешавад» ном бурда намешаванду фақат ман?»* (саҳ. 85)

Ба ин мактуб се ҷавоб нашр мешавад. Аввалинро сардабири маҷалла чоп мекунад. *«То ҷое ман медонам, ҳаракати мо ҳеҷ вақт қарореро, ки «метисҳо» «тавре ки гуфта мешаванд» қабул накардааст. Ман фақат медонам, ки дар миёни мо нафароне ҳастанд, ки баъзан ифодаи «тавре метис гуфта мешаванд»-ро истифода мекунанд. Мо чанде пеш ба китоби «Сиёҳ нависед» («Writing Black»)-и Райва як тақриз нашр кардем ва дар он навиштем: … Истифодаи ифодаи «тавре метис гуфта мешавад» ё навиштани «метис» дар нохунак нокифоя мебошад. Мо муваззафем, ки усули конструктивии ҳалли ин проблемаро коркард кунем»* (саҳ. 85-86).

Дар шумораи дигари «Секаба» мактуби дигаре бо имзои П.Г. чоп шуд. Аз мундариҷаи мактуб маълум буд, ки бар асоси тақсимоти ҳукумат П.Г. ҳам метис ҳисоб мешуд. Аммо бар хилофи ле Гума ӯ фаҳмиши ин мафҳумро инкор мекард. *«Ман медонам, ки дар хориҷ дар мавриди мо муҳокимаҳо оид ба проблемаи номгузории метис сурат гирифт. Он замон бо нишони эътироз алайҳи истилоҳи апартеид мо доимо ифодаи «тавре метис гуфта мешаванд»-ро истифода мекардем. Ман худ мухолифи мафҳуми «метис» ҳастам. … «Метис» номест сароҳатан барои норасоии ҳуввият эълон шудааст... Аз тарафи дигар ма-*

*фҳуми «метис» иборaи сохтаи ҳукумати нажодпарастии давр аст, мо бояд истифодаи «тавре метис гуфта мешаванд» - ро ҳамчун талоше барои дур шудан аз иборaи «метис» истифода барем ва қадам ба қадам ба иборaи «африқоиҷанубӣ» бояд расем, ки ба моҳияти миллати бунёдшудаистодаи имрӯза ҷавобгӯ аст…»* (саҳ. 86-87).

Дар шумораи навбатии «Секаба» Арнолд Селби («аврупоӣ» аз рӯйи таснифот) ба баҳс ҳамроҳ мешавад. Ӯ як қатор аломатҳои фарққунандаи байни «миллат» ва «ақаллиятҳои миллӣ»-ро номбар мекунад, ки аз ин унсурҳо иборатанд:

*«а) Дар замони феълӣ ҳеҷ кадом миллати африқоиҷанубӣ вуҷуд надорад;*

*б) Аксарияти африқоӣ – ин миллати мазлум, метисҳо ва ҳиндуҳо – ақаллиятҳои мазлуме мебошанд, ки дорои ҳуввияти мушаххасанд...*

*в) Ақаллиятҳои миллӣ метисҳо, ҳиндуҳо ва сафедҳо якзота (якҷинса, гомоген) нестанд, онҳо дар худ гурӯҳҳои гуногуни милливу этникӣ доранд….*

*г) Бароиояндаи Африқои Ҷанубӣ ва дар маҷмуъ барои ҳалли масъалаи миллӣ дар алоҳидагӣ роҳи калидӣ озодии миллати африқоӣ мебошад...»* (саҳ. 88-89).

Валлерстайн бо нишон додани чунин як баҳси расонаӣ барои шинохти ҳуввияти миллӣ, тавре, ки худаш эътироф мекунад чанд чиз: *«(1)то ҳатто мубоҳисаҳои дӯстона вақте, ки ба масъалаи ҳуввияти миллӣ бармегарданд хеле пуршиддатанд; (2) ҳам аз нуқтаи назари таърих ва ҳам аз дидгоҳи мантиқ дар ин масъала ба дарки дуруст расидан хеле мушкил аст»* (саҳ. 90).

Ба назари Валлерстайн барои мушаххас кардани ҳуввияти миллии як мардум ба саволҳои зиёде бояд посух гуфт. Масалан, *«барои он ки кӣ будани метисҳоро бишносем, бояд ба саволи метисҳо кистанд: халқ, ақаллияти миллӣ ё гурӯҳи этникӣ ҷавоб дошта бошем. Ва ба ин бовар*

*аст, ки шояд метисҳо кадом як сафсатаанд, ки барои ҳалли ягон вазифаи сиёсӣ бофта шудаанд…»* (саҳ. 90).

**Мафҳуми «халқ» ҳамчун муҳимтарин муайянкунандаи ҳуввият**

Валлерстайн пешниҳод мекунад, ки дарки масъалаи фаҳмиш ва шинохти мафҳуме чун «халқ», дар натиҷаи омӯзиши консепсияҳои муосири улуми иҷтимоӣ ба таҳлил гирифтани низоми таърихӣ бо сохтор ва равандҳои он имконпазир мегардад, зеро мафҳуми «халқ» феномени иҷтимоие ба шумор меравад, ки хеле зиёд истифода мегардад ва ҳамчунин моҳияти дохилиаш хеле зиддиятҳо дорад. *«Хусусиятҳои асосии он воқеияти ноустувории мавҷудияташ ва инкори воқеияташ аст»* (саҳ. 91).

Ба назар мерасад, ки Валлерстайн мафҳуми халқро болотар аз миллат мегузорад ва пешниҳод менамояд, ки барои дақиқ дарк намудани масъала қадам ба қадам ба он самт рафт ва мафҳуми халқро муайян намуд. Мафҳуми халқ дар тадқиқоти муосири иҷтимоию таърихӣ хеле кам вомехӯрад аз ҳама бозоргир се мафҳум: «нажод», «миллат» ва «гурӯҳи этникӣ» шуморида мешаванд. Аз назари ӯ ҳамаи инҳо «*дар ҳар шакле ба он дохил мешаванд, ки «халқҳо» дар ҷаҳони муосир кӣ мебошанд?... Албатта, ҳар яке аз ин истилоҳҳо маъниҳои гуногун доранд, аммо ман фикр мекунам аз нуқтаназари зичии истифода ва ҳам мантиқ маҳз инҳо («нажод», «миллат» ва «гурӯҳи этникӣ»-И.С.) бунёдиянд»* (саҳ. 91).

Валлерстайн **нажодр**о *«категорияи генетикии мутаносиб ба қолаби физикии муайян»,* ***миллатро*** *«гурӯҳи иҷтимоиву сиёсии дар ин ё он шакл ба воқеият ва имконоти марзи давлат алоқаманд» (яъне на аз рӯйи ирқу нажоду хуну пӯсту забон) ва* ***гурӯҳи этникиро*** *«категорияи фарҳангии таҷдидшудаи тариқи аз як насл ба насли дигар муайян гардида, ки ба марзи давлат чандон вобастагӣ надорад»* медонад (саҳ. 91). Ӯ мавҷудияти халқро ё бар асоси *«аломатҳои генетикӣ муайяншуда» ё «таърихи иҷтимоиву*

*сиёсӣ» ва ё «меъёрҳову арзишҳои анъанавӣ»* (саҳ. 92) тасдиқ мекунад.

**Унсури «гузаштаи воқеӣ» ва «гузаштаи иҷтимоӣ» дар ҳуввиятсозӣ**

Аммо ин се категорияро тавзеҳ намедиҳад, ки зери ин категорияҳо чиро дар назар дорад. Вале эътиқодманд аст, ки ченаки муваққатии гузашта нишондиҳандаи он аст, ки мафҳуми «халқ» тарҳрезишуда мебошад. Барои ин ӯ савол мегузорад, ки барои чӣ ҳуввияти гузашта? Ва ҷавоб медиҳад, ки шинохти гузашта инсонҳоро ба он водор мекунад ба мисли ҳозира бошанд, ки дар ҳолати дигар чунин набудаанд. Валлерстайн шинохти гузаштаро дар ҳуввияти «халқ» ба унвони обзори истифодаи мардум бар муқобили якдигар ва унсури марказӣ дар сотсиализатсияи фардӣ ва пойдориву нигоҳ доштани ҳамрайъии дохилигурӯҳӣ ва таъйиду тағйири ин меъёрҳои иҷтимоӣ медонад. Ӯ бар ин бовар аст: *«Шинохти гузашта пеш аз ҳама хориқаи маънавӣ мебошад, барои ҳамин хориқаи сиёсӣ-хориқаи ҳамешагӣ ва ҳозира аст»* (саҳ.92). Аз нуқтаназарҳои Валлерстайн рӯшан мешавад, ки ӯ мафҳуми «халқ»-ро як мафҳуми бар асоси талаботи сиёсӣ эҷод ва муайяншуда медонад. Барои ҳамин ақида дорад, ки *«то он андозае, ки ҷаҳони воқеӣ доиман иваз мешавад, яъне лузуман тағйир меёбад, барои ҳамин ҳама чизро сиёсати актуалӣ муайян мекунад. Мушоҳида мешавад, ки мундариҷаи шинохти гузаштаи мо ҳам иваз мешавад»* (саҳ. 93). Ӯ ду шакли шинохти гузашта: гузаштаи воқеӣ ва гузаштаи иҷтимоиро ҷудо мекунад. Гузаштаи воқеиро чун нақш дар санг ва гузаштаи иҷтимоиро чун нақш дар рег медонад (саҳ. 93).

Валлерстайн зимни муайян кардани шинохти гузашта бар асоси нақшаи гурӯҳи генетикии пайдарпай (нажод), гурӯҳи иҷтимоиву сиёсӣ (миллат) ва гурӯҳи фарҳангӣ (этникӣ) ба ин натиҷа мерасад, ки ҳамаи инҳо усулҳои мардуми таркибёфта (конструирования народа), ихтирои

шинохти гузашта ва сиёсатҳои актуалии хориқаҳо мебошанд.

Аммо Валлерстайн «халқ»-ро фақат таркибёфта аз ин се категорияи бунёдӣ намедонад. Ӯ барои исботи ин далелаш ба баррасии як муаммои таҳлилӣ мепардозад. Эътиқоманд аст, ки барои он се категорияи бунёдӣ вуҷуд дорад, ки ин се категория ба иқтисоди ҷаҳонии капиталистӣ пайванд мехӯранд.

Валлерстайн суол мегузорад, ки *«барои чӣ барои муайян намудани мафҳуми «халқ» мо бояд се унсури иҷтимоӣ (нажод, миллат, гурӯҳи этникӣ)-ро истифода барем, барои чӣ намешавад, ки бо як унсур ҳамаро хулоса намуд?»* (саҳ. 93). Аз рӯи мантиқи мазкур пешниҳод менамояд, ки барои ҳалли масъалаи мазкур мо бояд сохторҳои таърихии ҷаҳониқтисодии капитализми муосирро баррасӣ кунем.

**Нажод падида ва натиҷаи ҷомеаи сармоядорӣ**

Таълимоти Валлерстайн дар мавриди халқи тарҳрезишуда аз нажод, миллат ва гурӯҳи этникӣ хеле ҷолиб мебошад. Бар асоси таҳлили сохтори таърихии иқтисоди капиталистии ҷаҳонӣ ба ин натиҷа мерасад, ки *«нажод ба тақсимоти меҳварии меҳнат мутобиқ ба тафовути появии иқтисоди ҷаҳонӣ дар музофот ва марказ алоқаманд аст. Фаҳмиши миллат бо алоқамандӣ ба болосохти сиёсӣ ин системаи таърихии бо соҳибихтиёрии давлатии ташкилёфта бар пояи системаи байнидавлатӣ ва муайяноти он мебошад. Фаҳмиши «гурӯҳи этникӣ» бошад, ба эҷоди сохтори хоҷагидории хонаводагии имкони зиндагии қисми фаъоли қувваи корие алоқаманд аст, ки дар ҷараёни ҷамъоварии сармоя пардохт намешаванд»* (саҳ. 93). Вале боз ҳам иддао дорад, ки «ҳеҷ кадом аз ин се мафҳум мустақиман ба мафҳуми синф алоқаманд нест. Ин маҳз ба хотирест, ки мафҳумҳои «синф» ва «халқ» бе иртибот ба ҳамдигар бунёд мешаванд ва ҳамин тариқ яке аз зидди-

ятҳои низоми таърихии мазкурро ташкил медиҳанд» (саҳ. 93).

Валлерстайн ташаккули нажодро натиҷаи алоқамандии тақсимоти меҳнат ба таснифоти музофот ва марказ дар дохили иқтисоди ҷаҳонӣ медонад. Нажод ва нажодпарастиро (расизм) натиҷаи тақсимоти сармоя ва захираҳои меҳнатӣ байни марказ ва музофот мешуморад, ки оғози он бо берун рафтани сармоя аз Аврупо ҳисоб мехӯрад. Ӯ ақида дорад, ки *«дар раванди таҳаввулоти башарӣ дар рӯйи замин, то замони зуҳури зироаткории муқимӣ ва дар огози рушди иқтисоди ҷаҳонии капиталистӣ даврае вуҷуд дошт, ки тақсимоти модиёти генетикӣ якҷинса буд. Тақсимот байни типҳои генетикӣ дар ҳамаи нуқтаҳои фазо он замон нисбат ба имрӯз хубтар мушоҳида мешуд»* (саҳ. 94). Ба назари Валлерстайн категорияҳои нажодӣ замоне устувор шуданд, ки иқтисоди ҷаҳонии капиталистӣ марзбандӣ шуд ва тафриқабандии равандҳои истеҳсолӣ ба марказӣ ва музофотӣ равшантар гардид. Ӯ мегӯяд, ки ҳама вақт ба назар мерасад, ки асоси тавофути як фард аз фарди дигар аломатҳои муайяни генетӣ мебошанд. Чунин тафовутро ӯ дар гурӯҳҳо нажод ном мениҳад ва миқдори категорияҳо ва худи категориябандиро натиҷаи қарорҳои муайяни иҷтимоӣ медонад. Ба хулосаи Валлерстайн нажод ва нажодгаройӣ ифодаи механизмҳои минбаъдаи ҷуғрофии устувор намудани тақсимоти меҳнат ба марказ ва музофот мебошад. Ӯ дар ин замина як мисоли ҷолиб меоварад: *«20 сол пеш дар Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ қароре қабул шуд, ки соҳибкорони ҷопониеро, ки ба кишвар ташриф меоваранд на бо сифати «осиёгӣ» тасниф намоянд (тавре чиниҳои маскунро ном мебурданд), балки ба сифати «сафедҳои ифтихорӣ» ном бубаранд. Ба назар мерасид, ки дар Африқои Ҷанубӣ қонун дар асоси тағйир надодани категорияҳои генетикӣ қабул шуда буд. Аммо инҷо мушоҳида шуд, ки генетика аз интихоби авлавиятҳои иқтисоди ҷаҳонӣ вобаста будааст»*

(саҳ. 95). Вале Валлерстайн чунин таснифоти генетикиро ҳарзабунёд медонад.

**Миллатсозии давлат ё давлат ҳамчун унсури миллатсоз**

Валлерстайн категорияи нажодро барои муайян кардани ҳуввияти иҷтимоӣ нокифоя медонад ва категорияи дигар, яъне «миллат»-ро истифода мебарад. Миллатро ӯ падидае дар асоси сохторбандии сиёсии низоми ҷаҳонӣ медонад. Давлатҳои узви СММ-ро эҷоди низоми муосири ҷаҳонӣ меҳисобад: *«Аксарияти онҳо як ду аср пеш на бо ном ва на бо воҳидҳои маъмурӣ маълум набуданд. Қисме аз онҳо каму беш дар муқоиса ба соли 1450 номи таърихӣ ва анъанавиву тамомияти арзӣ ва маъмурияшонро ҳифз намуда буданд. Фаронса, Русия, Шветсия, Суис, Марокаш, Ҷопон, Чин, Ирон, Ҳабашистон – ҳамаи ин номҳо тасодуфҳои шубҳаомезанд. Ҳол он ки дар муносибат бо онҳо агар зарур бошад, мешавад нишон дод, ки онҳо ба ҳайси давлатҳои соҳибихтиёр ҳамзамон бо ба вуҷуд омадани низоми ҷаҳонии мавҷуда падид омаданд. Аммо ҳастанд давлатҳои муосире мисли Юнон, Ҳиндустон, Миср, ки дар худ мисолҳои бештар тавақкуфи таърихии истифодаи номҳо барои нишон додани минтақаҳои ҷуғрофиро доранд. Масъала равшантар мешавад, агар унвонгузории Туркия, Олмон, Итолиёро ном бубарем. Маълум мешавад, ки барои муқосиа бо ҳолати корҳо дар соли 1450 барои қатори пураи давлатии таъсисёфта Недерландияи Бургундӣ, Империяи Муқаддаси Рим, Муғулони Бузург он замон вуҷуддошта, имрӯз барои ҳар кадоме аз онҳо мо метавонем ҳадди аққал се давлати соҳибихтиёрро ном бибарем, ки каму беш ба иддаоҳои мувофиқ ба идомаи сиёсӣ, фарҳангӣ ва қаламравӣ, асос доранд»* (саҳ. 95-96).

Вале Валлерстайн савол мегузорад, ки оё факте вуҷуд дорад, ки ба ҷойи давлати дар гузашта се давлатбуда барои шинохти се миллат, асоси боэътимод гардад? Оё дар рӯзҳои мо миллатҳои белгиягӣ, ҳоландӣ, люксембургӣ

вуҷуд доранд? Ба назар мерасад, ки бештари мушоҳидон чунин меҳисобанд. Вале агар чунин аст, барои он нест, ки дар гузашта давлатҳои белгиягӣ, люксембургӣ, ҳоландӣ пайдо шуда буданд?

Валлерстайн бар асоси тадқиқоти систематики таърихи ҷаҳони муосир, муътақид аст ва мешавад нишон дод, ки *«бар хилофи устураҳои васепаҳнгашта, дар ҳама ҳолатҳо маҳз пайдоиши давлат ба пайдоиши миллат боис гаштааст, на баръакс»* (саҳ. 96). Ӯ мегӯяд, ки воқеан, вақте ки низоми байнидавлатӣ падид омад, ҳаракатҳои миллӣ ҳам пайдо шуданд. Ин ҳаракатҳо талаб мекарданд, ки давлатҳои нави мустақил ташкил шаванд, ки баъзан ба мақсадҳои худ даст меёфтанд. Валлерстайн бо таъкиди ду ҳолат: *«**якум** ҳаракатҳо бо тасодуфҳо хеле кам дар дохили марзҳои маъмурии аллакай барқароркарда пайдо мешуданд. Аз ин ҷо мешавад гуфт, ки давлат, бигзор то ҳатто мустақил набошад, аллакай бояд вуҷуд медошт. Барои он ки чунин ҳаракатҳои миллиатхоҳӣ пайдо мешуданд; дуюм, шубҳаомез аст, ки то эҷоди давлатҳои воқеан миллӣ эҳсоси «миллӣ» дар тудаҳо он қадар амиқ реша надавонда бошад»* (саҳ. 96). Барои исботи ин назарияи худ ӯ тасодуфи халқи саҳроӣ («сахаравӣ» сокинони биёбони Сахара»-И.С.) мисол мезанад: *«Оё миллати саҳроӣ вуҷуд дорад? Агар шумо инро аз аъзои ҳаракати озодкунии Полисарио бипурсед, посух қаноатбахш мешавад ва боз онҳо илова мекунанд, ки миллати саҳроӣ ҳазор сол боз вуҷуд дорад. Агар инро аз марокашиҳо бипурсед онҳо ҷавоб медиҳанд, ки миллати саҳроӣ ҳеҷ вақт вуҷуд надошт, гарчанде онҳо дар қаламравии истеъморзадаи Сахараи Испонё зиндагӣ намудаанд, вале ҳамеша як қисми миллати марокашро ташкил медоданд. Аз нуқтаи назари консептуалӣ мешавад мухолифати мазкурро ҳал кард? Мисле ки намешавад. Агар дар соли 2000 ё 2020 Полисарио дар ҷанги ҳоло идомаёфта ғолиб шавад, мавҷудияти миллати саҳроӣ имконпазир мегардад. Агар Марокаш ғолиб гардад, пас ин*

*ҳеҷ вақт имконпазир намешавад. Барои ҳар пажӯҳиши таърихии оянда, масалан соли 2100, масъала хеле равшан мешавад, яъне ягон суол дар ин бобат намемонад»* (саҳ. 96-97). Валлерстайн чунин меҳисобад, ки миллатро давлат ба вуҷуд меоварад. Барои ҳамин ӯ ақида пешниҳод мекунад, ки миллат натиҷаи марзбандиҳои давлатӣ ва сиёсӣ мебошад: *«Эҷоди ҳама гуна давлати мустақил дар доираи низоми байнидавлатӣ «миллат», «халқ»-и мувофиқро ба вуҷуд меоварад»* (саҳ. 97). Барои исботи ин ақидаи худ ӯ далел моварад, ки *«дар дохили низоми ин давлат проблемаҳои нигоҳдошти тамомият ва тақисмнашавандагии худӣ ба вуҷуд меояд. Барои ҳамин истиқлолияти он якҷо бо таҷзияи (ҷудошавӣ, ҷудоихоҳӣ) дохилӣ ва таҷовузи берунӣ, таҳти таҳдид қарор мегирад»* (саҳ. 97). Тибқи консепсияи Валлерстайн вақте дар дохили як давлати мустақил проблемаҳои сиёсиву амниятӣ пайдо мешаванд давлат ба масъалаҳое чун рушди «эҳсоси миллӣ» имкон медиҳад, ки ин гуна таҳдидҳо бартараф шаванд: *«Ба манфиати ҳукумат мебошад, ки баробар ба манфиати зергурӯҳҳои гуногуни дохидлидавлатӣ имкони тақвияти ин эҳсосро фароҳам кунад. Ҳар кадом гурӯҳи дар дохили давлат мубориза баранда ин иддаоро (худшиносии миллӣ) мехоҳад бо мақсади худ истифода барад. Вай барои машрӯъияти иддаои худ масъалаҳои миллиро пеш мегузорад»* (саҳ. 97).

## Тарҳи давлатӣ ва унсури зарурии низоми муосири муносибатҳои байналхалқӣ будани миллатгароӣ

Ба ақидаи Валлерстайн миллатгаройӣ ба сифати ифодаи усули мавҷудияти идомаи ҳамгуни стратегияи давлатӣ баромад мекунад. Давлат аз ҷониби худ барои эҷоди фазои ягонаи маъмурӣ, ки муассирияти коркади пружаҳои сиёсиро таъмин мекунад манфиатдор аст. Валлерстайн падида ё категорияи миллат ва миллатгаройиро аз омили муҳими дигар – низоми байнидавлатӣ низ вобаста медонад. Аммо дар шинохти ӯ низоми байни-давлатӣ *«нишасти соддаи «давлатҳои*

*соҳибихтиёр» нест»* (саҳ. 97). Ин *«низоми иерархии устувор, аммо тағйир-ёбандаи тартиботи сарварист. Яъне дигаргунии оромона дар иерархия на танҳо имконпазир аст, балки таърихан меъёр ҳисобида мешавад»* (саҳ. 97). Валлерстайн идеологияеро, ки дар натиҷаи ҳолатҳои нобаробариҳои устувор ва ҳадафмандона, аммо тағйирнаёбанда дар иерархия ва низоми байнидавлатӣ ба вуҷуд меояд, идеологияи миллатгароӣ меномад. Нуқтаназари худро чунин хулоса менамояд: *«Барои давлат миллат набудан маънии аз бозӣ берун шуданро дорад. Таваҷҷӯҳ ба он вобаста ба тағйироти он дар низоми байнидавлатии иерархӣ зоҳир мешавад. Организмҳои сиёсие, ки то ташкил шудани низоми байнидавлатӣ ба сифати бунёди иқтисодии ҷаҳони капиталистӣ вуҷуд доштанд, баробар ба он организмҳое, ки берун аз доираи он вуҷуд доштанд, талаботи «миллат» буданро надоштанд ва миллат набуданд»* (саҳ. 98).

Шояд аз инҷост, ки вақте Валлерстайн дар бораи зарурати истифодаи ду категория – нажод ва миллат масъалагузорӣ менамояд, пешниҳод мекунад, ки *«агар категориябандии нажодӣ ибтидо ҳамчун усули ифода ва тасдиқи муқобилияти марказ-музофот пайдо шудааст, пас категориябандии миллӣ аз оғоз ҳамчун усули ифодаи мусобиқаи байнидавлатӣ дар мубориза барои муайян кардани хусусияти оромона, аммо тағйироти мунтазам дар тартиботи иерархӣ ва ҳамин тавр барои муайян намудани бартарии мавқеъҳо дар дохили ин низом ҳамчун таснифоти бештар дағалонаи нажодӣ, хизмат мекард»* (саҳ. 98). Ин назарияи ӯро дар шакли оддитар чунин мешавад гуфт, ки нажод ва нажодгароӣӣ дар дохили иттиҳодияҳои ҳудудҳои марказӣ ва музофотӣ вуҷуд доранд ва муборизаи онҳо бо якдигар то замоне ҳаст, ки миллат ва миллатгароӣ дар тақсимоти дохилиҳудудии ин ҳудудҳо ба мураккабтар шудани мусобиқаи онҳо ҳам дар дарун ва ҳам байни ҳудудҳо зимни бартарияти мавқеъ дар иерархия, пайдо мешавад. Валлерстайн мегӯяд, ки *«ин катего-*

*рияҳо дар худ арзи ҳуқуқи доштани бартариро дар иқтисоди ҷаҳонии капиталистӣ доранд»* (саҳ. 98).

**«Гуруҳи этникӣ» на ҳуввият, балки бозмондаи тақсимоти меҳнат**

Валлерстайн барои ташхиси ҳуввияти халқи тарҳрезишуда категорияҳои нажод ва миллатро нокифоя мешуморад ва категорияи дигар категорияи гурӯҳҳои этникиро ба баррасӣ мегирад. Ӯ категорияи гурӯҳҳои этникиро ба ҷойи категорияи ақаллиятҳои миллӣ истифода мебарад.

Ӯ мегӯяд, ки *«барои вуҷуд доштани ақаллият бояд аксарият низ вуҷуд дошта бошад»* (саҳ. 98). Барои муайян кардани мақоми ақаллият Валлерстайн на таъйиноти арифметикӣ, балки ба ҳайси ченаки муайянкунанда иштироки ҳокимияти иҷтимоиро ба кор мебарад ва дар ин замина барои муайян кардани ақаллият ҳудуди як давлатро истифода мекунад. Ӯ мафҳуми гурӯҳи этникро алоқаманад ба марзҳои давлатӣ медонад. Танҳо фарқиятро дар он мебинад, ки тибқи қоида дар дохили давлат як миллат ва гурӯҳҳои зиёди этникӣ вуҷуд доранд.

Валлерстайн, ки назарияи халқи тарҳрезишудаи худро вобаста ба низоми капиталистӣ ва иқтисоди ҷаҳонии капиталистӣ пешниҳод мекунад, мегӯяд, ки *«низоми капиталистӣ на танҳо ба муқобилияти сармоя ва меҳнат асос ёфтааст, ҳамчунин ба иерархияи мураккаб дар дохили низом алоқаманд мебошад. Сохтори хоҷагиҳои хонаводагӣ дар дохили системаи капиталистӣ, ки истеҳсолгаронро муттаҳид мекунанд, ҳамчун институти калидӣ хизмат мекунанд»* (саҳ. 99).

Валлерстайн хоҷагиҳои хонаводагиро шакли васеъпаҳншудаи институтсияи қисмати бузурги захираҳои меҳнатии ҷаҳонӣ меномад. Ӯ эътиқодманд аст, ки сохторҳои гуногуни хоҷагиҳои хонаводагӣ дар дохили ҷомеа қарор доранд, ки «гурӯҳи этникӣ» ном бурда мешаванд. Мавҷудияти гурӯҳи этникиро дар дохили халқи тарҳрезишуда Валлерстайн вобаста ба нақшаҳои иерархии фаъолияти меҳнатӣ дар мавҷудияти ҳолати «этникикунонӣ» (этнизатсия)-и захираҳои меҳнатӣ дар дохили ин ё он давлат мебинад: *«То*

*ҳатто бе ин ҳам, барои он ки механизмҳои универсалии ҳуқуқӣ вуҷуд дошта бошанд, дараҷаи вобастагӣ аз он ки ту чӣ гуна ҷойи кор метавонӣ дарёфт намоӣ ва таъмин будан бо кор аз этникиҳо (гурӯҳҳои этникӣ) дар ҳама ҷо баланд боқӣ мемонанд»* (саҳ. 99).

Ба назари Валлерстайн дар этниккунонии таъмини кор бартариҳои гуногунро метавон дид. Шояд ҳамин аст, ӯ тахмин мезанад, ки ***«навъҳои гуногуни муносибатҳои истеҳсолӣ аз қувваҳои корӣ меъёрҳои гуногуни муносиботи кирдориро талаб мекунанд. То кадом андоза ин меъёрҳои кирдор генетикӣ намебошанд, онҳо бояд тавассути омӯзиш пайванд дода шаванд»*** (саҳ. 99-100). *«Фарҳанг»-и гурӯҳҳои этникӣ айнан ҳамон маҷмуйи қоидаҳоест, ки волидайни мутааллиқ ба ин ё он гурӯҳи этникӣ маҷбуранд саҳми фарзандони худро мутобиқ ба сотсиализатсияи он маълум намоянд»* (саҳ. 100),- андеша дорад Валлерстайн. Аммо ӯ мегӯяд, ки инро метавонад мактаб ё давлат ҳам бикунад, вале тавре ки маъмул аст *«онҳо моил нестанд, ки мустақилона ё комилан ошкоро вазифаи тахассусиро роҳбарӣ намоянд, зеро чунин тарз принсипи баробарии «миллӣ»-ро халалдор менамояд»* (саҳ. 100).

Гурӯҳҳои этникӣ на фақат бар асоси сотсиализатсияи аъзои худ аз дигар усулҳо фарқ мекунанд, то ҳатто сотсиализатсияи ба худ хос муайяноти худии гурӯҳҳои этникӣ ба ҳисоб меравад, - мегӯяд Валлерстайн: *«Ба ин тарз дахолате, ки барои давлат ғайриқонунӣ ба ҳисоб меравад чун кирдори «худсарона»-и ошкорои гурӯҳҳое воқеъ мешавад, ки «ҳуввият»-и иҷтимоии худро пинҳон намудаанд, ки онро намешавад дар шакли мутантан дар ошхона анҷом дод»* (саҳ. 100).

Валлерстайн бар ин назар аст, ки *«ба воситаи этникикунонӣ ё халқи тарҳрезишуда яке аз мухолифатҳои буёндии капитализми таърихӣ - кӯшиши ҳамзамони он ба баробарии назарявӣ ва нобаробарии амалӣ имконпазир мегардад ва он бо истифодаи махсусиятҳои менталии қишрҳои гуногуни меҳнаткашон дар тамоми ҷаҳон имконпазир мешавад»* (саҳ. 100).

Капитализм ҳамчун низоми таърихӣ аз як тараф доимо ба нобаробарӣ эҳтиёҷ дорад, аммо аз дигар тараф он доимо

ба бозсозии равандҳои иқтисодӣ зарурат дорад. Пайдоиши даври бозсозӣ ва ҳамчунин барҳам додани гурӯҳҳои этникӣ ба чунин шаклро Валлерстайн чун абзори бебаҳо барои дастрасии оромона ба механизми баамалбарории иқтисодиёт медонад.

**Халқ констуркти асосӣ ва**
**соҳавии капитализм**

Валлерстайн халқро конструкти институтсионалии асосии капитализми таърихӣ медонад. Ӯ халқро сутуни нигаҳдорандаи бинои капитализм меномад ва мегӯяд, ки халқ фақат ба андозаи рушди бештар ва самаранокии системаи капиталистӣ афзоиш ёфтааст. Ба ин мазмун ӯ мегӯяд, ки ***«халқ мисли давлати мустақил ҳамчун пояи нигоҳдорандаи капитализм ба ҳисоб меравад ва дар раванди рушди он бештар моҳиятнок мешавад»*** (саҳ. 101).

Валлерстайн халқи тарҳрезишударо гиройиши умумиҷаҳонию таърихии ҷомеаи капиталистии иқтисоди ҷаҳонӣ медонад: *«Мо бештар дар дилбастагӣ ба он гузаштаи Gemeinschaften - гиройише, ки дар дохили ҳамойиши Gesellschaft-и умумиҷаҳонию таърихии ҷомеаи капиталистии иқтисоди ҷаҳонӣ ташаккул ёфтаанд, қарор дорем».*

Таркиби халқҳоро Валлерстайн аз синфҳое, ки Маркс ва Вебер хеле хуб эҷод карда буданд, комилан мутафовит медонад: ***«Синфҳо категорияи «объективӣ» то ҳатто таҳлилии тасдиқи мухолифати мутааллиқ дар дохили ин ё он системаи таърихӣ мебошанд, на тасвири гироиши иҷтимоӣ. Масъала ин ҷост, ки оё мумкин аст, ки бо кадом як шароите мешавад гиройиши синфҳоро ташкил кард. То ҳатто инҷо дар нақшаи аввала фарқияти маъруф ба an sich I fur sich [бо худ/барои худ] ба вуҷуд меояд. Синфҳои fur sich ҳама вақт ҷавҳари хеле сатҳӣ буданд»*** (саҳ. 101).

Валлерстайн бо тавзеҳ додани категорияи синфҳо мегӯяд, ки *«имкон дорад, ки бо ташреҳи ин ҳолат мо сабаби ин ки халқи тарҳрезишуда аз нажод, миллат, гурӯҳҳои этникӣ дар зичии хушҳолкунандаанд, ҳарчанд дар шакли мута-*

*носиби нокомил ба конструксияи «синфи объективӣ» - мебошанд, ба охир бирасонем»* (саҳ. 101).

Валлерстайн мегӯяд, ки дар натиҷаи ин ҳиссаи калон бо принсипҳои синфии фаъолияти сиёсии мақсаднок дар ҷаҳони муосир ба фаъолияти сиёсии бо ҳадафҳои принсипҳои «халқӣ» табдил шудааст. Ӯ таҳлил менамояд, ки бештар аз садсолаҳост, ки чапҳо дар тамоми ҷаҳон нигарони он диллемае мебошанд, ки коргарон дар тамоми ҷаҳон баъзан комилан барои ташкил кардани иттиҳодияҳои «мардумӣ» истифода мешаванд. Аммо иҷозаи ин диллемаро номумкин медонад. ***«Вай ба сифати қувваи мухолиф ба худи система вуҷуд дорад. Комилан аз фаъолияти сиёсии бо мақсадҳои принсипҳои «мардумӣ» ҷудо кардани фаъолияти синфи fur sich номумкин аст. Инро мешавад дар мисоли ҳаракатҳои озодихоҳонаи миллӣ дар тамоми ҳаракатҳои нави иҷтимоии зиддибюрократӣ дар давлатҳои сотсиалистӣ дид»*** (саҳ. 101-102).

Валлерстайн хулоса мекунад, ки кӯшиши фаҳмиши бештар мантиқитари халқ тавре ки вуҷуд дорад, мебошад, ***«на тавре ки аз огоз чун воқеияти иҷтимоии бетағйир, аммо ҳамчун маҳсули табдилшудаи мураккаб ва содаи иқтисоди ҷаҳонии капиталистӣ аст, ки барои муборизаи ягдигарии қувваҳои гуногуни антагонистӣ истифода мешуд»*** (саҳ. 102).

Ба ақидаи ӯ дар ин низом мо ҳеҷ вақт наметавонем аз халқ халос шавем,ило магар ин ки онро ба як нақши камранг (ҷузъӣ) бирасонем. Аз тарафи дигар мо ӯҳдадор нестем, ки тавсифи пиндоштаи онро хиҷил бисозем, зеро мо иштибоҳ мекунем бо муайян кардани ин гуна усулҳо онро чӣ гуна метавон дар нозоми мавҷуда машрӯъият бахшид.

Ӯ хулоса мекунад, ки ***«он чи ки мо воқеан вазифадорем таҳлили хеле муфассали самтҳои имконпазирест, ки дар онҳо моро халқ бо рушди худ тела медиҳад. Дар раванде, ки вай барои ин низоми таърихӣ бештар марказӣ ва моҳиятнок мегардад. Маҳз ҳаминро аз нуқтае дида мешавад, ки барои бифуркатсия (ба ду шоха тақсим шудан) - и низомҳо, имкониятҳои гуногуни алтернативии баромадан аз ин равандҳои номуайяни гузариш аз низоми таърихии ҳозира ба низом ё ни-***

***зомҳои дигарро зоҳир кунад, ки ба тағйири он меоварад»*** (саҳ. 102).

## Хулоса

Валлерстайн дар консепсияи худ нажод, миллат ва гурўҳҳои этникро ҳамчун унсурҳои халқи тарҳрезишуда маънидод менамояд. Нуктаи маркази бунёдиро ба низоми иқтисодии ҷаҳони капиталистӣ, низоми байнидавлатӣ, тақсимоти захираҳои меҳнатӣ, қувваҳои истеҳсолӣ вобаста медонад. Ў халқро маҳсули низоми иқтисоди ҷаҳони капиталистӣ медонад. Дар баробари ин, як зумра суолҳое пайдо мешаванд, ки барои дарёфти ҷавоб мо дар навиштаи Валлерстайн онро пайдо намуда наметавонем. Агар нажод омили берун рафтани тақсимоти меҳнат аз Аврупо бошад, агар миллат ҳамчун воҳиди муайянкунандаи давлат бошад ва агар гурўҳи этникӣ бозмондаи тақсимоти меҳнат бошад, пас худи мафҳуми «халқ» чиро дар бар мегирад? Валлерстайн дар масъалаи ҳуввият суолҳои зиёд мегузорад ва исбот менамояд, ки ҳуввият унсури духўра аст ва имкони зиёди тағйирёбиро дорад. Аз ин лиҳоз ба мафҳуми «халқ» бархўрд намуд, ки то ҳатто бо пайвасти се категория худ («нажод», «миллат» ва «гурўҳи этникӣ») низ ҳуввияти халқ нопурра боқӣ мондааст.

Бо ибораи дигар, мафҳуми пешниҳоднамудаи Валлерстайн наздикие ба мафҳуми «пролетариат» дорад, вале бо шакли дигар ва далелҳои дигар рўи қоғаз оварда шудааст. Бо вуҷуди ин, андешаҳои Валлерстайн перомуни миллат, миллатгароӣ ва давлати миллӣ барои пажўҳишгарон муҳим буда, метавонанд шинохти ҷадидро бобати илмҳои иҷтимоию сиёсӣ ба вуҷуд оранд.

## Манбаъ

Балибар Э., Валлерстайн И. «Раса, нация, класс. Двусмысленные идентичности». Перевод с фр. под. ред. О. Никифорова и П. Хицкого. Москва: Издательство «Логос», 2004, 288 с.

# БОБИ II.
# ПАРТА ЧАТТЕРҶИ
# «АНДЕШАҲО ПЕРОМУНИ ПАДИДАИ МИЛЛАТ, МИЛЛАТГАРОӢ ВА ДАВЛАТИ МИЛЛӢ ДАР ЗАМОНИ ПАСОИСТЕЪМОРӢ»

## Ҳолнома

**Парта Чаттерҷӣ** (ба инглисӣ **Partha Chatterjee**) соли 1947 таваллуд шудааст. Ҳоло профессори инсоншиносӣ (антропология) дар Донишгоҳи Колумбияи Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва профессори фахрии улуми сиёсии Донишгоҳи Калкутаи Ҳиндустон ба шумор меравад. Чаттерҷӣ гурӯҳи таърихнигоронро асос гузошт, ки бо масъалаи тадқиқоти «зертобеъ»-ён (subaltern studies) дар иртибот ба «масъалаҳои халқҳои истеъморзада» машғуланд. Гурӯҳи мазкур дар солҳои 1980-ум бо масъалаи «пахшшудагон» кор мекарданд, зеро онҳо (олимон) бар ин назар буданд, ки таърихи расмии Ҳиндустон на ҳамаи масъалаҳоро кушоду равшан матраҳ мекунад, зеро нуктаи марказии худро ба фаҳмиши давлати миллӣ асос менамояд. Гурӯҳи олимон таъкид бар он доштанд, ки таърих дар чунин шакл танҳо манофеи буржуазия ва элитаи ҳукмронро ба назар мегирад. Гузаштаи мардуми «оддӣ», дақиқтараш деҳқонон, занон, коргарон ва дигарҳо аслан аз назар дур мондааст. Subaltern-чиён кӯшиш намуданд, дар бораи гузаштаи гурӯҳҳои мазкур нақл кунанд ва бо ҳамин усул назари анъанавиро нисбат ба гузашта тағйир бидиҳанд.

Парта Чаттерҷӣ ҳамчун асосгузори гурӯҳи subaltern, яке аз шинохтатарин олимони соҳаи колониализм ба шумор меравад. Нуктаи асосии андешаҳои Чаттерҷӣ дар доираи миллатгароӣ, колониализм (истеъморӣ), пасоистеъморӣ ва зиддиистеъморӣ, муосирият (модернизм) ва ғояҳо бобати давлатдории миллӣ тамаркуз ёфтааст. Та-

моми тадқиқоти ӯ бо таърихи Ҳиндустон рабт дорад. Дар яке аз далелҳои асосии худ Чаттерҷӣ баён менамояд, ки ғояи давлатдории миллӣ пурра ғарбӣ аст ва ҳатмӣ нест, ки он берун аз қитъаи Аврупо ба шакле, ки он ҷо фаҳмида мешавад, кор кунад. Муаллиф бар он андеша аст, ки давлатҳои пасоистеъморӣ мафҳуми ғарбии давлатдории миллиро қабул намуданд ва ҳамин тариқ рушди дигаргунаи ҷомеаҳои худро ба тангно ворид карданд. Ин муҳаққиқ имрӯзҳо низ дар ҷустуҷӯи роҳҳои навини ҳалли масоили мубрами вобаста ба шинохти миллат, миллатгароӣ ва давлатдории миллӣ аст.

## Тезиси асосӣ

Мақолаи Чаттерҷӣ «Whose Imagined Community?» (Кӣ ҷомеаро тахайюл мекунад?) соли 1993 ҳамчун як боби китоби ӯ «Nation and its Fragments: Colonial and Postcolonial histories» (Миллат ва қисматҳои он: таърихи истеъморӣ ва пасоистеъморӣ) аз чоп мебарояд. Вобаста ба шароити онвақтаи дунё Чаттерҷӣ андешаҳояшро дар бобати рушди дубораи миллатгароӣ дар сар то сари ҷаҳон, алалхусус дунёи сеюм, ки давраи пасоистеъмории худро аз сар мегузаронд, иброз менамояд. Андашаи Чаттерҷӣ бобати миллатсозии истеъморӣ ва пасоистеъморӣ, хусусан бобати ҳуввияти миллат хеле мураккаб аст. Аз ин рӯ, аз хонандаи закӣ хоҳиш менамоем, ки дар хулосабарории худ дар иртибот ба андешаҳои олими муаррифишаванда, замони навишти матнро ба назар бигирад.

## Тӯҳфаи Ғарб будани миллат ва миллатгароӣ

Чаттерҷӣ бар он назар аст, ки миллатгароӣ боз аз сари нав ба рӯзномаи ҳаводиси ҷаҳонӣ ворид гардидааст. *«Рӯз аз рӯз аксарияти пешвоёни давлатӣ ва таҳлилгарони сиёсии кишварҳои ғарбӣ эълом менамоянд, ки баъди «фаноёбии коммунизм» (инро онҳо чунин ном мебаранд, вале дар асл бошад барҳамёбии сотсиализми шӯравиро дар назар до-*

*ранд) таҳдиди принсипиалиро ба тамоми ҷаҳон эҳёи миллатгароӣ дар қисматҳои гуногуни дунё касб намуда истодааст»* (саҳ. 283). Ин омил ба андешаи Чаттерҷӣ ба он вобаста мебошад, ки дар асри мо барои ҷалби таваҷҷӯҳ саравввал ҳамчун «муаммо» шинохта шудани падида муҳим аст, баъд ба ҳалли он кӯшиш менамоянд ва баҳсҳо дар бобати он фаротар аз баррасии мутахассисон баровард мешавад. Аз ин рӯ рушди дубораи миллатгароӣ, аз сари нав қишрҳои гуногуни ҷомеаҳои фикриву сиёсии дунёро ба худ мекашад.

Чаттерҷӣ ҳадс мезанад, ки тарзи ворид намудани масъала ҳамчун «муаммо»-и ҷаҳонӣ, мубоҳисаро дар мавзӯи мазкур ба тангно мебарад. Чанд омилҳое мавҷуд мебошанд, ки барои чунин ранг гирифтани шароит мусоидат менамоянд:

***Якум,*** дар солҳои 1950-ум ва 1960-ум миллатгароиро ҳамчун хусусияти ғалабаовари муборизаи зиддиистеъморӣ дар Осиё ва Африқо ҳисоб мекарданд. Вале пас аз шакли институтсионалӣ гирифтани иқтисодиёту давлатдорӣ ва дар зери мафҳумҳои консептуалии «рушд» ва «модернизатсия» ривоҷ ёфтани он, миллатагароӣ ба соҳаи таърихи ҷузъии ин ё он империяи истеъморӣ табдил меёбад. Дар ин таърихҳои мушаххас, ки моҳияти онҳоро бойгониҳои бетарафи истеъморӣ нигаҳ медоштанд, аҳамияти озодихоҳии миллатгароиро ифшосозии муомилаҳои истихборотии пинҳонӣ, сӯистифодакунӣ ва бепардагӣ ба хотири ғаразҳои шахсӣ беқадр намуд.

***Дуюм,*** дар солҳои 1970-ум миллатгароӣ ба масъалаи соҳаи сиёсати қавмии давлатҳои «ҷаҳони сеюм» табдил ёфт, ки ба хотири он шаҳрвандони кишварҳои мазкур ҳамдигарро қир мекарданд. Ҳолати мазкур баъзан бо ҷанги артишҳои ҳирфаии давлатҳои алоҳида, ҷангҳои шаҳрвандӣ ва ё амалҳои террористӣ, ки дар он унсурҳо ва технологияҳои муосир истифода мегаштанд, мубаддал гардид. Пешвоёни африқоии мубориза бар зидди низоми

истеъморӣ ва нажодпарастӣ бо табдил ёфтанашон ба роҳбарони режимҳои фасодзада, худхоҳ ва нотаҳаммул хати рушди ин муборизаро олуда намуданд.

Бо чунин гурӯҳбандии ривоҷи миллатгароӣ дар се даҳсолаи нимаи дуюми асри ХХ, Чаттерҷӣ чунин хулоса менамояд: *«Насабномаи муосири ғояи миллатгароӣ нишон медиҳад, ки барои чӣ он имрӯз торику идоранашаванда ва ҳамчунин дорои қувваи табиии пешгӯинашаванда аст, ки ба низом ва оромии ҳаёти мутамаддин таҳдид дорад. Он чизе ки пештар аз кунҷу канори ҷаҳон танг шуда бароварда шуд (миллатгароиро дар назар дорад-Ш.Р.), акнун аз тариқи музофотҳои фаромӯшшудаи собиқ империяҳои Ҳабсбургӣ, Русӣ ва Усмонӣ, ба тарафи муқобил, яъне ба Аврупо ҳаракат дорад. Дар қатори нашъамандӣ, терроризм ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ, он боз як моли «ҷаҳони сеюм» мебошад, ки онро Ғарб писанд надорад, вале наметавонад пеши роҳи онро гирад»* (саҳ. 284).

Бо чунин андеша дар бобати миллатгароӣ, Чаттерҷӣ пичинги аҷиберо ба ҳолати воқеӣ задааст. Ӯ бар он назар аст, ки дар мубоҳисаҳои имрӯза перомуни миллатгароӣ дар васоити ахбори омма (ВАО) дигар нуктаи мазкур, яъне *«миллатгароӣ беҳтарин тӯҳфаҳое мебошад, ки аз тарафи Аврупо ба ҷаҳони боқимонда эҳдо гаштааст»* (саҳ. 284) ба ёд оварда намешавад. Ҳамчунин *«имрӯзҳо камтар ёдоварӣ аз он менамоянд, ки ду ҷанги мудҳиши тамоми ҷаҳонро фарогирифтаи асри ХХ, ҳамчун натиҷаи аз ӯҳдаи ҳалли миллатгароии қавмии худ набаромадани Аврупо сар зад»* (саҳ. 284). Дар бобати манбаи пайдоиши миллатгароӣ Чаттерҷӣ назари худро чунин иброз медорад: *«Ҳамаи намудҳои гуногуни миллатгароӣ, чи «хуб»-аш ва чӣ «бад»-аш пурра ва тамоман натиҷаи таърихи сиёсии Аврупо мебошад»* (саҳ. 284). Новобаста аз рушди ҷараёнҳои иттиҳодӣ дар Аврупо ва умуман якдигарфаҳмиии сиёсӣ дар Ғарб, дар фаромӯшии кунунии решаҳои миллатгароӣ, чизи дигаре ҳаст, ки он болотар аз аломати ташвиши

пурра саркӯб гаштани он дар ҷое, ки он аслан зодгоҳаш аст, дида мешавад.

Дар тӯли он муддате, ки мутахассисони таърихи истеъмории дунё, фаъолияти худро дар бойгониҳои Лондон, Париж ва Амстердам бо дида баромадани ҳисоботҳо ва мукотибаҳои идории мулкҳои истеъморзада сарф менамуданд, аврупоиён хуб медонистанд, ки чӣ гуна миллатгароӣ дар минтақаҳои истеъмории онҳо ба вуҷуд омадааст. Инчунин *«онҳо хуб медонанд, ки миллатгароӣ як намудани воридоти аврупоӣ (ба он мулкҳо-Ш.Р.) ба шумор мерафт»* (саҳ. 284). Аз тарафи дигар, баҳси таърихнигорони Африқо, Ҳиндустон ва Индонезия солҳои 1960-ум ва 1970-ум дар хусуси он мерафт, ки бо ғояи миллатгароӣ чӣ шуд ва кӣ ҷавобгариро дар ин бобат дорад. Чунин баҳси таърихнигорони миллатгарои муосир аз доираи маҳдуди мутахассисон берун намешуд ва касе низ ба онҳо аҳамият намедод.

Аз назари Чаттерҷӣ, гардиши ҷиддиро дар ин самт Бенедикт Андерсон (андешаҳои олими мазкур дар маҷмӯъаи зерин оварда шудааст) ба вуҷуд овард. Чаттерҷӣ хулосаи марказии Андерсонро меорад ва менависад, ки таҷрибаи таърихии миллатгароии дар Аврупо, Амрикои Ҷанубӣ, Амрикои Шимолӣ ва Русия пайдо шуда, шаклҳои стандартии онро ба вуҷуд овард. Аз ин лиҳоз барои элитаи сиёсии Африқо ва Осиё масъала танҳо интихоби моделҳои ба онҳо наздик буд.

Чаттерҷӣ ба далели марказии Андерсон моҳиятан мухолиф мебарояд ва менависад: *«агар миллатгароӣ дар ин ё он кунҷи боқимондаи ҷаҳон бояд ба худ «ҷомеаҳои тахайюлӣ»-ро аз намунаҳои мавҷудаи аз тарафи Аврупо ва ҳар ду Амрико пешкаш гашта интихоб намояд, пас он бояд чиро тахайюл кунад? Таърих гӯё чунин ҳукм намудааст, ки мо дар ҷаҳони пасоистеъморӣ ҳамеша истеъмолкунандагони ҳама чӣ, ки ба муосирият рабт дорад, бояд боқӣ монем. Аврупо ва ҳар ду Амрико ягона субъекти ҳақиқии таърих*

*мебошанд, ки барои мо на танҳо равиши маърифат ва ғуломии истеъморӣ, балки муборизаи зиддиистеъморӣ ва бенавоии пасоистеъмориро фикр карда баровардаанд. Ҳатто тахайюли худии мо низ то абад бояд истеъморӣ боқӣ монад»* (саҳ. 285). Чаттерҷӣ зиддияти худро на аз андешаҳои эҳсосотӣ, балки аз норизо буданаш бо далелҳои зиддиистеъмории миллатгароӣ маънидод менамояд. *«Аз ҳама натиҷаҳои нерӯмандтарин ва эҷодитарини тахайюли миллӣ дар Осиё ва Африқо на дар ҳаммазмунии шаклҳои намунавии ҷомеаҳои миллӣ, ки аз тарафи Ғарб ташвиқ карда мешаванд, балки бештар дар фарқият бо онҳо асос меёбанд»* (саҳ. 285).

### Заминаҳои пайдоиши миллатгароии зиддиистеъморӣ

Чаттерҷӣ андеша дорад, ки барои чунин ҷараён гирифтани баррасии масъала набояд касеро гунаҳкор донист, чун аз назари ӯ имрӯзхо аксарият даъвои миллатгароиро ба ҳаракати сиёсӣ буданаш, тақрибан айнан қабул доранд. Барои исботи суханони худ Чаттерҷӣ аз таҷрибаи миллатгароӣ дар Ҳиндустон ёд мекунад, ки онҷо ҳар назарияи шинохташудаи миллатгаро одамро ба он бовар мекунанад, ки миллатгароӣ инҷо амалан баъд аз таъсиси Конгреси миллии Ҳиндустон дар соли 1885 оғоз меёбад. Ҳамчунин метавонад ҳикоя кунад, ки даҳсолаҳои пештара давраи ба ҳам омадани чандин ҳаракатҳои сиёсии музофотҳо аст. Ва аз ин пештар аз солҳои 1820-ум то соли 1870-ум давраеро дарбар мегирад, ки дар он таҳти таъсири маърифати истеъморӣ «модернизатсия»-и расму ойинҳо ва институтҳои ҷомеаи анъанавӣ сурат мегирифт. Дар фазои сиёсӣ бошад, рӯҳияи ҳамкорӣ ба низоми истеъморӣ ҳукмрон буд, зеро миллатгароӣ ҳамчун падида он вақт ба вуҷуд наомада буд.

Ҳодисаи мазкур баъди баррасии васеи сотсиологӣ иртиботи худро бо андешаҳои Андерсон гум мекунад ва

ин ҷо Чаттерҷӣ бар он ақида аст, ки тарҷумаи ҳоли миллатгароӣ ҳамчун ҳикояи таърихи хеле пӯсида мебошад.

Чаттерҷӣ барои равшан намудани мавқеаш далели марказии китоби худ «Thought and the Colonial World: A Derivative Discourse?» чопи Лондон аз соли 1986-ро меорад. Ба андешаи ӯ миллатгароии зиддиистеъморӣ *«соҳаи соҳибихтиёрии худиро дар ҳудудҳои ҷомеаи истеъморӣ пештар аз огози мубориза сиёсӣ бо қудрати империӣ ба вуҷуд меоварад. Амали мазкурро бо тақсим намудани доираи сохторҳои ҷамъиятӣ ва амалияи он ба ду соҳа: моддӣ ва маънавӣ анҷом медиҳад. Соҳаи моддӣ – пеш аз ҳама соҳаи «берунӣ», яъне иқтисод, санъати идоракунии давлатӣ, илм ва технология шинохта мешавад, ки Ғарб дар он бартарии худро нишон дод ва Шарқ бошад бар ин мақол қоил шуд. Аз ин бармеояд, ки дар соҳаи мазкур бартарияти Ғарбро бояд эътироф намуд ва моделҳои онро бояд омӯхт ва нусха бардошт. Аз тарафи дигар соҳаи маънавӣ – доираи «дохилӣ»-ро дарбар мегирад ва дар худ «моҳият»-и ҳуввияти фарҳангиро таҷассум менамояд. Ҳар қадаре, ки касе бонатиҷа ба малакаи ғарбӣ дар соҳаи моддӣ пайравӣ мекард, ҳамин қадар ба ӯ нигаҳдории нодирияти фарҳанги маънавӣ зарур буд. Ин формула аз назари ман симои асосии миллатгароии зиддиистеъмориро дар Осиё ва Африқо таҷассум менамояд»* (саҳ. 286-287).

Аз суханони мазкур хулоса намудани мумкин аст, ки миллатгароӣ соҳаи маънавиётро ҳудуди соҳибихтиёри худ эълом менамояд ва намегузорад, ки қудрати истеъморӣ ба он дахолат кунад ва дар ҳамин замина миллатгароии зиддиистеъморӣ ба вуҷуд меояд. Ҳамин тавр, давлати истеъморӣ берун аз марзҳои соҳаи «дохилӣ» фарҳанги миллӣ нигаҳ дошта мешавад ва дар баробари ин раванди тағйири соҳаи мазкур сурат мегирад. Дар ҳамин ҳудуд миллатгароӣ ба тарҳи аҳамиятноки таърихӣ ва аз ҳама муҳимми худ, яъне ба бунёди фарҳанги «муосир»-и миллӣ оғоз мебахшад, ки дар навбати худ он

фарҳанги ғарбӣ шуморида намешавад. *«Агар миллат ҷомеаи тахайюлӣ бошад, пас ин лаҳзае аст, ки дар он миллат тавлид меёбад. Агарчи давлат дар дасти қудрати истеъморӣ боқӣ мемонад, дар соҳаи аслӣ ва муҳимми худ миллат аллакай соҳибихтиёриро ба даст меоварад. Равиши лоиҳаи таърихии мазкур тамоман дар навиштаҳои анъанавии таърихӣ вонамехурад, чун дар онҳо миллатгароӣ бо оғози мубориза ба ҳокимияти сиёсӣ ҳувайдо мегардад»* (саҳ. 287). Ҳамин тариқ, Чаттерҷӣ вижагии миллатгароии зиддиистеъморро нишон медиҳад, ки бо моделҳои пешниҳодкардаи Андерсон дархур нестанд. Чунин намуди изҳори андешаро то як андоза мавқеи мустақили пасоистеъморӣ ба раванди бавуҷудоии миллатгароии зиддиистеъморӣ номгузорӣ намудан мумкин аст.

## Минтақаҳои соҳаи маънавии миллатгароии зиддиистеъморӣ

Чаттерҷӣ бар он назар аст, ки барои равшан намудани вижанокии миллатгароиии зиддиистеъморӣ чанд минтақаи дарунии соҳаи маънавии он бояд эзоҳ ёбанд. Нақши онҳо дар падидор намудани миллатгароӣ муҳим аст ва аз тарафи дигар миллатгароӣ бо фаъолияти бевоситаи худ, минтақаҳои мазкурро комилан тағйир медиҳад ва дар натиҷа фарҳанги «муосир»-и миллӣ ба миён меояд.

***Якум забон.*** Чаттерҷӣ тезиси Андерсонро дар бобати нақши калидӣ доштани «сармоядории чопӣ» дар рушди забони муосири «миллӣ» ҷонибдорӣ мекунад, вале қайд менамояд, ки вижаи шароити мулки истеъморӣ имкон намедиҳад, ки дар он стандартҳои аврупоии рушди забон истифода гарданд. Барои равшан намудани мавқеи худ Чаттерҷӣ аз таърихи Банғолия истифода мебарад ва менависад, ки аввалин китоб дар ин ҷо бо ибтикори гурӯҳи Шарқию ҳиндӣ ва миссионерони аврупоӣ дар охири асри XVIII аз нашр баромад. Аввалин асарҳои насрӣ бошанд дар оғози асри XIX чоп шуданд. Инчунин забони инглисӣ

пурра ҳамчун забони бюрократия побарҷо гашта, забони форсиро танг намуд ва ба пурзӯртарин воситаи зеҳнии нухбагони банғолӣ табдил ёфд. Вале дар нимаи дуюми асри XIX элитаи дузабонаи банғолӣ, лоиҳаи фарҳангиро барои дастгирии забони аслии худ коркард намуданд ва тамоми воситаҳои лингвистиро барои ба фарҳанги «муосир» ҷавобгӯ гаштани забон фароҳам оварданд. Бунёди шабакаи институтҳои матбуоти чопӣ, матбаа, газетаҳо, журналҳо ва ҷамъиятҳои адабӣ, ки ба ташаккулёбӣ, муосиргардӣ ва меъёрбандии забони нав мусоидат менамуданд, бе иштироки давлат ва миссионерони аврупоӣ сурат мегирад. Зиёиёни дузабона дар бобати забони худ ба фикркунӣ оғоз намуданд, ки он дар ҳақиқат ба соҳаи дохилии хуввияти фарҳангӣ дохил мешуд ва ба ин ҷо набояд истеъморгарон-истилогарон ворид мегаштанд. *«Ҳамин тариқ, забон ба минтақае табдил ёфт, ки аввалин маротиба миллат дар он истиқлолияти худро эълом намуд»* (саҳ. 288) ва бояд дар оянда тағйир дода мешуд, ки ба талаботи ҷаҳони муосир ҷавобгӯ гардад. Чаттерҷӣ ин ҷо таъсири адабиёти аврупоиро ба адабиёти банғоли баррасӣ менамояд ва дар мисоли рушди жанри драма андешаҳояшро перомуни адабиётсозии миллати истеъморзада баён мекунад. Вижагии драма ва санъати бавуҷудомадаи банғолӣ аз он иборат буд, ки дар он элементҳои аврупоӣ ва санскрит ба ҳам омадаанд. Дар натиҷа, фазои муосиргаштаи санъат ба миён омад, ки бо хусусияти аслии худ «ҳиндӣ» ва аз «ғарбӣ» фарқияти ҷиддӣ дошт. Равияи мазкури тарҳрезишуда аз тарафи зиёиёни банғолӣ то имрӯз ҳамчун асоси фарҳанги муосири ҳиндӣ боқӣ мондааст, ки онро зимни муқоиса дарҳол эҳсос намудан мумкин аст.

***Дуюм мактаб.*** Дар баробари сохторҳои сармоядории чопӣ шабакаи нави мактабҳои миёна ба вуҷуд меоянд. Дар ин ҳолат низ миллатгароӣ пештар аз оғози мубориза бо қудрати истеъморӣ дар сатҳи давлатӣ, кӯшиш намуд

«минтақа»-и мактабро ба зери итоати худ дарорад. Дар Банғолияи нимаи дуюми асри XIX, маҳз элитаи нав ба бунёди мактабҳои типии ҷадид оғоз намуд. Дар радифи амали мазкур китобҳо ва дигар воситаҳои таълимӣ, дар якҷоягии сохторҳои сармоядории чопӣ ба вуҷуд оварда шуданд, ки ба шаклгирӣ ва мураттабгардии забони муосири адабӣ мусоидат намуд. *«Баъди пайдоиши чунин фазои озод, ки он берун аз таъсири давлати истеъморӣ ва миссионерони аврупоӣ қарор дошт, занҳо ҳуқуқи дар мактаб таҳсил намуданро пайдо намуданд.* ***Ҳамчунин дар давраи мазкур, яъне дар охирҳои асри XIX донишгоҳи Калкутта аз муассисаи маорифи истеъморӣ ба сохторе мубаддал гардид, ки аз назари барномаи таълимӣ, ҳайати устодон ва манбаи маблаггузорӣ пурра миллӣ буд»*** (саҳ. 290).

***Сеюм оила.*** Дигар минтақаи соҳаи дохилии фарҳанги миллӣ оила ба шумор меравад. Дар ин ҷо устувории худмухторӣ ва нигаҳдошти беҳамтоӣ нисбатан мушкил буд. Зеро танқиди аврупоии «анъана»-ҳои ҳиндуён ҳамчун барбарӣ ба бовариҳою оинҳои динӣ ва махсусан ба мақоме, ки ба зан ҷудо мешуд, иртибот дошт. «Ислоҳоти иҷтимоӣ», ки дар давраи аввал аз тарафи қудрати истеъморӣ гузаронида шуд, ҳамин масъаларо низ дарбар мегирифт. Ҳамин тариқ, дар давраи аввал, минтақаи мазкур ҳамчун мақоми иртиботи зичдошта бо «анъанаҳои ҳиндӣ» шинохта мешуд. Ҷараёни миллатгароёна пеш аз ҳама баҳси пешравии ислоҳотро ба вуҷуд овард, чун онҳо (яъне миллатгароён) ба монанди ислоҳотхоҳони давраи аввал намехостанд, ки дасти давлати истеъморӣ дар масъалаҳои фарҳангӣ, хусусан ислоҳоти ҷомеаи «анъанавӣ» дахолат дошта бошад. *«Онҳо (яъне миллатгароён-Ш.Р.) қайд менамуданд, ки танҳо худи миллат ҳуқуқ дорад ба чунин ҷойгоҳи муҳимми ҳуввияти фарҳангии худ, яъне оила дахолат кунад»* (саҳ. 290).

Оила ва мавқеи зан дар дидгоҳи миллатгароён моҳиятан тағйир ёфтанд. Дар натиҷа патриархати наве ба вуҷуд омад, ки аз «анъанавӣ» фарқ дошт, вале хусусияти фарққунандаи оила аз шакли «ғарбӣ» нигаҳ дошта мешавад. *«Зани нав» бояд муосир мешуд ва ҳатман анъанаҳои миллии худро ҳифз менамуд ва ҳамин тариқ фарқияти хусусиятноки худро аз зани «ғарбӣ» намоиш медод»* (саҳ. 291).

**Миллатгароӣ ва барҳам додани фарқиятҳо дар идоракунии давлати истеъморӣ**

Чаттерҷӣ омилҳои дар боло нигоштаи худро ҳамчун хусусияти фарққунандаи миллатгароии зиддиистеъморӣ аз миллатгароии классикӣ дар кишварҳои аврупоӣ ва амрикоӣ маънидод менамояд. Вай аҳамиятнокии зикри нуктаҳои болоро дар шинохти дурусти миллатгароии пасоистеъморӣ бо нишон додани заминаҳои пайдоиши он, муҳим арзёбӣ менамояд. Ҳамчунин зикр мекунад, ки ҳолати тасвирнамудаи ӯ вижаи фарққунанда дорад. Зеро *«дар маркази таърихи миллатгароӣ ҳамчун ҷунбиши сиёсӣ, дар ҷиноҳи аввал пеш аз ҳама мубориза бо қудрати истеъморӣ дар соҳаи беруна, яъне соҳаи моддии давлат қарор дорад. Ман бошам тамоман таърихи дигарро нигоштам. Зеро дар таърихи соҳаи моддӣ, барои миллатгароӣ чизи дигар ба ҷуз интихоби шаклҳои мавҷудаи «моделҳо», ки аз тарафи давлатдории миллии аврупоӣ ва амрикоӣ пешкаш гаштаанд, боқӣ намемонад. Дар ин соҳа «фарқият» маҳаки ҳаётан муҳим ҳисоб намешавад»* (саҳ. 291).

Дар соҳаи беруна миллатгароӣ ҳаракати худро (бояд фаромӯш нашавад, ки ин ҳолат баъди эъломи соҳибихтиёрӣ дар соҳаи дарунӣ ба вуҷуд меояд) бо ҳамроҳ шудан ба муҳити нави ҷамъиятӣ оғоз мебахшад, ки он пеш аз ҳама равандҳо ва шаклҳои муосири давлат (дар ҳолати мазкур давлати истеъморзада) мебошад. Вазифаи аввалиндараҷаи миллатгароӣ ин бартараф намудани мақоми таслимшудаи синфи миёнаи истеъморзада, яъне истеҳзор ба «қонунҳои

фарққунандаи истеъморӣ» ба шумор меравад. Бояд ба назар гирифт, ки давлати истеъморӣ на танҳо интиқолдиҳандаи меъёрҳои стандартии давлат дар мулки истеъморзада, балки ноқиле буд, ки вай наметавонист меъёрҳои стандартии давлатдории муосирро дар мулки истеъморӣ ба анҷом расонад. Зеро нуктаи муҳим дар он зоҳир меёбад, ки асоси қудратро фарқиятҳо байни истеъморкунанда ва истеъморзада бозӣ менамуд. Бо ибораи дигар, таҳким бахшидани қудрати гурӯҳҳои аҷнабӣ дар мулки истиморзада, масъалаи муҳим буд.

Дар нимаи дуюми асри XIX баъди дар мулки имтисморзада пойдор гаштани сохторҳои давлати муосир, гурӯҳи идоракунандаи аврупоӣ зарур донистанд, ки дар қонунгузорӣ, дастгоҳи идоракунии бюрократӣ ва мақомоти судӣ дар асоси эътирофи машрӯъияти давлатии афкори омма, принсипҳои асосие, ки нигаҳдории фарқият байни идорашавандагон ва идоракунандагонро таъмин менамуд, ворид кунанд. *«Агар ҳиндуҳо ба мақомоти судӣ роҳ дода шаванд, оё онҳо метавонанд аз болои аврупоиён ҳукм бароранд? Оё баҷо аст, ки ҳиндуҳо ба монанди мутахассисони ҷавони британиёӣ барои дохил шудан ба хидмати шаҳрвандӣ имтиҳони якхеларо супоранд? Агар газетаҳои аврупоӣ дар Ҳинд дорои озодии изҳори баён бошад, пас мумкин аст, ки ингуна озодиҳо ба газетаҳои маҳаллӣ дода шавад?»* (саҳ. 291). Бо амри тақдир вазифаи миллатгароӣ дар давраи мазкур бо назардошти эътирофи фарққунанда будани фарҳанги миллӣ аз ғарбӣ ин кӯшиш намудан барои бартараф намудани фарқиятҳо дар соҳаи давлатӣ ҳисобида мешавад.

Бо гузашти вақт, сиёсати миллигароёнаи мазкур хеле қувват мегирад ва худи соҳа низ васеъ гашта, мураттаб мегардад ва дар охир шакли миллӣ ё пасоистеъмориро касб менамояд. *«Унсурҳои пешбарандаи худмуайянкунӣ дар Ҳинди пасоистеъморӣ аз идеологияҳои муосири либераливу демократии давлат иқтибос гаштаанд»* (саҳ. 291).

Аз тарафи дигар муаммо, дар он падид меояд, ки пешвоии маънавӣ ва зеҳнии элитаи миллатхоҳ дар соҳаи дигар паҳн мегашт, ки он дар байни маънавӣ ва моддӣ, дохиливу

беруна ва муҳиму номуҳим ҷудо мешавад. Минтақае, ки баъди ба даст овардан миллатгароӣ дар он соҳибихтиёрии худро эълом намуд, ва худро ҳамчун ҷомеа тахайюл намуд, дар як замина қарор надошт ва ба соҳаи худ рост намеомад, зеро фарқият байни ҷамъиятиву фардӣ муайян набуд. Барои ҳамин лоиҳаи марказии миллатгароёнаи дар амал татбиқшаванда наметавонист нейтрал ба хусусияти забонҳо, динҳо, табақаҳо ва синфҳо бошад. Ин лоиҳаи мулоимкунандаи фарҳангӣ ба шумор мерафт, ки Андерсон онро дар китоби худ меорад ва ин хусусияти истеъморӣ дар лоиҳаҳои буржуазии замони маърифат дар Аврупо низ дида мешаванд.

*«Дар натиҷа, шаклҳои худмухтори тахайюли ҷомеа хеле пеш гузаштанд ва бо таърихи давлати пасоистеъморӣ зери пой карда шуданд ва то кунун дар чунин ҳол қарор доранд. Дар ҳамин реша, камбудиҳои пасоистеъмории мо дарҷ ёфтааст. Ин на нотавонии мо барои эҷоди шаклҳои нави ҷомеаи муосир, балки маглуб шуморидани худ дар назди шаклҳои кӯҳнаи давлати муосир мебошад. Агар миллат ҷомеаи тахайюлӣ бошад, пас миллат бояд ба ғайр аз ин давлатро ташаккул диҳад. Ин ҷо забони назариявии мо ба мо иҷозат намедиҳад, ки дар бораи ҷомеа ва давлат ҳамчун муродиф сухан ронем. Фикр мекунам, ки ин корро ба мо забони назариявӣ иҷозат намедиҳад»* (саҳ. 292-293).

## Хулоса

Муҳаққиқ масъалаҳои миллатгароӣ ва давлатсозии миллиро дар каишварҳои пасоистеъморӣ ба таҳлил гирифта, андешаҳои баҳснокро ба мутахассисони соҳа пешниҳод мекунад. Яъне агар миллатгароӣ ва давлатдории миллӣ тамоман моли Ғарб ва натиҷаи рушди таърихии Аврупо бошад, нусхабардории он дар кишварҳои пасоистеъморӣ ҳолати дигари муамморо ба вуҷуд овардааст. То кадом андоза усули сохти миллат ва давлати миллӣ ба стандартҳои аврупоӣ рост меояд, мавзӯи баҳсе аст, ки Чаттерҷӣ дар қисмати мазкури китоби худ матраҳ менамояд.

Нуктаи дигари муҳимми муҳаққиқ дар он зоҳир мегардад, ки новобаста аз набудани қудрат дар дасти нухбагон, гурӯҳҳои фикрӣ ва мардуми оддии давлати истеъморзада, унсурҳои алоҳида ва муайянкунандаи минталитет ва ҷаҳонбинии аҳолӣ дар дасти худи онҳо буд ва ҳамин тариқ давлатҳои пасоистеъморӣ (дар мисоли Ҳиндустон) тавонистанд дар муддати кӯтоҳ асосҳои арзишии давлатдории худро дар доираи андешаи таърихии худ ба вуҷуд оранд. Хусусияти фарққунандаи шарқиён аз ғарбиён боз дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи муҳими дидгоҳ ва ҷаҳонбиниро ташкил медиҳад. Ба назари Чаттерҷӣ ҳар миллати шарқӣ унсурҳои зиёди фарққунанда дорад ва ҳамин зарфият метавонад, барои таҷдиди ҷомеаҳои пасоистеъморӣ, ҳамчун манбаи асосии рушди оянда баромад кунад.

Назарияи пасоистеъмории миллатгароӣ ва давлати миллӣ то андозае мафҳумҳои қабулгаштаи илми ғарбиро пурра қабул надорад ва мекӯшад дар ин росто диди навро оид ба таърих ва воқеияти миллатҳои пасоистеъморӣ баён кунад. Новобаста аз ин, андешаҳои Чаттерҷӣ барои муҳаққиқони соҳаи миллат, миллатгароӣ ва давлатдории миллӣ бо хусусияти фарққунандаи худ аз назарияҳои дар китоби мазкур оварда шуда, заминаи ҷиддии таҳлили ин падидаҳоро мегузорад.

**Манбаъ**

Нации и национализм / Б. Андерсон, О. Бауэр, М. Хрох и др; Перевод с англ. И нем. Л. Е. Переяславцевой, М. С. Панина, М. Б. Гнедовского. Москва: Праксис, 2002.- 416 с. (Серия «Новая наука политики»).

Мақолаи Парта Чаттерҷӣ «Кӣ ҷомеаро тахайюл мекунад?» (Whose Imagined Community?), ки дар асоси он боби зерин навишта шудааст, аввалин маротиба ҳамчун боби аввали китоби муаллиф «Nation and its Fragments: Colonial and Postcolonial histories». Princeton. 1993 нашр ёфтааст.

## ХУЛОСА

Миллат, миллатгарой ва давлатӣ миллӣ аз қабили мафҳумҳое мебошанд, ки дар ҳар ҷомеа аҳамияти хосаро дороянд. Низоми ҷаҳонии муосир умумиятҳоро барои аксари давлатҳо ва ҷомеаҳо ягона гардонид, яъне имрӯз барои ҳар як давлати соҳибихтиёри дунё масъалаи субот ва устувории дохилӣ аз қабили самтҳои афзалиятнок ба шумор меравад. Миллат ва миллатхоҳӣ аз ҳама серистифодатарин истилоҳҳое мебошанд, ки дар ҳамаи ҷомеаҳои ҷаҳонӣ аз забони сиёсатмадорон, арбобони давлатӣ, шоирон, нависандагон, олимон, журналистон ва ҳатто ҳофизону санъаткорон садо медиҳанд. Имрӯз аксари фаъолиятҳо ва маҳсулот «либоси миллӣ»-ро ба худ касб намудаанд, аз хӯроку либоси миллӣ то андеша ва рамзҳои миллӣ. Ҳамаи онҳо нишондиҳанда ва муаяйнкунандаи ҳуввият мебошанд, зеро бе истифодаи онҳо пурра намудани умумияти миллӣ хеле мушкил аст.

Аз ин лиҳоз, дар китоби мазкур дар бобати ин нуктаҳо маълумот ва мавқеъҳои гуногуни назарияпардозони миллат ва давлати миллӣ ҷамъоварӣ шудаанд, то хонандаи тоҷик тавонад бо онҳо ошно бошад. Новобаста аз ин, чанд андешаи дигарро бояд қайд намоем, ки дар доираи мактабҳои овардашудаи миллатшиносӣ ба назар гирифта шаванд:

***Нуктаи якум*** дар он аст, ки назарияҳои ғарбии миллатшиносӣ дар аксари донишгоҳҳо ва пажӯҳиш-гоҳҳои ҷаҳонӣ омӯхта ва таҳқиқ карда мешаванд вале онҳо барои мо то замоне дастрас набуд. Аз ин рӯ, ба воситаи китоби мазкур мо кӯшиш намудем аҳли ҷомеаро то андозае бо назарияҳои муосири миллатшиносӣ ошно намоем.

***Нуктаи дуюм*** дар он зоҳир мегардад, ки мактабҳои миллатшиносии дар китоб оварда шуда ва ҳамчунин назарияҳои олимони ҷаҳонии миллатшиносӣ пурра нестанд ва тамоми эҷодиёти онҳоро инъикос наменамоянд. Китоб танҳо равзанае аст, ки хонандаро доир ба баъзе аз

нуктаҳои муҳимми ин назарияҳо шинос менамоянд. Аъзои гурӯҳи эҷодӣ ният доранд минбаъд бо таҳияи китобҳои худ мактаби ташаккул ёфтаистодаи миллатшиносии тоҷикро тақвият бахшида, саҳми худро дар раванди миллатсозӣ ва давлатсозӣ дар кишвари азизамон Тоҷикистон гузоранд.


**Профессор Сайфулло Сафаров,**
*Муовини директори*
*Маркази тадқиқоти стратегии назди*
*Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*Роҳбари гурӯҳи эҷодии «Миллатшинос».*

## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН



*Азизов Рустам Анварович* 1986 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Факултаи забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуровро соли 2008 хатм намудааст. Солҳои 2009-2011 аспиранти Пажӯҳишгоҳи фалсафаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳоло ходими илмии шӯъбаи таърихи фалсафаи Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи академик А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.



*Бобоёров Ҳафиз Холиқович* 1974 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро соли 1997 хатм намудааст. Солҳои 1998-2001 аспиранти Пажӯҳишгоҳи фалсафаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Аз моҳи июни соли 2006 то моҳи декабри соли 2011 докторанти Маркази омӯзиши масъалаҳои рушди Донишгоҳи Бонни Олмон (ихтисоси антропологияи (инсоншиносии) иҷтимоӣ ва масъалаҳои рушд) ва дар ҳамин донишгоҳ дараҷаи доктори фалсафаро дар масъалаҳои рушд (Doctor of Philosophy on Development Studies) соли 2011 дарёфт намуд. Аз моҳи январи соли 2001 корманди илмии Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.



*Зоҳидов Очил Ҳоҷибоевич* соли 1963 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 1990 факултаи фалсафаи Донишгоҳи давлатии шаҳри Ростови лаби Донро хатм намудааст. Солҳои 1992-1995 аспранти Донишгоҳи давлатии шаҳри Ростови лаби Дон. Доктори илмҳои фалсафа (2005). Солҳои 1990- 2007 устоди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Академик Бобоҷон Ғафуров ва солҳои 2007-2008 дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба ҳайси мудири кафедраи сиёсатшиносӣ кор кардааст. Ҳоло профессори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон мебошад.



*Қосимбекова Ботақоз* соли 1981 дар Ҷумҳурии Қазоқистон таваллуд шудааст. Солҳои 1999-2003 дар Донишгоҳи амрикоии Осиёи Марказӣ (ш. Бишкек) ва солҳои 2004-2005 Донишгоҳи Эссеки Британиёи Кабир таҳсил намудааст. Солҳои 2005-2006 таҷрибаомӯзии илмиро дар Донишгоҳи озоди Берлин гузаронидааст. Солҳои 2006-2007 дар Донишгоҳи Осиёи Марказии Бунёди Оғохон дар Душанбе дарс додааст. Аз соли 2008 то ин ҷониб корманди илмии факултаи таърихи Аврупои Шарқии Донишгоҳи Ҳумболди Берлин мебошад.



*Ризоев Шералӣ Шукруллоевич* соли 1986 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Факултаи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистонро соли 2008 хатм намудааст. Аз соли 2009 то ин ҷониб унвонҷӯ ва аз соли 2010 корманди Раёсати сиёсати хориҷӣ ва инкишофи робитаҳои иқтисоди берунии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.



*Сафаров Сайфулло Саъдуллоевич* соли 1953 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Факултаи таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро соли 1976 хатм намудааст. Солҳои 1976-1978 ходими илмии шӯъбаи фалсафаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Солҳои 1978-1982 таҷрибаомӯз ва аспиранти Пажӯҳишгоҳи фалсафаи Академияи илмҳои ИҶШС (Маскав) ва дар ҳаминҷо соли 1985 рисолаи номзади хешро ҳимоя намудааст. Аз соли 1982 то соли 1995 дар Пажӯҳишгоҳи фалсафа ва ҳуқуқи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ходими хурди илмӣ то мудири шӯъбаи миллатшиносӣ кор кардааст. Солҳои 1995-1998 мушовири калони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва муносибати байни миллатҳо, аз соли 1998 то охири соли 2001 муовини Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон кор кардааст. Аз моҳи январи соли 2002 то ин ҷониб муовини Директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳамзамон профессори кафедраи фанҳои ҷамъиятӣ ва гуманитарии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов аст.



*Сулаймонӣ Иршод Салоҳзода* соли 1985 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Факултаи журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро соли 2007 хатм намудааст. Аз соли 2008 то ин ҷониб аспиранти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад. Солҳои 2005-2011 ба ҳайси муҳаррири Радиои Тоҷикистон, муҳаррири нашрияи "Ба қуллаҳои дониш", сардабири ҳафтаномаи сиёсии "Миллат", муҳаррири рӯзномаи "ИмрӯзNews", муовини сардабири маҷаллаи давлатии "Бонувони Тоҷикистон" фаъолияти амалии журналистӣ кардааст. Ҳоло устоди кафедраи журналистикаи байналхалкии факултаи журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аст.



*Турсунов Фаррух Акбарович* соли 1964 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Факултаи забонҳои шарқи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро соли 1986 хатм намудааст Солҳои 1986-1994 корманди илмӣ ва баъдан устоди Донишгоҳи кишоварзӣ ва Донишкадаи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯали ибни Сино буд. Солҳои 1991-1994 аспиранти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Аз соли 1995 дар Маркази илмию фарҳангии «Паёми Ҳофиз» ба ҳайси ходими илмӣ фаъолият намудааст. Соли 1997 ба кафедраи "Ҷомеашиносӣ"-и Коллеҷи Хуҷандии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ба кор гузашта, аз соли 2008 вазифаи мудири кафедраи мазкурро дар Донишкадаи иқтисод ва савдои ҳамин Донишгоҳ иҷро менамояд. Соли 2003 рисолаи номзадиро аз фалсафа ҳимоя намудааст.



*Ҳун Улрике* соли 1979 дар Ҷумҳурии Федеролии Олмон таваллуд шудааст. Солҳои 1999-2007 дар Донишгоҳи Ҳумболди Берлин ва Донишгоҳи Лейкестери Бритониёи Кабир таҳсил намудааст. Солҳои 2008-2011 корманди илмии факултаи таърихи Аврупои Шарқии Донишгоҳи Ҳумболди Берлин буд. Ҳоло корманди илмии Пажӯҳишгоҳи илмии таҳқиқи Аврупои Шарқии Донишгоҳи Бремен мебошад.

# МУНДАРИҶА

**Сарсухан**..........................................................................................3

**ФАСЛИ I. ПРИМОРДИАЛИЗМ**..........................................................11
Боби I. Пийер Фан ден Берге **«Равиши сотсио-биологӣ»**...................14
Боби II. Лев Гумилёв **«Этногенез ва биосфераи Замин»**.....................27
Боби III. Пол Шо & Юва Вонг **«Решаҳои генетикии ҷангҳо»**...........47

**ФАСЛИ II. КОНСТРУКТИВИЗМ**........................................................55
Боби I. Эрнест Ренан **«Миллат чист?»**.................................................59
Боби II. Энтони Гидденс **«Хусусиятҳои давлати классикӣ ва муосир»**........................................................................................73
Боби III. Юрген Ҳабермас **«Мафҳуми давлати миллии аврупоӣ»...81**

**ФАСЛИ III. МОДЕРНИЗМ**...............................................................93
Боби I. Эрнест Андре Геллнер **«Миллатгароӣ падидаи замони саноатишавӣ»**........................................................................................96
Боби II. Бенедикт Андерсон **«Ҷомеаҳои тахайюлӣ»**........................109
Боби III. Эрик Ҷон Эрнест Ҳобсбаум **«Мафҳуми миллат ва миллатгароӣ»**..................................................139

**ФАСЛИ IV. ПОСТМОДЕРНИЗМ**......................................................151
Боби I. Чарлз Тилли **«Давлатсозии миллӣ ва шабакаҳои боварӣ»...155**
Боби II. Вилям Ҳарди Макнейл **«Давлати миллӣ дар давраи ҳаракатҳои фаромиллӣ»**..................................................................165

**ФАСЛИ V. КОММУНИЗМ ВА СОТСИАЛИЗМ** .........................177
Боби I. Роза Люксембург **«Оид ба ҷанг, масъалаи миллӣ ва инқилоб»**................................................................................181
Боби II. Владимир Ленин **«Оид ба ҳуқуқи миллатҳо ба худмуайянкунӣ»**.............................................................................189
Боби III. Иосиф Сталин **«Марксизм ва масъалаи миллӣ» ва бозгашт ба андешаи примордиалӣ**..................................................197

**ФАСЛИ VI. НЕОМАРКСИЗМ ВА ПОСТКОЛОНИАЛИЗМ** .......203
Боби I. Иммонуэл Валлерстайн **«Тарроҳии халқ: нажод, миллат ва гурӯҳи этникӣ»**...............................................................................208
Боби II. Парта Чаттерҷи **«Андешаҳо перомуни падидаи миллат, миллатгароӣ ва давлати миллӣ дар замони пасоистеъморӣ»**............226

**ХУЛОСА**..............................................................................................240
**Маълумот дар бораи муаллифон**......................................................242